

# ОХИРИ ШАБИ СИЁҲ САФЕД АСТ

## ИМОН ДАР РӮ БА РӮИ БАДӢ

ПЕТР ЯШЕК
ДАР ҲАММУАЛЛИФӢ БО РЕБЕККА ҶОРҶ

# ОХИРИ ШАБИ СИЁҲ САФЕД АСТ

## ИМОН ДАР РӮ БА РӮИ БАДӢ

ПЕТР ЯШЕК
ДАР ҲАММУАЛЛИФӢ БО РЕБЕККА ҶОРҶ

Originally published in English by Petr Jašek
Copyright © 2020 by Voice of the Martyrs

© 2020 by Voice of the Martyrs for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.
ISBN-10: 1684510090
ISBN-13: 978-1684510092

Охири шаби сиёҳ сафед аст
Петр Яшек
Copyright © 2020 «Садои риёзаткашон»

Иқтибосҳои библиявӣ аз тарҷумаи тоҷикӣ оварда шудаанд.

Обуна ба бюллетени ройгони «Садои риёзаткашон», ки ҳар се моҳ нашр мешавад ва ба паёмҳои электронӣ оид ба маҳбусон барои шаҳодати масеҳии масеҳиён — **info@vom-ru.org**

Ҳамаи маводи «Садои риёзаткашон» бепул паҳн карда мешаванд ва барои фурӯш муқаррар нашудаанд.

Бо мақсади ҳимояи масеҳиён, ки «Садои риёзаткашон» барои онҳо хизмат мекунад ва хусусан касоне, ки Петр барои онҳо хизмат мекард, баъзе номҳо ба тафсилот партофта шудаанд ё дигаргун карда шудаанд.

*…Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ*
*ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо*
*имон оваред, балки барои Ӯ*
*уқубат ҳам кашед…*

Нома ба Филиппиён 1:29

# СУДОН ДАР ЗАМОНИ ИСЛОМИКУНОНИИ МАҶБУРӢ

Дар ҳоле, ки миллионҳо шаҳрвандони Судон дар шароити камбағалӣ, гуруснагӣ ва ноустувории сиёсӣ барои зинда мондан мубориза мебаранд, мавҷудияти касоне, ки Исои Масеҳро пайравӣ мекунанд, дар кишваре, ки бо қонунҳои шариати ислом ва роҳбарияти исломӣ идора карда мешавад, кайҳо аз он ҳам вазнинтар аст. Дар давоми се даҳсола ҳукумати Судон кӯшишҳои худро ба нобуд кардани масеҳиён ва низ касоне, ки араб нестанд, равона мекард.

Аз он вақте ки дар соли 1989 дар натиҷаи табаддулоти ҳарбӣ ба сари ҳокимият собиқ президент Умар Ҳассон ал-Башир омада, дар тамоми ҳудуди Судон шакли қатъии шариати исломиро ҷорӣ намуд, режими бераҳмонаи ӯ масеҳиёнро метарсонд, ҳабс мекард, зиндонӣ мекард, шиканҷа менамуд ва мекушт. Барои боз бештар исломӣ кардани кишвар ӯ ҳамчунин биноҳои калисоҳоро вайрон мекард ва бомбаборон менамуд. Дар соли 1993 Иёлатҳои Муттаҳидаи Амрико Судонро барои сарпаноҳ додан ба аъзоёни гурӯҳҳои террористии исломӣ, бо зимни Усома бен Лодан, ба рӯйхати кишварҳои ба терроризм мусоидаткунанда дохил кард. Дар соли 2005 созишнома оид ба сулҳ ҷанги шаҳрвандии бардавомро хотима дод. Дар натиҷа дар соли 2011 Судони ҷанубӣ соҳиби истиқлолият шуд. Барои барҳам задани шӯришҳои шаҳрвандон, Башир силоҳбадастони арабро ба минтақаи ғарбии Дарфур фиристод. Дар натиҷа қариб сесад ҳазор кас кушта шуданд ва боз чор миллион кас муҳоҷир шуданд.

Ҳанӯз пеш аз тақсимшавии кишвар Башир сабабгори ҳалокати қариб ду миллион масеҳиён дар ҷануби Судон буд, бо зимни минтақаи Нили Кабуд ва кӯҳҳои Нуба. Ҳама гуна нишонаҳои масеҳиятро дар ноҳияи кӯҳҳои Нуба нобуд кардани шуда, қув-

ваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Судон ба деҳаҳои масеҳӣ, биноҳои калисоҳо, мактабҳо ва беморхонаҳо зиёда аз чор ҳазор бомба партофтанд. Имондоронро ҷинояткор меҳисобиданд, онҳоро ҳабс мекарданд, шиканҷа мекарданд, бардурӯғ айбдор мекарданд ва ба қатл маҳкум менамуданд.

Моҳи марти соли 2009 додгоҳи байналмилалии ҷиноии Гаага барои ҳабси Башири шастуканҷсола ордер дод — аввалин ордер ба ҳабси сарвари амалкунандаи давлат. Ӯ дар содир намудани ҷиноятҳои ҳарбӣ ва низ дар ҷиноятҳо бар зидди одамигарӣ айбдор дониста шуд, бо зимни нобудкунии дастаҷамъӣ, ихроҷ кардан, шиканҷаҳо ва зӯровариҳои ҷинсӣ дар Судони ғарбӣ. Як сол пас ордери дуюм дода шуд, ин дафъа барои ташкил кардани наслкушӣ дар вилояти Дарфур.

Бо вуҷуди ин ду ордер, Башир идора кардани Судон ва таъқиб намудани масеҳиёнро давом медод. 11-уми апрели соли 2019 пас аз якчанд моҳи эътирозҳо, ҳарбиёни судонӣ диктаторро сарнагун карданд.

Воқеаҳои дар китоб тасвиршуда дар Судон, якчанд сол пеш аз он, ки Башир ҳокимиятро аз даст диҳад, рӯй додаанд.




# МУҚАДДИМА

*Якшанбе, 19-уми майи соли 2013*

Дари вазнини оҳанин пӯшида шуд ва ман худро дар камераи нафасгиркунанда дарёфтам. Дар бо ранги чиркини беж пӯшонда шуда буд ва аз болояш тирезаи на зиёда аз понздаҳ ба бист сантиметр буд. Ба фарши хунуки сафолин нишаста, ман ба секунҷаи хурди рӯшноӣ менигаристам ва худро фаромӯшшуда ҳис мекардам.

Фикрҳои ман ба духтарам Ванда ё «Вава» нигаронида шуда буданд, чунон ки мо ӯро меномем. Ӯ ҷавонзани зебо ва боақл аст, ки ҳафтаи оянда донишгоҳи тиббиро хатм мекунад. Аммо ба ҷои он ки бо ӯ буда, яке аз лаҳзаҳои муҳимтарини ҳаёти ӯро ҷашн гирам, ман дар ин камера маҳбус будам. Маро ҳисси амиқи эътироз фаро гирифт.

Ногоҳ деворҳои атрофи ман нонамоён шудан гирифтанд ва ҳуҷра дар торикӣ ҳал шуд. Ман ҳис кардам, ки дилам бо шиддат аз сандуқи синаам баромаданӣ мешавад. Қатраҳои арақ аз пешониям шорида, дар чашмонам ҷамъ мешуданд ва онҳоро сӯзиш медоданд. Ман кӯшиш кардам дастону пойҳоямро ҷунбонам аммо онҳо беҳаракат буданд.

Ногоҳ ман бар худ кампали гарм, кати мулоим, ҷои шинос ва бароҳатро эҳсос намудам. Дастам сӯзиш кардан гирифт ва ман онро дароз кардам, то ба занам Ванда, ки дар барам хобида буд, расонам. Ман мӯйҳои дарозу маллаи ӯро, ки дар нури шафақи субҳ медурахшиданд, медидам. Ӯ ҳамон гуна зебо буд, чун дар он рӯзе, ки бисту се сол пеш ману ӯ оиладор шудем.

Ман оҳи сабук кашидам ва боз сарамро ба болин гузоштам. «*Ин хоби даҳшатовар буд*». Саволҳои бисёр пайдо шуданд. Онҳо чун мавҷҳое буданд, ки ба шуури ман омада мезаданд. «*Оё ин хоб паёме аз Худо буд? Огоҳкунӣ? Ман чӣ кор карда метавонистам, ки ҳабс ва зиндонӣ шавам?*»

Мо аз ҷойгаҳ бархеста барои рафтан ба калисо тайёрӣ дидан гирифтем. Дар он рӯзи якшанбе аъзоёни ҷамоати мо аз шаҳраки чехии Кладно ба боздиди ҷамоати хоҳарӣ дар Карлови Варӣ — шаҳраки зебои осоишгоҳӣ дар наздикии сарҳади Олмон рафтанӣ буданд.

Ману Ванда ба мошин нишастем ва ҳамроҳи дӯстонамон ба сафари якунимсоата ба ғарб раҳсипор шудем. Мо аз маҳалли деҳот мегузаштем, ман кам гап мезадам. Фикрҳои ман бо саволҳо фаро гирифта шуда буданд. «*Ман чӣ тавр ба ҳабсхона афтодам? Шояд ман ҳангоми пур кардани эъломияҳои андоз ба хато роҳ додаам?*»

Мо барвақт ба назди бинои калисо омада расидем ва ман аз мошин баромадам, то ки бо пири ҷамоат, ки моро дар таваққуфгоҳ пешвоз мегирифт, вохӯрдӣ кунам. Ӯ пай бурд, ки ман ғарқи андешаҳо мебошам.

— Петр, ҳамааш хуб аст?

— Ҳамааш хуб аст, — ҷавоб додам ман, дар ҳоле ки ҳанӯз мушавваш будам. Ҳар коре кунам ё ҳар чизе гӯям, ман аз як ҳисси ҳайратовар раҳо шуда наметавонистам. Шараққоси қуфли дари ҳабсхона аз сарам берун намешуд.

Ин хоби дурахшонтарин ва ташвишовартарин дар ҳаётам дар давоми қариб се соли минбаъда дар вуҷуди ман дар ҳолати хоб буда, интизори аз нав бедор шудан буд.




# 1

*Пас аз дую ним сол*

Соат қариб дуи шаби 10-уми декабри соли 2015 буд. Ман аллакай чор рӯз инҷониб дар Судон будам ва бесаброна интизори бозгаштан ба хона, ба назди оилаи худ будам. Ман боз ҳиссиёти шиноси интизории бесабронаро аз сар мегузарондам, ҳангоме дар бораи занам, дар бораи хӯроки болаззати пухтаи ӯ ва ҷойгаҳи нарми худ фикр мекардам.

Пас аз як соат ҳавопаймои ман бояд аз фурудгоҳи Хартум парвоз мекард, аз ҳамин сабаб ман қарор додам, ки якчанд дақиқаи боқимондаро истифода барам ва пеш аз он, ки ҳуҷраи меҳмонхонаро тарк кунам, ба воситаи скайп бо Ванда, ки маро дар хона, дар Прага интизор буд, гуфтугӯ кунам. Ман овози ӯро шунида табассум намудам. Гуфтугӯ кӯтоҳ буд ва ман робитаи видеоиро қатъ намудам, зеро мехостам ҳарчи зудтар занамро рӯ ба рӯ бинам. Ман тайёр будам ҳарчи зудтар ба хона раҳсипор шавам.

Ман зиёда аз даҳ сол инҷониб роҳбарии хизматрасонии «Садои риёзаткашон»-ро дар минтақаи Африқо ба ӯҳда доштам. Азбаски кори ман талаб мекард, ки ман ба ҷойҳои хатарнок сафар кунам — ба кишварҳое, ки шаҳрвандони масеҳӣ ба таъқиботи сахттарин дучор мешаванд, — ману Ванда воси-

таи оддии робитаро муқаррар карда будем, ки аз паёмакҳои матнӣ, зангҳои телефонӣ ва зангҳои видеоӣ ба воситаи скайп иборат буданд.

Ҳамчунин, агар ба воситаи номаҳо муоширoт кардан даркор шавад, мо оид ба як қатор калимаҳои рамзӣ маслиҳат карда будем, ки махфиёна истифода бурда метавонистем. Зану фарзандонам медонистанд, ки ҳар як сафари ман андозаи муайяни хатарро дорад ва дар маҳалҳое, ки боздид менамудам, ман бо бисёр вазъиятҳои хатарнок рӯ ба рӯ шуда метавонистам. Дар баробари ин ман бе зарурат аҳли оилаамро тарсондан намехостам. Ман намехостам, ки ҳар боре, ки ба сафар мерафтам, онҳо тарсро эҳсос намоянд.

Дар он рӯз, чун медонистам, ки ҳангоми сафари ман Ванда хуб хоҳад буд, ман пеш аз парвоз аз Судон, пас аз фуруд омадан дар Найробӣ, ҳангоми парвоз аз Найробӣ, ҳангоми фуруд омадан дар Амстердам ва баъди парвоз аз Амстердам ба ӯ паёмаки матнӣ фиристоданӣ будам. Агар ҳамааш аз рӯи нақша мегузашт, Ванда паёмаки охирини маро баъди дар фурудгоҳи Прага фуруд омадани ҳавопаймо мегирифт. Ӯ фавран барои пешвоз гирифтани ман ба фурудгоҳ раҳсипор мешуд ва баробари аз бино баромадани ман ба он ҷо расида меомад.

Азбаски ҳангоми ин сафар ман бо визаи сайёҳӣ сафар мекардам, ман ҳамчун сайёҳ либоси маъмулии ҳаррӯза пӯшида будам: футболка ва шими ҷинс; дар миёнбанди ниҳонӣ, ки занам дӯхта буд, пул ва шиносномаи дуюм маҳфуз буданд.

Азбаски парвози ман бояд хеле барвақт раҳсипор мешуд, тамоми шаб ман хобида натавонистам. Ман душ қабул карда мӯйсарамро тарошидам.

Ман либосҳоямро дар ҷомадони хурде, ки чун бори дастӣ хизмат мекард, ҷой дода, сумкаи ноутбукро кушодам. Дар он ҷо паспорти хориҷии ман, ҳуҷҷати ронандагӣ, фотоаппарат, айнаки офтобӣ, телефон, USB-махзан, дискҳои сахти берунӣ ва ноутбук буданд. Барои мавриди дуздида шудани ноутбук

ман корти хотираи Micro SD-ро бо маълумотҳои баҳисобгирии рамзикунонидашуда дар ҷайби дарунии ҳамёнам гузошта будам. Ноутбук асбоби навтарин буд, ки ҳамагӣ як моҳ пеш аз конвейер баромада буд. Ҳаёти ман ва ҳаёти масеҳиёни таъқибшаванда, ки қиссаҳои онҳо дар асбоб ҳуҷҷатгузорӣ шуда буданд, ба он вобаста буд, ки то чӣ андоза онҳоро маҳфуз нигоҳ дошта метавонам. Дар байни сеансҳои интернет ман кеши браузерро тоза менамудам ва WiFi -ро хомӯш мекардам, то ки пайи рақамии худро ба ҳадди камтарин расонам. Ноутбук ҳеҷ гоҳ аз мадди назари ман дур набуд. Аммо агар касе онро гирифта тавонад ҳам, ӯ фақат суратҳои сайёҳиро медид, ки ҳангоми сафари охирин дар Нигерия гирифта будам.

Ин суратҳои Нигерия барои он муқаррар шуда буданд, ки шахси ба муҳтавои компютери ман дастрасӣ пайдокардаро ба иштибоҳ андозанд. Тамоми маълумоти муҳимтарин — суратҳое, ки шаби гузашта гирифта будам, — дар диски сахти ҷудогона рамзгузорӣ карда шуда буд ва ба он дастрасӣ пайдо кардан қариб ғайриимкон буд.

Дар давоми чор рӯзи охир ман дар «Озон», қаҳвахонаи серодам, дар ҳавои кушод, дар рӯ ба рӯи меҳмонхонаи «Парадис», ки дар он ҷо таваққуф карда будам, вохӯриҳои махфӣ мегузарондам. «Озон» бо соябонҳои қаҳваранги калонаш, ки мизҳо ва курсиҳоро ҳифз менамуданд, барои гузарондани вохӯриҳои ман ҷои идеалӣ буд — яке ҳангоми ношито, дигарӣ — ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ва охирин — ҳангоми хӯроки шом. Дар иҳотаи муҳоҷирон, аз он ҷумла донишҷӯён ва муаллимони хориҷӣ, ки дар мактабҳои гуногуни байналмилалии Судон таҳсил мекарданд ва дарс медоданд, ҳузур доштани ман, одами сафед, тамоман ғайриоддӣ набуд.

Пеш аз он, ки ҳуҷраи меҳмонхонаро тарк кунам, ман суратҳои боқимондаро рамзгузорӣ кардам ва онҳоро аз камера дур карда, тасвирҳоро ба қисми ниҳонии диски сахт гузарондам. Ман бори охир ҳуҷраро зуд аз назар гузарондам.

Бо ҷомадончаи хурд ва ноутбуки дар китфам овезон ман аз долон гузашта, аз ҳолл гузаштам. Ин ҳамагӣ сафари навбатии муқаррарии шабона аз меҳмонхонаи навбатӣ ба парвози навбатӣ буд, ки бо он анҷом меёбад, ки ниҳоят ман ба хона рафта мерасам.

Хушбахтона дар ин бевақтии шаб роҳҳо нисбатан холӣ буданд. Сафар аз меҳмонхона то фурудгоҳ на зиёда аз се дақиқа давом мекунад. Ман ба нақша гирифта будам, ки ронанда расо соати 2-и шаб бо ман вомехӯрад ва ман пеш аз парвоз як соат вақт хоҳам дошт, то ки аз қайд ва тафтиши шиноснома гузарам.

Аммо аллакай соат 02:05 буд, аммо ман ҳанӯз дар торикӣ дар берун истода будам. Ман ҳеҷ як нишонаи ҳозир будани ронандаро намедидам.

Пас аз чанд дақиқа, ман қарор додам, ки ба қабулгоҳ баргардам, то аз қабулгоҳ дар бораи таъхир пурсам.

— Бо шумо як мусофири дигар меравад, — гуфт ӯ. Ман ба берун баромада, интизор шудам. Ҳар як дақиқаи гузаранда абадияти хурде метофт. Ҳеҷ яке аз меҳмонон ҳозир нашуд, то ки ҳамроҳи ман равад. *«Оё ин баҳона нест, ки бо ёрии он корманди қабулгоҳ маро бозмедорад?»*

Ман ба қабулгоҳ баргаштам ва ниҳоят қабулкунанда ба ронанда занг зад. Ӯ пешниҳод кард, ки бори маро бигирад, аммо ман ба ӯ танҳо ҷомадони либосро додам. Мо ба микроавтобус савор шудем ва ронанда дарро аз паси ман пӯшонд. Микроавтобус ба роҳ даромад.

Чунон ки интизор будам, мо дар якчанд дақиқа ба фурудгоҳ расидем. Ман ба терминали камодам ворид шуда, сӯи кабинаи «Ширкати ҳавопаймоии Кения» равона шудам. Ходим ба ман се талони саворшавиро дод — яктогӣ барои ҳар як ҳиссаи роҳи ман. Ман ду талони саворшавиро ба сумкаи ноутбукам тиққонда, ба қатори мусофироне, ки тафтиши шиносномаҳоро интизор буданд, нигоҳ кардам. Рӯзи дигар ҳамин вақту соат ман аз Африқо ба хона баргашта, дар бистари худам хоҳам хобид.

Ҳамин ки ба сӯи кабинаи тафтиши шиносномаҳо қадам ниҳодам, ҳис кардам, ки касе ба китфонам зад.

— Хадамоти амнияти Судон, — яке аз мардоне, ки наздик омад, худро бо забони инглисии шикаста сахтгирона муаррифӣ кард.

— Лутфан, бо мо биёед.




# 2

Аз он, ки афсарон маро боздоштанд, ман махсусан ба ташвиш наомадам. Дар баъзе кишварҳое, ки ман сафар карда будам, хадамоти амнияти фурудгоҳ аксар вақт кофтуковҳои интихобӣ мегузаронанд, то боварӣ ҳосил кунанд, ки сайёҳон пулро ба таври қочоқ аз кишвар берун намебаранд.

*«Ин як санҷиши муқаррарӣ аст,* — гуфтам ман ба худ. — *Пас аз якчанд саволи ночиз ва тафтиши босуръати бағоҷ ман ба Кения меравам».*

Касоне, ки маро ҳамроҳӣ мекарданд, шимҳои сиёҳ ва куртаҳои сабуки гиребондор бо остинҳои кӯтоҳ дар тан доштанд. Ҳангоме ки маро ба ҳуҷраи хурди пурсуков, ки миз ва чанд курсӣ дошт, бурданд, дар паҳлӯи онҳо тапончаҳоро дидам. Тавораҳои муваққатӣ, ки ҳамчун девор хизмат мекарданд, хокистарранг буданд. Аз сабаби набудани шифт садои ғулғулаи терминали фурудгоҳ ҳуҷраро фаро гирифта буд.

Ман ба соатам нигаристам. Агар ман ба парвози худ, ки пас аз чилу панҷ дақиқа раҳсипор мешуд, расиданӣ бошам, бояд роҳи тезонидани ин пурсишро пайдо мекардам. Кормандони хадамоти амният забони англисиро намедонистанд, аз ҳамин сабаб ман кӯшиш кардам бо онҳо ба фаронсавӣ сухан гӯям. Онҳо танҳо ба ман нигоҳи холӣ карданд. Судон ва Русия робитаҳои наздик доранд, бинобар ин ман ба онҳо чанд сухан ба забони русӣ гуфтам. Аксуламал набуд. Сипас, ман забони олмонӣ ва дар ниҳоят чехӣ, забони модарии

худро санҷидам. Аммо ҳар чӣ гӯям, онҳо ба ҳамаи суханам бо хомӯшӣ аксуламал менамуданд.

— Ноутбук! — бо забони англисии шикаста фармон дод яке аз афсарон.

Ман сумкаро кушода, ноутбукро бароварда, болои миз гузоштам. Онро фавран фурӯзон карданд ва пурборшавии системаро интизор шуданд. Баъд экрани компютерро ба тарафи ман гардонда, паролро пурсиданд.

— Ҳеҷ гоҳ! — эътироз кардам. — Ин имконнопазир аст.

Ман ният надоштам, ки паролро ба онҳо гӯям, агарчи диски сахт рамзгузорӣ шуда буд.

Ҳангоме ки афсарон бо компютери ман машғул буданд, ман оромона телефонро аз камарбандам гирифтам. Айфони ман пас аз даҳ кӯшиши нокоми ворид намудани PIN барои аз нав формат кардан барномарезӣ шуда буд. Бо умеди он, ки телефон тамоми маълумоти дар он бударо нест мекунад, ман паси дигар ворид кардани рамзҳои бардурӯғро сар кардам. Аммо ҳангоми кӯшиши панҷум телефон часпид ва ман маҷбур шудам тақрибан панҷ дақиқа интизор шавам, то давом диҳам. Ман дарҳол телефонро хомӯш кардам, то ки барои кушодани он рамз-пароли ман талаб карда шавад ва пайи ангуштам кор накунад — барои он мавриде, ки ба зер кардани тугма маҷбур кунанд.

Яке аз афсарон пай бурд, ки ман дар телефон коре мекунам; ба гумонам, ӯ фикр кард, ки ман занг задан мехоҳам. Ӯ даст дароз карда, телефонамро талаб кард. Ман таъхир кардам, то боварӣ ҳосил кунам, ки телефон комилан хомӯш шуд. Баъд онро ба ӯ додам. Ӯ кӯшиш намекард, ки онро фаъол созад, ақаллан ҳамон вақт.

— Камера! — талаб кард афсар.

Ман дастгоҳро ба ӯ додам ва ӯ ҷустуҷӯ кардан гирифт. Ҳамин вақт ман шунидам, ки стюардесса номи маро ба воситаи баландгӯяк ба тамоми терминал эълон кард: «*...Петр*

*Яшек...*». Аз сабаби барвақт парвоз кардан ман қариб ду рӯз хоб накарда будам ва ягона хоҳиши ман он буд, ки ба ҳавопаймо нишаста, истироҳат кунам. Сатҳи стресс боло рафтан гирифт.

— Шумо парвози маро ба таъхир меандозед! — ман асабонӣ шуда ба афсар шикоят кардам.

— Проблема нест, проблема нест, — ҷавоб дод ӯ ба забони арабӣ. Корманди амниятӣ дар тӯдаи хурди коғазҳо чизеро меҷуст.

— Мақсад? — пурсид ӯ.

— Ман сайёҳам, — гуфтам ман. Корманд шиноснома, раводиди сайёҳӣ ва аз қайди полис гузаштани маро бо диққат аз назар гузаронд.

— Ноу турист, — гуфт ӯ. — Ноу турист!

Ман боз ба соатам нигаристам. Соат 3-и шаб буд ва эҳтимол нишастан ба ҳавопаймои ман аллакай ба охир расида буд. Ҳавопаймои ман бе ман парвоз кард ва ба ман лозим меояд, ки бо рейси оянда равам.

Ман дар бораи занам фикр мекардам, ки агар аз хоб бедор шаваду аз ман паёмаки матнӣ наёбад, хавотир мешавад. Ман медонистам, ки дертар ҳамон рӯз духтарам имтиҳони охирини худро аз курси «Бемориҳои дарунӣ» месупорад. Ман барои Вава дуо кардам ва ҳамин вақт афсар, ки бо кадом сабабҳо ба ҷомадонам тамоман таваҷҷуҳ надошт, ба сумкаи ноутбуки ман ишора кард ва бо ибораҳои шикаста пурсид, ки оё ман ягон дастгоҳи нигаҳдории рақамӣ, аз қабили дискҳои сахт ё USB-махзан надорам.

Ӯ халтаи ноутбуки маро кофтуков кард, дискҳои сахти берунӣ ва дигар дастгоҳҳои рақамиро берун овард. Ҳангоме ки ӯ шиносномаи дуюми маро ёфт, чашмонаш дурахшиданд.

Азбаски ман бисёр вақт дар саросари ҷаҳон сафар мекардам, ҳукумати Чехия ба ман се шиноснома дод. Агар ба ман лозим меомад, ки якеро барои гирифтани раводид барои сафа-

ри оянда фиристам, ман метавонистам бо ду шиноснома сафар кунам — яке барои нишон додан ба хадамоти амнияти фурудгоҳ ва дигаре ҳамчун эҳтиётӣ. Кормандони амният ба шиносномаи дуюми ман нигоҳ карда, ба ҳамдигар нигоҳи пурмазмун карданд. «Онҳо гумон мекунанд, ки ман ҷосус ҳастам». Онҳо шиносномаҳои маро гирифта, аз ҳуҷра баромада, бо телефони мобилии калони сафед баргаштанд.

— Ана, нигоҳ кун, — фармон дод яке аз онҳо экрани телефонро пахш карда. — Сурат.

Ман ба чашмони худ бовар намекардам. Сурат яке аз аввалин вохӯриҳои ман бо шубони судонӣ дар «Озон» буд. Ман кӯшишҳои бениҳоят зиёд кардам, то ҳайратамро бо ифодаи чеҳраам нишон надиҳам.

— Ин шояд ман бошам, оромона гуфтам ман, — ё шояд не.

— Номашро гӯй! — ба мусоҳиби ман, ки дар экран тасвир ёфта буд, ишора карда, фармон дод посбон. Ман ҷавоб надодам.

Афсар ангушташро дар экран лағжонд ва сурати навбатиро нишон дод.

— Номи ӯ чист? — боисрор давом дод ӯ.

— Мушкилӣ дар чист? — китф дарҳам кашидам ман.

— Ҳа, ман дар ин ҷо бо баъзе одамон вохӯрдам.

— Бо кадом одамон?

— Ман бо якчанд рафиқоне, ки пештар бо онҳо шинос будам, вохӯрдам.

Вай бори дигар ангушташро дар экран лағжонд ва саволро такрор кард. Ман чизе нагуфтам.

Кормандони амният якчанд ибораро ба забони арабӣ радду бадал карданд ва ноумед шуда, аз ҳуҷраи бозпурсии муваққатӣ берун шуданд. Пас аз якчанд дақиқа афсари хушлибосе, ки дар тан шими қаҳваранг ва курткаи хоначаи зард дошт, аз дар даромад. Аён буд, ки ӯ мартабаи баландтар дорад, аммо чизе нагуфт, танҳо дар гӯшае хомӯш истода, тамошо мекард, ки кормандонаш маро бо саволҳои худ бомбаборон мекунанд.

Аз ҳамкорӣ саркашӣ кардани ман афсаронро маҷбур кард, ки мансабдори баландпояро ба фурудгоҳ даъват кунанд. Ва кӯшишҳои ман барои рафъи саволҳои онҳо ноумедии онҳоро ба хашм табдил дод.

Соати 03:45 сардори хадамоти амният фаҳмид, ки пурсиш натиҷа надод. Вай селоби калимаҳои арабиро берун кард ва пас аз якчанд сония афсарон ҳуҷҷатҳои худро ҷамъ карда, бағоҷи дастӣ, сумкаи ноутбук ва ҳамёни маро мусодира карданд.

Шумо бо онҳо ҳамкорӣ кардан нахостед, — ба ман таҳдид кард афсар, — бинобар ин акнун шумо бо мо меравед.




# 3

Ҳодисаҳое, ки боиси ин вазъият шуданд, ду моҳ пеш, ҳангоми сафари ман ба Ҳабашистон барои иштирок дар конфронси хурд дар шаҳри Аддис-Абеба рӯй дода буданд. Конфронси якҳафтаина дар Ҳабашистон ба роҳбарони масеҳӣ аз Судони ҳамсоя имкон дод, ки барои машварат, омӯзиш ва рӯҳбаландӣ ҷамъ шаванд. Дар конфронс ман бо тақрибан понздаҳ нафар шаҳрвандони Судон ва зиёда аз даҳ нафар муҳоҷирон, миссионерон ва намояндагони ташкилотҳое, ки якчанд сол пеш аз Судон ронда шуда буданд, вохӯрдам. Мақсади сафари ман ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шарикони нав, баҳо додани миқёси таъқиботи масеҳиён ва ба шубонону сарварон пешкаш намудани баромади даҳдақиқагӣ дар ин бора буд.

Ҳангоми конфронс Ҳасан ном шубон ба ман дар бораи як ҷавони масеҳӣ аз Дарфур нақл кард, ки дар Хартум, пойтахти Судон, аз боиси имони нави масеҳии худ ба таври даҳшатовар маъюб карда шуд. Тақрибан сеяки баданаш, аз ҷумла рӯй, қафаси сина ва дастҳояшро сӯхта буданд.

Маълумот дар бораи ин ҷавон, ки барои имонаш ин қадар азоб кашидааст, ба умқи дилам таъсир кард ва маро хеле андӯҳгин кард. Дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ман бо ин қадар мардон, занон ва кӯдакон вомехӯрдам, ки аз сабаби вафодории худ ба Исои Масеҳ душвориҳои зиёдро аз сар гузарондаанд! Ва ҳар гоҳ бо қаҳрамони навбатии имон вомехӯрдам, ки дар бадани худ осори Масеҳро доштанд, Худовандро шукр мегуфтам, ки ба ман имкон дод дар созмоне кор кунам, ки хизматаш ба қонеъ

кардани эҳтиёҷоти рӯҳонӣ ва ҷисмонии бародарону хоҳарони таъқибшавандаи мо дар саросари ҷаҳон равона карда шудааст.

— Оё вай ба ёрии тиббӣ эҳтиёҷ дорад? — пурсидам ман.

— Эҳтиёҷ дорад, — ҷавоб дод Ҳасан. — Оё шумо имконият доред, ки ба Судон омада, бо ӯ вохӯред?

Пас аз чанд рӯз ман ба Прага баргаштам ва умед доштам, ки барои дидани ин масеҳии маҷрӯҳшуда сафар ба Африқоро ба нақша гирам. Ман аз соли 2002 то 2011 бештар аз даҳ маротиба ба Судон сафар кардам, асосан ба қисми ҷанубии кишвар, аммо вақтҳои охир дар он ҷо набудам. Аз замони ҷудо шудани Судони Ҷанубӣ дар соли 2011 дар Судон душманӣ нисбат ба масеҳиён афзоиш ёфтааст.

Моҳи январи соли 2005 Ҳаракати озодихоҳии мардумии Судон ва ҳукумати кишвар Созишномаи сулҳи фарогирро имзо карданд, ки бояд ҷанги дохилиро хотима медод, демократияро дар саросари кишвар пеш мебурд ва ба таври одилона тақсим кардани фоида аз фурӯши нафтро ба роҳ мемонд. Созишнома ҳамчунин ҷадвали шашсоларо барои таҳияи нақшаи ҷудо кардани Судони Ҷанубӣ аз Судони Шимолӣ муқаррар кард. Бо фаро расидани соли 2011 ду минтақаи Судон ба ду кишвари мустақил — Судон ва Судони Ҷанубӣ табдил ёфтанд, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо кӯҳҳои Нуба аз ҳам ҷудо шудаанд. Қариб тамоми Судон кишвари мусулмонист, дар ҳоле, ки дар Судони Ҷанубӣ ва кӯҳҳои Нуба шумораи зиёди масеҳиён зиндагӣ мекунанд.

Ҳозир дар ҷаҳон тақрибан панҷ миллион нубиягиҳо зиндагӣ мекунанд ва тақрибан якуним миллион нафари онҳо дар кӯҳҳои Нуба зиндагӣ мекунанд. Боқимондаҳо асосан ба дигар минтақаҳои Судон ронда шудаанд. Азбаски андаке камтар аз нисфи нубиягиҳо худро масеҳӣ мешуморанд, онҳо барои президент Башир ва режими тоталитарии ӯ таҳдиди ҷиддӣ ҳисобида мешаванд. Мақсади Башир исломикунонӣ ва арабикунонии пурраи Судон аст, аз ҳамин сабаб ҳукумати исломӣ дар Хартум бо умеди нобуд кардани мардуми Нуба ҳамчун таҳдид ба ша-

риати исломӣ, ҳамлаҳоро ба аҳолии осоишта сар карда, ёрии башардӯстонаро дар минтақаи кӯҳҳои Нуба, ки васеъгияш саду панҷоҳ километр аст, манъ кардааст. Ҳатто боздид аз ин минтақа ғайриқонунӣ аст.

Башир сокинони кӯҳҳои Нубаро барои худ таҳдид меҳисобад, зеро дар масеҳиён таҳдидро мебинад. Ба фикри ҳукумати Башир, нубиягиҳо бо худи мавҷудияти худ аллакай хиёнати давлатӣ содир мекунанд ва ҳар касе, ки ваҳшонияти онҳоро бар зидди сокинони Нуба ошкор карданӣ мешавад, ҷосус ҳисобида мешавад.

* * *

Гирифтани раводид барои ин сафар назар ба он чи ман гумон мекардам, осонтар буд. Танҳо пешакӣ фармоиш додани меҳмонхона дар Судон кифоя буд, аз ҳамин сабаб ман дар меҳмонхонаи «Парадис» дар Хартум як ҳуҷра фармоиш додам ва дар ҳолати зарурӣ ташрифи худро ба идораи полиси маҳаллӣ сабти ном кардам. Пас аз фармоиш додани ҳуҷра, ман ба Вена, наздиктарин шаҳре, ки дар он сафорати Судон буд, рафтам, то барои гирифтани раводиди сайёҳӣ муроҷиат кунам ва медонистам, ки шояд дархости ман рад карда шавад. Ман илоҷи дигаре надоштам: ҳангоме ки барои раводид муроҷиат кардам, намедонистам, ки оё дар ин муддати кӯтоҳ бо ягон нафар аз роҳбарони калисо мулоқот карда метавонам ё не.

Мутаассифона, ман вақти кофӣ надоштам, то аз яке аз деноминатсияҳои калисо хоҳиш кунам, ки ба ман даъватнома барои раводиди динӣ пешкаш кунад. Илова ба он, ки вақти ман ин қадар маҳдуд буд, аз эҳтимол дур метофт, ки ҳукумати исломии Судон ба ман раводиде медиҳад, ки ба фаъолиятҳои динии масеҳӣ иҷозат медода бошад. Ҳар боре, ки бори аввал ба ягон кишвар меоям, ғайр аз вохӯриҳои корӣ, кӯшиш мекунам мавзеъҳои ҷолиби диққати онро тамошо кунам. Аз ҳамин

сабаб дар бораи мувофиқи мақсад будани дархости раводиди туристӣ шубҳа надоштам — ман қисман сайёҳ будан мехостам. Ҳангоме ки ман барин ходимон ба кишваре меоянд, ки дар он масеҳиён таъқиб карда мешаванд, онҳо ҳеҷ гуна кафолат надоранд. Гоҳо ҳамаи вохӯриҳои ба нақша гирифташуда бе ҳеҷ ҳодиса давом ёфта метавонанд; аммо гоҳо бо сабабҳои амниятӣ ё ҳолатҳои ғайричашмдошт, ҳатто бо як масеҳӣ мулоқот кардан имконнопазир аст.

Дар сафорати Судон ман фармоиши меҳмонхона ва чиптаҳои ҳавопайморо пешниҳод кардам, ҳуҷҷатҳои заруриро пур кардам ва пас аз ду соат раводиди сайёҳӣ гирифтам.

Сафарро ба нақша гирифта, ман бо шабакаи пинҳонкори шубонҳо ва ходимони масеҳӣ, ки дар конфронси моҳи октябр вохӯрда будам, робита кардам. Баъзеҳо ҷавоб надоданд. Дигарон гуфтанд, ки онҳо берун аз шаҳр хоҳанд буд. Бо истифодаи каналҳои бехатари почтаи электронӣ ва канорагирӣ аз суханоне, ки шубҳа ба вуҷуд оварда метавонанд (агар муоширати мо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ боздошт шавад), ман тартиб додани нақшаи муфассали сафари худро ба Хартум сар кардам. Якчанд шубонҳо дар ин кор ба ман ёрӣ расонданд, махсусан шубон Ҳасан аз кӯҳҳои Нуба.

Ба Хартум омада, ман вайронаҳои калисоҳои ба наздикӣ харобшударо аз назар гузаронда тавонистам. Дидани калисоҳои харобшуда, сӯзондашуда ё бо булдозерҳо вайрон кардашуда ҳамеша душвор аст. Дар чунин лаҳзаҳо маро андӯҳ барои мардуми ин ҷамоат фаро мегирад ва дилам аз миннатдорӣ барои калисои худам пур мешавад.

Аммо чунин манзара дигар маро ба ҳайрат намеоварад. Дар давоми солҳои зиёд ман лоиҳаҳои аксуламал ба таъқиботро дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, ки дар он ҷойҳо калисоҳои масеҳӣ ба харобазор табдил ёфтаанд, назорат мекардам. Дар Хартум аксари ин калисоҳои харобгардида аз ҷониби ҷамоатҳои имондорон аз кӯҳҳои Нуба, ки ҳадафи таъқиби бераҳмонаи ҳукумати

худ буданд, пур буданд. Ҳукуматдорони Судон мегӯянд, ки ин калисоҳо аз он сабаб хароб карда шудаанд, ки онҳо қонунҳои минтақабандиро вайрон кардаанд, аммо дар асл ин танҳо баҳона барои таъқиби масеҳиён аст. Ҳамаи ин биноҳо даҳҳо сол инҷониб дар ин ҷо буданд.

Халқи Нуба душмани расмии режими Судон гардид ва аз ҳамин сабаб аз ҷиҳати сиёсӣ, фарҳангӣ ва рӯҳонӣ таъқиб карда мешуд. Барои ман сабаби аслии ин таъқиботи бераҳмона маълум буд: масеҳиён супориши бузурги Масеҳро дар хусуси шогирд сохтани ҳамаи халқҳо иҷро мекарданд, аз ҷумла халқҳое, ки таҳти роҳбарии ислом мебошанд. «Ҷиноят»-и вазнини онҳо маҳз дар ҳамин аст.

Ҳангоме ки ман барои имонашон азоб кашидани ин масеҳиёни ҷасурро медидам, ин имон ва иродаи шахсии маро мустаҳкам мекард, ки ба ёрии онҳо биёям. Ман аз муносибати бераҳмонаи ҳукумат бо онҳо рӯҳафтода ва андӯҳгин мешудам ва аз таҷрибаи чандинсолаи худ ва шабакаи робитаҳои «Садои риёзаткашон» барои дарёфти роҳҳои ёрӣ расондан ба онҳо тайёрии хуб доштам.

Аммо таассурот аз дидани биноҳои харобшуда дар муқоиса бо ҷароҳатҳое, ки худи масеҳиён мегирифтанд, ночиз метофт. Дар рӯзи охирини сафар ман ниҳоят тавонистам бо ҷавоне вохӯрам, ки шубон Ҳасан дар бораи ӯ дар Аддис-Абеба ба ман гуфта буд ва ӯ ба ёрии тиббӣ эҳтиёҷ дошт. Ман медонистам, ки худи вохӯрӣ метавонад ба бехатарии ӯ ва низ ба амнияти ман хатар ба вуҷуд оварад, бинобар ин ман ӯро ба «Озон» даъват накардам. Ба ҷои ин мо маслиҳат кардем, ки бегоҳ дар хонаи шахсӣ дар наздикии маҳалли зисташ вохӯрем.

Тарҷумони ман бояд Мунъим ном навимоне мебуд, ки аз таъқибот хуб ошноӣ дошт: пас аз он, ки ба Масеҳ имон овард, ӯро ҳабс карда, бо зарбаи барқ шиканҷа карда буданд.

Ӯро нерӯҳои амниятӣ дидаву дониста ҳамон вақт боздошт карданд, ки бояд унвони магистрро мегирифт, дар натиҷа ӯ аз

имкони ба даст овардани диплом маҳрум шуд. Ман аз ҷасорати ӯ ва аз забондониаш миннатдор будам.

Ману Мунъим бо Алӣ Умар Мусо ном ҷавоне вохӯрдем, ки ҳангоми ҳамлаи қувваҳои ҳукуматӣ сахт сӯхта буд. Ман аз ӯ пурсидам, ки чӣ гуна ёрии тиббӣ аллакай ба ӯ расонда шудааст ва низ барои муоличаи ҷойҳои сӯхтаи баданаш чӣ гуна ёрии дигар расонданиянд. Бо ёрии Мунъим аз ӯ хоҳиш кардам, ки куртаашро кашад, то ҷароҳатҳои ӯро аксбардорӣ кунад. Ин аксҳо ба духтуроне, ки бо «Садои риёзаткашон» ҳамкорӣ мекунанд, ёрӣ мерасонанд, то беҳтарин имкониятҳои ёрӣ ба Алиро пайдо кунанд.

Ман ҳамчунин аз Алӣ дар бораи имонаш пурсидам, аммо ӯ гӯё саволро нафаҳмид ё ҷавоб додан нахост. Мунъим хам шуда, оромона ба ман фаҳмонд, ки дӯстон ва ҳамсинфони Алӣ, ки дар ҳуҷра бо мо буданд, дар бораи имони нави ӯ тасаввуроте надоранд. Ҳайратовар нест, ки ӯ намехост ошкоро дар бораи он гап занад, ки исломро тарк карда, пайрави Исо шудааст!

Аз хонае, ки вохӯрӣ бо Алӣ баргузор шуд, баромада, ману Мунъим оид ба боз як вохӯрӣ маслиҳат кардем, ки дар рафти он ман тавонистам шаҳодати ӯро дар бораи он, ки чӣ гуна ӯ ба Писари Худо будани Исо бовар кард ва низ бо Мунъим мусоҳиба карда, ҳикояти пурраи имон овардани ӯро шунидам.

Андешаронии ҳо дар бораи таъқиб шудани масеҳиён дар Судон маро ба хотираҳои таъқиб шудани масеҳиён дар Чехословакия баргардонид, ки онҳо дар давраи ҷавониам дар замони коммунизм азоб мекашиданд.

Пас аз ин вохӯриҳо (ва ман нақша доштам, ки ин суҳбати нозук вохӯрии охирини ман дар Судон хоҳад буд), ман суратҳои ҷароҳатҳои Алиро ба қисми рамзишудаи ноутбуки худ гузарондам, — ҳамон ноутбуке, ки ҳоло рӯи миз мехобид ва ду афсари хадамоти амнияти фурудгоҳи Судон дар он чизеро ҷустуҷӯ мекарданд.




# 4

Ду зиндонбон маро аз ҳуҷраи бозпурсӣ бароварданд ва аз фурудгоҳ то мошини сафеди Land Cruiser, ки дар берун интизор буд, ҳамроҳӣ карданд. Ин яке аз намояндаҳои сершумори ин маркаи мошинҳо буд, ки дар кӯчаҳои чанголуди Хартум бисёр буданд. Дар давоми сафари панҷдақиқагӣ ба идораи марказии ХМИА, Хадамоти миллии иктишоф ва амнияти Судон, ман дар курсии қафо нишаста будам. Маро ба утоқи интизорӣ, ки дар паҳлӯи ҳуҷраи генерал ҷойгир буд, бурданд ва ман ба дивани чармии қаҳваранг нишастам. Дар он ҷой ягон кондитсионер ва гармидиҳӣ вуҷуд надошт, аммо ҳатто соати 04:30-и саҳар ҳарорат дар бино барои ман, ки дар тан шими ҷинс ва футболка доштам, муътадил буд.

...Чанд соат интизор шудам. Посбоне, ки бо автомати АК-47 мусаллаҳ буд, дар курсии назди дари ҳуҷраи интизорӣ нишаста, баромадгоҳро посбонӣ мекард. Манаҳаш ба қафаси синааш афтод ва ман фикр кардам, ки оё гурехта метавонам, агарчи медонистам, ки ӯ ҳар лаҳза бедор шуда метавонад.

Тақрибан баъди се соат ду афсари ХМИА омада, маро аз ҳуҷраи интизорӣ бурданд.

— Ман мехоҳам ба сафорат муроҷиат кунам, — гуфтам ман ба онҳо.

— Мехоҳам бо оилаам робита кунам.

Онҳо хоҳиши маро ба эътибор нагирифта, маро ба ҳуҷраи бозпурсӣ бурданд.

— Шумо дар «Садои риёзаткашон» кор мекунед, дуруст? — пурсид муфаттиш.

Ман наметавонистам кори мекардаамро зери хатар гузорам, аз ҳамин сабаб ман роҳи ҷавоб доданро бе додани маълумоте, ки ба касе зарар мерасонад, пайдо кардам. Охир, ҳозир бисёр масеҳиён дар бисёр кишварҳо ба қобилияти оқилона ба саволҳо ҷавоб додани ман вобастаанд. Аз рӯи ҳуҷҷатҳо ман корманди «Садои риёзаткашон» набудам, — ман бо ин созмон ҳамчун пудратчии мустақил ҳамкорӣ мекардам, — аз ҳамин сабаб дилпурона рад кардан бароям душвор набуд:

— Не.

Вай саволро такрор кард.

Ман мушовир ҳастам ва ба касоне, ки ранҷу азоб мекашанд, ёрӣ мерасонам, — бо исрор гуфтам ман ва таҷрибаи кори худро дар маъмурияти беморхона таъкид кардам. Муфаттиш аз папка коғазаро бароварда, хондани руйхати номҳоро сар кард. Ӯ пас аз ҳар як ном таваққуф менамуд.

Ин номҳо, албатта, ба шубонҳое тааллуқ доштанд, ки ман дар моҳи октябри соли гузашта дар Ҳабашистон бо онҳо вохӯрда будам. Ба хотирам мардони шубҳаноки судонӣ омаданд, ки дар ҷараёни конфронс дар толор гаштугузор мекарданд. Ҳатто он вақт ман фикр кардам, ки онҳо шубҳанок ба назар мерасанд. Ниҳоят, ман фаҳмидам. Ин одамон агентҳои ҳукумат буданд, ки вазифаи онҳо ҷамъоварии маълумот дар бораи масеҳиён дар конфронс буд.

Рости гап, ман номи ҳамаи шахсонеро, ки дар Аддис-Абеба вохӯрда будам, дар ёд надорам, аммо аз номбар кардани ҳатто ҳамон номҳое, ки дар ёд доштам, худдорӣ кардам.

Пас аз якчанд дақиқа муфаттиш папкаро маҳкам кард.

— Агар ҳамкорӣ накунед, — таҳдид кард ӯ, — ба мо лозим меояд, ки шуморо дар ин ҷо ба муддати хеле бештар нигоҳ дорем.

Ӯ маро ба ҳуҷраи интизорӣ баргардонд ва ман якчанд соати дигар дар диван интизор шудам.

Вақте ки афсари ХМИА ниҳоят маро баргардонда ба ҳуҷраи бозпурсӣ бурд, ман дидам, ки ноутбукам дар рӯи миз кушода аст

ва дар паҳлӯи он дискҳои сахти беруна ва камера буданд. Пеш аз сафар ба Судон ман суратҳоро аз ноутбуки кӯҳнаам ба ноутбуки нав гузарондам. Ман сад фоиз боварӣ доштам, ки ҳамаи суратҳоро дар диски сахти беруна нест кардаам, бинобар ин ҳангоми пурсиш барои бехатарии муҳтавои дар компютер рамзишуда хавотир набудам. Ман боварӣ доштам, ки дастгоҳҳо тоза буданд.

Аммо, аз он чи, пас аз лаҳзае шунидам, ба изтироб афтодам. Муфаттиш тугмаи ноутбукамро зер кард ва ман аз баландгӯякҳо овози шиносеро шунидам: *«Мо ҳоло дар кӯҳҳои Нуба ҳастем...»* Ин овоз ба ҳамкори ман дар хизмат тааллуқ дошт.

*«Чаро дар диски сахти берунии ман видео аз соли 2011 мавҷуд аст?»*

...Дар ибтидои ҷанги дуюми шаҳрвандӣ дар соли 2012, дар кӯҳҳои Нуба ман ҳамроҳи пешвоёни дигари масеҳӣ ба Нуба сафар кардам, то ки амалиётҳои ҳарбиро ҳуҷҷатгузорӣ кунам ва ба масеҳиёни таъқибшаванда, ки кори миссионерии масеҳиро дар минтақаи кӯҳистонӣ (ки Судонро аз Судони Ҷанубӣ ҷудо мекунад) анҷом медоданд, ёрӣ расонам — кореро, ки ҳукумати Судон ғайриқонунӣ мешуморад.

Яке аз парвозҳои ёрирасони мо ба кӯҳҳои Нуба охирин парвозҳо буд, ки иҷозати фуруд омаданро дошт. Дере нагузашта фазои ҳавоӣ баста шуд ва роҳҳои парвоз бомбаборон карда шуданд. Аз соли 2011 инҷониб ҳукумати Судон ин навъи ёриҳоро маҳдуд кард ва ман медонистам, ки он вайронкунандагонро чӣ гуна бераҳмона таъқиб мекард. Зиёда аз понздаҳ сол бо фармони президент Башир кӯҳҳои Нуба доимо бомбаборон карда мешуданд. Аммо танҳо ба наздикӣ Созмони Милали Муттаҳид гӯш доданро ба одамоне, ки дар бораи ин бомбаборонкуниҳо хабар медоданд, сар кард, — дӯсти ман барин касоне, ки овози онҳо ҳоло дар видеои ба ман нишон додашуда шунида мешуд. *«Аммо чӣ гуна ин видео дар ноутбуки ман пайдо шудааст?»*

Баъд прокурор дар болои миз сурати ду нафареро, ки дар дохили фюзеляжи ҳавопаймо нишаста буданд, гузошт. Ман ин

суратро дарҳол шинохтам ва бо диққат нигариста, дар поён навиштаҷоти зеринро дидам: «Ба минтақаи ҷанг меравем».

Ногаҳон ҳама чиз ба таври даҳшатовар равшан шуд. Хадамоти миллии иктишоф ва амният видеоҳо ва аксҳои дур кардашударо аз дискҳои сахти берунии ман барқарор карда тавонистааст — онҳое, ки ман видеоҳо ва аксҳоро аз ноутбуки қаблии худ ба қисмати рамзшуда дар диски сахти ноутбуки нав мегузарондам.

Онҳо ҳамчунин роҳи барқарор кардани тасвирҳои рақамии дур кардашудаи бадани Алиро пайдо кардаанд, ки ман дар шоми охирини сафари ҳозираам, чанде пеш аз боздошт шудан гирифта будам.

— Номи ин шахс чист? — сурати донишҷӯи масеҳии ҷавонро нишон дода пурсид муфаттиш.

Ман аз ҷавоб додан худдорӣ кардам ва фикр кардам, ки чӣ гуна онҳо ба суратҳои дур кардашуда дастрасӣ пайдо кардаанд. Пас аз он як ҳисси хунукӣ маро фаро гирифт, ки зуд дар гардан ва сутунмӯҳраам паҳн шуд ва шикамамро дард фаро гирифт. «Ман боварӣ дорам, ки суратҳоро нест кардам, аммо корти хотираи SD-камераро бо истифодаи барномаи махсус, ки барқарор кардани файлҳоро ғайриимкон мегардонад, тоза накардам».

Мард варақи коғазеро баровард ва хондани рӯйхати номҳоро сар кард. Ман фавран фаҳмидам, ки номҳо аз контактҳо дар сабти баҳисобгирии ман дар скайп гирифта шудаанд. Хадамоти иктишофӣ ба он дастрасӣ пайдо кард ва аз контактҳои ман истифода бурд, то робитаи маро бо кормандони «Садои риёзаткашон» ва дигар ташкилотҳои масеҳӣ пайгирӣ кунад.

Акнун ман фаҳмидам, ки бешубҳа мушкилоти калон дорам. Ман медонистам, ки ҳукумати Судон шояд зидди ман далелҳои қавӣ пайдо карда метавонад, зеро аз нуқтаи назари қонуни бераҳмонаи он, шахсоне, ки ба чунин хизмати масеҳӣ машғуланд, на танҳо ҷосус, балки душманони давлат низ ҳисобида мешаванд.




# 5

Пас аз чанд соат маро ба ҳуҷраи бозпурсӣ баргардонданд ва ман суратҳои дар рӯи миз пароканда кардашударо дидам. Дар он ҷо даҳҳо суратҳо буданд, ки дар онҳо ман ба меҳмонхонаи «Парадис» медаромадам, аз он мебаромадам, аз вестибюл мегузаштам, дар «Озон» хӯрок мехӯрдам, ба дидани калисои харобшуда мерафтам. Дар давоми чор рӯзи охир, зоҳиран мақомоти Судон маро назорат мекарданд ва тамоми фаъолиятҳои маро дар Хартум ҳуҷҷатгузорӣ кардаанд. Муфаттиш ба ман як силсила суратҳои сабзтобро нишон дод, ки бо камераи биниши шабона гирифта шудаанд. *«Рӯзона ва ҳатто шабона маро назорат мекарданд»*. Ман хавотир шудам ва хеле асабонӣ будам, аммо кӯшиш мекардам, ки ором бошам.

Ниҳоят, муфаттиш корти SD-ро бароварда, бо тантана ба рӯи миз партофт. Корти хотира бо парол муҳофизат карда шуда буд ва нусхаҳои ҳисоботи молиявии маро дар бар мегирифт. Ҳангоми сафар ман онро дар ҳамёни худ гирифта мегаштам, то ки сари вақт маълумоти молиявии худро навсозӣ кунам. Аммо барои муфаттиши хадамоти иктишофӣ ин корт боз як далели дигари мансубияти ман ба ташкилоти ҷосусӣ буд.

— Лутфан, иҷозат диҳед, ки ба сафорат муроҷиат кунам», — боз хоҳиш кардам ман.

— Иҷозат диҳед, ки бо аҳли оилаам робита кунам. Муфаттиш ҷавоб надода, маро боз ба ҳуҷраи интизорӣ бурд ва пас аз якчанд соат боз барои бозпурсии фаврӣ баргардонд. Ин

кор то охири рӯз ва баъд то бевақтии шаб давом кард. Ман бо ғамгинӣ ва хомӯшӣ интизор будам ва медонистам, ки Ванда чӣ қадар хавотир мешавад ва дар ҳайрат будам, ки вазъияти ман то чӣ андоза бад аст. Барои аз байн бурдани якрангӣ ва ба ман додани имконияти дароз кардани пойҳоям, муфаттиш иҷозат дод, ки ба майдончаи зинапоя равам. Соат ба нисфи шаб наздик буд, аммо бинои Хадамоти миллии иктишофии Судон то ҳол пур аз фаъолият буд ва ман нигоҳ мекардам, ки кормандон аз зинапоя боло ва поён мераванд.

Ҳангоми интизорӣ ман дар бораи волидонам фикр мекардам, ки дар Чехословакияи коммунистӣ барои масеҳӣ буданашон солҳои тӯлонӣ таъқиб карда мешуданд. Ман дар солҳои 1960-ум дар замони коммунизм, ҳангоме ки кишвари ман як ҷузъи блоки ба истилоҳ Шарқӣ ва дар доираи нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ буд, дар оилаи масеҳӣ таваллуд шудаам. Дар даҳсолаи пеш аз таваллуди ман масеҳиён дар саросари Аврупои аз ҷониби коммунистон ишғолшуда ба шиканҷаи даҳшатовар, ҳабсхона ва аксар вақт марг дучор мешуданд. Ин замоне буд, ки ҳукумат моро сахт таъқиб мекард ва амалӣ кардани имонамонро берун аз калисоҳои тасдиқшуда, ки зери назорати ҳукумат буданд, манъ карда буд.

Азбаски падарам шубон буд, оилаи мо зуд-зуд мекӯчид. Ҳангоме ки ман дар синфи чорум таҳсил мекардам, боз ҷои истиқоматамонро иваз карда, ба шаҳри дигар кӯчидем. Барои ман, фарзанди хурдии хонавода, дар миёнаи соли хониш ба маҳаллаи нав кӯчидан ҳамеша мушкил буд, зеро ҳар дафъа ҳамсинфонам аз ман мепурсиданд: «Падарат чӣ кор мекунад?»

Ин саволи хеле табиист, вале ман аз гуфтани ҳақиқат метарсидам. Ман метарсидам, ки агар ҳамсинфонам шубон будани падарамро фаҳманд, ба ҳолам механданд ва гуфтам, ки ӯ занбӯрпарвар аст. Ҷавоби ман пурра дурӯғ набуд, зеро машғулияти дӯстдоштаи падарам парвариши занбӯри асал буд. Аммо дар умқи дил медонистам, ки дурӯғ мегӯям ва

фикрам ҳамеша ба ҳикоят аз Китоби Муқаддас бармегашт, ҳангоме Петруси дигар, Шимъӯни Петрус, шогирди Масеҳ, Исоро инкор карда, гуфт, ки ин мардро намешиносад (Луқо 22:54–62).

Дар кӯдакӣ маро дарки он таъқиб менамуд, ки ман аз Масеҳ даст кашидаам. Ман шарм медоштам. Ҳангоме ки дар понздаҳсолагӣ масеҳӣ шудам ва пайравӣ кардани Масеҳро сар кардам, ман бошуурона қарор додам, ки дигар ҳеҷ гоҳ Наҷотдиҳандаи худро инкор намекунам.

Дар солҳои дар мактаби миёна таҳсил карданам кормандони амният ба калисои падарам зуд-зуд меомаданд. Онҳо хизмати ӯро назорат мекарданд, шахсан ӯро назорат мекарданд ва баъд дар бораи фаъолияти масеҳии ӯ ба ҳукумат хабар медоданд. Илова ба хизмати худ дар калисо, волидони ман ҳамчунин барномаи махфии омӯзиши шогирдсозиро барои ҷавонон дар саросари кишвар амалӣ мекарданд. Рӯзе аз мактаб баргашта фаҳмидам, ки падару модарамро ҳабс кардаанд. Ва пеш аз он, ки озод карда шаванд, ба онҳо лозим омад, ки аз бозпурсиҳои зиёд аз ҷониби хадамоти амният гузаранд.

Маҳз падарам ба ман ёд дода буд, ки ҳангоми бозпурсӣ чӣ гуна рафтор кунам. Вай аҳамиятнокии пайдарҳам ва бодиққат ба саволҳо ҷавоб доданро ба ман омӯзонд, зеро муфаттишон аксар вақт як саволро такрор ва такрор медоданд, то фарқи ҷавобҳоро муайян кунанд. Вай ҳамчунин ба ман ёд дод, ки он чизеро, ки муфаттиш аллакай *медонад*, аз он чи *донистан мехоҳад*, бо диққат ҷудо кунам.

Ман намедонистам, ки рӯзи дигар чӣ мешавад ва ба он чи дар пеш аст, худро бад тайёршуда ҳис мекардам, аммо аз ваъдае, ки Худо ба Довуд дар китоби Забур дода буд, тасаллӣ ёфтам: «Парвардигор соддадилонро нигоҳдорӣ мекунад: ранҷур будам, ва маро наҷот дод» (Забур 114:6).

Ҳангоми андеша дар бораи ин таронаи Забур ман шахсеро дидам, ки аз зинапоя фуромада истодааст. Ӯ мӯйҳои сафед ва

риши дарози сафед дошт ва пӯсташ равшан буда, бештар на ба судонӣ, балки ба араб монанд буд. Ман ӯро пештар дида будам: ӯ ду моҳ пеш дар вестибюли меҳмонхонаи «Черчилл» дар Аддис-Абеба нишаста буд. Ман андешаи ҳушёронае доштам: *«Хадамоти амнияти Судон пеш аз ворид шуданам ба кишвар ҳама чизро дар бораи ман медонист»*.




# 6

Бисту ду соат пеш, чор ҳазор километр дуртар ба шимолу ғарб, дар хонаи мо дар Прага занам Ванда бесаброна интизори шунидани хабар аз ман буд, дар ҳоле ки маро дар фурудгоҳи Хартум бозпурсӣ мекарданд.

Ҳангоме ки соати 7:30-и саҳарӣ фаро расид, Ванда ба ташвиш афтод. Пеш аз он, ки ҳавопаймои ман дар соати 2 аз Судон парвоз кунад, вай бояд аз ман паёмак мегирифт.

Аз ҳама дертар ман бояд ба воситаи СМС ё скайп то соати 07:30, вақте ки ҳавопаймои ман аз Найробӣ ба Амстердам парвоз кард, робита мекардам.

*«Шояд Петр ба рейс дер монда бошад?»* — аз худ мепурсид вай. Ванда медонист, ки ман бояд соати 17:30 ба Прага бармегаштам, аммо то бегоҳ аз ман ҳанӯз ягон хабаре набуд. Вай ҷадвали рейсҳои ширкати ҳавопаймоиро тафтиш кард ва фаҳмид, ки он шаб аз Амстердам боз ду рейси воридотӣ буд ва охиринаш соати 22:30 меомад.

Ванда расман чун пайрави мазҳаби католикӣ ба воя расида буд. Вай набераи деҳқоне буд, ки барои зиддият ба коммунистон, ки заминашро гирифтанӣ буданд, зиндонӣ шуда буд. Вай дар давоми ҳаёти наврасонааш ба Худо таваҷҷуҳ надошт. Дар синни бистсолагӣ Ванда дар беморхона ба кор сар кард — дар ҳамон шӯъбае, ки ман кор мекардам.

Боре ман дидаву дониста Китоби Муқаддасро дар ҳуҷраи кормандони навбатдор гузоштам, то онро ҳангоми навбати корӣ хонда тавонам. Дар давоми якчанд ҳафта ман гумон мекардам,

ки онро боз ягон кас мехонад. Ҳангоме мудири шуъба аз ман талаб кард, ки Китоби Муқаддасро дур кунам, Ванда назди ман омад ва хоҳиш кард, ки Китоби Муқаддасро ба ӯ диҳам.

Моҳи ноябри соли 1989, ҳангоме ки дар давраи инқилоби бахмалӣ деворҳои коммунизм дар Чехословакия фурӯ рехтанд, деворҳои атрофи дили Ванда низ пош хӯрданд. Бо мурури замон Ванда масеҳӣ шуд. Ҳангоме ки ман дар лагери тобистона дар Олмони Шарқӣ дар синни понздаҳсолагӣ ҳаёти худро ба Масеҳ бахшидам, ба худ ваъда додам, ки ҳеҷ гоҳ дар замони коммунизм издивоҷ намекунам ва кӯдаконро тарбия намекунам. Аммо ҳама чиз тағйир ёфт ва ман мафтуни ин зани ҷасур, зебо ва дорои эътиқоди масеҳии шукуфон гардидам.

Бо мурури замон ман ва Ванда робитаи наздик пайдо кардем ва соатҳо Инҷилро ва эътиқоди муштаракамон ба Исои Масеҳро муҳокима мекардем. Дӯстии мо дере нагузашта ба муносибатҳои дӯстдорона табдил ёфтанд ва 6-уми апрели соли 1990 мо издивоҷ кардем. Чунон ки дар кишвари мо маъмул аст, пас аз базми арӯсӣ Ванда «Яшкова» шуд — ин насаб дар забони чехӣ маънои онро дорад, ки вай ба Яшек «тааллуқ дорад».

Ванда худро ба ихтиёри ман супорид ва моояндаи худро ба ихтиёри Масеҳ супоридем, новобаста ба он, ки дар пеш моро чӣ интизор буд.

* * *

Он саҳар Вава имтиҳони ниҳоии худро оид ба бемориҳои дарунӣ супорида, шомро бо дӯстон ҷашн мегирифт. Тақрибан соати 22:30 ӯ аз модараш паёми ташвишовар гирифт: «Падарат гум шудааст». Вава ба хона шитофт. Вай ва бародараш кӯшиш мекарданд Вандаро ором кунанд. «Шояд, ӯ имкони занг задан надошта бошад, — тахмин карданд онҳо. «Ё шояд вақт барои нишастан ба ҳавопаймои дигар хеле кам буд».

Вава, ки озодона ба забони англисӣ гап зада метавонист, вазифадор шуда буд, ки зангҳои телефонӣ кунад, аммо ӯ дастурҳои муайян надошт, ки дар мавриди нопадид шудани ман иҷро кунад. Ҳар боре, ки ман сафар мекардам, ба Ванда дар бораи меҳмонхона ва парвоз маълумот боқӣ мегузоштам. Аввалин занги занам ба шубони мо буд. Калисои мо дарҳол силсилаи дуоҳоро сар кард ва аъзоёни гуногуни ҷамоат барои ман дуо мегуфтанд, то ки барои ман пайваста дуоҳо ба Худо гуфта шаванд. Баъд Вава ба кормандони «Садои риёзаткашон» хабар дод, ки падараш аз сафар барнагаштааст ва баъд ба полиси Чехия занг зад.

— «Падари ман мебоист аз Судон бармегашт, — гуфт ӯ, — аммо ӯ ба фурудгоҳ нарасид. Мо намедонем, ки бо ӯ чӣ шудааст».

Вава ва Ванда ба шӯъбаи полиси маҳаллӣ маълумотнома навиштанд. Афсар тафсилотро дар бораи молияи оилаи мо, маълумотро барои робита, таърихи оилаи мо ва рӯйхати хешовандон ва низ ҳама гуна робитаҳое, ки барои пайдо кардани ман ёрӣ расонда метавонистанд, пурсид. Ниҳоят, кормандони полис номи маро ба рӯйхати шаҳрвандони гумшудаи Интерпол дохил кард.

Аъзоёни оилаи ман тамоми шабро бо он гузарониданд, ки дар Интернет маълумотро дар бораи минбаъд чӣ кор кардан ҷустуҷӯ менамуданд. Саҳарии рӯзи дигар Вава ба сафорати Судон дар Вена занг зад, аммо ин барои як қадам ҳам пеш рафтан ёрӣ нарасонд. Вай телефонро хомӯш карда, ба сафорати Чехия дар Қоҳира занг зад, ки он ҳамчунин манфиатҳои Чехияро дар Судон дастгирӣ мекунад. Аммо азбаски рӯзи ҷумъа, рӯзи истироҳати ҳарҳафтаинаи идораҳои давлатии Миср буд, касе ба занг ҷавоб надод, аз ҳамин сабаб вай паёми садоӣ гузошт ва ба Вазорати корҳои хориҷӣ дар Прага занг зад.

— «Падари мо гум шудааст, — гуфт ӯ. — Ба ман ёрӣ лозим аст».

Боиси ҳайрати Вава буд, ки ба занги ӯ сафири Чехия дар Қоҳира рӯзи ҷумъа ҷавоб дод. Вай тафсилотро дар бораи сафари ман пурсид.

— Вай дар Судон чӣ кор мекард? — пурсид сафир. Вава ҷавоб дод, ки ман турист ҳастам. — Оё ягон хел ихтилофот ба шумо маълуманд, ки боиси боздошти ӯ гардида метавониста бошанд?

— Мо як оилаи масеҳӣ ҳастем, — гуфт Вава ва калисоеро дар Прага ном бурд, ки мо ба он меравем. Сафир ваъда дод, ки дар бораи ман ягон хел маълумот пайдо мекунад ва телефонро хомӯш кард.

Бо вуҷуди ин Вава ба зудӣ маҷбур шуд аз он ҷавобе, ки ман сайёҳ ҳастам, даст кашад, зеро Судон кишваре нест, ки одамон одатан барои тамошои он меоянд. Ғайр аз ин, аҷиб мебуд, ки падар танҳо, бе зану фарзандонаш ба рухсатӣ рафтааст.

Дар давоми рӯз, дар байни зангҳои бешумори телефонӣ, Вава ва бародараш Петр бо модарашон дуо мегуфтанд. Муовини ман аз «Садои риёзаткашон» ба хонаи мо омад ва дарҳол ҳамроҳи Вава занг задан гирифт.

Онҳо ба меҳмонхонаи «Парадис» дар Хартум занг заданд ва фаҳмиданд, ки ман бо микроавтобус ба фурудгоҳ раҳсипор шудаам. Баъд онҳо ба ронандаи микроавтобус занг заданд, аммо азбаски ӯ танҳо ба арабӣ гап мезад, аз ӯ маълумоте пайдо карда натавонистанд. Намояндаи «Ширкати ҳавопаймоии Кения» ба ман хабар дод, ки ман барои парвоз сабти ном кардаам, аммо ба ҳавопаймо нанишастаам.

Охирин макони мавҷудияти маълуми ман фурудгоҳи Хартум буд, аз ҳамин сабаб оилаам ба хулосае омаданд, ки шояд маро нарабудаанд. Акнун Ванда аз воқеияти хавотиркунанда метарсид: ман дар ҳабси ҳукумати Судон будам.




# 7

Дарҳол, пас аз нисфи шаб маро боз аз хоби сабук дар диван (дар толори интизории назди кабинети генерал) бедор карданд ва боз ба ҳуҷраи бозпурсӣ бурданд. Ман кӯшиш кардам ақл ва ҷисмамро ҳарчи зудтар ба ҳолати ҳушёр ва омодабош оварам. Афсаре дар даст папка ба ҳуҷра даромад. Вай се посбонро даъват карда, ба онҳо мазмуни папкаро нишон дод ва ба ҳуҷҷатҳо имзо гузошт. Ҳангоме ман дидам, ки чӣ гуна ӯ папкаро пӯшида ба яке аз посбонҳо медиҳад, дарҳол фаҳмидам, ки чӣ шуда истодааст.

— *«Маро ба ҳабсхона равона мекунанд»*. Папкае, ки пур аз парвандаҳои шахсӣ ва суратҳои касоне буд, ки ман бо онҳо дар Хартум вохӯрда будам, гувоҳӣ медод, ки маро фақат то рейси оянда бозпурсӣ карданӣ нестанд. Онҳо кори аз ҳад зиёдро ба ҷо оварда буданд, то ки маро фақат ба муддати якчанд соат нигоҳ доранд.

Акнун ман дар ҳабс ҳастам. Ва будубоши ман дар ҳабсхона шояд кӯтоҳ нахоҳад буд. Ҷомадон ва либосамро ба ман баргардонданд, аммо муфаттишон ду шиноснома, шаҳодатномаи шахсият, шаҳодатномаи ронандагӣ, сумкаи ноутбук ва муҳтавои онро нигоҳ доштанд.

Ду посбони мусаллаҳ маро ба курсии қафои Kia-и сафеди хурдакак тела доданд. Яке дар курсии мусофири паҳлӯи ронанда, дигаре бо автомат дар ҳолати омодабош дар паҳлӯи ман нишаст.

Пас аз бист дақиқаи роҳ мошин дар назди бинои нисбатан хурди чорошёнаи ғайриоддӣ — ҳабсхонаи Хадамоти миллии иктишофии Судон барои маҳбусони сиёсӣ истод.

Маро ба дарун бурданд ва парвандаамро ба дасти сардори ҳабсхона доданд. Ҳамин тавр раванди сусти ворид шудан ба ҳабсхона сар шуд.

— Шумо кай дар мактаби ибтидоӣ таҳсил кардаед? — пурсид мансабдор. Ин саволи аҷиб буд, аммо маро ба ҳайрат наовард. Ман медонистам, ки афсари хадамоти амнияти Судон эҳтимол кӯшиш мекунад дар бораи ман, оилаи ман ва доираи муоширати ман ҳарчи бештар маълумот ҷамъ кунад. Ман бо ин намуди пурсиш шинос будам, — он ба саволҳое монанд буд, ки одатан аз касоне пурсида мешуданд, ки дар замони коммунизм дар Чехословакия ба ҳабс гирифта мешуданд. Ман нафаси чуқур кашидам то асабҳоямро ором кунам.

Ман ният надоштам, ки ба мансабдор ягон маълумоте диҳам, ки ӯ бар зидди ман истифода бурда метавонад, аз ҳамин сабаб хомӯш мондам. Чун ӯ фаҳмид, ки ман аз ҷавоб додан худдорӣ кардам, ӯ хомӯшона ба ман нигоҳ кард. Дар ин лаҳза ман чилу ҳашт соат хоб накарда будам ва беҳад хаста шуда будам. Ман тахмин кардам, ки мансабдор ният дорад ҷавобро интизор шавад, бинобар ин якчанд санаҳои тасодуфиро зикр кардам ва ӯ онҳоро навишта гирифт.

— Номи модаратон чист? — давом дод ӯ.

— Модарам ҳаждаҳ сол пеш мурдааст, — ҷавоб додам ман, аммо ӯ ба ҳар ҳол исрор мекард, ки насаби духтарии ӯро гӯям. Ман қарор додам, ки эҳтимолияти айбдоркунандагии ин маълумот кам аст, бинобар ин ҷавоб додам. Шахси мансабдор ба ҳуҷҷатҳои дар рӯи миз гузошташуда нигариста, саволи навбатиро меҷуст.

— Падару модари се нафар хешовандони шумо киҳоянд?

Ин саволҳо муддате давом карданд ва ман бепарвоёна ба онҳо аксар вақт ҷавобҳои носаҳеҳ медодам, то ки раванд тезонда шавад. Соатамро мусодира карда буданд ва ман вақти дақиқро намедонистам. Шояд аз нисфи шаб гузашта буд.

Мансабдор пурсишро ба охир расонида, маро ба аксбардори ҳабсхона супурд. Ҳангоме ки ӯ аз пеш ва паҳлӯ суратҳои калон

мегирифт, ман боз эҳсос кардам, ки будубоши ман дар ин ҷо аз як шаб хеле зиёдтар давом мекунад.

Пеш аз он, ки ман ҷомадонамро супорам, зиндонбон ба ман иҷозат дод, ки аз он якчанд либосро гирам: як шим, ду курта, якчанд ҷуфт либоси таг ва як ҷуфт ҷӯроб. Ман собун, чӯтка ва хамираи дандоншӯй низ гирифтам. Ба ман камарбанд ва нимтанаи сабуки баҳорона гирифтанро манъ карданд. Ман одатан ҳангоми сафар ба Африқо дастмоле бо худ мегирифтам, аммо азбаски ин дафъа дар меҳмонхонаи «Парадис» як ҳуҷра фармоиш дода будам, ман гирифтани онро дар ин сафар зарур наҳисобидам — ҳоло аз ин қарор хеле афсӯс мехӯрдам.

Маро ва як маҳбуси нав омадаро ба лифт бурданд, ки моро ба ошёнаи сеюм бурд. Долони ором қариб равшанӣ надошт; Ба боло нигоҳ карда, дидам, ки бисёрии лампаҳо фурӯзон нестанд. Дар долон қадам зада, дидам, ки аз тирезачаҳои хурди дари баъзе камераҳо рӯшноӣ ба дарун меафтад. Торикии долон ва равшании камераҳо ба кормандон имкон медод бинанд, ки дар ҳар як камера чӣ рӯй дода истодааст, аммо маҳбусон посбонҳоро дар долон дида наметавонистанд.

Касоне, ки маро ҳамроҳӣ мекарданд, дар назди як камера истоданд. Яке аз онҳо дарро кушод ва маҳбуси дар паҳлӯи ман бударо ба ҳуҷраи серодам бурд. Ман аз пайи ӯ рафтанӣ шудам, аммо дастур гирифтам, ки интизор шавам.

Андаке дуртар қад-қади долон мо дар пеши камераи дигар истодем. Зиндонбон қуфли дарро кушод ва ишора кард, ки ба дарун равам. Ҳуҷра пур аз рӯшноии зиёди флуоресссентӣ буд, ки бар панҷ марди дар фарш дароз кашида нур мепошид. Шахси шашум дар ягона кати металлӣ дароз кашида буд. Ҳангоме ки ман даромадам, маҳбусон ба ҷунбуҷӯл даромаданд. Ин камераҳо барои як маҳбус пешбинӣ шудаанд; касоне, ки онҳоро ба нақша гирифта буданд, тасаввур намекарданд, ки дар чунин масоҳати хурд ҳафт нафар маҳбусонро ҷойгир мекунанд.

Ҳангоме ман дидам, ки ҳамроҳикунандагон мераванд, чашмам ба ранги чиркини беж афтод, ки дари металлии вазнинро пӯшонда буд. Ман дарҳол садои ба таври худкор маҳкам шудани қуфлро шунидам. Ман ин садоро дарҳол шинохтам. Ман ин камераро шинохтам. Ман пештар дар ин ҷо будам.

Фақат ин дафъа хоб набуд...




# 8

Гирду атрофамро аз назар гузаронда, ман фикр кардам, ки дар ин камера, ки бараш на зиёда аз дуюним метр ва дарозияш тақрибан чор метр аст, ҳамаи ҳафт нафари мо чӣ тавр зиндагӣ мекунем. Деворҳои манзили нави ман ифлос буданд, дар гирду атроф хашарот— мӯрчаҳо, магасҳо ва пашшаҳо мехазиданд ва парвоз мекарданд.

Ман як дари чӯбини паст ва пӯшиданашавандаро дидам, ки ҳоҷатхона ва душро ҷудо мекард ва бӯйи мағори дар паҳлӯи ин ҳаммом мерӯида ба машомам расид. Душ кор намекард ва ҳоҷатхонаи металлии услуби ғарбӣ занг зада буд. Аз девор шланг мебаромад, ки об дода мешуд ва пас аз чанде ман фаҳмидам, ки он дар як рӯз як-ду бор меояд ва гоҳо як ҳафтаи пурра об намеомад. Ман ҷамъ кардани шишаҳо ва пур кардани онҳоро ҳангоми омадани об ёд гирифтам.

Ягона кати оҳанини зангзадаи чоркунҷа ва мизу курсии дар камера буда ба фазо амиқ дохил шуда буд. Камераро бӯи тоқатфарсое, ки аз баданҳо мебаромад, фаро гирифта буд. Воқеияти вазъияти навро дарк намуда, ман ҳис кардам, ки меъдаам дарун-берун шуд. *«То кадом муддат ба ин тоб оварданам лозим меояд?»* Мардони дар фарш хобида матрасу кампалҳо доштанд. Онҳо ба ҳамдигар ҷафстар шуданд, то ки дар даромадгоҳи ҳоҷатхона барои ман ҷой ҷудо кунанд. Ба ман матрас надоданд ва майкаи тунукам аз хунукии фарши кошии чиркин ҳифз намекард. Ман кӯшиш кардам ба ҷои кампал куртаҳои эҳтиётии худро ба болоямро пӯшонам. Бо як курта қисми бо-

лоии баданамро пӯшондам ва дигареро ба пойҳоям печонидам. Аммо онҳо ба ман барои муборизаи зидди шамолраҳаҳои моҳи декабр кам ёрӣ расониданд. Ман фикр мекардам, ки ба чӣ зудӣ бемор мешавам. Хонаро нури дурахшон мунаввар мекард. Дар бораи зану фарзандонам фикр мекардам.

— *«Онҳо чӣ қадар хавотиранд»*. Ташвише, ки ман ҳис мекардам, ба ман монанди санги вазнин фишор меовард.

Ҳамин тавр, дар ошёнаи сард дар як камераи серодам ва ифлос якпаҳлӯ печида, ман кӯшиш кардам ақаллан якчанд соат бихобам.

* * *

Тахминан соати 04:30 маро *азон*, садои баланди даъвати саҳарӣ ба намоз бедор кард. Он дар ҳабсхона бо нурҳои аввалини субҳ садо дод ва аз камера ба камера паҳн шуда, ҳар мусулмонро барои намоз бедор мекард. Ман дар ҳолати огоҳии баланд будам.

Мардҳои гирду атрофам бархеста, таҳорати саҳариро сар карданд. Ҳамаи онҳо ришҳои дароз доштанд ва танҳо дар он ҷое, ки мӯйлаб бояд бошад, мӯйҳои кӯтоҳ буданд. Чунин одамонро ман пештар дар байни ифротгароён дар дигар кишварҳои мусулмонӣ дида будам. Ман дидам, ки бисёрии онҳо *халабияи* дарозу васеъ, либоси маъмулии мардони арабро пӯшида буданд. Ман дур рафтам, то ки онҳо ба *ибриқи* баланди об, ки дар ҳаммом меистод, дастрасӣ дошта бошанд. Зарфи пластикӣ, ки ҷумаки дароз дошт, тоза ба назар намерасид, аммо медонистам, ки бе ин таҳорати маросимӣ ҳамкамераҳои мусулмонам намози бомдодро адо карда наметавонанд.

— Вақте ки мо намоз мехонем, — гуфт яке аз маҳбусон ба ман ба забони англисӣ, — ту бояд бедор шавӣ ва дар ин ҷо биистӣ. — Вай ба кунҷи дури хона ишора кард.

— Ту наметавонӣ дар пеши назари мо бошӣ.

Ман аз кунҷи ҳуҷра мушоҳида мекардам, ки ҳар як мард ба зарфе, ки то нисфаш об дошт, таъзим мекунад. Ҳар бор онҳо ба фарш хам шуда, чизеро мезаданд, аммо ман аниқ намедонистам, ки чиро. Онҳо ин ҳаракатро беш аз даҳ маротиба такрор мекарданд, дар ҳоле ки ҳуҷраро суханони дуои онҳо фаро мегирифт.

Намозро ба охир расонда, мардон ба матрасҳои худ баргаштанд, зеро ҷой дар ҳуҷра хеле маҳдуд буд. Касоне, ки ба забони англисӣ гап зада метавонистанд, ба ман савол додан гирифтанд.

— Ту аз кадом давлат ҳастӣ ва аз чӣ сабаб дар ин ҷо ҳастӣ?

— Аз Чехия, — ҷавоб додам ман.

— Пас аз сафари чоррӯза ман мехостам Судонро тарк кунам, аммо маро дар фурудгоҳ маъмурони амниятии Судон боздошт карда, ноутбук, камера ва телефони маро низ мусодира намуданд.

— Ту бо чӣ кор машғул ҳастӣ?

Азбаски маълум буд, ки ман аврупоии сафедпӯст ҳастам, медонистам, ки онҳо эҳтимол тахмин мекунанд, ки ман масеҳӣ ҳастам, аммо ман қарор додам, ки дар бораи он чи дар асл дар Судон мекардам, гап назанам, — ки ман ба ин кишвар барои вохӯрӣ бо шубонҳои судонӣ омадаам. Ба ҷои ин ман ба онҳо дар бораи ширкати хусусии машваратии соҳаи тандурустӣ нақл кардам ва фаҳмондам, ки ба Судон ҳамчун сайёҳ сафар мекунам.

— Дар ин ҷо рӯзнома нест, — гуфт яке аз маҳбусон. Аввалин чизе, ки аз хабарҳои охирин ба хотирам омад, ҳамлаи террористии 13 ноябр дар Париж аст, ки камтар аз як моҳ пеш рӯй дода буд. «Дар натиҷаи ҳамлаҳои ҳамоҳангшуда дар ҷойҳои гуногун дар саросари шаҳр, —хабар додам ман, — 129 нафар кушта шуданд». Ман илова кардам, ки масъулияти бомбгузориҳои маргталабона ва тирандозиҳои дастаҷамъиро ДИИШ бар ӯҳда гирифтааст. Ҳозирон ногаҳон хомӯш monданд ва баъд бо нидоҳои «Аллоҳу акбар!» дар камера ғулғула афканд. Ман дар ҳайрат мондам ва нафаси чуқур кашидам. Чашмони ман калон

кушода шуданд. Мардон аз фарш бархостанд ва якдигарро ба оғӯши шодмонӣ гирифтанд. Онҳо бо тантана дастонашонро бардошта, дар ҳуҷраи серодам мерақсиданд, ба китфони якдигар тап-тап зада, табассум мекарданд.

Ман оҳиста ба сӯи девори наздиктарин хазида рафтам, дастонам ногаҳон арақшор шуданд. Қатраҳои арақ дар лаби боло ва пешониям ҷорӣ мешуданд. Ман кӯшиш кардам наларзам. Дар давоми якчанд дақиқа ҳамкамераҳоям муваффақияти амалиёти террористиро дар Фаронса қайд карданд. Ман чунин ҷашнҳои мусулмониро дар телевизион дида будам, аммо таҷрибаи аввалини он ҳайратовар буд. Дар он лаҳзаҳои мудҳиш ман фаҳмидам, ки дар як камера бо ифротгароёни исломӣ зиндонӣ шудаам. Рӯзҳои наздик ман боз ҳам бештар хоҳам фаҳмид — ҳамкамераҳои ман аъзоёни ДИИШ ҳастанд.




# 9

Яке аз ҳамкамераҳои ман барои ба даст овардани касби дорушиносӣ таҳсил мекард. Вай забони англисиро хеле хуб медонист ва ба ман фаҳмонд, ки дар Туркия ҳангоми кӯшиши гузаштан ба Сурия боздошт шудааст. Ӯ ният дошт дар Сурия дониши тиббии худро барои хизмат ба хилофат пешниҳод кунад. Ба зудӣ ман фаҳмидам, ки на танҳо ӯ аз байни ҳамкамераҳоям пайрави ДИИШ аст. Онҳо барои ишора ба «Давлати исломии Ироқ ва Шом» ихтисораи арабии ДИИШ-ро истифода мебурданд.

Агарчи ҳукумати Судон ҳукумати исломии суннимазҳаб аст, он низ намехост афзудани таъсири ДИИШ-ро (ки ҳамчунин мусулмонони суннимазҳаб ҳастанд) дар қаламрави худ бинад. Давлати Башир метарсид, ки агар ба ин гурӯҳ имкон дода шавад, ки беназорат афзун шавад ва мустаҳкам шавад, дар охир он метавонад бо ӯ дар мубориза барои қудрат бар мардуми Судон рақобат кунад. Ҳукумат ҳамчунин барои беҳтар кардани робитаҳои дипломатӣ бо баъзе ҳукуматҳои ғарбӣ кӯшиш мекард. Ҷузъи асосии ин кӯшишҳо хоҳиши ҳамчун «иттифоқчӣ» дар «ҷанги зидди терроризм» дониста шудани Судон буд.

Дар як рӯз панҷ маротиба ман маҷбур будам дар кунҷи камераам истода, мушоҳида кунам, ки ҳамкамераҳои мусулмони ман — ҳама аъзоёни ДИИШ ё ҷонибдорони он — сар хам карда дуо мегуфтанд. Дар мобайни камера дар фарш шишае гузошта шуда буд, ки то нисфаш об дошт, то самти Маккаро нишон диҳад ва онҳо намози худро ба самти рост дуруст «равона карда» тавонанд.

Ифротгароён ҳар саҳар аввалин шуда бархоста, кампалҳои мусулмонони на он қадар фаъолро кашида, онҳоро бо нидоҳои баланд аз хоб бедор мекарданд: «Салоҳ! Салоҳ! Ҳангоми намоз онҳо дар паси дигарон истода, мавқеи онҳоро ислоҳ мекарданд ва ба онҳо нишон медоданд, ки пояшонро ба кадом самт равона кунанд ва чӣ гуна дуруст рукӯъ кунанд.

Ҳангоме ман дидам, ки онҳо дар бораи тафсири дурусти Қуръон дастурҳо медиҳанд, бароям маълум шуд, ки ҳамкамераҳои ба ислом вафодори ман ба радикалӣ кардан ва ба кори худ ҷалб намудани дигарон машғуланд. Ман дар байни раҳм ба ҷонҳои онҳо ва хавотиршавӣ аз нафрате, ки онҳо дар камераи хурди мо мепарвариданд, дудила мешудам. Дар камера се-чор нусхаи Қуръон буд, аз ҳамин сабаб ман гаштаву баргашта хоҳиш мекардам, ки ба ман Библия дода шавад. Одатан посбонон ба ман механдиданд.

Ислом осори санъатро, ки симои инсон ё ҳайвонро тасвир мекунанд, манъ мекунад, аз ҳамин сабаб ҳамкамераҳоям тасвирҳои дар девори камераи мо гузоштаи маҳбусони пештараро бо хамираи гулобиранги дандон мепӯшониданд.

Ба мо ҳеҷ гоҳ ғизои кофӣ намедоданд, ки гуруснагиамонро қонеъ гардонад. Мо хӯрокро якҷоя аз як табақ бо дастони худ гирифта, мехӯрдем. Азбаски бисёре аз судониҳо коғази ҳоҷатхонаро истифода намебаранд ва ҳамкамераҳои ман пас аз истифодаи ҳоҷатхона на ҳамеша дастҳои худро бо собун мешустанд, — қисман аз он сабаб, ки об дар як рӯз танҳо як ё ду маротиба дода мешуд, — ман иштиҳоямро қариб тамоман гум кардам. Ман кӯшиш мекардам, ки онҳоро наранҷонам ва барои худ хӯроке интихоб мекардам, аммо ҳар рӯз ҳис мекардам, ки торафт лоғартар ва беқувваттар шуда истодаам. Барои пешгирии сироят ман баданамро бо ду литр об ва собуни карболии сурх, ки дар ҳабсхона дода мешуд, шустам ва дастҳоямро то ҳадди имкон бештар мешустам. Бӯи ин собун дезинфексияеро ба ёд меовард, ки дар солҳои 60-ум дар бемористонҳои кишвари мо истифода мешуд.

Дар байни ҳамкамераҳои ман на танҳо дорусоз пайрави ДИИШ буд; чанде аз онҳо барои ҷангидан дар сафи ҷиҳодиёни радикалӣ ба Сурия сафар карда буданд. Дигарон ҳам рафтан мехостанд, аммо то ҳол муваффақ нашуда буданд. Онҳо дар ин ҷо дар ҳабсхонаи Хадамоти миллии иктишофи Судон барои радикализм ва содир кардани ҷиноятҳои зиёди дигар зиндонӣ шуда буданд: ивази асъори ғайрирасмӣ, тиҷорати ғайриқонунии силоҳ, тилло ва фурӯши бензин дар бозори сиёҳ.

Дар рӯзҳои офтобӣ аз шуоҳои рӯшноӣ, ки аз тирезаи шишагии чиркин дар зери шифти яке аз деворҳо мегузаштанд, ман худро ором ва тасаллиёфта ҳис мекардам. Агарчи ман саҳни ҳавлиро аз камера дида наметавонистам, аз тиреза манзараи зебое кушода мешуд. Дар рӯзҳои соф саҳарӣ ман қариб понздаҳ дақиқа офтобро медидам ва ин рӯҳи маро шод мекард. Аммо, ҳангоме ки офтоб мавқеи худро иваз мекард, камераро боз соя фаро мегирифт. Ман ҳама вақт хунук мехӯрдам.

Боре ман аз тирезачаи хурди дари камера ба долон нигариста дидам, ки зиндонбон аз он ҷо мегузарад.

— Оё мумкин аст, ки ба ман як кампал диҳед? — дарро кӯфта, таваҷҷӯҳашро ба худ ҷалб карда, пурсидам ман. Вай истод ва нешханд кард.

— Охир, ту аз Чехия ҳастӣ, — гуфт ӯ. — Ту ба хунукӣ одат кардаӣ. Барои ту кампал дода намешавад.

Ман танҳо умедвор шуда метавонистам, ки ҳангоме ягон нафар аз маҳбусон озод шавад, ба ман кампали ифлос ва бадбӯи ӯ мерос мемонад.

Пас аз як ҳафтаи зиндонӣ шуданам марде, ки дар болои кати ягонаи камераамон мехобид, наздам омад. Аҳли хонаводааш ба ӯ як кампали дуюми нав — фланели мулоим бо рангҳои зарду норинҷӣ оварданд — ва ӯ қарор дод, ки онро ба ман диҳад.

— Ин ба ту, — гуфт ӯ бо чашмони ашкбор. Ман аз тӯҳфаи ӯ ба ҳаяҷон омадам ва ҳис кардам, ки эҳсосот дар чашмонам инъикос ёфтааст. Бори аввал аз вақти зиндонӣ шуданам

ниҳоят гармиро ҳис мекунам. Ин иқдоми иродаи нек маро ба ҳайрат овард.

Ҳатто дар чунин вазъияти даҳшатовар Худо ба ман ғамхорӣ ва ёрии Худро хотиррасон кард. Ӯ дуои маро иҷобат кард.

— «Ман чизе надорам, ки дар ивази ин некӣ ба ту диҳам», — гуфтам ба ӯ. — Бароят чӣ хизмат карда метавонам? — Он чизе, ки ӯ гуфт, маро ба ҳайрат овард.

— «Барои ман дуо кун», — пурсид ӯ.

— Оё ман метавонам дуо гӯям, ки ту роҳи ростро ба сӯи Худо ёбӣ?

— Бале, — гуфт ӯ, — лутфан дуо кун, ки ман роҳи ростро ба сӯи Худо ёбам.

Пас аз чор рӯз он ҳамкамераам озод карда шуд ва ман дигар ӯро надидам.

* * *

Соли 2012 Салоҳ Абдулло Ғӯш, директори Хадамоти миллии иктишофии Судон, сохтмони ҳабсхонаи чаҳорошёнаро, ки ҳоло хонаи ман шудааст, назорат мекард. Дар ду ошёнаи боло тақрибан чил камера, дар зери онҳо як ошёнаи офисҳо ва ошёнаи якум барои бозпурсӣ ва шиканҷа пешбинӣ шуда буд. Бинои мураббаъ нисбатан замонавӣ буд, аммо вақте ки маро ба он ҷо оварданд, он аллакай дар ҳолати даҳшатнок буд. Сохтмон дар моҳи ноябри соли 2012 ба охир расид. Ғӯшро дар кӯшиши табаддулот барои сарнагун кардани президент Умар ал-Башир айбдор карданд. Ӯ шаш моҳ дар муассисае, ки худаш созонда буд, маҳбус буд.

Ин ҳабсхонаи хадамоти иктишофотӣ аз рӯи модели бритониёӣ сохта шуда буд ва ба ман гуфтанд, ки унсурҳои филизӣ, аз қабили катҳо, мизҳо ва ҳоҷатхонаҳо ва баъзе масолеҳи дар сохтмони ҳабсхона истифодашуда ҳақиқатан аз Британиё ворид шудаанд. Аммо сифати сохтмон паст буд. Изолятсия намиро

боздошта наметавонист ва гоҳ-гоҳ аз деворҳо об ҷорӣ мешуд. Ҳабсхона кондитсионер дошт, вале ба ман гуфтанд, ки дар моҳҳои тобистон он ҳарорати доимиро нигоҳ дошта наметавонист. Об танҳо барои таҳорати маросимии мусулмонон кофӣ буд, аммо барои душ қариб ҳеҷ гоҳ кифоя набуд.

Гарчанде, ки британиёиҳо ин камераҳоро барои ҳабси яккаса тарҳрезӣ карда буданд, мақомоти ҳабсхонаҳои Судон онҳоро барои ҷойгир кардани шумораи бештари маҳбусон, одатан ҳафт нафар «мутобиқ» карда буданд. Танҳо вақте ки маҳбусон аз Дарфур ва кӯҳҳои Нуба, ки душманони эҳтимолии режими Башир буданд, меомаданд, онҳоро то понздаҳ нафар дар як камера ҷойгир мекарданд.

Пас аз он, ки дигар маҳбусон ба ман хабар доданд, ки ба наздикӣ шумораи маҳбусон зиёд шудааст, ман миннатдор будам, ки мо дар камера «ҳамагӣ» ҳафт нафар ҳастем.

Ҳар боре, ки ман сафар мекардам, бо худ як шиша доруи дарди сар — омехтаи аспирин, асетаминофен ва кофеин мебурдам. Кормандони ҳабсхона аз афташ онро аз ҷомадонам ёфта, ба хулосае омаданд, ки ман бояд мунтазам миқдори муайяни ин доруро истеъмол намоям. Ғамхории зиндонбонон аз он, ки ман ҳар рӯз вояи худро истеъмол намоям, ба назари ман хеле хандаовар менамуд — ба ҳар ҳол, истеъмоли мунтазами ин дору эҳтимолан назар ба фоида бештар зарар оварда метавонад.

Аммо, азбаски аз боиси беобӣ ҳар саҳарӣ сарам дард мекард, ҳар рӯз, вақте ба ман як доруи дарди сар меоварданд, итоаткорона онро фурӯ мебурдам. Ман «Имодиум» ва «Малярон» (доруи зидди табларза)-ро, ки дар ҷомадонам ёфта буданд, барои истифодаи оянда пинҳон карда мондам, агар ба ман ин доруҳо ҳақиқатан даркор шаванд. Қонунгузории Судон ба Хадамоти миллии иктишоф ҳақ медиҳад, ки шаҳрвандон бе мурофиа ё баровардани ҳукм ба муддати мухталиф боздошт карда шаванд. Масалан, ивазкунандагони пул ва қочоқчиёни тиллоро

ба муддати чор моҳ боздошт кардан мумкин аст. Тарафдорони ДИИШ, чун ҳамкамераҳои ман, то як сол дар ҳабсхона нигоҳ дошта шуда метавонанд.

Ҳар рӯз ман ҳикояҳои онҳоро гӯш мекардам ва фурсат меҷустам, ки ба онҳо дар бораи муҳаббати Исо нақл кунам. Рӯзе чанд нафар дар бораи шубонҳо аз Иёлатҳои Муттаҳидаи Амрико, ки мусулмонон тавонистаанд онҳоро ба дини ислом бовар кунонанд, гап заданд. Дар баъзе кишварҳои Аврупо ва Шарқи Наздик як гибриди аҷиби синкретии масеҳият ва ислом, ки баъзан *«хрислам»* номида мешавад, паҳн шудааст.

— Ана ин дини ҳақиқӣ аст, — гуфт ҳамкамераи ман, узви ДИИШ.

Албатта, баъзе масеҳиён, аксар вақт масеҳиёни номиналӣ, аз олами боло таваллуднашуда, қарор медиҳанд, ки принсипҳои исломро риоя кунанд. Бо вуҷуди ин, ман медонам, ки бисёре аз мусулмонони дигар — садҳо ҳазор нафар дар кишварҳои ҷаҳон — Муҳаммадро тарк карда, ҳоло аз пайи Исои Масеҳ мераванд. Ман намехостам баҳсро сар кунам, аммо умед доштам, ки ақаллан тухме мекорам, ки ҳамкамераҳоямро ба андеша водор намояд.

— Ман одамони дигарро, масеҳиёни далерро аз Нигерия мешиносам, — ҷавоб додам ман ва Моника ном зани ҷавонро ба ёд овардам.

Моҳи июли соли 2009 Моника ва шавҳараш дар шаҳри Майдугурӣ дар шимоли Нигерия бо мотосикл равона буданд. Рӯзи панҷшанбе буд ва онҳо барои омӯзиши Китоби Муқаддас ба калисо мерафтанд. Аммо ҳангоми ҳаракати онҳо ҷангҷӯёни исломии ниқобпӯш, ки дар тан либоси низомии камуфляжӣ доштанд, кӯчаро пур карда, роҳи онҳоро бастанд. Мардон бо ханҷарҳои дарозу тез ва автоматҳо мусаллаҳ буданд. Моника ва шавҳараш медонистанд, ки ин одамон аъзоёни Боко Ҳарам, як гурӯҳи террористии ҷиҳодӣ ҳастанд, ки дар шимоли Нигерия бедодгариҳо мекунанд.

— Шумо пайрави кадом дин ҳастед? — яке аз силоҳбадастон, ки дар даст мачете дошт, ба пеш қадам монда, бо таҳдид пурсид.

— Мо масеҳӣ ҳастем, — далерона ҷавоб доданд Моника ва шавҳараш.

— Шумо метавонед бо мусулмон шудан ҷони худро наҷот диҳед, — пешниҳод кард ҷангҷӯ.

— *Калимаи шаҳодатро* такрор кунед, — таъкид кард ӯ, ки эътирофи имони мусулмониро дар назар дошт. Аммо ду нафар масеҳиён қатъиян рад карданд.

— Мо масеҳӣ ҳастем, — гуфтанд онҳо — ва мо масеҳӣ мемонем.

Яке аз силоҳбадастони «Боко Ҳарам» мачетеашро боло бардошт ва бо се ҳаракати босуръат сари шавҳари Моникаро аз танаш ҷудо кард. Зан чун фаҳмид, ки шавҳараш мурд ва дигар ба ӯ ёрӣ расонда наметавонад, гурехт. Мардон ӯро таъқиб карда, бо мачетеи тез тахтапушташро захмдор карданд. Дере нагузашта вай дар китфаш дасти вазнинеро ҳис кард. Вай дастгир шуд.

Силоҳбадасти хашмгиншуда занро гирифта, гулӯяшро бо мачете захмдор кард. Моника ба замин афтод. Аз гарданаш хун ҷорӣ шуд ва дар давоми якчанд сония аз ҳуш рафт. Мардон гумон доштанд, ки ин зан низ мурдааст, ҷасади ӯро ба чуқурӣ партофтанд ва ӯ дуюним соати дигар дар он ҷо буд. Ҳангоме ки Моника дар чуқурӣ беҳуш буд, ӯ дар атроф мавҷудоти осмониро дид, ки либосҳои сафед дар бар доштанд.

Ниҳоят полиси деҳот барои шинохтани қурбониёни ҳамлаи навбатии «Боко Ҳарам» ва дафн кардани ҷасадҳо расида омад. Онҳо ба ҷасади Моника наздик шуда, ӯро аз чуқурӣ бароварданд. Боиси ҳайрати онҳо буд, ки вай меҷунбид. Бо истифодаи забони имову ишора Моника об пурсид. Яке аз кормандони полис ба ӯ як ҷуръа об дод, аммо об аз ҷои буридашудаи гулӯяш ҷорӣ шуд.

Кормандони полис Моникаро ба беморхонаи маҳаллӣ бурданд, ки дар он ҷо ӯро якчанд ҷарроҳӣ карданд. Духтурон трахеотомия карда, дар гулӯяш дастгоҳеро гузоштанд, ки ба ӯ имкон медод нафас кашад. Сӯрохи дастгоҳро бо ангушти худ пӯшида, зан ҳатто пичирросзанон гап зада метавонист.

Ман он вақтеро, ки бори аввал бо Моника вохӯрдам, хуб дар ёд дорам. Ба ман аз ҷониби «Садои риёзаткашон» супориш дода шуда буд, ки бо ӯ вохӯрам ва муайян кунам, ки мо ба ӯ кадом ёрии тиббии таъсирбахштаринро расонида метавонем. Ман аз қиссаи куштори шавҳари Моника ва ҳамлаи бераҳмона ба худаш ва аз ҷасорате, ки ҳар дуи онҳо бо он дар борaи имони худ ба Масеҳ эълон карданд, хеле мутаассир шудам. Ҳамкорам аз клиникаи Майои ИМА таърихи тиббии Моникаро меомӯхт ва ман барои мусоҳиба бо ӯ саволҳо тайёр мекардам ва ҷароҳатҳои ӯро дар камера сабт менамудам. Ман бори вазнинеро бар дилам ҳис мекардам ва бо тамоми қувват кӯшиш мекардам барои сар кардани мусоҳиба саволи дуруст пайдо кунам.

Ниҳоят, ман ҷуръат кардам, ки ба ӯ як саволи оддӣ диҳам:

— «Моника, — пурсидам ман, — муносибати ту бо Худованд чӣ гуна аст? Пас аз ин ҳодисаҳои мудҳиш онҳо чӣ гуна тағйир ёфтанд?»

Ман ҷавоби ӯро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Моника пеш аз ҷавоб додан нафаси чуқур кашид ва баъд бо ангушти ишорат сӯрохи дастгоҳеро, ки дар гулӯяш гузошта шуда буд, пӯшид, то ҳаво аз садопардаҳои осебдидааш гузарад. Ниҳоят, вай бо овози хирросӣ, ки бо дастгоҳ тақлиди овоз карда шуда буд, пичиррос зад: — «Ман нигоҳи худро ба абадият равона мекунам». Вай ангушташро гирифта, боз як нафаси чуқур кашид ва давом дод:

— «Ман чашмонамро ба Исо менигаронам».

Моника нафасгир шуда ва хирросзанон ба ман гуфт, ки пеш аз ҳамла ӯ худро ва шавҳарашро масеҳиёни ба қадри кофӣ «хуб» меҳисобид. Аммо, ба гуфтаи вай, ба харидани либосҳои нав аз ҳад зиёд аҳамият медод. Вай ҳамчунин барои харидани

мошин ё хонаи хуб пул ҷамъ мекард. Ҳоло, пас аз марги шавҳараш ва наҷоти мӯъҷизаосои худ, вай мехост тамоми ҳаёташро ба хизмати Исо бахшад. Ва чанде пас аз ҷарроҳии охирин, Моника ҳамроҳи «Садои риёзаткашон» иҷрои хизмати хатарнок ва далеронаро сар кард, то ба бевазанони дигар, ки шавҳарони худро аз дасти ҷангҷӯёни Боко Ҳарам аз даст додаанд, ёрӣ расонад. Аллакай ду маротиба ба «Садои риёзаткашон» лозим омад занеро, ки ҳаёташ дар хатар буд, ба ҷои дигар кӯчонад.

Ман мехостам, ки ҳамкамераҳоям қиссаи Моникаро шунаванд, зеро он шаҳодати пурқуввати имон ба Исои Масеҳ аст. Барои ҳамин ман инро ба онҳо гуфтам. Ҳангоме ман нақл кардам, ки чӣ тавр сари шавҳари Моникаро буриданд, аъзоёни ДИИШ, ки дар камераи ман буданд, суханонамро буриданд.

Доруфурӯш, як ҷавони бомаърифат ва духтари хурдсол дошт, хандаи даҳшатнок, сангдил ва хурсандии ваҳшиёна кард, ки ман ҳеҷ гоҳ такрор карда наметавонам ва намехоҳам. Аз он вақт инҷониб ман қарор додам, ки ба ҳамкамераҳои худ, ифротгароёни ДИИШ, дар бораи таъқиби масеҳиён чизе нагӯям. Ин зан, ки шавҳараш бо чунин тарзи даҳшатовар кушта шуда, худаш ҷароҳати вазнин бардошта буд, сазовори ақаллан камтарин ҳамдардии инсонӣ буд, аммо ин ҷавонони босавод хандида фарёд мезаданд: «Аллоҳу акбар!»

* * *

Бевақтии шаб ман шунидам, ки ҳамкамераҳоям дар ҳаққи муҷоҳидон дар Либия, Ироқ ва Сурия дуо мегуфтанд. Онҳо ба забони арабӣ сухан меронданд, аммо ман ба қадри кофӣ калимаҳо ва ибораҳоро мефаҳмидам, то дуоҳои онҳоро фаҳмам. Онҳо аз Худо комёбӣ ва ҳусни таваҷҷуҳ дархост мекарданд, аммо ин дуоҳо монанди дуоҳои азёдшудаи ҳамешагӣ набуданд. Ин дуоҳои шахсӣ буданд, ки онҳо бо суханони худ баён мекарданд.

Дафъаи дигар маро бо садои атса задани дорусоз бедор кард, ки аз боиси гирифтагии бинияш хоб карда наметавонист ва қарор дод вақтро дар дуо гузаронад. Ӯ зону зада, дастонашро ба осмон бардошта буд ва аз чашмонаш ашкҳо мерехтанд. Ӯ бо овози паст барои озод шудан дуо мегуфт, то ки бо оилааш дубора муттаҳид шавад. Дар шабҳои баъдина аъзоёни дигари ДИИШ аз хоб бедор шуда, ба ҳамин монанд дуоҳо мегуфтанд, ва бо суханони худ аз Аллоҳ дархостҳо менамуданд.

Ман аз ин нишонаҳои нармӣ дар ҳамкамераҳоям ҳайрон будам ва дилам мехост, ки онҳо Худоро шиносанд. Дар дигар кишварҳо, аз қабили Миср, ман бо собиқ мусулмонони ифротӣ вохӯрда будам, ки имон оварда буданд. Дидани осебпазирӣ ва одамигарии ин ифротгароёни ДИИШ ба ман умед бахшид ва ман қарор додам дуоҳоямро ба он равона намоям, ки аз Исои Масеҳ хоҳиш кунам, то Худро ба онҳо ҳамчун Худованд, Наҷотдиҳанда ва Худо нишон диҳад. Рӯзҳои дарднок паси якдигар мегузаштанд. Ман ҳамеша аз худ мепурсидам, ки оё Худо дилҳои ҳамкамераҳои маро дигар мекунад, ё ман дар ин ҷо, дар камераи ҳабсхонаи Судон аз дасти онҳо осеб хоҳам дид?




# 10

Якуним ҳафта пас аз боздоштам ба ман ҳанӯз иҷозат надода буданд, ки ба сафорати Чехия дар Қоҳира ё ба аҳли оилаам ба ватан дар Чехия занг занам. Ман танҳо метавонистам интизор шавам ва дуо кунам. Интизорӣ як ҷузъи калидии стратегияи ба даст овардани иттилоот дар Хадамоти миллии иктишофӣ буд. Онҳо фикр мекунанд, ки ҳар қадар бештар интизор шуданатон лозим шавад, эҳтимолияти ба саволҳои онҳо ҷавоб додани шумо ҳамон қадар бештар мешавад. Барои ман барин маҳбуси нав интизорӣ шиканҷаи тоқатфарсо буд. Даҳ рӯз мисли абадияти беохир менамуданд. Фикрҳо дар бораи Ванда ҳар як ҳуҷайраи майнаамро пур карда буданд. Ман медонистам, ки вай барои ман хавотир аст.

«Оё вай умуман медонад, ки ман дар куҷоям?» Ман кӯшиш мекардам фикрҳоямро сӯи худо гардонам, дуо гӯям ва интизори баргаштан ба хонаам бошам.

Бозпурсии навбатии ман ба 20-уми декабр таъйин шуда буд. Маро аз камера ба ошёнаи якуми ҳабсхона бурданд. Дар он ҷо маро шахсе интизор буд, ки ман аллакай бо ӯ шинос будам, ӯ яке аз мансабдорони баландпояи Хадамоти миллии иктишофи Судон буд, ки пас аз боздошт ба фурудгоҳ омада буд. Вай забони англисиро медонист ва барои қабули қарори ниҳоӣ оид ба ман даъват шуда буд. Ман интизор будам, ки ӯ ба ман дар бораи шубон Ҳасан, бародар Мунъим ва мусулмони ба масеҳият рӯ оварда, ки ман бо ӯ мусоҳиба карда будам, савол медиҳад. Аммо бо назардошти далелҳое, ки хадамоти иктишоф ҳангоми назорати ман ба даст оварда буданд, дар якҷоягӣ бо суратҳо ва

видеоҳои корти SD-и камераи ман, зоҳиран ӯ саволҳо доданро зарурат наҳисобид.

Муфаттиш ба ҷои он, ки маро бозпурсӣ кунад, ба ман як варақи коғаз дод. Ман аз дидани матни кӯтоҳе, ки бо забони англисӣ навишта шуда буд, ҳайрон шудам. Ман зуд матнро аз назар гузарондам ва ба чашмони худ бовар накардам — ниҳоят ман метавонам ба оилаам занг занам!

Аз лаҳзае, ки дар фурудгоҳи Хартум боздошт шудам, илтимос мекардам, ки ба ман имконияти занг заданро ба аҳли хонаводаам диҳанд. Зану фарзандонам намедонистанд, ки ман дар куҷоям, дар бораи бо ман ягон робита пайдо кардан бошад, ҳоҷати гап ҳам нест. Дар охир ман метавонам ба онҳо бигӯям, ки аҳволи ман хуб аст! Ҳангоме ки диламро ҳиссиёти шодӣ ва сабукии комил фаро гирифт, он сахт тапидан гирифт ва варақи коғаз дар дастам ларзид.

Муфаттиш телефонро ба ман дод ва ман ягона рақамеро, ки дар ёдам буд, рақами телефони мобилии занамро чиндам. Ман ҳамагӣ сӣ сония доштам, ки калимаҳоро аз хатчаи ба ман додашуда хонам. Зиёда аз он ба ман иҷозат дода нашуда буд, ки чизе гӯям.

—Танҳо ба забони англисӣ, — таъкид кард афсар. — Танҳо бо забони англисӣ!

Рақам гирифта шуд ва ман садои зангро шунидам.

— Ин рақами зани ман аст, — гуфтам ба ӯ, — ӯ забони англисиро намедонад.

— Ӯ метавонад телефонро ба духтари мо диҳад.

Вақте ки занг қабул шуд, ман овози Вандаро шунидам.

— Ин ман ҳастам, — ман зуд ба чеҳӣ гуфтам, — аммо ман бояд танҳо бо забони англисӣ гап занам.

— Ин туӣ, Петр? — хитоб кард вай ва дарҳол телефонро ба Вава дод. Ман матнро аз варақ хондам.

— Аҳволи ман хуб аст, — гуфтам ман. Ман медонистам, ки овозам меларзад ва хостам онро ором кунам.

— Каме нофаҳмӣ ба миён омад ва ман боздошт шудам, аммо ман кӯшиш мекунам, ки ба зудӣ занг занам.

— Мо бо сафорати Қоҳира робита кардем, — гуфт духтарам, — ҳама барои ту дуо мекунанд.

— Аҳволи ман хуб аст, — такрор кардам ман.

— Ман кӯшиш мекунам ба зудӣ занг занам.

Дар охири сонияи сию дуюми занг ман аз варақ хонданро бас кардам.

— Ман туро дӯст медорам, — гуфтам ман.

Ман гиряи Вавbooро шунидам ва дилам танг шуд.

Ба ман ишора карданд ва ман бо дили нохоҳам зангро қатъ кардам. Занг барои қонеъ кардани иштиёқи амиқе, ки ба оилаам доштам, кофӣ набуд, аммо ақаллан акнун онҳо медонистанд, ки ман зиндаам. Ҳангоме ки онҳо маро бозпас ба камераам burданд, ман ҳис кардам, ки синаам танг шуда, чашмонам аз ашк пур мешаванд.

* * *

Рӯзи дигар, 21-уми декабр, дар камераи ман зиндонбон пайдо шуд ва гуфт, ки ба назди ман меҳмон омадааст. Ин хабари ғайричашмдошт маро ба ҳайрат овард. Ба меҳмон иҷозат надоданд, ки бо ман дар бинои ҳабсхона вохӯрад, бинобар ин онҳо маро барои ба ҷои дигар бурдан тайёр карданд. Ҳангоме ки ба дастону пойҳоям занҷирҳои вазнин бастанд, дар ман ҳисси некбинӣ ва умед пайдо шуд.

Маро ба берун ба сӯи микроавтобус бурданд ва ман бепарво ба мошин нишастам ва аз паси ман — шаш нафар: ду нафар бо АК-47 ва чор нафар бо силоҳҳои дигар. Мо ба сафари 45 дақиқагӣ ба сӯи бинои «Маҳфили миллӣ», маркази махсуси Хадамоти миллии иктишофи Судон дар Хартум, ки бо боғҳои хушманзара иҳота шудааст, раҳсипор шудем. Завлона банди дастонамро озор медод. Ба назар чунин менамуд, ки маро маҳбуси баландпоя меҳисобанд.

Эҳтимол, кормандони хадамоти иктишофӣ огоҳ шуда буданд, ки намояндаи шӯъбаи консулии сафорати Чехия меояд, аз ҳамин сабаб як рӯз пеш иҷозат доданд, ки бо телефон бо аҳли хонаводаам робита кунам. Онҳо вазифадор буданд, ки ба консул хабар диҳанд, ки ба ман иҷозат дода шудааст бо оилаам робита кунам.

Ҳангоме ки мошин ниҳоят бозистод, посбоне, ки дар паҳлӯям нишаста буд, маро ба дохили бино ҳамроҳӣ кард. Ӯ завлонаро, ки дар банди дастонам пайҳои дарднок боқӣ гузошта буд, кушода гирифт.

Намояндаи сафорат як марди сафедпӯсте буд, ки дар тан костюм ва галстук дошт. Ӯ Штепан Слама ном мансабдоре буд, ки барои баррасии парвандаи ман аз ҷониби ҳукумати Чехия таъйин шуда буд. Ӯҳдадории ӯ истиқомат дар Қоҳира ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандони кишвар буд, ки дар ин минтақа мебошанд. Ӯ махсус барои вохӯрӣ аз Миср омада буд.Ҳангоме ман фаҳмидам, ки ӯ кист, чунон хурсанд шудам, ки гиря кардам ва ҳангоме фаҳмидам, ки мо метавонем тамоми суҳбатро ба забони чехӣ гузаронем, боз ҳам бештар ба ҳаяҷон омадам.

— Аҳли оилаи шумо аз боздошт шуданатон бохабар аст, — гуфт ҷаноби Слама бо боварӣ, — бо онҳо ҳама чиз хуб аст.

Ман нафаси амиқ гирифтам ва ба ӯ дар бораи суратҳо ва видеоҳое нақл кардам, ки хадамоти амнияти Судон аз диски сахти берунии ман барқарор карда тавонистааст, хусусан видеое, ки дар кӯҳҳои Нуба гирифта шудааст. Ман донистанӣ будам, ки ин чиз вазъиятро чӣ гуна мушкилтар мекунад, бинобар ин бо алифбои чехӣ калимаи «Нуба»-ро барои ӯ бо диққат навиштам. Вай гуфт, ки Хадамоти миллии иктишофи Судон дар давоми як моҳ парвандаи маро ба додгоҳ месупорад ва мувофиқи маълумоти пешакӣ, маро ба қочоқи пӯсти паланг айбдор мекунанд.

Ман бар ин айбномаи бемаънӣ ва шубҳанок хандидам. *«Оё дар Судон умуман палангҳо ҳастанд?»*

Дар вақтҳои охир ҳукумати Судон бар зидди як миссионери швейтсариягӣ, якчанд амрикоиҳо ва як шубони кореягӣ, ки чанде пеш дар ин кишвар барои фаъолиятҳои гуногуни масеҳӣ боздошт шуда буданд, айбномаҳо эълон карда буд. Ин айбномаҳо, ба ман фаҳмонд ҷаноби Слама, дар давоми се-чор моҳ бекор карда шуданд. Ман аз шунидани ин хеле хурсанд шудам. Аммо, ин маънои онро дошт, ки ман эҳтимол то Мавлуди Исо ба хона намеравам ва онро бо оилаам ҷашн намегирам.

Аз он даме, ки даҳ рӯз пеш ба ҳабсхонаи хадамоти иктишофӣ афтодам, системаи ҳозимаам вайрон шудан гирифт. Азбаски дар ҳабсхона бо ифротгароёни ДИИШ будам, ҳатто пурра ба ҳоҷатхона рафта наметавонистам ва шикамам дард мекард. Пас аз анҷом ёфтани вохӯрӣ ман аз боздид бо намояндаи сафорат рӯҳбаланд шуда, аз Маҳфили миллӣ берун шудам.

Вай хайрхоҳ ва меҳрубон буд ва кӯшиш мекард маро ором намояд ва дар айни ҳол интизориҳои воқеиро нисбати парвандаи ман баён менамуд ва ман худро хеле сабук ҳис кардам. Фаҳмидани он хеле хуб буд, ки акнун ман танҳо нестам. *«Ҳукумати Чехия аз боздошт шудани ман огоҳ аст ва он барои ман мубориза мебарад»*.

Ман ба камера баргаштам ва бори аввал дар давоми ёздаҳ рӯз ниҳоят ақл ва ҷисмам истироҳат карда тавонистанд.

* * *

Ҷаноби Слама огоҳ кард, ки озод шудани ман шояд се моҳ ба таъхир мемонад, аммо бо наздик шудани арафаи Соли нав овозаҳо дар тамоми ҳабсхона паҳн шуданд, ки ба қарибӣ Хадамоти миллии иктишофи Судон таҳия намудани рӯйхати маҳбусонро сар мекунад, ки ба шарафи шастсолагии солгарди истиқлолияти кишвар афв хоҳанд шуд.

Аз рӯи овозаҳо, аввал хориҷиёнро ва баъд касонеро, ки дар ҷиноятҳои сабук айбдор кардаанд, озод карда мешаванд.

Шоми 23-юми декабр садои кушода шудани дари камераро шунидам. Ман эҳсос намудам, ки вуҷудамро адреналин фаро гирифт ва дар дилам умеде пайдо шуд. *«Оё онҳо дар ҳақиқат маро озод мекунанд? Оё ман ба зудӣ ба хона меоям?»*

Ман бесаброна мунтазири кушода шудани дар будам, вале бо ноумедии зиёд дидам, ки дар долон як маҳбуси нав меистод. Ман аз фикри озод шуданам ба ҳаяҷон омада будам, аммо акнун рӯҳафтода шудам. Маҳбуси нав ба одамони гирду атрофаш нигарист ва нигоҳаш ба ман афтод. Ман зуд фаҳмидам, ки ҳаёт дар камераи мо дигар мешавад.

Қомати Абдулборӣ аз як метру панҷоҳ сантиметр зиёд набуд, вале вазнаш камаш яксаду бист килограмм менамуд. Ӯ чашмони сард, мӯйи сиёҳ ва риш дошт. Вай ба забони англисӣ бо лаҳҷаи хуши бритониёӣ хеле хуб ҳарф мезад. Ман ба зудӣ дар бораи гузаштаи ӯ фаҳмидам. Вай қочоқчӣ ва фурӯшандаи силоҳ буд, ки дар Арабистони Саудӣ ба воя расида, дар донишгоҳи Британияи Кабир таҳсил кардааст. Ӯро дар шаҳри Хартум бо гумоне боздошт карданд, ки ӯ раҳбари як гурӯҳи қочоқи аслиҳа аст. Вай аз он ифтихор дошт, ки ба ифротгароёни ДИИШ дар Аврупо силоҳ мефурӯхт. Вай дар Судони Ҷанубӣ пулемётҳоро ба маблағи дусад доллар харида, дар Британияи Кабир ба маблағи панҷ ҳазор фунт стерлинг мефурӯхтааст. Ин тиҷорати сердаромад ӯро ба қароре водор намудааст, ки IT-соҳибкории муваффақиятноки худро дар Бритониё тарк карда, ҳаёташро ба он бахшад, ки ифротгароёни ДИИШ-ро дар Аврупо бо силоҳ таъмин намояд.

Дар аввал ӯ ба ман муносибати дӯстона намуда, номамро пурсид ва аз аҳволи боздошт шуданам пурсон шуд. Аммо ваҷоҳати ӯ, хайрхоҳии аз ҳад зиёд ва тарзи гуфтугӯи ӯ маро ба фикре водор намуданд, ки ӯ дар дил кадом як нияте дорад.

Дере нагузашта ман аз як ҳамкамераи дигарӣ фаҳмидам, ки Абдулборӣ махсус хоҳиш кардааст, ки ӯро ба камераи ман интиқол диҳанд.

* * *

Субҳи 24-уми декабр ман соати 3-и шаб аз он бедор шудам, ки дастам дар кӯлмаки об буд ва кампалу либосам тамоман тар буд. Ман медонистам, ки дар камераи ман оби равон нест, аз ҳамин сабаб шояд дар ягон лаҳза шабона лӯлаи об кафида бошад. Ба гирду атроф нигариста дидам, ки фарши нимаи камераро об зер кардааст.

Ман аз умедвории амалинашудаи ҳарчи зудтар аз ҳабсхона озод шудан он қадар ноумед шуда будам, ки акнун, ки интизориҳоям барбод рафтанд ва оилаам он қадар дур буд, гиряро сар кардам ва хомӯшона ба Худованд шиква намудам.

Маҳз ҳамон вақт, дар лаҳзае, ки ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, симои Данюма ном бача пеши назарам ҷилвагар шуд.

28-уми январи соли 2015 исломгароёни радикалӣ ба деҳаи хурди масеҳии Нанкво дар шимоли Нигерияи ҷангзада ҳамла карданд. Ҳангоми ҳамла Данюма Шакараи 13-сола, як писарбачаи оддии Нигерия дар деҳа буд. Ӯ бо модари бевааш зиндагӣ мекард ва бо дӯстон моҳидорӣ ва бозӣ карданро дӯст медошт. Аммо соати 6-и саҳарии чоршанбе ҳаёти Данюма абадан дигаргун шуд. Ӯ аз садои тир бедор шуд ва беш аз ҳазор ифротгарои мусаллаҳ бо либоси чӯпонӣ бо пуштибонии ҷангиёни Боко Ҳарам вориди деҳаи ӯ шуданд ва оташ задани хонаҳо ва куштани масеҳиёнро сар карданд. Данюма кӯшиш кард гурехта, ҳаёташро наҷот диҳад, вале аз дасти ҷангҷӯёне, ки бо мачете мусаллаҳ буданд, гурехта натавонист. Онҳо писарбачаро дастгир карда, рӯйи ӯро захмдор карданд ва чашми росташро кӯр карданд, дасти чап ва узвҳои ҷинсияшро буриданд.

Дар натиҷаи бераҳмии даҳшатовар бисту се нафар кушта шуданд ва сию ҳашт нафар захмдор гардиданд. Ҷароҳатҳои Данюма чунон вазнин буданд, ки мардуми деҳа аз назди ҷуссаи маъюбшудаи ӯ гузашта, гумон мекарданд, ки ӯ мурдааст. Онҳо барои ӯ қабр кофтанд. Аммо ба шарофати марҳамати Худо ва мӯъҷизаи

бузурги ӯ Данюма зинда монд. Ӯ ба ҳуш омад ва гиря карда, ба ёрӣ даъват кард. Ҳамдеҳаҳо шитобон ӯро ба шаҳри наздиктарин, ки аз деҳа қариб бисту панч километр дуртар вокеъ аст, бурданд ва дар он ҷо ба ӯ ёрии тиббӣ расонда шуд. Ва баъди се моҳ Данюмаи маъюб табассуми нурониашро пинҳон карда наметавонист. Ҷавони масеҳӣ ба ҳамлагаронаш нафрат надошт. — «Ман онҳоро мебахшам, — гуфт ӯ, — зеро онҳо намедонанд чӣ кор мекунанд».

Бо ёрии «Садои риёзаткашон» якчанд амалиёти ҷарроҳиро аз сар гузаронда, Данюма ба назди модараш баргашт. Аммо акнун ҳаёти ӯ аз пештара тамоман фарқ дорад. Аз қисми поёнии шиками ӯ катетери доимӣ бароварда шудааст, то ки пешобаш дар халтае, ки бо худ мегардонад, резад. Ба ҷои он, ки ҳангоми ҳамлаи зидди масеҳиён мурад, Данюма зинда монд, то ба дигарон дар бораи Исо нақл кунад. Қабри ӯ, мисли қабри Наҷотдиҳандааш, ҳанӯз холӣ аст.

Дар ҳуҷраи пуроб истода, ман Данюмаро медидам ва ӯ табассум мекард. Рӯҳияи ӯ чунин буд. Ман дар бораи он ваҳшониятҳое, ки ӯ аз сар гузарондааст, фикр мекардам ва ногаҳон аз шикоятҳое, ки дар умқи дил ниҳон карда будам, шарм доштам. Дер ё зуд ман ба хона бармегардам ва боз зиндагии осуда мебинам, аммо Данюма, шояд, акнун то марг ва эҳё дида наметавонад. Аз ҳамин лаҳза ман ҳар рӯз дар ҳаққи Данюма дуо гуфтанро сар кардам.

* * *

Ман ва ҳамкамераҳоям шаби Мавлуди Исоро бо тоза кардани камера ва хушк кардани чизҳои худ гузарондем. Ман шод будам, ки ин фаъолиятҳо диққати маро ба худ ҷалб карданд ва имкон доданд дар бораи чизи дигаре фикр кунам, ба ғайр аз он, ки аҳли оилаам дар Чехия якҷоя Мавлуди Исоро, рӯзи ҷашн ва парастишро, ки масеҳиён тамоми сол онро интизор мешаванд, ҷашн мегиранд.

Аз фикр дар бораи он, ки аҳли оилаам таваллуди Масеҳро бе ман ҷашн мегиранд, ман нотавонӣ ва танҳоиро эҳсос намудам. Ин аввалин Мавлуди Исо дар ҳаётам буд, ки ман ҷудо аз зану фарзандонам гузаронидам. Ҳангоме ки камераро тоза мекардам, ба ёдам оҳангҳои сурудҳои солинавӣ меомаданд, ки падарам ба ман дар хурдсолиям таълим медод.

Ин оҳангҳо муддате маро рӯҳбаланд мекарданд, аммо ҳангоме ки онҳо шуурамро бо хотираҳо оид ба аҳли оилаам пур карда, маро ашкбор кардан гирифтанд, ман онҳоро мисли обе, ки камераро пур карда буд, аз майнаам рӯфта партофтам.




# 11

Дар хона дар Чехия зану фарзандонам бо он воқеият рӯ ба рӯ шуданд, ки ҳангоми набудани ман онҳо бояд идоракунии молияи оилаамонро ёд гиранд. Бо вуҷуди ин, ҳоло як чизи муҳимтар диққати Вaваро ба худ ҷалб карда буд. Дар сари миз нишаста, ба модараш дар пур кардани расидҳо ёрӣ расонда, Вава дар ноутбуки худ аккаунти скайпро кушод ва дид, ки ман онлайн ҳастам.

— «Ин туӣ?» — зуд навишт вай. Ҳеҷ кас ҷавоб надод, аммо Вава медонист, ки касе паёми ӯро аз назар гузаронд.

— «Оё ман метавонам бо падарам гап занам?» — пурсид вай. Бо вуҷуди ин ҳеҷ ҷавобе набуд.

— «Ин падари ман аст. Оё ман метавонам бо ӯ гуфтугӯ кунам?» — такрор кард вай.

Вава гумон дошт, ки касе ба аккаунти скайпи ман даромадааст ва паёмҳои онро мехонад; Ногаҳон ларзае ба тахтапушташ рафт. Агар одамрабоёни ман ба аккаунти ман дастрасӣ пайдо карда тавониста бошанд, онҳо *боз* кадом маълумоти дигарро ба даст оварда метавонанд?

Вай аз назди миз ҷаста хест ва айпади маро гирифт, ки ба ӯ ҳам ба аккаунти скайп ва ҳам аккаунти почтаи электронии шахсии ман дастрасии автоматӣ медиҳад ва кӯшиш кард пароли маро иваз намояд. Ванда абрӯ чин карда, бо ташвиш ба Вава менигарист. Вава ба истиноде рафт, ки имкон медиҳад пароли фаромӯшшуда иваз карда шавад ва пас аз чанд сония ба почтаи электронии ман паём дар бораи тағйир дода шудани маълумоти бақайдгирӣ омад.

Ҳоло аҳли оилаам аккаунти маро онлайн назорат мекарданд. Дере нагузашта, дар почтаи электронии ман огоҳии худкор пайдо шуд, ки касе кӯшиш кардааст пароли скайпи маро бори дуюм иваз кунад. Ин дафъа паём *ба забони арабӣ буд!*

* * *

Аксари посбонони ҳабсхонаи Хадамоти миллии иктишофот аз маҳбусони марбут ба ДИИШ метарсиданд ва ба онҳо имтиёзҳои махсус дода буданд, аз қабили хабаргирӣ дар камераҳои якдигар.

Дар арафаи Соли нав маҳбусон бесаброна интизор буданд, ки президент Башир баъзе касонеро, ки бо парвандаҳои ғайрисиёсӣ мегузаштанд, афв мекунад. Дар камераи мо фазои дӯстона ҳукмфармо буд, зеро ҳамаи мо дар бораи шодии озодшавӣ дар арафаи Соли Нав фикр мекардем. Абдулборӣ маро бовар мекунонд, ки ба камераи мо гузаштани ӯ ба идҳо вобастагӣ дорад, аммо ман тахмин мекардам, ки ӯ ниятҳои нопок дорад. Муносибати Абдулборӣ ба ман рӯз аз рӯз бадтар мешуд. Ҳар рӯз, вақте ки чойи саҳарии моро меоварданд, ба пиёлаи пластикии ифлосам бештар аз ду сантиметр моеи гарм рехтан намехост. Вай на танҳо ҳаракати маро дар камера маҳдуд карда, маро ба кунҷе бурд ва фазои боқимондаро ишғол кард, балки маҷбур кард, ки ҳама вақт дар кунҷ бимонам ва бо зӯроварӣ ва ҳаҷми худ маро метарсонд ва низ ба ман амр доданро сар кард.

— Вақте ки мо дуо мекунем, — гуфт ӯ, — ба ту иҷозат дода намешавад, ки дар ин ҷо биистӣ.

— Ту бояд дар он ҷо бошӣ!

Пас аз муддате ӯ аллакай аз он қаноатманд набуд, ки ман дар кунҷ истодаам. Ӯ фармуд, ки ҳангоми намози онҳо комилан ором истода, ба тирезачаи хурди дари ҳуҷра нигоҳ накунам.

— Акнун ту дар ин ҷо ҳам истода наметавонӣ, — гуфт ӯ. — Ба ҳоҷатхона рав.

Ҳамкамераҳоям Абдулбориро сарвар ҳисоб мекарданд ва барои он ғамхорӣ мекарданд, ки ман ба дастурҳои ӯ итоат мекунам. Ман худро комилан танҳо ҳис мекардам ва дар бораи бехатарии худ бештар нигарон мешудам.

Ҳатто дар ибтидо, вақте ки Абдулборӣ бо ман муносибати хуб дошт, ман ба ӯ нагуфтам, ки дар асл барои чӣ ба кишвараш омадаам. Ман танҳо гуфтам, ки ба наздикӣ бо дӯстон дар Ҳабашистон вохӯрдам ва хадамоти амнияти фурудгоҳ телефон, ноутбук ва камераи маро мусодира карданд.

Аммо дере нагузашта ман фаҳмидам, ки Абдулборӣ гуфтаҳои маро ба муфаттиш хабар додааст ва ҳамин тариқ сабаби аслии ба камераи ман гузаронда шуданашро ошкор кард: маълумот ҷамъоварӣ намудан ва дидани он, ки ман чӣ гуна азоб мекашам.

* * *

Як моҳ пештар, чанде пеш аз сафар ба Хартум, ману Ванда ба хабаргирии падарам рафта будем, ки пас аз ҷарроҳӣ дар устухони шикастаи сурин дар беморхонаи Йиндржихув-Градец, воқеъ дар ҳудуди Чехия ва Австрия барқарор мешуд. Баданаш нотавон буд, аммо ба ҳаштоду нӯҳсолагиаш нигоҳ накарда, ақлаш тез буд. Ман ба ӯ гуфтам, ки ба Судон меравам.

— Ин дафъа ба Хартум, — гуфтам ман, — на ба минтақаи ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар ҷануб аст.

— Ман бароят дуо мекунам, — вазнин нафас кашида, гуфт ӯ.

Ҳафтаи аввали январ буд. Ман дар камера ба хоб рафтам. Ман дар хобам хонаеро дидам, ки падарам дар он ҷо мезист. Ман баръало медидам, ки хоҳарам дар ошхона барои аҳли оилаи калони мо, ки ҷамъ шуда буданд, хӯрок мепухт. *«Наход Худованд ба ман боз як пайём фиристода бошад?»*

Аз хоб бедор шуда, ман дар ду чиз дилпур будам: дар байни ҳозирон падарам набуд ва бори охир аҳли оилаи калони мо барои маросими дафн ҷамъ шуда буданд.




# 12

То фаро расидани ҳафтаи якуми моҳи январи соли 2016 ман фикр мекардам, ки Хадамоти миллии иктишофи Судон парвандаи маро ба додгоҳ супоридааст. Ман аз лаҳзаи вохӯрӣ бо ҷаноби Слама инро интизор будам. 10-уми январ аз замони ҳабс шуданам як моҳ пур мешуд. Агар то ин муддат парвандаи ман ба додгоҳ супорида намешуд, эҳтимол, ин маънои онро медошт, ки маро озод мекунанд.

Аммо, ҳангоме ки ҳафтаи якуми моҳи январ фаро расид ва баъд гузашт, ман фаҳмидам, ки муфаттиши хадамоти амният дидаву дониста маро бо маълумоти бардурӯғ ба иштибоҳ андохтааст — ин тактикаи ба ман шинос буд, ки онро замоне коммунистҳо истифода мебурданд. Табъам хира шуда буд ва ман ҳис мекардам, ки қуввати охиринро аз даст медиҳам. Ҳангоме ки 9-уми январ консули Чехия бо хабарҳои нек ҳозир нашуд, ман боз бештар ба ташвиш афтодам.

— «Ман бо сафорат робита кардан мехоҳам, — талаб кардам ман.

— Ман ба аҳли оилаам занг задан мехоҳам». Ҳангоме ки хоҳишамро рад карданд, ман қарор додам, ки ҳама чизро ба дасти худ гирам. Ман гуруснанишинӣ эълон намудам.

Ман аз хотираҳо дар бораи яке аз ҳамкоронам, шаҳрванди Австралия, рӯҳбаланд шуда будам. Ҳангоме ки ӯро дар Кореяи Шимолӣ ҳабс карданд, ӯ гуруснанишинӣ эълон намуд. Азбаски ӯ солхӯрда буд, аз боиси ғизо нагирифтан вазъи саломатии ӯ зуд бад мешуд ва ин боиси он шуд, ки мақомоти Кореяи Шимолӣ ӯро озод кунанд.

*«Агар гуруснанишинӣ дар мавриди ӯ амал карда бошад, шояд он дар мавриди ман низ амал мекунад. Агар барои устувор мондан қувватам расад, шояд, судониҳо маро озод мекунанд».*

Дар Судон гуруснанишинӣ амали ҷиноятӣ ҳисобида мешавад ва ман тамоми ҷиддияти қарори худро пурра дарк мекардам. Мувофиқи қонунгузории судонӣ, маҳбусеро, ки гуруснанишинӣ эълон кардааст, метавонанд дар ҳавлии ҳабсхона ба сутун баста, дар пешаш косаи хӯрок ва пиёлаи обро гузоранд. Агар ӯ гуруснанишиниро бас кардан нахоҳад, ӯро барои зарар расондан ба бадани худ ба додгоҳ кашида метавонанд. Аммо қарори ман қатъӣ буд. Ман дар ёд доштам, ки падарам якчанд сол пеш чил рӯз рӯзаи рӯҳонӣ гирифта буд. Ва агар ӯ бо об зинда монда тавониста бошад, ман ҳам метавонам.

Хушбахтона, бар зидди ман ҳеҷ гуна айбномаҳои иловагӣ пешбарӣ накарданд ва дар давоми ҳашт рӯз ман хӯрок нахӯрдам. Ман аз нон ва чой, ки саҳарӣ меоварданд ва аз *фула*, яъне лӯбиёи пухта, ки дар соати ёздаҳ меоварданд, пурра даст кашидам. Ҳатто *гара* ном хӯрок, ки аз картошка ва кадуи пухта иборат буда, дар нимаи дуюми рӯз оварда мешуд, маро ҷалб карда наметавонист. Аз хӯроки шом, табақчаи хамири бурида, ки *шерия* ном дошт, осонтар буд, зеро ин хӯроки ширин аксар вақт мағор баста буд. Ба ҷои хӯрок ман фақат об менӯшидам ва доруи дарди сарро дар асоси аспирин истеъмол мекардам, ки зиндонбонон бароям ба камера меоварданд; ман аз худ мепурсидам, ки оё бо шиками гурусна дору истеъмол кардан боиси захми меъда намешавад.

Ҳамкамераҳои ман, аз афти кор, аз хӯрок нахӯрдани ман ҳайрон буданд. Онҳо гуруснанишинии маро ба рӯзадории динии худ ҳангоми моҳи Рамазон монанд мекарданд, агарчи рӯзаи онҳо фақат аз бомдод то ғуруб давом мекард ва баъд онҳо тамоми шаб хӯрок мехӯрданд.

13-уми январ, чор рӯз пас аз гуруснанишинӣ аҳволи ман хеле бад буд. Шими ман он қадар бароям васеъ шуда буд, ки фақат бо

ёрии миёнбанде, ки аз пакетҳои полиэтиленӣ бофта будам, дар миёнам меистод. Чунин ба назар мерасид, ки дар ман ҳеҷ гуна қуввате боқӣ намондааст, — на қувваи ақл, на қувваи бадан — ва ман беҳаракат дар фарш дароз кашида будам. Сурудҳое, ки ман замоне хеле хуб медонистам, аз хотирам рафтан гирифтанд. Ман фақат порчаҳои ноаниқи онҳоро ба ёд оварда метавонистам.

Аммо ман ба ҳар ҳол онҳоро барои Худованд месурудам — қурбонии ночизи одаме, ки дар арафаи шикасти пурра аст.

Маро ба беморхонаи ХМИА гузаронданд, ки дар он ҷо ҳайати кормандони тиб бисёр анализҳо карданд. Дар давоми як моҳи маҳбусӣ ман понздаҳ килограмм вазнамро гум карда будам. Духтур илтифот намуда ба ман натиҷаҳои анализҳоро нишон дод. Сатҳи гемоглобин беҳад паст шуда буд. Хунам кам шуда буд, аммо ман намедонистам, ки оё нарасидани оҳан аз боиси хӯроки нокифоя буд, ё аз боиси хунравии дарунӣ.

Бо вуҷуди ин, ба шарофати таҷрибаи бистсола маҳз дар ҳамин соҳа — химияи аналитикӣ, гематология ва хунгузаронӣ, ман хатарнок будани натиҷаҳои ташхиси лаборатории худро дарк мекардам. Бо вуҷуди эътирозҳои ман, духтур нӯшобаи декстрозаро таъйин намуд, то ки сатҳи глюкоза дар хун баланд шавад ва ин боиси натиҷаи ғайричашмдошт гардид: он ба ман ба қадри кофӣ қувват дод, то ки боз чор рӯзи дигар гуруснагиро давом диҳам.

Ман ба ҳабсхона баргаштам, аммо ҳамоно аз сатҳи пасти гемоглобин дар ташвиш будам. Ман медонистам, ки таъминоти оксигении хуни ман чунон паст буд, ки ин ба майнаам таъсир расонд ва боиси мушкилот бо марказонидани диққат гардид.

Ман дар камераи хурд дар иҳотаи доимии дуоҳои беохири мусулмонӣ ва хониши Қуръон худро чун дар дом эҳсос менамудам. Дар ин муддат ман он қадар калимаҳои арабиро дар ёд нигоҳ дошта будам, ки ба осонӣ муаззин ё имом шуда метавонистам.

Бо вуҷуди он, ки сарам доимо чарх мезад ва ман диққатамро марказонида наметавонистам, дар майнаам гирдбоди калимаҳои

арабӣ давр мезаданд. Ман барои аҳли оилаам ташвиш мекашидам, барои таъминоти моддии онҳо нигарон будам. Ва бо тамоми қувват кӯшиш мекардам дуоҳои худро тавсия намоям. Ман медонистам, ки агар боэҳтиёт набошам, девона шуда метавонам.

17-уми январ аҳволи саломатии ман он қадар бад шуд, ки ман маҷбур шудам гуруснанишиниро ба охир расонам. Ман назорат намудани вазъиятро бас кардам ва ба ҷои ин тамоми чизҳоро дар ҳаёти худ — бо зимни муддати маҳбусии худ - ба ихтиёри Худованд супоридам.

Аз он вақте ки бори охир хӯрок хӯрда будам, ҳашт рӯз гузашт. Пагоҳии рӯзи дигар, ба ноштои ман ду йогурти хурд ва ду тухми ҷӯшонида илова карданд, то ки вазн гирам ва аҳволи саломатиям беҳтар шавад.

* * *

— «*Аллоҳу акбар!*» қариб ҳамеша дар камераи мо садо медод. Ин суханон як ҷузъи даъват ба дуои мусулмонон аст ва ҳар як мусулмон ин суханонро ҳар рӯз сад бор такрор мекард. Дар камераи хурд маҳбус буда, ман мушоҳида мекардам, ки чӣ тавр ҳамкамераҳоям таъзим мекунанд ва хониши Қуръонро гӯш мекунанд. Доимо дар иҳотаи овозҳо ва дуоҳои такроршаванда буда, ман барои ҳолати психикии худ ташвиш мекашидам ва эҳтиёҷи қавӣ эҳсос намудам, ки шуури маро чизи дигаре, ғайр аз овозҳои онҳо, банд кунад.

Дар рӯзҳои охири январ, ҳангоми дуоҳои ҳамкамераҳои мусулмонам, Худованд ба майнаам сурудҳои масеҳиро фиристодан гирифт. Ба замин сар хам кардани мусулмононро дида, ман сурудеро ба ёд овардам, ки падарам ҳангоми хурдсол буданам ба ман ёд дода буд: «Ҳар зону хам мешавад».

Дар Чехословакия ҳангоми ҷамъомадҳои пинҳонии омӯзиши шогирдӣ мо ҳар дам ин сурудро мехондем. Акнун дар камераи ҳабсхона ҳамин суханон ба майнаам ворид шудан гирифтанд.

Ҳангоме ки мусулмонон дуо мегуфтанд, ман гаштаву баргашта ин сурудро дар дилам мехондам ва ин барои болобардор кардани номи Худованди *ман* ёрӣ мерасонд. Ҳар рӯз панҷ дафъа, ҳангоме ки дар камера дар назди ҳоҷатхона, рӯ ба ҳоҷатхона истоданам лозим меомад, ман нақаротро такрор мекардам: «Ҳар як зону хам мешавад, ҳар забон эътироф хоҳад кард, ки Ту Худованд ҳастӣ».

Ман ба худ ёдрас менамудам, ки ягон вақт ҳар як одам дар назди Худованди *ман* таъзим намуда, зону хам мекунад. Ман воқеияти абадии ғалабаамро дар Масеҳ дарк мекардам ва солимфикрии ман халалдор нашуд.

Дар лаҳзае, ки беш аз ҳама дар хусуси саломатии равонии худ ташвиш мекашидам, Рӯҳулқудс ба ман оятеро аз Нома ба Филиппиён 4:7 ёдрас намуд: «...осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт». Ӯ на танҳо дили ман, балки ақли маро низ ҳифз менамуд.

Ҳангоми ҳар як азон, вақте ки ҳамкамераҳоям бо об аз *ибриқ* таҳорат мекарданд, ман бо суханон аз китоби Ваҳй 4:8 Худоро ситоиш менамудам: «Ҳар яке аз он чор мавҷуди зинда... шабу рӯз ором нагирифта, мегӯянд: «Қуддус аст, Қуддус аст, Қуддус аст Худованд Худои Қодири Мутлақ, ки Ӯ буд, ҳаст ва хоҳад омад».

Агар ин чор мавҷуди зинда дар давоми тамоми абадият суханони «Қуддус аст, Қуддус аст, Қуддус аст»-ро такрор карда метавониста бошанд, ман медонистам, ки онҳоро як дақиқа, панҷ дақиқа ё як соат такрор карда метавонам. Ман ин оятро дар дилам гаштаву баргашта такрор кардан гирифтам: «Қуддус аст, Қуддус аст, Қуддус аст Худованд Худои Қодири Мутлақ!»

Ин оят маро водор намуд дар хусуси атрибутҳои конкретии Худо, аз қабили қуддус будани Ӯ, покии Ӯ, қобилияти шифо додани Ӯ андеша намоям. «Қуддус аст, Қуддус аст, Қуддус аст Худои шифодиҳанда». Ва ман барои шифо ёфтани масеҳиёни

таъқибшаванда дар Нигерия, ки ба қарибӣ дар натиҷаи як силсила ҳуҷумҳои зиддимасеҳӣ маҷрӯҳ шудаанд, дуо гуфтанро сар мекардам. «Қуддус аст, Қуддус аст, Қуддус аст Худои озодкунандаи асирон». Ман барои масеҳиён дар Эритрея, ки даҳ сол инҷиниб дар ҳабс буданд, дуо мегуфтам. «Қуддус аст, Қуддус аст, Қуддус аст Худованд», — гаштаву баргашта такрор мекардам ман.

Ман медонистам, ки бо овози шунаво сурудҳо хондан ва суханонро аз Навишта ба забон оварда наметавонам, аммо дар дил онҳоро озодона сурудан ва ба забон оварда метавонистам.

Ҳангоме ки ман диққатро бештар на дар даҳшатҳои воқеияти ҳаррӯзаи ман, балки ба қуддус будани Худо ва ба қудрати Ӯ равона мекардагӣ шудам, динамика дар камера барои ман бадтар шудан гирифт. Ҳамкамераҳоям аз ДИИШ намедонистанд, ки ман дар дил такрор кардани ин суханони дуоро сар кардаам, аммо дар давоми он ҳафтаи феврал ҳар қадар бештар Худоро ситоиш кунам ва номи Ӯро болобардор намоям, онҳо бо ман торафт бадтар муносибат мекардагӣ шуданд. Азбаски ман ягона сафедпӯст дар тамоми ҳабсхона будам, ранги пӯсти ман махсусан сарчашмаи доимии масхараҳо гардид.

— «Нигоҳ кун, пойҳоят то чӣ андоза чиркин ҳастанд, — ба кафи пойҳои ман ишора карда, қоҳ-қоҳ хандида мегуфтанд онҳо».

Ҳамкамераҳоям он қадар сахтгир шуданд, ки маҳдуд кардани ҳаракати ман дар камераи бе ин ҳам танг дигар онҳоро қаноатманд намекард. Ҳар боре, ки ман қадам мезадам, онҳо талаб мекарданд, ки роҳро барояшон холӣ кунам. Маро маҷбур мекарданд, ки чорзону дар фарш нишинам, — ҳолати барои ман хеле дарднок, зеро ман ба ин амалияи мусулмонӣ одат накарда будам.

Барои боз бештар таҳқир кардан ва паст задани ман ҳамкамераҳоям маро маҷбур мекарданд, ки таҳпӯшакҳоямро шӯям ва бо дастонам унитазро тоза кунам. Онҳо ҳамроҳашон хӯрок хӯрдани маро манъ карданд.

— «Ту кофир ва нопок ҳастӣ», — мегуфтанд ҳамкамераҳоям ва маро маҷбур мекарданд, ки аз табақчаи алоҳида хӯрок хӯрам. Он табақчаро онҳо дар назди туалет нигоҳ медоштанд. Ҳар боре, ки яке аз онҳо пешоб мекард, қатраҳои пешоб ба табақчаи ман мерасиданд.

Ба ман ҳар гуна номҳои таҳқиромез мемонданд ва ҳангоме ки дарҳол ба лақаби «хуки ҳаром» ё «калламуши ифлос» ҷавоб намедодам, ҳамкамераҳоям чӯбдасти ҷорӯбро ҷудо карда гирифта, ба сарам мезаданд. Ҳар саҳарӣ ман бо пайҳои нави кабудшуда дар бадан ва дарди сахти сар бедор мешудам. То ҳол Худованд ба ман қувват медод, ки ба зарбу лат аксуламал накунам.

Ҳангоме ки ба рухсораам торсакӣ мезаданд, дигарашро сӯи онҳо мегардондам. Албатта, ҳатто агар ман зиддият карда, худро аз ҳуҷумҳои онҳо ҳимоя карданӣ шавам ҳам, кӯшишҳоям бар зидди шаш кас бесамар мебуданд. Ман худро аз онҳо ҳимоя карда наметавонистам, аз ҳамин сабаб мефаҳмидам, ки агар зинда мондан хоҳам, бояд ба ҳама гуна лақабҳое, ки маро меномиданд, ҷавоб диҳам.

Худованд ба ман файзи махсус дод, ки на танҳо ба онҳо Инҷилро мавъиза кунам, балки дар байни онҳо аз рӯи Инҷил зиндагӣ кунам. Ман медонистам, ки на «ман» ба худ имконияти кардани ин корро медодам, балки Масеҳ, ки дар ман зиндагӣ мекунад.

Ҳангоме ҳамкамераҳоям диданд, ки ман мунтазам аз қасосгирӣ аз онҳо худдорӣ мекунам, нафрат ва зӯроварияшон боз ҳам бештар шуд. Аммо ман медонистам, ки мо масеҳиён даъват шудаем душманони худро дӯст дорем, ба онҳое, ки аз мо нафрат доранд, некӣ кунем, онҳоеро, ки моро лаънат мекунанд, баракат диҳем ва барои озордиҳандагони худ дуо гӯем (Луқо 6:27). Дар ҳақиқат, масеҳият ягона динест, ки ба пайравонаш дӯст доштани душманонро таълим медиҳад.

Ҳангоми ба ҳабсхона ворид шудан ба ман муяссар шуд, ки ангуштарини никоҳиро бо худ нигоҳ дорам, зеро бо гузашти

солҳо вазн гирифтам ва дигар онро аз ангуштонам гирифта наметавонистам. Аммо, вақте ки ман дар ҳабсхона вазни худро гум кардам, ангушти ман низ хароб шуд. Ман пайхас кардам, ки аъзоёни ДИИШ ба он менигаранд.

— Ангуштаринро ба мо деҳ, — гуфтанд онҳо.

— Агар онро надиҳӣ, мо туро мекушем.

Ман медидам, ки онҳо канори яке аз табақчаҳои металлиро тез мекунанд ва ламели пардаи вентилятсиониро барои ҳамчун корд истифода бурдан суфта мекунанд.

Яке аз ҳамкамераҳоям либиягӣ буд, ки муҳофизи шахсии Усома бин Лодан буд. Рӯзе ӯ ба мо пои худро нишон дод, ки пур аз пайҳои тирҳо буд. Ӯ ҳамчунин, чӣ тавр аз қафо бо истифодаи ресмони пластикии моҳигирӣ, ки ӯ пинҳонӣ ба ҳабсхона ворид карда буд, одамро куштан мумкин аст, ба мо нишон дод.

Агар ҳама чиз дуруст анҷом дода шавад, фаҳмонд ӯ ресмони моҳигириро аз кисааш бароварда, пас аз чанд сония марг рӯй медиҳад. Ифротгарои ДИИШ ҳамчунин фахр кард, ки ӯ дар миёни касоне буд, ки дар моҳи феврали соли 2015 бист масеҳии мисриро дар соҳили Либия сар буриданд. Навори ин қатлро одамон дар саросари ҷаҳон диданд.

— Ман ҳар касро дар якчанд сония кушта метавонам, — гуфт ӯ ва ресмони моҳигириро ба ангушташ печонд.

— Агар ту рус ё амрикоӣ мебудӣ, ман туро фавран мекуштам.

Ҳамкамераҳоям аз ДИИШ ӯро қаҳрамони худ меҳисобиданд ва ба ангуштарини никоҳии ман ҳасад бурдани ӯ маро асабонӣ мекард ва водор менамуд, ки худро осебпазир ҳис кунам. Ман медонистам, ки агар ин мард хоҳад, метавонад дар як сония ангуштарини маро бо ангушти ман рабояд. Ман беихтиёр ангуштонамро дар атрофи ангуштарии ғафси тиллоӣ, ки ягона пайванди эҳсосшаванда бо ҳамсари азизам буд, ба ҳам мефишурдам.

Ман маҷбур шудам дар рӯи фарш чорзону нишинам, дар ҳоле, ки ҳамкамераҳоям худро муфаттишон вонамуд мекарданд,

ки маро дар бораи фаъолиятҳои масеҳиям дар Судон бозпурсӣ мекунанд. Ҳар боре, ки ман ба онҳо ҷавобе медодам, ки ба онҳо мувофиқ набуд, маро бо мушт мезаданд.

— Ба мо бигӯ, ки ту кистӣ! — фарьёд мезаданд онҳо.

— Ба мо бигӯ, ки хуки палид ҳастӣ!

Ногахон бозпурсии онҳо хусусияти боз ҳам даҳшатноктар гирифт. Абдулборӣ маро маҷбур кард, ки ба зонуҳо биистам ва бо чӯбдасти ҷорӯб, ягона асбобе, ки посбонҳо иҷозат дода буданд, дар камера дошта бошем, задан гирифт. Ҳар як зарба ба бадан боиси дарди тоқатфарсо мегардид, аммо ман дандонҳоямро ҷафс карда, тоқат менамудам.

— Дигар масеҳиёне, ки ҳамроҳи ту ҳабс шудаанд, киҳоянд? — бозистода, ҷавоб талаб кард Абдулборӣ.

Сарамро то ҳол ба синаам ҷафс карда будам ва ҳис кардам, ки дилам гӯё аз тапиш монд.

*«Ӯ дар бораи чӣ гап мезанад? Кадом масеҳиёни дигар?»* Ман ба фикр афтодам. Боз як зарбаи барқвор ба тахтапуштам зада шуд ва баъд ӯ саволашро ба таври дигар баён кард.

— Ҳасан ва Мунъимро аз куҷо мешиносӣ?

Ман ҳайрон шуда будам. *«Наход онҳоро низ ҳабс карда бошанд?!»*

Ҳангоме ман кӯшиш мекардам, ки ин маълумотро дарк кунам, баданам дард мекард ва ақлам дар азоб буд. Ман аз захмҳои кушода дар тахтапуштам дарди тапишкунандаро ҳис кардам, аммо ин захмҳои ҷисмонӣ монанди фикре, ки ногаҳон ба сарам омад, дардовар набуданд: *«Ҳасан ва Мунъимро аз боиси ман ҳабс кардаанд?»*

Вақте ки ман аз ҷавоб додан ба саволҳо дар бораи шубон Ҳасан саркашӣ кардам, ҳамкамераҳоям бо калтаки чӯбин ба ангуштонам задан гирифтанд. Вақте ки ман ба онҳо номи дигар шубонҳоеро, ки дар конфронс дар Аддис-Абеба ҳузур доштанд, нагуфтам, онҳо бо сарпӯши вазнини ҳоҷатхона ба оринҷам задан гирифтанд. Аз лабонам фарёди ҷонкоҳи ғайриинсонӣ берун

мешуд, дар ҳоле, ки майнаам кӯшиш мекард бо дард мубориза барад. Гоҳо маро чунон бераҳмона мезаданд, ки гумон мекардам, ки зинда намемонам.

Дар вақти «бозпурсӣ»-и навбатӣ Абдулборӣ ба тахтапуштам бо пойафзолаш чунон сахт зад, ки фикр кардам, ки оё қабурғаҳоям нашикаста бошанд? Рӯзе набуд, ки ҳамкамераҳоям аз ДИИШ ба ман ҳамла накунанд ва шиканҷа надиҳанд.

Аммо ҳайратовар аст, ки бо мурури шиддат гирифтани шиканҷаҳо шуурам торафт оромтар мешуд. Ман дигар дар хусуси аҳли оилаам ва дар хусуси он, ки бародарони судониям бо ман зиндонӣ шудаанд, на он қадар хавотир мешудам. Дар асл, дар ин давраи ранҷу азоби ҷисмонӣ ман умуман дар бораи оилаам фикр карда наметавонистам. Ман онҳоро бар қурбонгоҳ гузоштам ва танҳо номи Исоро бар онҳо хонда метавонистам.

Ба воситаи ин азсаргузарониҳо, новобаста ба он, ки онҳо то чӣ андоза даҳшатнок буданд, ман симои Исои Масеҳро, ки ҳамчунин латукӯб ва шиканҷа мешуд, торафт равшантар медидам. Ҳар боре, ки маро мезаданд, лагадкӯб мекарданд ё масхара менамуданд, ман Масеҳро ба ёд меовардам ва дар бораи он фикр мекардам, ки Ӯ ба латукӯби сарбозони румӣ пурсаброна тоб меоварл. *«Агар Худовандам барои ман азоб кашида бошад, пас ман, ки пайрави Ӯ ҳастам, ҳамчунин бояд тайёр бошам, ки аз пайи Ӯ равам ва ба хотири номи Ӯ дар азобҳои Ӯ шарик бошам»* (Нома ба Филиппиён 3:10).

* * *

Ҳар бегоҳ ҳамкамераҳоям бозпурсиро давом медоданд. Махсусан, Абдулборӣ мехост дар бораи кори масеҳӣ дар Судон бештар маълумот пайдо кунад. Бисёрии ҷавобҳои ман ба онҳо маъқул намешуданд, аз ҳамин сабаб бо чӯбдасти ҷорӯб задани маро давом медоданд. Ба сару ангуштонам зада, нӯгашро ба шикамам метиққонданд. Баданам аз дард талвоса мекард,

аммо он чиз ҳайратовар буд, ки ман фаҳмидам, ки дар дил ва шуури худ оромии амиқтаринро эҳсос мекунам. Ҳангоме ки маро латукӯб мекарданд, ман ҳатто метавонистам барои аҳли оилаам дуо кунам. Ногаҳон, ба муддати як лаҳза, дар пеши чашмонам симои Масеҳ намоён шуд, ки пас аз ҳабс шуданаш бо асои чӯбин ба сараш мезаданд, ки мо дар бораи он дар Матто 27:30 мехонем.

— «Худоё! — илтиҷо кардам ман.

— Ту пеш аз ман рафтӣ ва барои гуноҳҳои ман лату кӯб шудӣ, ба салиб кашида шудӣ ва ҳатто мурдӣ».

Ва он гоҳ ман як кашфиёти ҳайратангезе кардам: ҳамкамераҳоям маро бераҳмона латукӯб мекарданд, аммо ман ҳеҷ дардро ҳис намекардам!

Ман медонистам, ки дар он лаҳза Худованд бо ман дар камера буд. Ман баъдтар фаҳмидам, ки маҳз дар ҳамон лаҳза Худо лашкари сарбозони дуогӯйро даъват кард, то ки барои ман ба воситаи дуо мубориза баранд. Аммо он вақт ман инро намедонистам...

* * *

Рӯзе ман дар як камера нишаста гуфтугӯи ифротгароёни ДИИШ-ро гӯш мекардам, ки чӣ гуна кишвари ман, Ҷумҳурии Чехия ба Идораи Марказии Инкишофи ИМА иҷозат додааст, ки нисбати террористҳои Ал-Қоида шиканҷа бо обро истифода барад. Ман медонистам, ки ҳамкамераҳоям онро бо Полша омехта кардаанд, бинобар ин ман онҳоро ислоҳ кардам.

Аммо онҳо исрор мекарданд, ки на Полша, балки маҳз кишвари ман ба ИМА иҷозат додааст, ки террористҳоро бо ин роҳ шиканҷа кунанд.

— Оё ту медонӣ, ки шиканҷа бо об чист? — аз ман пурсиданд онҳо.

— Ҳа, — ҷавоб додам ман, — ман медонам, ки ин чист.

— Хуб, аммо ту ҳанӯз намедонӣ, ки аз сар гузарондани он чӣ гуна аст, аз ҳамин сабаб мо ба ту ёрӣ мерасонем, ки онро дар таҷрибаи худ фаҳмӣ.

Дар аввал ин маро чандон ба ташвиш наовард. Дар камераи мо об кам буд, бинобар ин ман фикр мекардам, ки инҳо танҳо таҳдидҳои холӣ ҳастанд.

Аммо ба зудӣ ман фаҳмидам, ки ин таҳдидҳо то чӣ андоза ҷиддӣ буданд. Абдулборӣ аз посбонон хоҳиш кард, ки ҳамаамонро ба як камераи калони ошёнаи мо гузаронанд, ки маҳбусон онро «камераи обӣ» меномиданд, зеро он ягона камераи ҳабсхона буд, ки фишори доимии об дошт.

Саҳарии 6-уми феврал ҳамаи ҳафт нафарамонро ба камераи дигар гузаронданд ва ҳамкамераҳоям фавран ба ман фармуданд, ки дар кунҷи ҳоҷатхонаи чиркин либоси тагашонро шӯям. Ман ба пушт гашта, мешунидам, ки шаш нафар дар бораи ман бо забони арабӣ гап мезананд ва ба ташвиш афтодам. Усома Рамазон, марде, ки дуояшро якчанд ҳафта пеш шабона шунида будам, аз афти кор, бояд шиканҷаи маро сарварӣ мекард. Ман медидам, ки ӯ наворҳои матои аз *ҷиллобия*, либоси дарози васеи мусулмонон буридашударо болои ҳам мегузорад.

— Ту бояд ба муфаттиш гӯӣ, ки мо бо ту чӣ кор карда истодаем, — масхара мекарданд мардон.

Ҳатто дар ҳабсхона ҳам чизе онҳоро аз мубориза бар зидди кофирон боздошта наметавонист.

Ман медонистам, ки бо ҳолати ҷисмонии ман шиканҷаҳо бо об эҳтимолан ҳаёти маро ба охир мерасонад. Аз боиси латукӯбҳои доимӣ на танҳо беқувват шуда будам, балки ҳамчунин тахмин мекардам, ки то ҳол аз камхунӣ ва гипоксия азоб мекашам. Ҳангоме ки маҳбусон ба ман наздик шудан гирифтанд, ба ман якчанд сония даркор шуд, то ки диламро ором намоям ва фикрамро ба он чӣ бояд рӯй медод, тайёр кунам.




# 13

Нисфирӯзии 6-уми феврал, ҳангоме ки ҳамкамераҳои ман дар ДИИШ тайёрии худро ба шиканҷа анҷом медоданд, зиндонбоне, ки онҳо ӯро барои саркашӣ аз иҷрои талабҳояшон «Посбони хабис» меномиданд, бо дастаи калидҳо дар даст аз назди камера гузашта мерафт. Ӯ назди дар рафта, гӯш кард. «Посбони хабис» зуд фаҳмид, ки дар дарун чӣ воқеаҳо рӯй дода истодаанд ва агарчи то ҳол ба ман заррае дилсӯзӣ зоҳир накарда буд, зуд дарро кушода, ба камера даромад.

Бо як қатор калимаҳои хашмгинона ба забони арабӣ ӯ ба ман фармуд, ки чизҳоямро ҷамъ кунам ва берун равам. Ман як тӯда либосҳои ношустаро дар рӯи фарш монда, аз паси «Посбони хабис» то баромадгоҳи камера рафтам ва баргашта, ба чеҳраҳои ҳайрон ва ноумедонаи ҳамкамераҳоям нигоҳ кардам. Эҳтимол, ҳангоме ки Дониёлро аз чоҳи шер раҳо карданд, ӯ худро ҳамин гуна ҳис мекард.

Ман шабро дар камераи дигар бо ду мусулмон, тоҷирони дунявӣ гузаронидам. Ин камера каме хурдтар буд, аммо аз камераи пештараам ифлостар буд. Дар рӯзи аввал ман ба онҳо дар тоза кардани камераи ифлос ёрӣ расондам, бинобар ин онҳо дилсӯзона аз хӯроки худ ба ман доданд.

Ҳангоме ки онҳо захмҳои маро — захмҳои сиёҳу кабуд дар сару оринҷҳо ва тахтапуштам диданд, ба ҳайрат афтоданд. Ман ба онҳо нақл кардам, ки ҳангоми дар як камера бо аъзоёни ДИИШ буданам бо ман чиҳо рӯй доданд.

Бегоҳии рӯзи дигар маро ба бозпурсӣ даъват карданд. Шамоли кондитсионер рост ба ман мевазид ва ман дарҳол хунукиро ҳис

кардам. Дар маркази ҳуҷраи хурд миз буд, ки дар паси он ду нафар нишаста буданд. Ман медонистам, ки минбаъд чӣ мешавад. Яке аз мардон полиси «хуб» ва дигаре «бад»-ро вонамуд хоҳад кард. Ман ба афсаре, ки бояд бозпурсиро мегузаронд, нигоҳ кардам. Ӯ дар тан пидҷаки зебо ва галстук дошт ва аз ӯ бӯи одеколон меомад, ки ман аз замони дар Судон буданам ба он одат карда будам, зеро дар он ҷо одеколонро назар ба Аврупо ва Амрико хеле бештар истифода мебаранд. Ман ба курсии бароям таъйиншуда нишастам ва ба рафи рӯи миз, ки дар он папкаҳои ҳуҷҷатҳо буданд, нигоҳ кардам. Ман фаҳмиданӣ будам, ки чаро ин дафъа маро даъват карданд.

Ниҳоят аз муфаттиши хадамоти амнияти Судон фаҳмидам, ки падарам вафот кардааст. Аз вафоти ӯ зиёда аз як моҳ гузашта буд ва агарчи Худованд маро ба воситаи хобам ба гирифтани ин хабар тайёр карда буд, аммо ба ҳар ҳол маълум шуд, ки ин хабар чун зарба ба шикам буд.

Ман аз худ мепурсидам, ки аҳли оилаам ин талафотро чӣ гуна паси сар карда истодааст. Фикрҳоям ба Чехия, ба оилаам баргаштанд. Ман беш аз ҳама мехостам дар ин соати душвори талафоти ҷуброннашаванда дар он ҷо бошам, то онҳоро дастгирӣ кунам. Хотирае ба сарам омад, ки азми маро қавӣ гардонд, то ки ҳам ба ин бозпурсӣ, ҳам ба тамоми маҳбусӣ тоб оварам, новобаста ба он, ки он чӣ қадар давом мекунад.

...Хотираҳо маро ба соли аввали таҳсил дар мактаби миёна бурданд. Падару модарам дар хонаи мо муоширати шогирдонаи ҷавононро ташкил карданд, ки якчанд рӯз давом кард. Дар хонаи мо, ки ҳамагӣ чор хонаи хоб дошт, камаш панҷоҳ нафар ҷамъ шуда буданд, ки шабро низ дар он ҷо мегузаронданд. Писарон дар як ҳуҷра, духтарон дар ҳуҷраи дигар мехобиданд.

Вақте ки муошират ба охир расиду ҳама сиҳат-саломат ба хонаҳояшон баргаштанд, мо оҳи сабук кашидем. Кормандони милиса моро ошкор накарданд, дар хона кофтуков гузаронда нашуд. Мо Худоро шукр мегуфтем, ки ҳамааш бе ягон мушкилӣ гузашт.

Мактаби ман аз хонаамон дар масофаи ҳамагӣ 500 метр воқеъ буд, аз ҳамин сабаб ман ҳар рӯз ба он ҷо пиёда мерафтам. Рӯзе, ду ҳафта пас аз муоширати ҷавонон, ман ба хона омада, дар он ҷо касеро наёфтам. Ин хеле ғайриоддӣ буд; додару хоҳарам аз ман калонсолтар буданд ва ҳар се барои кор ё таҳсил дар донишгоҳ аз хонаи падару модар рафта буданд. Модарам дар боғча мураббия буд. Боғча аз хонаи мо дар масофаи сӣ дақиқа роҳ бо қатора ҷойгир буд. Ин ягона муассисае буд, ки модарамро, бо вуҷуди масеҳӣ буданаш, ба кор қабул карданд.

Вай ба хона наздиктар ҳам кор карда метавонист, аммо ӯ аз имзои «ваъда»-и ба шогирдон таълим додани идеалҳои бузурги ҳизби коммунисти атеистӣ даст кашид. Қариб ҳар рӯз ман ӯро аз кор дар вокзал пешвоз мегирифтам ва мо якҷоя ба хона мерафтем.

Ҳангоме ки ман як соат ва баъд ду соат дар хона будам ва касе наомад, ман хавотир шудам. *«Бо падару модарам чизе рӯй додааст? Ё шояд милиса аз вохӯрии ҷавонон, ки мо дар хонаамон баргузор кардем, хабардор шуда бошад? Наход онҳо ҳабс шуда бошанд? Ё шояд ба касе аз роҳбарияти калисо занг задан лозим аст, то дар бораи набудани онҳо огоҳ кунам?»*

Маро торафт бештар тарсу ҳарос фаро мегирифт. Падарам бегоҳ бевақт ба хона баргашт, модарам бошад, боз каме дертар омад. Ман шитофтам, ки ҳар дуи онҳоро ба оғӯш гирам ва ҳис кардам, ки шиддати дар ақлу дилам ҷамъшуда пароканда мешавад.

Он бегоҳ дар сари дастархон нишаста, падару модарам дар бораи воқеаҳои рӯзҳои гузашта нақл мекарданд. Падар нақл кард, ки чӣ тавр ду корманди милиса назди ӯ омада, ӯро «даъват» карданд, ки ба идораи милисаи маҳаллӣ равад.

Муносибат ба модар бештар таҳқиромез. Ду корманди милиса ва ду корманди бехатарии давлатӣ рост ба гурӯҳи боғча даромада, ӯро дар пеши назари коргарон ва тарбиятгирандагон баров452арданд. Ӯ хурсанд буд, ки ба ӯ иҷозат доданд ба шавҳараш занг занад.

— Маро боздошт карданд, — пичиррос зад вай.

— Маро низ боздошт карданд, — ҷавоб дод падар пеш аз қатъ шудани занг.

Волидони ман ҳамеша медонистанд, ки ин рӯй дода метавонад. Дар кишвари коммунистӣ интизории ҳабс ҳамеша як қисми пайравӣ ба Масеҳ буд ва онҳо тайёр буданд дар роҳи имони худ ин нархро пардохт кунанд. Ман он сухбатро дар сари дастархон ҳаргиз фаромӯш намекунам. Падару модарам дар бораи бозпурсиҳо нақл карда, саволҳои додаи онҳо ва ҷавобҳои худро муқоиса мекарданд. Волидон махсусан ба таври муфассал ба ёд меоварданд, ки чӣ гуна муфаттишон кӯшиш мекарданд онҳоро саргум намоянд ва муҳокима мекарданд, ки дар оянда ба саволҳо чӣ гуна ҷавоб додан беҳтар аст.

Он вақт суҳбати онҳо маро ба ҳайрат овард. Кадом оилаи дигар ҳангоми хӯроки шом дар бораи он гуфтугӯ мекунад, ки дар вақти пурсиш дар шӯъбаи милиса чӣ гуна рафтор кардан лозим аст? Ман намедонистам, ки он гуфтугӯ дар сари дастархон маро ба он тайёр мекард, ки рӯзе дар ҳуҷраи бозпурсӣ мешинам, чунон ки ҳоло нишаста будам.

Баъдтар ҳамон шаб падарам ба ман китоберо дод, ки баъд аз Китоби Муқаддас дуюмин китоби муҳимтарин дар ҳаёти ман гардид. Яке аз ҳамкорони падарам ин китобро ба забони олмонӣ аз бародарони масеҳӣ дар Олмон гирифта буд. Ин китоб китоби Ричард Вурмбранд *«Дар пинҳонкорӣ ҳамроҳи Худо»* буд. Ман то ҳол равшан дар ёд дорам, ки падарам онро бо суханони зерин ба ман дод: «Ту бояд ин китобро хонӣ». Ман забони олмониро хуб медонистам ва ҳама корҳои дигарро барканор монда, китобро аз аввал то охираш хондам. Шаҳодати Ричард ба дили ман сахт таъсир кард.

Ва акнун, пас аз чандин сол, ҳангоме ки муфаттиш ба ман дар бораи марги падарам хабар дод, ман бори дигар шиканҷаҳои даҳшатнокеро, ки Ричард аз сар гузаронида буд, ба ёд овардам

ва фаҳмидам, ки азобҳои ман дар муқоиса бо азобҳое, ки ӯ аз сар гузаронда буд, ҳеҷ мебошанд. Баъд муфаттиш дар хусуси аҳволи ман дар ҳабсхона пурсид?

— Ҳозир ман худро беҳтар ҳис мекунам, — ҷавоб додам ман, — зеро маро ба камераи дигар гузарониданд.

— Чаро шуморо ба камераи дигар гузаронданд?

Бо овозе, ки аз эҳсосоти базӯр боздошташаванда меларзид, ман дар бораи латукӯб, азобҳо ва шиканҷа бо об гап задам. Ӯ аз он чи шунид, ба ғазаб омада, телефони мобилияшро бароварда, занг задан гирифт.

Ман аксари гуфтугӯи тӯлониро ба забони арабӣ фаҳмида метавонистам. Ӯ бо сардори ҳабсхона гап зада, талаб кард ба ӯ фаҳмонанд, ки чӣ тавр онҳо ба ин гуна амалҳо роҳ додаанд.

Гуфтугӯро ба охир расонда, муфаттиш ба аниқ кардани маълумоти шахсии ман — номи пурра ва дигар тафсилот сар кард, ки ин танҳо як чизро ифода карда метавонист:

Хадамоти миллии иктишофи Судон тафтишотро маҳкам кардааст ва маро ба қарибӣ озод мекунанд!

Вақте ки муфаттиш бозпурсиро ба охир расонд, аллакай хеле бевақт шуда буд. Маро боз ба камераи навам, ки дар ошёнаи чорум буд, бурданд. Ҳар ду ҳамкамераам аллакай хоб буданд. Кампал дар даст дар фарш ҷои холӣ ёфта, ман дароз кашидам ва ҳамчунин кӯшиш кардам хоб равам.

Аммо ман чунон ба андешаҳои падарам фаро гирифта шуда будам, ки хобам набурд. Ман ҳатто ором дароз кашидан наметавонистам. *«Шояд ман аз ҷой хеста дар атрофи камера гардиш кунам»*.

Ҳангоме ки хотираҳо аз замони кӯдакиям ба сарам меомаданд, дилам аз шукронаи Худованд барои зиндагии падарам пур шуд. Ашкҳо аз чашмонам ҷорӣ шуданд, аммо ин на ашкҳои ғам, балки ашкҳои шодӣ ва шукргузорӣ барои зиндагӣ дар оилаи масеҳӣ ва намунаи садоқате буданд, ки падарам бо вуҷуди таъқибот бароям гузошта буд.

Ман медонистам, ки рӯзе падарамро боз мебинам ва дар он лаҳза комилан боварӣ доштам, ки Худо дар камераам ҳозир аст.

Ногахон дар кушода шуд ва зиндонбон даромад.

— Бетер, — ба ман рӯ овард ӯ ва мисли дигар посбонони араб, бо тамоми қувва кӯшиш кард овози «п»-ро дар номи ман талаффуз кунад ва ба халтаи начандон калони полиэтиленӣ бо либосам ишора кард, «бо ашёҳо ба берун баро!»

Ман ба ҳаяҷон омадам, зеро умед доштам, ки ниҳоят соати озодшавӣ фаро расидааст.

— Кампалро ҳам? — пурсидам ман.

— Не, не, кампалро дар ин ҷо гузор.

Акнун ман комилан боварӣ доштам, ки маро озод мекунанд! Чаро дигар ба ман кампал лозим нест? Пас аз чанд рӯз ман бо оилаам дар Чехия хоҳам буд ва шаҳодати худро дар бораи садоқати Худо дар давоми ду моҳе, ки дар ҳабсхона будам, баён карда метавонам. Ва шаб бо занам дар кати гарм хоб мекунам. Ман пакети либосҳоро гирифтам ва мо аз камера берун шудем.

Аз паси зиндонбон ба воситаи долон ба сӯи лифт рафтам, вале бо сабабҳои номаълум мо дар назди дари камераи дигар истодем. Ногаҳон ман фаҳмидам, ки хатои ҷиддӣ кардаам. Дар паси ин дар як камерае буд, ки дар бораи он овозаҳои даҳшатовар паҳн мешуданд, камерае, ки ҳамаи маҳбусон аз он метарсиданд. Ман борҳо дар роҳ ба бозпурсӣ аз назди он гузашта будам ва акнун, ҳангоме ки назди дари он истода будам, ҳис кардам, ки хунам сард мешавад.

Маро ба «яхдон» гузаронданд.




# 14

Ман ба камераи холӣ қадам гузоштам ва дарҳол ҷараёни шадиди ҳавои сардро ҳис кардам. Дар камера кати металлии бе матрас буд, ки бо хуни хушкшудаи одамӣ пушонда шуда буд. Ҳоҷатхона ифлос буд, оби равон набуд. Ман кампаламро ба ёд овардам ва гумон кардам, ки ҳарорат дар камераи навам даҳ дараҷа гарм аст. *«Шаб сард мешавад!»* Ман мефаҳмидам, ки ба «яхдон» гузаштан шояд интиқоми зиндонбонҳо бошад, ки аз боиси ман аз сардори ҳабсхона танбеҳ гирифтаанд. Ман худро дарҳам кашидам ва фаҳмидам, ки акнун онҳо маҳз ба чӣ қодир будани худро ба ман нишон медиҳанд.

Баъди муддати тӯлонии маҳбусӣ мӯйҳои кӯтоҳи сафед сарамро пӯшонида буданд. Ман куртаи эҳтиётиямро ба сарам печонда гирифтам, то гарм шавад. Боз пакетро кофта, шими эҳтиётиро баровардам. Ман курта надоштам, бинобар ин бо он дастони урёнамро пӯшондам.

Тамоми шаб ман аз кунҷ ба кунҷ мегаштам ва агар ҳаракатро бас кунам, дарҳол хунук мехӯрдам. Боре хостам дар курсии ягонаи ҳуҷра бишинам, аммо металли хунук ба пойҳоям расида, маро боз ҳам бештар хунук мехӯронд.

Вале дар байни азобу машаққат ман ҳам баракат ба даст овардам: аз вақти ба ҳабсхона омаданам бори аввал метавонистам танҳо бошам. *«Ман метавонам бо овози баланд гап занам!»* Ман Худоро барои падарам ҳамду сано гуфтам ва фикр кардам, ки оё Худо маро бо фариштагон иҳота мекунад, чунон ки ҳангоми маҳбусии Ричард Вурмбранд карда буд. Ҳангоме ки

ман дар бораи Ричард ва чордаҳ соли маҳбусии ӯ фикр мекардам, чизи аҷибе рӯй додан гирифт.

Эҳсоси ғайриоддӣ, гӯё касе маро аз пушт бо либоси ғафс печонда бошад, дар тамоми баданам паҳн шуд ва худ аз худ нидои «Худованди ман, Худои ман!» аз даҳонам баромад. Ин Худованд буд. Ӯ маро гарм мекард.

Агарчи ин маҳбусии якка бояд ҷазо мебуд, ман ҳис мекардам, ки ин аввалин озодии ман дар дохили деворҳои ҳабсхона аст! Бори аввал дар давоми ду моҳ ман бо овози баланд дуо гуфта метавонистам!

Тамоми шаб ман кӯшиш мекардам сурудҳои масеҳӣ хонам. Ҳангоме ки ман понздаҳсола будам, ман суруди олидараҷаи «Туро ҷалол бод» -ро аз ёд кардам, ки оҳангро барои он Георг Фридрих Гендел навиштааст. Ҳангоме ки ҳанӯз ҳамроҳи ҳамкамераҳоям аз ДИИШ будам, ман кӯшиш мекардам оҳангро ба ёд оварам ва сурудро сароям, аммо то ин вақт ҳеҷ наметавонистам бештар аз се ё чор калимаи аввалро ба ёд оварам. Ва ногоҳ, дар маҳбусии яккаса, мӯъҷизае бо хотираам рӯй дод. Рӯҳулқудс дарҳол ба ман ду мисраи аввали ин суруди бошукӯҳро ёдрас намуд.

Ман худро шоири илҳомёфта ҳис мекардам, ки менависаду менависад ва дар якчанд дақиқа шеъри зебои худро ба анҷом мерасонад. Ман як мисраъро бо имон бо овози баланд месурудам, то даме ки Худо ба ман мисраи навбатиро ато мекард. Ман боварӣ доштам, ки зиндонбонҳо ва дигар маҳбусон гумон доштанд, ки ман дар шаби аввали маҳбусии якка девона шудаам.

Пагоҳии рӯзи дигар ниҳоят ҷараёни ҳавои хунук қатъ гардид ва ниҳоят кампаламро оварданд. Ман онро бӯй кашидам ва бӯи арақи маҳбуси дигарро ҳис кардам. Ман медонистам, ки ягон каси дигар онро шабона истифода бурдааст. Бо вуҷуди ин ман шод будам, ки кампаламро баргардондаанд. То он вақт, баъди се ҳафтаи анҷом ёфтани гуруснанишинӣ ман худро хеле ташна эҳсос кардам, вале аз кран фақат як қатра об чакид.

Ман дар пакети полиэтиленӣ як стаканча йогурт ёфтам, ки аз иловаи наҳорӣ пас аз гуруснанишинӣ ба ман таъйин шуда буд. Ман йогуртро хӯрдам ва стаканчаро барои дар он ҷамъ кардани қатраҳои об истифода бурдам. Ин камаш понздаҳ дақиқа тӯл кашид ва ниҳоят он пур шуд. Қадам ба қадам Худованд ба ман нишон медод, ки чӣ кор кунам.

Аввал ман ҷустуҷӯи сабаби маҳкам шудани ҷараёни обро сар кардам.

Худованд маро ба як гӯшаи торики ҳоҷатхона бурд, ки дар он ҷо ман дар пояи унитаз клапани маҳкамкунандаро ошкор кардам. Он баста буд ва ман чизе надоштам, ки барои кушодани он истифода барам. Ман дар партовҳои рӯи фарш чизеро ҷустуҷӯ кардам, ки ба ман имкон диҳад клапанро кушоям. Ниҳоят ман як порчаи металл ёфтам ва ба ҳоҷатхона баргаштам. Ҳангоме ки ман клапанро бо ин порчаи металлӣ тоб додам, об озодона ба ҳоҷатхона ҷорӣ шуда, унитазро пур кард. Пас аз он ман як порчаи хурди матоъро ёфтам ва онро ба обе, ки ҳоло аз кран озодона ҷорӣ мешуд, тар кардам. Бо истифодаи матои тар ва собуни ҳабсхона ман тамоми баданамро дезинфексия кардам.

Ҳангоме ки баданам тоза шуд, ман диққатамро ба камера равона кардам. Ман тамоми рӯз кор кардам ва ниҳоят ба ман муяссар шуд, ки доғҳои хунро аз кат тоза кунам. Дар охир ман онҳоро ба қадри кофӣ тоза кардам, то кампалро бар он паҳн кунам.

Гузариш ба камераи яккаса барои ман озодии нисбӣ шуд. Аъзоёни ДИИШ ҳамеша аз маҳбусӣ дар камераи яккаса метарсиданд ва медонистанд, ки агар маҳбус зиёда аз як ҳафта дар он ҷо монад, ақлашро гум мекунад. Аз ҳамин сабаб зиндонбонон, ки аз тарс хоҳишҳои ифротгароёни маҳбусро иҷро мекарданд, ҳеҷ гоҳ онҳоро зиёда аз ду-се рӯз дар танҳоӣ нигоҳ намедоштанд. Аммо барои ман маҳбусии якка замоне буд, ки хотираам ба ман баргашт.

Сурудҳое, ки дар замони таъқиботи коммунистӣ месурудем, ба ёдам омаданд. Ман оятҳоро аз Навишта, ки дар вақти ҷавонӣ

аз ёд карда будам, ба ёд овардам. Ҳамаи ин хотираҳо айнан дар вақти даркорӣ, маҳз дар ҳамон лаҳзае, ки ба онҳо беш аз ҳама эҳтиёҷ доштам, ба ман баргаштанд. Дар рӯзи сеюм Рӯҳулқудс банди охирини суруди «Туро ҷалол бод» ба ёдам омад. Ҳар як суруд одатан камаш як ё ду ҳафта тӯл мекашид, аммо дар охир ман суханони бисёр сурудҳоро ба ёд оварда тавонистам.

Хушбахтона, ҷараёни ҳавои хунук дар «яхдон» қатъ гардида, такрор нашуд. Барои барқарор кардани қувват ман рӯзҳоямро бо он мегузарондам, ки аз соати 6 пагоҳӣ сар карда, камаш то соати 9-и бегоҳ дар камера қадам мезадам.

Ҳисоб карда баромадам, ки дар як рӯз қариб бисту панҷ километр роҳро тай кардаам. Дар ҳоле, ки роҳ мерафтам, дуо мегуфтам.

Чунин ягонагӣ бо Худо маро ба ҳайрат меовард. Мисли Ричард Вурмбранд, ман низ воқеияти ҳузури Ӯ ва наздик будани қудрати шифобахши Ӯро ҳис мекардам. Дар давоми якуним моҳ, аз 7 феврал то 29 март ман дар камераам танҳо бо Худованд будам.

Албатта, на ҳар саҳарӣ равшану фараҳбахш буд. Гоҳо дилу майнаамро ғами тоқатнопазир фаро мегирифт. Ман кӯшиш кардам рӯзона хоб равам, аммо ҳангоме ки дароз мекашидам, ғамгинӣ боз ҳам бадтар мешуд, бинобар ин дарҳол аз ҷоям бархеста, қадамгузории дуогӯёнаро давом медодам. Рӯзҳое буданд, ки ба ман лозим меомад эълон кунам: «Худованд Исо осоиштагии ман аст! Худованд Исо шодии ман аст!» Дар миёни андӯҳи беандоза ман ин суханонро якчанд дақиқа такрор мекардам ва дар камера қадам мезадам, то даме ки ин ҳақиқатҳо ба воқеияти ман табдил меёфтанд.

* * *

Саҳарии рӯзи душанбе, 22-юми феврали соли 2016 дар камераи яккасаи ман зиндонбонҳо пайдо шуданд. Маро аз зинапоя фуровfarданд. Дар он ҷо ман фаҳмидам, ки аз афсари хадамоти

амният, ки пештар бозпурсиҳоро анҷом дода буд, ба назди ман ташрифи ногаҳонӣ овардааст.

— Ришу мӯйлабро тарошидан даркор, — ба риши дарози ман нигариста гуфт ӯ.

— Дар ин ҷо ин корро кардан он қадар осон нест, — гуфтам ман.

Вай ба пои лучи ман нигаристу пойафзолро аз анбор ба ман дод.

— Беҳтарин либоси худро бипӯш, — гуфт ӯ.

Ман рад кардам, зеро ҳама либосҳоям як услуб доштанд ва ғайр аз ин, ман медонистам, ки либосҳоям тозаанд, зеро ман онҳоро мунтазам мешустам.

«*Чӣ фарқ дорад, ки ман чӣ пӯшидаам?*» Ин таваҷҷӯҳи ногаҳонӣ ба намуди зоҳириам маро саргум кард. «*Оё воқеан имконпазир аст, ки касе аз ҳукумати Чехия ба Судон омада бошад? Вагарна чаро онҳо ба намуди зоҳирии ман аҳамият медиҳанд?*» Пас аз он дар майнаам фикре пайдо шуд, ки барои дуруст будан беҳад хуб буд: «*Шояд маро озод карданӣ ҳастанд?*»

Ба дастонам занҷирҳои вазнину дардовар баста, маро ба берун ба назди фургон бурданд. Шаш посбони мусаллаҳ маро ба фургон тела дода, аз паси ман дарун даромаданд. Ҳама чиз айнан чун дар ҳамон рӯзе, ки ман бо ҷаноби Слама дар «Маҳфили миллӣ» вохӯрдам, рӯй дод. Аммо, ин дафъа дар тартиб тағйироте ба амал омаданд, ки барои ман нороҳаткунанда буданд. Ба сарам капюшони сиёҳи ғафс пӯшонданд, то ки номи кӯчаҳоеро, ки хатсайри мо аз онҳо мегузашт, набинам.

Ҳангоме ман фаҳмидам, ки капюшон ба нафаскашӣ халал мерасонад, ман ба воҳима афтодам. Ҳангоме ки фургон ҳаракатро суст кард, ниҳоят капюшонро аз сарам гирифтанд ва ман аз дидани он, ки мо боз дар «Маҳфили миллӣ» ҳастем, ором шудам. Ҳангоме ки мо дар фургон мунтазир будем, ман мушоҳида кардам, ки мошини сиёҳи Мерседес ба таваққуфгоҳ даромад. Мошин бозистод ва чор нафар аз он берун баромаданд — ду

муҳофизи судонӣ ва ду марди сафедпӯст, ки ошкоро судонӣ набуданд ва шояд ҳатто чех буданд.

— Оё ту онҳоро мешиносӣ? — пурсид яке аз зиндонбонон.

— Не.

Ҳамин ки мардон ба «Маҳфили миллӣ» ворид шуданд, маро низ ба бино ворид намуданд ва ба ҳуҷрае, ки онҳо дар он нишаста буданд, бурданд. Ҳозирон худро муаррифӣ накарданд, балки танҳо эълон карданд, ки аз хадамоти иктишофи Чехия ҳастанд. Пас аз ин як қатор саволҳои аҷиб садо доданд.

— Оё шумо бо ягон хадамоти иктишофии хориҷӣ робита доред? — пурсиданд онҳо.

— Не, не, — рад кардам ман.

— Бо ягон хадамоти иктишофи ҳарбӣ робита доред?

Ман дар замони коммунизм як сол хизмати ҳатмии ҳарбиро адо карда будам, на бештар.

Дере нагузашта мулоқоти мо ба охир расид ва ман хабари даҳшатоваре гирифтам: ҳукумати Судон маро озод кардан намехоҳад. Ба ҷои ин, парвандаи ман ба додгоҳи Судон супурда шудааст. Маро ҳисси ноумедӣ фаро гирифт. Ман «Маҳфили миллӣ»-ро дар ҳолати рӯҳафтодагӣ ва афсурдагӣ тарк кардам ва оҳиста-оҳиста тамоми ташвишҳоро барои сару либос ва пойафзолам фаҳмидам.

Корманди Хадамоти миллии иктишоф ва амнияти Судон мехост, ки ман возеҳу равшан фаҳмам, ки ягона шарики ҷиддӣ, ки онҳо бо он музокира хоҳанд кард, хадамоти иктишоф аст, на дипломатҳо, на консулгарӣ ва на ҳатто худи сафир.

* * *

Дар миёнаҳои моҳи феврал аз ҳабс шудани ман ба расонаҳои хабарии байналмилалӣ маълум шуд. Сурати ман дар вебсайти Интерпол пайдо шуд, ки дар он маро дар Хартум бедаракшуда эълон карда буданд.

Баъд, рӯзи шанбе, 27-уми феврали соли 2016, ҳангоме ки ман дар камераи яккаса дар ҳабсхонаи Хадамоти миллии иктишоф ва амният қадам мезадам, занам ба як нуқтаи фурӯши сӯзишвории маҳаллӣ дар назди Прага даромад.

Он вақт вай бо ман робита накарда буд. Нигоҳаш ба як даста рӯзномаҳое афтод, ки дар назди дар буданд — шумораи рӯзномаи ҳаррӯзаи «Днэс», як рӯзномаи чехӣ.

Ҳангоме ки ӯ ин сарлавҳаро хонд, шах шуда монд: «Ба шаҳрванди Чехия дар Судон ҳукми қатл таҳдид мекунад». Ванда ашкҳои аз чашмонаш ҷоришавандаро боздошта натавониста, рӯзномаро харид ва сӯи мошин равона шуда, бо тамоми қувва ба хона шитофт, то ин хабари даҳшатнокро ба фарзандонамон расонад.




# 15

Якуним ҳафта пас аз он, ки маро ба камераи яккаса гузаронданд ва тақрибан ҳамон вақте ки сурати ман дар вебсайти Интерпол пайдо шуд, ҷаноби Слама, корманди шӯъбаи консулии сафорати Чехия, тавонист аз Миср биёяд ва боз бо ман вохӯрад. Бо садои ларзон ва ашкҳо дар чашмон ман ба ӯ дар бораи шиканҷаҳое, ки аввал аз дасти ҳамкамераҳо аз ДИИШ ва баъд дар "яхдон" кашида будам, нақл кардам.

«Лутфан, дар ин бора ба аҳли оилаам нагӯед, — илтимос кардам ман, — зеро онҳо дар бораи ман бештар хавотир мешаванд». Ҷаноби Слама гӯё ҳиссиёти маро фаҳмида, ба аломати ризоият сар ҷунбонд. Пас аз ин вохӯрӣ ба камера баргашта, ман боз шуввоси ҷараёни ҳаворо шунидам ва боз хунукии зиёд ҳуҷраро пур кард. Дарҳол фаҳмидам, ки бозгашти ҳавои сард амали интиқом аст: афсарони ХМИА маро барои он, ки ба ҷаноби Слама дар бораи шиканҷаҳо нақл кардам, ҷазо додаанд.

Ҳангоми боздиди навбатӣ, 10 марти соли 2016, ҷаноби Слама ба ман як сюрпризи дилписанд пешкаш намуд — ӯ ба ман ду нома аз аҳли оилаам дар Чехия ҳамроҳи иловаҳои ғизоӣ, ки барои мубориза бо камхунӣ фиристода буданд, дод. Сатҳи адреналинам баланд шуд ва ман ҳис кардам, ки дилам дар қафаси синаам тез метапад. Лаҳзае таъхир накарда, мактубҳоро кушодам. Аз он вақте, ки бори охир ба оилаам мукотиба карда будам, вақти зиёд гузашта буд! Ман ҳеҷ гоҳ пештар ба ин дараҷа хоҳони он набудам, ки аз кору бори онҳо бохабар шавам.

Мувофиқи талаботи роҳбарияти ХМИА, мактубҳо бояд ба забони англисӣ навишта мешуданд, аз ҳамин сабаб Вава дар оила ҳамчун котиб хизмат мекард. Ҳангоме ки ман хондани мактуби аввалинро, ки аз 1-уми феврал буд, сар кардам, аз чашмонам ашкҳо ҷорӣ шуданд. «Умедворем, ки ин нома туро сиҳату саломат пайдо мекунад, — навишта буд духтарам — ва дар ҳаққи ту хуб ғамхорӣ мекунанд.

Ту медонӣ, ки мо туро хеле пазмон шудаем ва ба зудӣ ба хона баргаштани туро пурсаброна интизорем». Вава сиҳат-саломат буд, занам бошад, пас аз шифо ёфтан аз бемории зуком ба қарибӣ ба кор баргаштааст. Ҳангоме ки хондам: «Ӯ туро хеле пазмон шудааст ва дар бораи ту бисёр фикр мекунад», дар баданам як ҳисси гармӣ паҳн шуд. Духтари ман навакак аз имтиҳони охирини худ оид ба бемориҳои дарунӣ гузашт. Ҳафтаи оянда, агар ӯ ҳамчунин аз имтиҳони ниҳоии худ оид ба гинекология ва акушерӣ гузарад, умедвор аст, ки дар беморхона кор пайдо мекунад.

Ҳангоме фаҳмидам, ки писарам Петр ба имтиҳони навбатӣ, ки рӯзи 3 феврал баргузор шуд, бо ҷидду ҷаҳд омодагӣ дидааст, табассум кардам. Пас аз супоридани он, ӯ корро бо рисолаи худ барои дараҷаи бакалаврӣ сар кард. Ман аз фарзандонам то чӣ андоза фахр мекардам! Кош акнун бо онҳо мебудам... Аммо ҳангоме ки ба поёни саҳифа нигаристам, чизеро хондам, ки диламро ба ларза даровард.

«Бо таассуф ба ту хабар медиҳем, — навишта буд духтарам, — ки падарат дар аввали моҳи январ даргузашт. Ӯ Мавлуди Исоро дар хона бо аҳли оила ҷашн гирифт, аммо дарҳол пас аз таътил саломатиаш бад шуд. Ба ӯ лозим омад, ки дубора ба бемористон баргардад ва пас аз якчанд рӯз, рӯзи 4-уми январ оромона даргузашт». Ҳангоми ёдоварӣ дар бораи марги падарам ман дарди зиёди эҳсосиро ҳис кардам ва ба хашм омадам, ки муфаттиш фақат пас аз якчанд ҳафта дар ин бора ба ман хабар дод.

Ман хондани мактубро давом дода, фаҳмидам, ки тамоми масъалаҳои хоҷагӣ оҳиста-оҳиста ҳал шуда истодаанд. Дар давоми тамоми ин муддат хушдоманам бо аҳли оилаам зиндагӣ мекард ва агарчи аз ҳабс шуданам ғам мехӯрд, саломатиаш беҳтар мешуд. Аз афти кор, бародарам низ ғаму андӯҳи аз даст додани падарро пурсаброна паси сар мекунад, аммо ман медонистам, ки ӯ хеле ғам мехӯрад, зеро дар давоми бемории падарам маҳз ӯ тамоми нигоҳубини падарро ба ӯҳда гирифта буд.

Чашмони ман якчанд сония таъхир карда, баъд ҷаста ба поёни саҳифа гузаштанд. Оилаи ман бо Вазорати корҳои хориҷии Чехия ва низ бо ҷаноби Слама робита мекард. Охири мактуб хеле зуд фаро расид ва диламро ба изтироб овард. «Мо ҳама туро хеле пазмон шудаем ва ҳама хешу табор ва дӯстонат дар бораи ту фикр мекунанд. Бо муҳаббат, Ванда, Вава ва Петр».

Ман мактуби якумро як сӯ гузошта, дарҳол мактуби дуюмро, ки 16-уми феврали ҳамин сол, баъди ду ҳафта навишта шудааст, хондам. «Петри азиз, — сар мешуд нома. Ҳангоме ки варақро ба чашмонам наздик кардам, дастонам меларзиданд.

— Мо хеле шодем, ки мактуби пештарaро ба ту навишта тавонистем ва ту онро хонда тавонистӣ. Умедворем, ки ту солим ҳастӣ ва ягон бемории ҷисмонӣ ва равонӣ надорӣ. Мо туро хеле пазмон шудаем ва ҳама вақт танҳо дар бораи ту фикр мекунем. Модарам ғамгин аст, ки ту дар хона нестӣ, аммо мо ҳама боварӣ дорем, ки ба зудӣ дар бораи ту маълумоти бештар ба даст меоварем».

Ванда ба воситаи Вава хабар медод, ки фарзандон аз боиси марги бобояшон хеле ғамгин шудаанд, бародарам бошад, ғаму андӯҳи амиқро аз сар мегузаронад. Ман фаҳмидам, ки аҳли оилаам бо хоҳаронам робитаи зич доранд ва на танҳо вазъи саломатии хушдоманам босуръат беҳтар шуда истодааст, инчунин ҳамсарам низ аз зуком пурра шифо ёфта, барои дидани духтари амакаш Яна сафар карданӣ аст ва духтари ман аз гинекология

ва акушерӣ имтиҳони хатмкунии худро супурда, ҳатто баҳои баландтарин — «А» гирифтааст.

Пас аз якчанд рӯзи истироҳат, ки онро ба аҳли оила ва ёрӣ дар корҳои хона бахшида буд, ӯ ба кори душвори тайёрӣ ба имтиҳони ниҳоӣ — аз педиатрия баргаштааст. Ман боварӣ доштам, ки ӯ аз он низ мегузарад. Писарам, ки ҳамчунин аз имтиҳони охирин бе ягон мушкилӣ гузашта буд, семестрро бо муваффақият хатм кард. Ман аз он шод шудам, ки аҳли оилаам то ҳол бо Вазорати корҳои хориҷӣ ва сафорати Чехия дар Қоҳира робита мекунанд ва то ҳадди имкон аз якчанд сатри охири нома лаззат мебурдам:

«Ҳар касе, ки туро мешиносад, доимо дар бораи ту фикр мекунад».

Ҳангоми ин боздид ба ман иҷозат доданд, ки номаи аввалини худро аз ҳабсхона ба аҳли хонаводаам нависам. Ман ин лаҳзаро хеле орзу мекардам ва дар майнаам нома тартиб медодам ва доимо дар бораи он чи ба аҳли оилаам менависам, фикр мекардам. Ман бо душворӣ бовар карда метавонистам, ки дар охир чунин имконият пайдо шуд. Ман дар бораи бисёр чизҳо ба онҳо гуфтан мехостам, — моҳҳои андеша ва дуо, ташвишҳову рӯҳбаландиҳо, тасаллиҳо ва шарҳҳо. Аммо дар иҳотаи корманди консулгарӣ аз як тараф ва муфаттиш аз тарафи дигар, ба ман ҳамагӣ чанд сония вақт доданд, ки ин корро анҷом диҳам ва ба ман танҳо иҷозат дода шуда буд, ки ба забони англисӣ нависам. Майнаам босуръат кор кард ва ман ба худ ёдрас намудам, ки дар интихоби суханон бояд хеле эҳтиёткор бошам. Ман саросемавор ба Ванда бо ҳарфҳои чопӣ навиштам:

*«Азизи ман!*

*Ин фақат як саломи кӯтоҳ аз Судон аст. Мехоҳам шумо донед, ки аҳволи ман хуб аст. Ташаккур барои ду номаи шумо, ки ман онро дар*

*ҳузури намояндаи Ҷумҳурии Чехия хондам. Аҳволам хуб аст, ман барои ҳамаатон дуо мекунам. Ман медонам, ки кори ман дар дасти Худованд аст. Аҳволам хуб аст ва ман шодам, ки аҳволи шумо низ хуб аст. Ман бесаброна интизорам, ки ба зудӣ ба хона баргардам.*

*Худованд ҳамаи шуморо нигаҳбон бошад!*

*Петр».*

Муфаттиш мукотибаро барои худ аксбардорӣ карда, онро ба Слама дод. Корманди консулгарӣ номаи маро печонида ба портфел гузошт.

— 8-уми апрел вомехӯрем, — гуфт ӯ ва рафт.

* * *

Ҳатто як-ду рӯз дар «яхдон» кифоя аст, ки маҳбусро девона кунад. Аммо боиси ҳайрати зиёди посбонон буд, ки ҳатто пас аз якчанд ҳафтаи маҳбусии якка ва ду давраи тӯлонии шамолхӯрии тоқатфарсо, ман ҳанӯз солим будам. Рӯзе дар «яхдон» ногаҳон «Посбони разил» пайдо шуд. Вақте ки ман ӯро дидам, хеле мутаассир шудам. Охир, маҳз ӯ дар он лаҳзае, ки маро бо об шиканҷа карданӣ буданд, аз чоҳи шер берун овард. Бо ашкҳо дар чашмонам ба ӯ ташаккур гуфтам, ки ҳаётамро наҷот дод. Ман оромона суроғаи почтаи электронии худро ба ӯ дикта кардам ва ӯро даъват кардам, ки агар ягон вақт ба Аврупо равад, дар хонаи ман бимонад. Ӯ низ мутаассир шуд ва дар чашмонаш ашкҳо пайдо шуданд.

Дар давоми ҳафтаҳои минбаъда мо дӯстони наздик шудем. Ҳар боре, ки ӯ навбатдор буд, ба наздам ба камераи яккаса меомад ва аз чойи пагоҳирӯзӣ ва ё хӯроки аз шом боқи-

монда ҳиссаи иловагӣ медод. Ниҳоят, гирифтани як пиёлаи пури чой барои ман аз ҷиҳати эҳсосотӣ хеле муҳим буд, зеро то ҳол дар хотир доштам, ки ифротгароёни ДИИШ ба ман он миқдори чой медоданд, ки поёни пиёлаи ифлосамро базӯр мепӯшонд.

Худованд ба ман як ояти Китоби Муқаддасро аз Марқӯс 9:41 ёдрас намуд: «Ва ҳар кӣ ба номи Ман шуморо, аз он рӯ ки пайрави Масеҳ ҳастед, косаи обе диҳад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки бе подош намемонад». Нӯшокии гармро нӯшида, аз лутфу марҳаматаш ба Худованд шукр гуфтам. Ҳатто дар камераи яккаса Ӯ ба ман дӯстии «Посбони разил»-ро дод.

* * *

Рӯзи 29 март, дуюним ҳафта пас аз навиштани нома ба ҳамсарам, яке аз зиндонбонони ҳабсхонаи ХМИА ба камераи яккасаи ман ворид шуд.

— Оҳо, ту дар ин ҷо ҳама чизро шустаӣ! — гуфт ӯ бо оҳанги дӯстона ва миннатдорӣ. Ман ҳақиқатан камера ва ҳоҷатхонаро тоза карда будам, то ки дар рӯи фарш пойлуч роҳ рафтан мумкин бошад.

— Петр, ҳама чизҳоятро гирифта, аз пайи ман биё, — гуфт ӯ. *«Моро озод мекунанд!»*

Ман дарҳол либосҳои ифлоси маҳбусиямро ба пакети пластикӣ андохтам. *«Оё кампаламро бо худ гирам?»* Агарчи он ба ман дигар лозим нест, ман қарор додам, ки онро ҳамчун хотира нигоҳ дорам. Охир, ин тӯҳфаи ҳамкамераи хубам ва аввалин ёдоварии вафодории Худо дар ин ҷо дар ҳабсхона буд.

Дар долон қадам зада, шубон Ҳасан ва тарҷумонам Мунъимро дидам, ки аз тирезачаи дари камераи ҳамсоя моро мушоҳида мекарданд. Ман бори аввал дар бораи ҳабс шудани онҳо аз ҳамкамераҳои бераҳм дар камераи аввалӣ бохабар шуда будам. Онҳо моро дар бораи кор ва мақсади ба Судон омаданам

«бозпурсӣ» карда, хабар доданд, ки «хамкоронам» низ ҳабс шудаанд. Баъдтар фаҳмидам, ки ин «ҳамкорон» кистанд.

Рӯзе аз тирезачаи камераам дидам, ки шубон Ҳасанро барои бозпурсӣ аз долон мебурданд ва дарҳол дар ҳаққи ӯ дуо гуфтанро сар кардам. Ҳоло чеҳраи Ҳасану Мунъимро аз тирезачаи дар дида, фикр кардам, ки оё боз онҳоро *медида бошам* ва хомӯшона аз Худо хоҳиш кардам, ки бародарони судониямро рӯҳбаланд кунад, қувват диҳад ва ҳифз намояд ва умед доштам, ки онҳо низ ба зудӣ озод мешаванд.

Маро аз зинапоя ба анбор бурданд ва дар он ҷо бағоҷи маро баргардонданд. Онро кушода, ҳайрон шудам, ки ҳамаи доруҳои фиристодаи аҳли хонаводаам дар он ҷо буд. Кормандони ҳабсхона ҳама вақт онҳоро дар он ҷо пинҳон мекарданд, ҳатто доруи зидди камхуниро, ки ба ман хеле даркор буд. Ман ҳамчунин дар ҷомадон коғази ҳоҷатхона, дезодорант ва одеколон ёфтам, ки ҷаноби Слама дар ҳар сафар меовард. Ман бори аввал ин ҳамаро дидам ва муҳтавои ҷомадон бароям манзараи дилписанд буд.

Ман чор моҳро бе дастмол, бе шампун ва ҳатто бе ришгирак гузаронидам. Танҳо собуни карболӣ ва якчанд шишачаи хурди об пӯстамро тоза нигоҳ медоштанд. Ҳангоме ки зиндонбон рафт, ман шиму майкаи чиркинамро кашида, ба ҷомадон гузоштам ва либосҳои тоза — либосҳоеро пӯшидам, ки қариб чор моҳ надида ва дар баданам ҳис накарда будам.

Ман дезодорант ва одеколонро молидаму аз андешаи бори дигар дидани Ванда табассум кардам.

— Аз паси ман биё, — фармуд зиндонбон ва иҷозат дод, ки ҷомадонамро бо худ гирам. Ман аз фикри ба зудӣ озод шудан нафаси сабук кашидам. «*Ниҳоят!*» Ҳатто ба дастонам завлона назада, маро ба берун ба назди микроавтобус бурд, ки умедвор будам маро ба фурудгоҳ мебарад. Соат 9-и бегоҳӣ буд ва ман медонистам, ки самолёти «Туркия Эйрлайнс» аз Хартум тахминан соати яки шаб парвоз мекунад. Пас аз якчанд соат ман

боз одами озод мешавам. «*Ниҳоят ман ба хона бармегардам!*» Ман аз тиреза ба берун нигоҳ карда, дидам, ки ҳавопаймоҳо ба фурудгоҳ мефуроянд ва аз он парвоз мекунанд.

Ҳангоме ки микроавтобуси мо ба гардиши чап, ки ба суи терминал мебарад, наздик шуд, ронанда бо кадом як сабаб суръати ҳаракатро суст накард. Ман ҳайрон шуда ба ӯ нигаристам, аммо чашмони ӯ ба пеш ба роҳ дӯхта шуда буданд.

«*Чӣ рӯй дода истодааст?!*» Ман боз ба сӯи фурудгоҳ нигаристам. Ронанда суръати мошинро суст накарда, рост ронданро давом дод. Ман дидам, ки фурудгоҳ аз мадди назар нопадид шуда, дар кучое дар ақиб монд ва ногаҳон худро тамоман рӯҳафтода ҳис кардам. Зарбаи мушт ба шикам нисбат ба ин ноумедии сахт дарди камтар меовард. Умеди ба зудӣ бо аҳли оила вохӯрдан бо гузашти ҳар сония бештар бухор мешуд, то он даме, ки тамоман аз байн рафт.

Пас аз якчанд дақиқа мо ба биное бо номи «Нияба-Мендола», идораи полиси махаллии Хартум расидем. Бино дар ҳолати даҳшатнок буд, — чунон бад, ки ҳабсхонаи Хадамоти миллии иктишоф ва амният дар муқоиса бо он чун қаср метофт. Маро ба идораи пурғавғо бо чараёни доимии кормандони полис ва афсарони ХМИА бурданд. Дар кабинети танг дар болои миз халтаи ноутбукро дидам. Дар ботинам боз шарораи умед фурӯзон шуд.

«*Шояд маро ба ин бино барои баргардонидани чизҳо овардаанд!*» Яке аз кормандон назди миз омада, сумкаи ноутбукамро кушод.

— Ин компютери шумост? — ба рӯи миз гузошта пурсид ӯ.

— Ҳа! — бесаброна хитоб кардам ман.

Он мард дар як вараки коғаз чизе навишт ва баъд камера ва дигар дастгоҳҳои электронии маро гирифт. Вай пайиҳам ба ман дар бораи ҳар як таҷҳизот савол дода, баъд онҳоро аз рӯйхат тафтиш кард. «*Шояд ин як қисми раванди баргардонидани амволи ман бошад*».

Аммо қадами навбатии ӯ рӯҳияи маро боз шикаст дод. Ба ҷои он, ки таҷҳизотро баргардонда ба халта гузорад, онро ба коркунони полис, ки дар кабинет ҳозир буданд, дод.

— Акнун шумо имкон хоҳед дошт муқоиса кунед, ки кадом ҳабсхона беҳтар аст, — гуфт ӯ бо нешханд.

Дар ин лаҳза ман фаҳмидам, ки маро ба фурудгоҳ бурданӣ нестанд. Маро дар изолятор ҷой доданд ва пас аз якчанд дақиқа марде омада эълон кард:

— Акнун шумо ба мо интиқол дода мешавед ва пеш аз он, ки парвандаатон ба додгоҳ равад, мо онро бо диққат тайёр мекунем.

Пас аз ин вохӯрӣ бо генерали хадамоти амният баргузор шуд. Ман пичаки хонача-хоначаи ӯро шинохтам ва ба ёд овардам, ки чӣ тавр ӯ маро дар фурудгоҳи Хартум бозпурсӣ карда буд. Ҳангоме ки маро бо либоси тоза дид, хандид ва парешонҳол шуданамро дида, боз ҳам баландтар хандид. Ман ноилоҷ мушоҳида мекардам, ки чӣ тавр ӯ аз ин лаҳза лаззат мебурд ва ба ғайр аз интизорӣ коре карда наметавонистам. Онҳо маро ба иштибоҳ андохта ба фикре водор карданд, ки ман озод мешавам. Бояд иқрор шуд, ки онҳо ба ин мақсади худ расиданд.




# 16

Ман бо дили нохоҳам либосҳои тозаи худро аз тан кашидам ва намедонистам, ки оё онҳоро боз медида бошам ва либоси чиркини маҳбусиро, ки онро дар ҷомадон ҷой дода будам, пӯшидам. Ман кампал, якчанд чизҳои иловагии пӯшиданӣ, шампун, коғази ҳоҷатхона ва ҳамёнамро берун баровардам ва бо ҳайрат дидам, ки дар онҳо то ҳол фунтҳои судонии ман буданд. Кормандони полис ба ман иҷозат доданд, ки доруҳо — изофаҳои оҳан ва баъзе антибиотикҳоро гирам ва онҳоро ба қабулгоҳи полис супорам.

Ман аз паси ҳамроҳон ба як камераи примитивӣ рафтам. Бари камера чоруним метр ва дарозиаш панҷуним метр буд. Дар фарш, бар гилеми сурхи чиркин понздаҳ нафар нишаста буданд. Се кас тамоку мекашиданд ва ҳуҷраи бадбӯй пур аз дуд буд. Барои гузаштан умуман ҷой набуд, ман кампалро ба рӯи фарш гузоштам ва чорзону нишастам. Аммо, ман медонистам, ки дар ин мавқеъ ба осонӣ дар хун лахтаи хун пайдо шуда метавонад ва агар ин ҳодиса рӯй диҳад, ман эҳтимол мемирам.

Тамоми шаб маҳбусонро меоварданд, то он даме ки шумораи мо ба беш аз бист нафар расид, ки дар майдони камтар аз сӣ метри мураббаъ ҷойгир шуда буданд. Як вентилятор аз паси ягона тирезаи камера ҳавои гармро ба сӯи мо равона мекард. Дари ҳуҷра маҳкам буд. Ман пушти ҳамкамераҳоямро, ки ба ман ҷафс нишаста буданд, ҳис мекардам. Ман аз чунин фазои пӯшида метарсидам ва худро ифлос ҳис мекардам.

Саҳарии рӯзи дигар маро аз камера бароварда, аз шӯъбаи полис гузаронда ба идораи «сарпрокурор» бурданд. Вай табассум кард ва ҳангоме ки ман дар кабинети кондитсионердор ба дивани чармин нишастам, ба ёрдамчӣ фармуд, ки ба ман сэндвичи мурғӣ ва кола биёрад. Вай ҳамчунин ба ман иҷозат дод, ки нохунгираки ӯро истифода барам (нохунҳоям ба кӯтоҳ кардан хеле эҳтиёҷ доштанд) ва ҳангоме пешниҳод кард, ки онро бо худ нигоҳ дорам, ман эътироз намудам ва исрор кардам, ки онҳоро баргардонам.

— Дар ҳақиқат, — гуфт ӯ, — бигир, зеро дафъаи оянда, ҳангоме ки он ба ту даркор мешавад, ту дар ин ҷо нахоҳӣ буд. Ман ба зудӣ фаҳмидам, ки ин шӯъбаи полис парвандаҳоро танҳо аз ҳабсхонаи ХМИА қабул мекунад ва ба хадамоти амнияти Судон ёрӣ мерасонад, аммо расман зери тобеияти он набуд.

— Ман боварӣ дорам, ки ту дар ин ҷо муддати зиёд намемонӣ, — гуфт прокурор. — Ба зудӣ ин масъала бо роҳи дипломатӣ ҳал мешавад ва туро озод мекунанд.

*«Шояд ин ҳабсхона ин қадар даҳшатнок набошад»*, — ба суханони прокурор бовар карда, бо умед аз дил гузаронидам ман.

Ман фаҳмондам, ки аз камхунӣ азоб мекашам ва бояд дубора аз муоинаи тиббӣ гузарам. Субҳи рӯзи дигар ӯ маслиҳат кард, ки маро ба беморхона баранд.

Муассиса дар тобеияти Вазорати корҳои дохилӣ буд. Чунин менамуд, ки он назар ба беморхонаи ХМИА таҷҳизоти бештар дорад ва ҳатто каме тозатар ба назар мерасид. Ҳангоме ки ба тарозу қадам гузоштам, бо хайрат ошкор намудам, ки аз моҳи декабри соли ҷорӣ бисту ду килограмм хароб шудаам.

Духтур ташхиси хун кард ва маълум намуд, ки сатҳи гемоглобин дар хуни ман нисбат ба пештара хеле пасттар шудааст. Ҳоло ҳамагӣ нисфи миқдори зарурӣ буд. Ман гумон мекардам, ки шояд хунравии дохилӣ дошта бошам. Зарбу лат дар якҷоягӣ бо вояи ҳаррӯзаи доруҳои дарди сар дар асоси аспирин, инро эҳтимолпазир гардонда буданд. Агар ман дар хона, дар

Чехия мебудам, духтурон аллакай маро ба хунгузаронӣ тайёр мекарданд. Дар ин ҷо, дар Судон, духтур ба кормандони полис маслиҳат дод, ки ба ман додани доруҳои оҳандорро давом диҳанд. Ман арзиши онҳоро худам пардохт кардам ва баъд маро ба камераам баргардонданд.

* * *

Дар давоми якчанд рӯзи оянда ба камераи пуродами ман боз ҳам бештари одамонро ворид мекарданд. Ҳоло дар ин ҷо тақрибан бист кас будем. Як саҳар ман худро махсусан рӯҳафтода ҳис мекардам ва дуо гуфтам: «Худовандо, то озод шудани ман боз чанд муддат мондааст?» Ҳангоме ки ман дуо мекардам, як марди эритреягӣ инро пайхас кард. Ӯ омада, худро шиносонд ва ба ман гуфт, ки хоҳараш ба калисои эритреягӣ дар Хартум меравад, аммо ман ҳис кардам, ки худи ӯ масеҳии аз олами боло таваллудшуда нест. Ҳангоме ӯ ба ман гуфт, ки ӯро барои одамфурӯшӣ ба воситаи Судон ҳабс кардаанд, гумонҳоям тасдиқ шуданд. Ҳангоме ки ба ӯ ва ба дигар маҳбусоне, ки муваққатан дар камераи пуродами мо буданд, дар бораи Масеҳ шаҳодат медодам, ман фаҳмидам, ки чаро Худо маро дар ин ҳабсхона ҷой додааст. Ӯ маро ба ин ҷо фиристод, то ки муҳаббати Масеҳро ба одамоне мавъиза кунам, ки ман ҳеҷ гоҳ дар ҳеҷ ҳолат ва шароити дигар бо онҳо вохӯрда наметавонистам.

Як саҳарӣ дувоздаҳ нафар ҷавонмардон, ду зан ва ду кӯдаки эритреягиро ба ҳабсхона оварданд. Онҳоро дар сарҳади Либия ва Судон боздошт карда буданд. Занҳо ва кӯдаконро дар як камераи хурдтар дар рӯ ба рӯи камераи мо ҷойгир карданд; ва дувоздаҳ нафар — ба камераи мо, ки дар он аллакай чилу се маҳбус буд. Шароит торафт бадтар мешуд. Ин қадар наздик ба дигар маҳбусон хобидан бениҳоят душвор буд. Шабона, ки хунукии тоқатфарсо буд, камера ба майдони муҳориба табдил

меёфт, ки дар он мардон якдигарро лагадкӯб ва муштк ӯб мекарданд, то кампалҳои ҳамдигарро кашида гиранд.

Эритреягиҳо аз чордаҳ то бисту чорсола буданд. Рӯзона онҳо дар як гӯшаи ҳуҷра тӯда шуда, тамоку мекашиданд. Мусулмонон масофаро нигоҳ дошта, тарафи дигарро ишғол мекарданд.

Боре, ҳангоме ки дар гӯшае нишаста дуо мегуфтам, ҳис кардам, ки Худо бо ман гап мезанад. Овози ӯ ба таври ҷисмонӣ шунида намешуд, аммо Рӯҳулқудс ба дили ман муроҷиат менамуд: *«Бирав, дар паҳлӯи ин одамон нишаста, дар бораи Исо ба онҳо нақл кун»*.

Ман қарор додам, ки итоат кунам ва ба канори дигари камера гузаштам. Ҳамин ки ман нишастам, ду эритреягӣ, ки ба забони англисӣ гап мезаданд, дарҳол ба ман савол доданд, ки ман аз куҷоям ва чӣ гуна зиндонӣ шудаам. Бо вуҷуди ҳузури мусулмонон, ман бе тарсу ҳарос ба онҳо дар бораи Исои Масеҳ ошкоро сухан мегуфтам. Ман ба онҳо шаҳодати худро гуфтам, сафари худро ба сӯи имон тавсиф кардам ва сипас онҳоро ташвиқ кардам, ки Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул кунанд. Ин одамон, чунон ки ман фаҳмидам, ба калисои православӣ тааллуқ доштанд, аммо ба ғайр аз гуфтугӯ дар бораи зарурати бӯса кардани иконаҳо дар девор ва ба онҳо дуо гуфтан, ман ҳеҷ нишонаи ҳақиқии имондории онҳоро надидам...

Бо мурури он, ки гуфтугӯи мо давом мекард, Худо ба дилам оромии фарогир фиристод. *«Акнун ман мефаҳмам, ки дар ин ҷо, дар ҳабсхона чӣ кор кардани маро мехоҳӣ»*, — дуо мегуфтам ман. Ва Худо як кори ғайричашмдошт кард, чизеро, ки ман ҳатто тасаввур карда наметавонистам! Он эритреягиҳое, ки ба забони англисӣ гап мезаданд, гуфтугӯи моро ба қисми боқимондаи гурӯҳ фаҳмондан гирифтанд ва бо гузаштани нисфирӯзӣ ва бегоҳӣ боз бештар маҳбусон ба мо ҳамроҳ шуданд, то даме ки ҳамаи дувоздаҳ мард Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул карданд.

Саҳарии рӯзи дигар гурӯҳи ҷавонони эритреягиро аз камера гирифта, ба ҳабсхонаи дигар гузаронданд. Аз он вақт ман дигар онҳоро надидам. Бо вуҷуди ин, дилам пур аз осоиш буд, зеро медонистам, ки Худо дар ҳаёти ин одамон чӣ кори бузург ва муҳимро ба ҷо овардааст ва ман хурсанд будам, ки Ӯ ба ман иҷозат дод як қисми он бошам. *Мақсад аз зиндонӣ шудани ман ҳамин буд!* — ниҳоят фаҳмидам ман. — «*Инак ҷавоби дуои ман!*» Дар он лаҳза тафаккури ман комилан дигаргун шуд. Ман дигар дар бораи некӯаҳволӣ ва бехатарии худ хавотир намешудам. Худо маро ба ин ҷо овард, то нури Ӯ бошам ва паёми Инҷилро мавъиза кунам. Аз ҳамон лаҳза ман қарор додам дигар хавотир нашавам, ки бо ман чӣ мешавад. Зеро ояндаи ман дар дасти Худост ва имрӯз ва ҳар рӯз рисолати ман нури Масеҳ будан аст, новобаста ба он, ки камераи ман то чӣ андоза торик аст.

Ман ба ҳар касе, ки Худо дар роҳи ман мефиристод, башорат доданро сар кардам. Ман бояд аз мусулмонон эҳтиёт мешудам. Баъзеи онҳо шахсони боэътимоди ХМИА, полиси махфӣ буда, ба Хадамоти амнияти Судон ҳар гуна маълумоти аз ман мегирифтаашонро, ки ба онҳо дар тафтиши парвандаи ман ёрӣ дода метавонист, мерасонданд.

— О, ту амрикоӣ ҳастӣ, — гуфтанд онҳо ҳангоме шуниданд, ки ман ба забони англисӣ гап мезанам.

— Ман медонистам, ки онҳо кӯшиш мекунанд дар бораи ман ҳарчи бештар маълумот ҷамъ кунанд, то маро ба дом афтонанд, бинобар ин ҷавоб додам:

— Ман амрикоӣ нестам; ман чехиягӣ ҳастам.

Дар гирду атрофи мо ҷосусҳо буданд, вале мо аз саволҳои шубҳанокашон муайян кардани онҳоро ёд гирифтем ва гумони мо одатан тасдиқ мешуд, ҳангоме ки пас аз якчанд рӯз онҳоро ғайричашмдошт аз камераи серодами мо мебурданд.

Ҳангоме ки шумораи мардон ба чил нафар расид, ман барои шифти нисбатан баланди камера шукр мегуфтам. Агар он

пасттар мебуд, ман боварӣ надорам, ки ягон нафари мо зинда мемонда бошад. Нарасидани ҷой махсусан рӯзона ба проблемаи сахт табдил меёфт, ҳангоме ки ҳарорат баланд мешуд ва дар камера ба таври тоқатфарсо нафасгиркунанда мешуд. Ман медонистам, ки дар берун чил дараҷа гарм аст. Дар беруни камера вентиляторе буд, ки ҳаворо аз тамоман нафасгиркунанда шудан бозмедошт, аммо он ба таври фосилавӣ кор мекард ва ҳароратро паст карда наметавонист. Ҳар гоҳе ки метавонистам, аз байни баданҳои араққарда гузашта, назди тиреза мерафтам, то каме ҳавои тозаро нафас кашам. Ман ҳамчунин фаҳмидам, ки дар назди дари панҷарадор низ андак бод мевазид. Ман дигар имкони дар рӯи фарш хобиданро надоштам. Ба ҷои ин ба ман лозим меомад, ки гоҳ чорзону нишинам, гоҳ рост истам. Рост истодан дарди камтар дошт, аз ҳамин сабаб ман бештари рӯз рост меистодам, китф ба китф бо ҳамкамераҳоям, ки мисли ман бадбахт буданд.

Гуруснагӣ рафънашаванда буд ва ман ҳис мекардам, ки он доимо шикамамро хӯрда мекунад. Мо дар як рӯз ду маротиба лубиёи ҷӯшонида мегирифтем. Баръакси *фула*, ки дар ҳабсхонаи ХМИА дода мешуд, ин лӯбиё бемаза буд. Як табақи калони лӯбиёро бо пакети пластикии нони мағорбастаи мудаввари судонӣ медоданд. Барои гирифтани лӯбиё ба мо нон лозим буд, аммо он ҳеҷ гоҳ барои ҳама кофӣ набуд. Азбаски судониён ба ҷои коғази ташноб дасти чапашонро истифода мебаранд, онҳо танҳо бо дасти рост хӯрок мехӯранд. Ман кӯшиш мекардам эҳтиёт шавам ва аз косаи умумӣ танҳо бо дасти рост хӯрок хӯрам, то ки ҳамкамераҳоямро наранҷонам, вагарна онҳо гумон мекунанд, ки ман ғизоро олуда карда истодаам.

Гоҳо хӯроки аввал дар соати 11 сар мешуд, аммо бисёр вақт хӯрок пас аз якчанд соат оварда мешуд. Ҳиссаи дуюми лӯбиё ва нонро мо пас аз фаро расидани торикӣ мегирифтем. Ба ман андаке хӯрок лозим буд, ки изофаҳои оҳании худро бо он истеъмол кунам, аз ҳамин сабаб то ҳадди имкон кӯшиш мекардам

як порча нонро барои саҳар захира намоям, барои мавриде, ки хӯроки наҳорӣ ба таъхир афтад. Ман дар ёд доштам, ки ғизое, ки ба ман ва ба ҳамкамераҳоям аз ДИИШ дар ҳабсхонаи ХМИА дода мешуд, то чӣ андоза даҳшатнок буд, аммо ҳоло ман хеле мехостам ҳамон хӯрокро дошта бошам!

«Қолин»-и моеъи сурх, чиркин ва пӯсида дар тамоми камераи мо паҳн мешуд. Дар берун ду ҳоҷатхона мавҷуд буд ва ба мо иҷозат медоданд, ки дар як рӯз ду маротиба қазои ҳоҷат кунем. Ду нафар аз зиндонбонон аз бадрафторӣ, ки нисбати ман карда мешуд, афсӯс хӯрда, гоҳо иҷозат медоданд, ки аввалин шуда ба қазои ҳоҷат равам, дигарон бошанд, дидаву дониста маро водор мекарданд, ки баъд аз ҳамаи маҳбусони дигар ба ҳоҷатхона равам. Чунин ба назар мерасид, ки дар шӯъбаи полис бе канализатсия қазои ҳоҷат кардан кори маъмулӣ буд ва бисёр вақт ба ман лозим меомад, ки ҳиссаи худро ба тӯдаи бузурги наҷосот, ки аллакай дар ҳоҷатхонаи пуршуда ҷамъ шуда буд, илова кунам. Мо як порчаи хурди собун доштем, аммо агар ман дастҳоямро зуд шӯям, он лағжида ба фарши ифлос меафтид.

Дар давоми се рӯзи аввали дар ин ҳабсхона буданам ба ман гуфтанд: «Агар шароит ба ту маъқул набошад, шикояти хаттӣ навис ва мо туро боз ба ҳабсхонаи амниятӣ мефиристем».

Фикр дар бораи баргаштан ба ҳабсхонаи ХМИА бароям хеле ҷолиб буд ва ман қарор додам, ки бо ҳамкамераҳои нави худ дар бораи пешниҳоди шикояти расмӣ маслиҳат кунам. «Ҳар чӣ шавад ҳам, барнагард, — гуфтанд онҳо.

— Ту ба ин ҷо одат мекунӣ».

Пас аз як ҳафтаи дар ҳабсхонаи идораи полис буданам намояндагони сафорати Швейтсария омаданд. Онҳоро барои назорат бар рафти парвандаи ман таъйин карда буданд. Пас аз гуфтугӯи тӯлонӣ бо прокурор онҳо ба ман хабар доданд, ки ҷаноби Слама ба вохӯрӣ бо ман, ки аз рӯи нақша бояд 8-уми апрел баргузор мешуд, омада наметавонад ва акнун парвандаи маро онҳо назорат мекунанд.

* * *

Ба идораи полиси «Нияба-Мендола» омада, ман мефаҳмидам, ки тафтишот аз ҷониби прокуратураи Судон эҳтимол боз муддате давом мекунад, аммо тақрибан як моҳ интизор шуданам лозим омад. «Шояд фардо», — такрор ба такрор мегуфтанд афсарон. Ҳар рӯз ман торафт бештар хавотир мешудам. Бо бӯи бади камераи пур аз одам мубориза бурда, хеле ташвиш мекашидам ва фикр мекардам, ки оё ягон вақт озод шуда метавонам.

Тафтиши «ҷиноятҳо»-и ман ниҳоят рӯзи 20-уми апрел аз нав давом ёфт. Маро ба ҳуҷраи бозпурсӣ оварданд ва дар сари миз дар рӯ ба рӯи прокурор шинонданд. Ман ҳамон саволҳоеро интизор будам, ки аз моҳи декабр сар карда аз онҳо канораҷӯӣ мекардам.

Ман ба миз, ки дар рӯи он папкаи ғафси кушода гузошта шуда буд, нигоҳ кардам ва рӯйхати номҳоро дидам, ки аз рӯи тартиби алифбо навишта шудаанд. Онро аз назар гузаронда, пас аз чанд сония ман фаҳмидам, ки ин рӯйхати иштирокчиёни конфронси масеҳӣ дар Аддис-Абеба аст. Дарҳол фаҳмидам, ки ба ғайр аз ҷосусони ҳукуматӣ, ки барои ҷосусӣ дар вақти конфронс фиристода шуда буданд, яке аз иштирокчиёни конфронс бояд хабаркаш бошад.

*«Ҳукумати Судон чунин рӯйхати пурраи номҳоро боз чӣ гуна дастрас карда метавонист?»*

Прокурор аз ман дар бораи иштирокчиёни конфронс пурсиданро сар кард.

— Ту Ҷон Мартинро мешиносӣ? — пурсид ӯ.

Ҷавобҳои ман то ҳадди имкон кӯтоҳ буданд, зеро медонистам, ки ҳар як маълумоти пешниҳодкардаам бар зидди ман ва масеҳиёне, ки номҳояшон дар рӯйхат буданд, истифода шуда метавонад.

— Ман шояд Ҷонро мешиносам, — гуфтам ман.

— Дар ёдам нест. Ӯ аз Амрико аст? — Ман ҳама кори имконпазирро кардам, то маро ба рад кардани ҳамкорӣ бо мақомот айбдор накунанд, аммо дар айни замон ягон маълумоти воқеӣ надиҳам. Илова ба ин, ҷавоб аллакай ба прокурор маълум буд.

— Оё дар конфронс масеҳиёни кореягӣ ҳозир буданд?

— То ҷое, ки ман дар ёд дорам, —ҷавоб додам ман, — ба назар чунин мерасад, ки як осиёӣ буд. — Ман аниқ намедонам.

Саволҳо пайи ҳам давом мекарданд. Ниҳоят, прокурор дид, ки пурсиш тамоман бенатиҷа аст, папкаро пӯшид ва аз ҷой бархест. Вақте ки ӯ баромад, маро боз ба камераам бурданд.




# 17

Пас аз боздиди якуми корманди консулгарии Чехия ман фаҳмидам, ки аз афти кор, барои баррасии парвандаи ман то се моҳ вақт меравад. Аммо дар нимаи моҳи апрел ман аллакай чору ним моҳ инҷониб дар Судон дар ҳабс будам.

Ба зудӣ маро ба додгоҳ даъват карданд. Ниҳоят, бори аввал фаҳмидам, ки маро дар чӣ айбдор мекунанд. Чунон ки маълум шуд, бар зидди ман якчанд айбномаҳо пеш бурда шуда буданд, аммо фақат дутои онҳо дар хотирам нақш бастанд — ҳамон дуто, ки боиси ҳукми қатл шуда метавонистанд. Ман медонистам, ки ҳукумати кишвар, аз афти кор, ҳукми қатлро нисбати шаҳрванди хориҷӣ иҷро намекунад, аммо вақте ҳукми ба ман содиршударо шунидам, беихтиёр абрӯ чин кардам. Ман дар бораи аҳли оилаам фикр мекардам, ки онҳо хабарро дар бораи ҳукми қатл, ки ба ман таҳдид мекард, чӣ гуна қабул мекунанд. Ман ашки занам, ғаму андӯҳи фарзандонам, ғаму андӯҳи ҷамоати калисоии худро тасаввур мекардам.

Таҳдиди ҳабси якумра дар он лаҳза эҳтимоли хеле воқеӣ буд ва маро тамоман парешонҳол кард. Адвокат ба ман нигариста, дар чашмонам ғаму андӯҳ ва тарсро дид. Ман кӯшиш намудам тасаввур кунам, ки боқимондаи умрамро дар ҳабсхонаи Судон мегузаронам ва зану духтарам, писарам ва дигар азизонамро дигар намебинам. Ҳатто бист соли дигарро дар ҳабсхона гузарондан ба назари ман ғайриимкон менамуд. Беҳтарин чизе, ки ман бештар аз ҳама ба он умед доштам, он буд, ки ҳукумати Судон маро ба мӯҳлати ҳабси баробар ба мӯҳлати маҳбусии

аллакай гузарондаам маҳкум кунад, ки ин дар ин кишвар дар ҳамин гуна мавридҳо зуд-зуд рӯй медод ва агар ин ҳодиса рӯй диҳад, ба зудӣ ман боз одами озод мешавам. Дар он лаҳзаҳо ман дар бораи Петруси расул фикр мекардам ва на танҳо барои он, ки номи ӯро доштам. Пас аз эҳё шудан, ҳангоми вохӯрӣ бо шогирдонаш Исо аз Петрус се маротиба пурсид: «Оё Маро дӯст медорӣ?» Ман дар бораи он чи Исо баъд аз ҷавоби Петрус гуфт, фикр кардам: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: ҳангоме ки ҷавон будӣ, миёнатро худат мебастӣ ва ба ҳар ҷое, ки мехостӣ, мерафтӣ; лекин ҳангоме ки пир шавӣ, дастҳоятро дароз мекунӣ ва дигаре туро баста, ба он ҷое, ки намехоҳӣ, мебарад» (Инҷили Юҳанно 21:18). Ҳабсхона маконе буд, ки ман ба он ҷо рафтан намехостам, аммо ба як чиз боварӣ доштам: Худо маро дар ин ҷо гузоштааст ва ӯ сабабҳои худро дошт, новобаста ба он, ки баъд бо ман чӣ мешавад.

* * *

Аз маҷлиси додгоҳ баргашта, фаҳмидам, ки маро аз камераи серодами умумӣ ба камераи хурдтари яккаса, ки паҳноиаш ду метр ва дарозиаш чор метр аст, гузаронидаанд. Бар хилофи таҷрибаи аввалини ман дар камераи яккаса дар “яхдон”-и ҳабсхонаи ХМИА, ин дафъа камера гарм буд. Шифт назар ба камераи калони умумӣ, ки маро аз он навакак ба ин ҷо гузаронданд, хеле пасттар буд (он қадар паст, ки ман метавонистам бо дастам ба он расам) ва кошинҳои калони хокистарӣ, ки деворҳо бо он пӯшонда шуда буданд, ҳамчун ҳимоятӣ хизмат мекарданд, ки ҳавои гарм ва тафсонро дар дохили фазои хурд нигоҳ медоштанд. Ғайр аз ин, бар хилофи камераи аввалаи яккасаи ман, ин маҳбусӣ аслан дар танҳоӣ набуд. Дар он тарафи долон камераи калоне буд, ки пур аз маҳбусон буд, ки агар ман овозамро баланд кунам, ба фикрам, бо онҳо гуфтугӯ карда метавонистам. Баъзе аз онҳо Ҳасану

Куваро ба ёдам оварданд ва ман бори дигар барои бародарони судонии худ дуо гуфтам.

Дар ин ҳуҷраи хурд он қадар гарм буд, ки арақи пӯст якбора бухор шуда, кристаллҳои намак боқӣ мемонданд. Аз берун доимо чанг ба дарун медаромад ва ман ҳар саҳар маҷбур будам онро бо ҷорӯби хурде, ки дар кунҷ хобида буд, рӯбам.

Шабона ман кӯшиш мекардам, ки бар болои кампал хоб равам, аммо ҳар саҳар бедор шуда, ошкор мекардам, ки рӯямро ба гилеми сурхи пур аз ифлосӣ, пешоб ва наҷосат, ки фаршро пӯшида буд, гузоштаам. Ҳар чӣ ҳам бошад, ҳатто дар ин шароити душвор ман ба зудӣ ба хоби амиқ ва ором рафта метавонистам. Тасаввурнопазир аст, ки тамоми муддати дар ҳабсхонаи ХМИА ва шӯъбаи полиси «Нияба-Мендола» гузарондаам ман ин гуна ором хобида метавонистам! Гоҳо ман медонистам, ки хоб натиҷаи хаста шудани майна ва хаста шудани тахайюлот аст. Аммо гоҳо ман ҳис мекардам, ки Худо ба воситаи хобҳо бо ман бевосита муошират мекунад. Дар як хоб дидам, ки чӣ тавр шиносномаамро ба ман баргардонданд. Он чунон фарсуда шуда буд, ки қариб реза-реза шуда мерехт. *«Ин чӣ маъно дорад? Худоё, оё ту ба ман мегӯӣ, ки маҳбусии ман аз он чи интизор дорам, зиёдтар давом мекунад?»*

* * *

Охири моҳи апрел ҷаноби Слама боз ба назди ман ба шӯъбаи полис омад. Вай гуфт, ки баъди якчанд моҳ ҳукумати Чехия ӯро ба ҷои кори нав мегузаронад ва ӯ дигар дар Қоҳира нахоҳад буд. Ман аз меҳрубонии ӯ ва барои тасаллие, ки ӯ ба оилаи ман медод, миннатдор будам. Ман дуо мекардам, ки ҳимоятгари навбатии ман монанди ҷаноби Слама ба ман меҳрубонӣ ва таваҷҷӯҳ зоҳир намояд.

Ҳангоми ин боздид ҷаноби Слама ба ман беҳтарин тӯҳфаҳо дод — номаи сеюм аз аҳли оилаам ва як Инҷил ба забони чехӣ!

Ман ба чашмони худ бовар намекардам. Вай ба ман хабар дод, ки Китоби Муқаддаси ман тӯҳфаи корманди нави консулгарӣ аст ва бо дархости аҳли оилаам дода шудааст. Ниҳоят ман метавонам Каломи бебаҳои Худоро дар дастонам нигоҳ дорам ва дар бораи ваъдаҳои олидараҷаи Ӯ мулоҳиза ронам! Аз замони ҳабс шуданам дар моҳи декабр он лаҳза бароям хушбахттарин лаҳза буд ва ин амали оддӣ дӯстии маро бо ҷаноби Слама ба сатҳи нав ва амиқтар бурд.

Бори аввал ба ман ҳамчунин иҷозат доданд, ки мактуби аҳли оилаамро нигоҳ дорам. Пас аз вохӯрии охирини худ бо ҷаноби Слама, ман онро дар даруни Китоби Муқаддас пинҳон карда, ба камераам баргаштам ва дарҳол барои хондан дар рӯи фарш нишастам. Аммо бе айнак чизеро дида наметавонистам, ҳатто вақте ки чашмонамро нимпӯш мекардам. Ҳуруф хеле хурд буд.

Пас аз ду рӯз ниҳоят ба ман муяссар шуд, ки айнаку қаламро, ки дар баѓоҷи ман нигоҳ дошта мешуданд, гирам. Акнун, ки хуб дида метавонистам, ҷойҳои холии нома аз аҳли оилаамро истифода бурда, ҳангоми хондани Китоби Муқаддас фикрҳоямро менавиштам. Дере нагузашта тамоми варақ бо истинодҳо ба Навиштаи Муқаддас, дуоҳо ва фикрҳое, ки Худованд ба ман дода буд, фаро гирифта шуд. Ман намедонистам, ки то кай ба ман иҷозати истифода бурдани Китоби Муқаддас дода мешавад, аз ҳамин сабаб бо шавқ аз ёд намудани оятҳоро сар кардам.

Ҳар рӯз, аз соати 8:00 то 16:30 ва ҳатто 17:00, ба камераи ман нури офтоб мерасид, то ки ман китоб хонда тавонам. Ман Китоби Муқаддасро ба панҷараи дар ё тиреза наздик бурда, то даме ки метавонистам, мехондам. Ман ҳеҷ гоҳ ин қадар ташнагиро нисбати Каломи Худо ҳис накарда будам. Барои хондан аз Ҳастӣ то Ваҳй ҳамагӣ се ҳафта лозим шуд. Ҳар як оятро, ки диққати маро ба худ ҷалб мекард ва ё фикр мекардам, ки ба ман нигаронида шудааст, аз ёд мекардам. Ман махсусан дар таронаҳои Забур ва 1 Қӯринтиён 10:13 тасаллӣ меёфтам: «Озмоише, ки ба сари шумо омадааст, ғайр

аз озмоиши одии инсонӣ чизи дигаре нест; ва Худо бовафо аст; Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то тоб оварда тавонед».

Ман ба зудӣ нақшаи хониши Китоби Муқаддасро таҳия кардам. Рӯзи душанбе ман Инҷили Матторо мехондам, рӯзи сешанбе Инҷили Марқӯсро мехондам. Рӯзи чоршанбе ман Инҷили Луқоро меомӯхтам, рӯзи панҷшанбе Инҷили Юҳанноро меомӯхтам. Ҳангоме ки рӯзи ҷумъа фаро мерасид, ман ба Китоби Аъмол тайёр будам ва рӯзи дигар ба Румиён мегузаштам. Ҳар рӯз ман як китоби нави Навиштаи Муқаддасро меомӯхтам ва ин муносибати пуршиддат дар хондани Каломи Худо ба ман фаҳмиши нав ва амиқро дар бораи тамоми Навишта дод.

Ман Китоби Муқаддасро аз нуқтаи назари тамоман дигар фаҳмидам. Порчаҳое, ки пештар гумон мекардам, ки хуб мефаҳмам, акнун барои ман мазмуни тозае пайдо мекарданд ва он чизҳое, ки ман намефаҳмидам, бароям равшан мешуданд.

Ман ҳар ҷои Китоби Муқаддасро кушоям, хоҳ дар Аҳди Қадим ва хоҳ дар Аҳди Ҷадид, Рӯҳулқудс ба ман ҳақиқатҳои нав ва амиқро нишон медод. Ман қаламро аз боғоҷи худ ва мактуби аҳли оилаамро истифода бурда, ин ҳақиқатҳои аҷиберо, ки дар пеши ман кушода мешуданд, менавиштам. Ҳар рӯз ман аз он ба ваҷд меомадам, ки метавонистам бо Каломи Худо вақти зиёд сарф кунам ва ҳайрон мешудам, ки чаро Худо ба ман имтиёз додааст, ки ба ғайр аз хондани Китоби Муқаддас кори дигаре накунам.

Чанде пеш аз моҳи Рамазон якчанд курсантҳои ҷавон аз академияи полис ба ҳабсхона барои таҷрибаомӯзӣ омаданд. Онҳо забони англисиро медонистанд. Вақте ки устодон дар наздикӣ набуданд ва касе онҳоро назорат намекард, баъзе аз курсантҳо ба ман хеле меҳрубон буданд ва ман якчанд имконият доштам, ки ба онҳо Инҷилро мавъиза кунам.

— Чӣ китобро мехонӣ? — пурсид боре яке аз курсантҳо.

— Ман Библияро мехонам, — ҷавоб додам ман.

— Библия чист?

«Библия *Инҷил* аст, яъне номи арабии Хушхабари Исо аст», — шарҳ додам ман.

Ба гуфтугӯ донишҷӯи дигар ҳамроҳ шуд.

— Байни Библия ва Қуръон чӣ фарқе ҳаст? — пурсид ӯ. Маҳз ҳамин савол ба ман лозим буд, ки дар бораи он гуфтугӯ кунам, ки чӣ тавр Масеҳ мурд, чӣ тавр Ӯ онҳоро дӯст медорад ва чӣ тавр Исо ягона роҳ ба сӯи Худост. Ҳар ду курсант дар бораи Хушхабар маълумот пайдо карданд ва дар охири сӯҳбат гуфтанд, ки мехоҳанд бештар фаҳманд. Ман шод будам, ки Худованд маро ҳатто дар ҳабсхона ба чунин тарзи қавӣ истифода мебурд.

* * *

Пас аз шаш ҳафта ҷаноби Слама бори охир ба боздиди ман омад. Вай аз хона боз як номаи шахсии занамро овард, ки духтарамон ба забони англисӣ тарҷума карда буд. Ман онро кушода, айнакамро пӯшидам ва бо диққат хондани ҳар як сатрро сар кардам.

*«Петри азиз!*

*Ҳафтаи гузашта мо дар бораи ту маълумоти нав гирифтем ва аз он шодем, ки ту номаи моро хонда метавонӣ. Акнун мо ба ту бештар нома мефиристем.*

*Ман номаи туро нигоҳ доштам, онро зуд-зуд аз нав мехонам ва хеле шодам, ки онро бо дасти худ навиштаӣ...»*

Ман пайхас кардам, ки Ванда якчанд ҷузъиёти муҳими ниҳониро дар нома ҷой додааст. Пас аз он, ки ба ман дар бораи фаро расидани баҳор дар Чехия ва дар бораи волидонаш хабар медод, Ванда навишта буд: *«Муаллимаи забони англисӣ ва шавҳараш мунтазам ба боздиди мо меоянд»*. Ман медонистам, ки сухан дар бораи муовини директори минтақавии «Садои риёзаткашон» барои минтақаи Африқо меравад, ки ман ӯро таълим медодам. Ҳангоме ки ман дар ҳабсхона будам, ӯ қисми зиёди кори маро дар Африқо ба ӯҳда гирифт.

Ванда ҳамчунин навишта буд, ки *«амаке, ки ба Ванда гематологияро таълим медиҳад, боз ба меҳмонӣ меояд»*. Ӯ ёрдамчии ман дар «Садои риёзаткашон», дӯсти азизам Китро, ки ман аз замони кор дар соҳаи тиб медонистам, дар назар дошт, ки ӯ ҳоло ба оилаам ғамхорӣ мекунад ва дар вақти набудани ман дар иҷрои вазифаҳоям ёрӣ мерасонад. Ман ин суханонро хонда, осуда шудам: *«Дӯстони ӯ дар шимол мегӯянд, ки дар он ҷо барф чунон бисёр аст, ки ҳама чизро сафед кардааст»*, зеро медонистам, ки ин ибораи рамзӣ буд ва Ванда ба ман мегуфт, ки «Садои риёзаткашон», «Дӯстони Кит дар шимол», яъне аз Амрикои Шимолӣ, ҳама ҳисобҳои бақайдгирӣ ва паролҳоеро, ки маро ба онҳо мепайвастанд, тоза кардаанд.

Ванда мактубашро бо суханоне ба охир расонд, ки маро ба ҳаяҷон оварда, ба умқи дилам таъсир расонд. Вай навишта буд, ки доимо дар ҳаққи ман дуо мекунад, пазмон шудааст, ба дилам оромӣ мехоҳад ва умедвор аст, ки ба зудӣ ба ватан бармегардам. Вай он лаҳзаҳои олидараҷаро, ки дар давоми ин солҳо бо ҳам гузаронида будем, ба ёд меоварад. Шабона, чанде пеш аз хоб рафтанаш вай такрор мекунад, ки маро дар ёд дорад ва ҳар саҳар, ҳангоме ки аз хоб бедор мешавад, бо «нахустин нури офтоб» ба ман салом мефиристад.

Мактуб дароз набуд, ӯ навишта буд, ки ба ҷои бо қалам ва ранг навиштан, умед дорад, ки ба зудӣ бо ман рӯ ба рӯ сӯҳбат

мекунад. Ва он чи Ванда баъд аз ин навишт, ба ман ёдрас намуд, ки чаро ӯ диққати маро дар беморхона ба худ ҷалб кард, чаро ман ин қадар ӯро дӯст доштам, чаро бо ӯ оиладор шудам ва чаро ӯро тамоми ин муддат аз таҳти дил дӯст медорам. «Ҳатто дар ин вазъияти душвор, — навишта буд вай, — мо танҳо нестем. Мо дар дасти Худо ҳастем». Вай мактубро бо чунин суханон ба охир расонд: «Ман туро сахт ба оғӯш мегирам ва мебӯсам. Вандаи ту».

Дар ҳузури ҷаноби Слама ва прокурор дар шӯъбаи полиси «Нияба-Мендола» ба ман иҷозат дода шуд, ки ба аҳли оилаам мактуби дуюм нависам, боз ҳам ба забони англисӣ.

*«Азизонам!*

*Ташаккури зиёд барои мактубҳоятон; онҳо барои ман рӯҳбаландии бузург буданд. Ман шодам, ки аҳволи шумо хуб аст. Аҳволи ман ҳам хуб аст. Ҳама вақт Худованд дар ин ҷо бо ман аст ва маро барои хизмат ба Подшоҳии Худ истифода мебарад. Ман бо Худованд вақтҳои хуб мегузаронам ва барои ҳамаи шумо дуо мегӯям.*

*Ин озмоиш берун аз ҳудуди қуввати мо нест ва Худованд, ки вафодор ва росткор аст, бароямон роҳи баромад аз вазъиятро омода намудааст. Хоҳиш мекунам, дар Худованд қавӣ бошед ва ба Ӯ боварӣ намоед, зеро Ӯ ҳама чизро зери назорат нигоҳ медорад, Ӯ ҳамонест, ки калиди камераи маро дар даст дорад.*

*Ташаккур ба шумо барои доруҳое, ки дар моҳи феврал ба ман фиристодаед. Ман то ҳол ба миқдори кофӣ аз онҳо дорам. Саломатиам мӯътадил*

*аст, тадриҷан гемоглобин захира карда истодаам. Ба ғайр аз ин, ман ба қадри кофӣ қувват дорам ва ҳар рӯз дар камера бисёр қадам мезанам.*

*Ман дар ҳақиқат дуоҳои шуморо қадр мекунам ва бо суханон баён намуда наметавонам, ки ҳамаи шуморо чӣ қадар дӯст медорам ва чӣ қадар пазмон шудаам. Умедворам, ки бо дуои мо ба зудӣ озод мешавам.*

*Салом ба ҳамаи аҳли оила, дӯстон, бародарон, хоҳарон ва ҳамкорон.*

*Бо муҳаббати бузург дар Ӯ,*
*Петр».*

* * *

Рӯзи 5 май шубон Ҳасан ва Мунъимро аз ҳабсхонаи ХМИА ба камераи рӯ ба рӯи ман гузаронданд. Дар камераи ҳамсоя пайдо шудани онҳо маро шод кард. Онҳо маро дида, ҳайрон шуданд, зеро, чунон ки баъдтар фаҳмидам, онҳо гумон карда буданд, ки он вақт маро озод кардаанд. Рӯзи 29-уми март, ҳангоме ки ҳанӯз дар ҳабсхонаи ХМИА будам, онҳо ба ҳайрат дида буданд, ки чӣ гуна зиндонбон маро аз назди камераашон гузаронда ба сӯи анбор бурд, то ҷомадонамро бигирам. Пас аз даҳ рӯз шубон Кува ҳам омад.

Зиёда аз як моҳ буд, ки ман ин бародаронро надида будам ва дар орзуи дидори онҳо будам. Гоҳо ба онҳо иҷозат медоданд, ки дар назди камераи яккасаи ман истанд ва мо пичирросзанон сӯҳбат мекардем. Ман фаҳмидам, ки шубон Ҳасан аз аҳли оилааш Аҳди Ҷадид ба даст овардааст. Ман шукргузор будам, ки ҳоло ӯ низ Каломи Худоро дорад ва метавонад ба он такя кунад

ва онро омӯзад. Бисёр вақтҳо, агарчи дар камераҳои гуногун маҳкам карда шуда будем, мо оятҳои рӯҳбаландкунандаро ба ҳамдигар мерасондем. Байни камераҳои мо ҳамагӣ панҷ метр фосила буд, аммо ғурриши вентилятор гӯшкаркунанда буд. «Румиён 8:18-ро хонед! — фарёд мезадам ман ва парвое надоштам, ки касе метавонад маро шунавад, «Ман дилпурам, ки азобҳои замони ҳозира дар муқоиса бо он ҷалоле, ки дар мо ошкор мешавад, ҳеҷ аст». Ин ояте буд, ки ман аҳли оилаамро бо он рӯҳбаланд мекардам ва акнун онро барои рӯҳбаланд кардани дӯстонам истифода мебурдам.

Бародар Мунъим дар сӯҳбатҳои оромонаи мо дар бораи Навишта иштирок мекард, аммо ӯ оятҳои Китоби Муқаддасро нидо намекард ва ба дигар маҳбусон Китоби Муқаддасро намехонд.

Хонаводаи Кува ва Ҳасан масеҳиён аз кӯҳҳои Нуба буданд, аммо Мунъим дар оилаи мусулмон таваллуд шуда буд, аз ҳамин сабаб дар назари мусулмонони дигар ва ҳукумати исломии Судон ӯ бояд мусулмон бошад. Ва ин маънои онро дошт, ки агар масеҳӣ шудани ӯ маълум мешуд, илова ба таҳдидҳое, ки Мунъим аз ҷониби ҳамкамераҳои мусулмонаш дучори он шуда буд, ба айбномаҳое, ки бар зидди ӯ пеш бурда шуда буданд, айбнома оид ба муртадӣ илова шуда метавонист. Аз ҳамин сабаб ӯ ҳангоми дар ҳабсхона буданаш имонашро пинҳон медошт. Дар ҳабсхонаи пештара, ки мо он ҷо нигоҳ дошта мешудем, мусулмонон ҳатто аз Мунъим хоҳиш карда буданд, ки ба онҳо ҳамчун имом хизмат кунад!

Кува ва Ҳасан баъдтар ба ман фаҳмонданд, ки онҳо ҳамеша ба имондорони нав аз оилаҳои мусулмон маслиҳат медиҳанд, ки боэҳтиёт бошанд, ки чӣ тавр ва кай ба дигарон дар бораи имони худ ба Масеҳ нақл кунанд. Вазъияти Мунъимро он чиз мураккабтар мекард, ки ӯ дар ҳабсхона ва зери ҳукми додгоҳ буд.

Пас аз ду ҳафта зиндонбон туҳфаеро, ки консулгарии Швейтсария ба ман фиристода буд, ба камераам овард. Дар дохили баста ду шиша шампун ва тарҷумаи чехии китоби «*Исо. Тарҷу-*

*маи ҳол»*-и Пол Ҷонсон буд. Китобро кушода, дар зери муқова номаи консулро ёфтам. «Мо хеле шодем, ки аҳволи шумо беҳтар шудааст ва хӯроки беҳтар мегиред», — хондам ман.

Албатта, ин рост набуд. Ин маълумот ба консулгарӣ ба воситаи сарпрокурор ва корманди консулгарӣ пас аз боздиди ӯ бо ман дар моҳи апрел расонида шуда буд, аммо дар асл вазъи ман хеле бадтар буд. Хӯроки ман аз чор маротиба дар як рӯз ба ду кам шуда буд ва калламушҳо шабона дар камера давида мегаштанд.

Қариб аз ҳамаи ҷиҳатҳо шароит дар ин шӯъбаи полис нисбат ба шароите, ки ман пештар дар он будам, хеле бадтар буд, аммо азбаски ман имконият доштам мунтазам бо адвокат муошират намоям ва пули судонии худро барои харидани маводи зарурӣ истифода барам, корманди консулгарии Швейтсария хулоса бароварда, ба аҳли оилаам расондааст, ки шароити нигаҳдории ман беҳтар шудааст. Чун фаҳмидам, ки акнун аҳли оилаам барои ман аз ҳад зиёд хавотир намешавад, ором шудам. Ман хондани номаро давом додам ва фаҳмидам, ки оилаи калисоии ман вақтҳои муайян рӯза мегиранд ва ҳар бегоҳ соати 20:00 мунтазам барои ман дуо мекунанд. Ман хонданро қатъ кардам ва фарқи вақтро байни Прага ва Хартум зуд ҳисоб кардам. «*Соати ҳашт... Маҳз дар ҳамин вақт ман ба хоб меравам!*» Ман фаҳмидам, ки маҳз дуоҳои калисои ман, ки ба хизмати шафоат барои ман дар назди Худо бахшида шуда буданд, имкон доданд, ки новобаста ба вазъият, ҳар шаб оромона хоб равам.

Дар муқоваи китоб номаи дуюм низ пинҳон карда шуда буд ва ҳангоме ки онро баровардам, хеле шод шудам, ки Вава низ ба ман навиштааст. Ҳангоме ки ман номаи ӯро хондам, фикран аз масъулияте, ки духтаракам ҳангоми дар Судон маҳбус будани ман ба дӯш гирифта буд, ба ваҷд омадам. Вай ба ман гуфт, ки писарамон Петр рисолаи тахассусии бакалаврӣ навишта истодааст ва ӯ то дақиқаи охирин интизор

нашуда, тадқиқотро сари вақт сар кард, то вақти кофӣ дошта бошад ва стрессро аз сар нагузаронад. Вава ҳамчунин хабар дод, ки суханони дар мактуби охирини худ навиштаам ӯро хеле рӯҳбаланд карданд. «Тамоми оила дубора умед пайдо кард, — навишта буд ӯ.

— Мактуби ту ба модар қувваи нав бахшид». Ин сатрҳоро хонда, ман ба ҳаяҷон омадам. Агарчи хеле дур, дар ҳабсхонаи судонӣ ҳастам, ман тавонистам аҳли оилаамро рӯҳбаланд ва дастгирӣ кунам ва онҳоро шод гардонам.

Зодрӯзи Ванда наздик мешавад —аввалин зодрӯзи ӯ дар давоми тамоми солҳои оиладориямон, ки ман дар он ҳузур доштан наметавонам. Худи фикр дар бораи ин маро хеле ғамгин кард, аммо ман аз он шод будам, ки Петру Вава ба зодрӯзи модарашон тӯҳфаи беҳтаринро интихоб кардаанд.Онҳо қарор доданд, ки ба ӯ телефони нав харанд, зеро ӯ акнун вақти зиёдеро барои занг задан сарф мекунад. Ман табассум накарда натавонистам. Ман тасаввур мекардам, ки чӣ тавр духтарам ба Ванда тарзи истифодаи дастгоҳи навро, ин «нававарии нав»-ро, чунон ки Вава дар номаи худ онро номидааст, ёд медиҳад.

Занам маро хеле пазмон шуда буд ва ман тасаввур кардам, ки чӣ тавр ӯ дар назди фарзандон эҳсосоти худро пинҳон карданӣ мешавад. «Гоҳо ӯ мехоҳад ҳаяҷонашро аз ману бародарам пинҳон кунад, — навишта буд Вава, — аммо муваффақ намешавад». Ман Вандаро тасаввур кардам ва дидам, ки чеҳраи ӯ пур аз андӯҳ буд, ҳангоме ки ногаҳон ӯро эҳсоси танҳоӣ ва нотавонӣ фаро гирифт. Ман тасаввур кардам, ки чӣ тавр вай кӯшиш мекунад ба хотири фарзандонамон қавӣ бошад ва бо дарде, ки набудани ман ба ӯ мерасонад, мубориза мебарад. Аз фикр дар бораи он, ки фарзандонамон ҳозир дар назди ӯ буда, ӯро дастгирӣ ва тасаллӣ медиҳанд, бори гарони ӯро бо ҳам мебардоранд, ман каме сабукӣ ҳис кардам. Агар Ванда танҳо мебуд ва маҷбур мебуд, ки ин ҳамаро танҳо аз сар гузаронад, аз эҳтимол дур аст, ки вай аз ӯҳдаи худ

баромада метавониста бошад. Духтарамон дид, ки модараш Китоби Муқаддас ва низ номаҳои Ян Ҳусро мехонад. Ян Ҳус илоҳиётшиноси чехиягӣ ва ислоҳотчии калисо буд, ки тақрибан сад сол пеш аз сар шудани ислоҳоти протестантӣ дар Олмон, дар ибтидои асри XV дар Прага зиндагӣ мекард. Ӯ, ки дар Констанс барои навиштан ва мавъиза кардан бар зидди зиёдаравиҳои ғайрибиблиявии Рум зиндонӣ шуда буд, дар арафаи он, ки соли 1415 дар оташ сӯзонда шавад, «Номаҳо из Констанс»-ро навишт. Ва акнун суханони Ҳус, ки дар камераи ҳабсхона зиёда аз 500 сол пеш навишта шуда буданд, Вандаи маро дар интизории шавҳараш, ки дар соли 2016 дар камераи ҳабсхона бандӣ буд, рӯҳбаланд мекарданд. Ман фаҳмидам, ки дигар аъзоёни оила ва дӯстон аз калисои мо ҳамчунин занамро дастгирӣ мекунанд. Ман медонистам, ки онҳо ҳар рӯз бо ӯ гуфтугӯ мекарданд ва доимо барои мо дуо мегуфтанд. Ман дар бораи писарам андеша намуда, табассум кардам. Ман хостам дар хона бошам, то ки ӯро рӯҳбаланд кунам.

Ҳикояи Вавbooро дар бораи кори наваш хонда, ман чандин сол пеш бори аввал дар беморхона ба кор даромадани худро ба ёд овардам. Аз рӯи суханони духтарам, ӯро дар яке аз беморхонаҳои Прага ба кор гирифтаанд, вале барои расидан ба он ҷо тақрибан як соат вақт лозим буд. Сафар бо автобус яке аз вариантҳо буд, аммо шавҳаршавандаи Вава Ҳонза пешниҳод кард, ки мошини ӯро истифода барад. «Ӯ дар хона низ ба мо бисёр ёрӣ мерасонад; ба дарахтони боғ об медиҳад ва дар дарахтон зардолуҳои хурдакак пайдо шудаанд. Мо ҳамчунин барои ту ва озод шудани ту якҷоя дуо мекунем».

Вава ҳамчунин хабар дод, ки ӯ доимо бо кормандони «Садои риёзаткашон» робита мекунад. Онҳо барои пардохти хароҷоти гуногун ёрӣ мерасонанд. Аз афти кор, вай медонист, ки ман хавотир мешудам ва фикр мекардам, ки оилаам чӣ гуна метавонад пули ипотекаро супорад, ҳисобҳоро пардохт кунад ва ғайра.

Аз ҳамин сабаб, ҳангоме ки суханони духтарамро хондам, ки «ҳамаи хароҷот пӯшонда шудаанд» хеле умедвор шудам. Ҷавоб ба дуоҳои ман ҳамчунин он буд, ки чунон ки вай навишта буд, вай аксар вақт бо «амакаш» Кит муошират мекунад, ки «ба оила дастгирии бузург мерасонад».

Вава дар бораи саломатии яке аз дӯстонам, ки Худованд маро водор менамуд дар ҳаққи ӯ дуо гӯям, хабар фиристод. Вай номаро бо он ба охир расонд, ки аҳли оилаам бо Вазорати корҳои хориҷӣ ва сафорат дар Қоҳира робитаи зич доранд ва онҳо тайёранд маро бо адвокати дигар таъмин кунанд.

«...*Аз ҳеҷ чиз хавотир нашав»,* — навишта буд. — *Туро ёд кардам, падар.*
*Духтарат Ванда ва низ занат Ванда ва писарат Петр».*

Ман мактубро хонда тамом кардам ва дарҳол зиндонбонро ҷеғ зада, аз ӯ варақҳои коғаз дархост кардам. Боиси тааҷҷуби ман буд, ки ӯ розӣ шуд ҷустуҷӯ кунад ва дере нагузашта ман аз камера ба оилаам номаи рамзикунондашуда менавиштам. Ман намедонистам, ки кай онро фиристода метавонам ва оё умуман онро фиристода метавонам.

*«Ман аз мактубҳои ту хеле рӯҳбаланд шудам, хусусан ҳангоме ки дар бораи дастгирии дуоӣ ва рӯзадории калисои мо фаҳмидам! Ман боварӣ дорам, ки дӯстони Кит дар шимол ҳамчунин ҳамин тавр мекунанд.*

*Ҳангоми бори охир ба боздиди ман омадани корманди сафорат Китоби Муқаддасро ба забони чехӣ аз ӯ ба даст овардам! Ман тасвир карда наметавонам, ки то чӣ андоза хурсанд будам.*

*Ман дар ду ҳафтаи аввал зиёда аз нисфи онро хондам! Дар давоми панҷ моҳ ман хеле ташнаи Каломи Худо шудам! Он маро хеле рӯҳбаланд мекунад, махсусан таронаҳои Забур.*

*Худовандамон ба ман таълим медиҳад, ки дар ин вазъият пурсабр бошам (ниг. Румиён 12:12). Ва чунон ки ман дар номаи пештара навишта будам, он ба мо қувват медиҳад, ки аз ин озмоиш бо муваффақият гузарем (ниг. 1 Қӯринтиён 10:13). Ҳар рӯз ман бо Худованд вақти олидараҷае мегузаронам. Аз 20-уми апрел инҷониб ман дар камераи яккаса ҳастам, аз ҳамин сабаб метавонам бо овози баланд хонам, дуо гӯям ва суруд хонам. Худованд ба ман суханони бисёреро аз сурудҳое, ки дар замони ҷавонӣ ва дар замони ҳокимияти коммунистӣ аз ёд карда будам, ёдрас мекунад.*

*Ҳангоме ки ман Китоби Муқаддасро мехонам ва он оятеро меёбам, ки Худованд дар давоми панҷ моҳи аввали дар ин ҷо буданам ба ман ёдрас карда буд, ман гӯё марвориди гумшударо меёбам! Ман аз хондани порчаи 1 Петрус 4:12–14 хеле шод шудам. Боварӣ дорам, ки шумо низ дар он рӯҳбаландӣ хоҳед ёфт!*

*Ман ҳамчунин аз Худованд барои омӯзиши аълои духтарамон Ванда ва писарамон Петр хеле шукргузорам. Ман бо шумо, фарзандонам, хеле фахр мекунам! Ман ҳамчунин шодам, ки модаратон бо муаллими хеле хуб ба таври ҷиддӣ омӯхтани забони англисиро сар кардааст. Он ба ту*

*лозим мешавад, Ванда, зеро дар оянда, пас аз озод шуданам, ту бояд бо ман бисёр сафар кунӣ, то ки дигар дар бораи ман хавотир нашавӣ!*

*Саломатии ман хуб аст. Худамро хуб ҳис мекунам, бо вуҷуди бист килограмм вазнро аз даст доданам, қувватам маро тарк намекунад. Фишори хунам мӯътадил метобад.*

*Дар ин ҷо вақт хеле суст мегузарад, аз ҳамин сабаб мо бояд пурсабр бошем ва ба Худованд таваккал кунем, зеро Ӯ ҳамон касест, ки калидҳои камераи маро дар даст дорад.*

*Ман на ба одамон, балки ба Ӯ умед мебандам. Ӯ ҳамонест, ки ҳама чизро зери назорат нигоҳ медорад. Ҳамаи мо дар дастони меҳрубони Ӯ ва зери ғамхории шоҳонааш ҳастем!*

*Ман бо суханон ифода карда наметавонам, ки то чӣ андоза ҳамаи шуморо дар дилам азиз медорам! Ман шуморо хеле пазмон шудаам ва аз умеди дидани шумо ва дар хона бо шумо будан хурсандӣ мекунам!*

*Ҳар рӯз, дар фосилаҳои байни хониши Китоби Муқаддас, ман барои ҳамаи шумо дуоҳои самимӣ мекунам. Ман аз Худо барои шумо хоҳиш мекунам ва барои ҳамаи шумо баракат мехоҳам (Китоби Ададҳо 6:24–26).*

*Бо муҳаббати бузург,*
*Петр».*

Баъд ман як вараќи хурд гирифтам ва рӯйхати ашёи заруриро тартиб додам — аз қабили пемза барои пошна барои тарошидани пӯсти мурда, ҳар гуна лавозимоти ташнобӣ ва низ крем бар зидди мағор ва бактерияҳо. Ман варақҳоро чорқати хурдакак карда, боздиди корманди консулгарии Швейтсарияро интизор шудам.

Ӯ баъд аз панҷ рӯз, 24-уми май омад. Ҳангоме ки маро аз камера бароварда ба вохӯрӣ бурданд, ман бо диққат пораи хурди коғазро дар даст медоштам. Ҳангоми дастфишорӣ ман коғази хурди чорқатшударо дар дасти ӯ гузоштам. Пас аз он, ки корманди сафорат аз ҳуҷра баромад, ман барои номаи худ ва барои рӯйхате, ки ҳозиракак ба Аврупо равона кардам, дуо гуфтам.




# 18

Дар моҳи май ва июн ҳарорат ҳатто дар дохили бино аз 50 дараҷа зиёдтар мешуд. Маро дар камераи хурдакаки яккаса нигоҳ медоштанд, ки пештар барои нигоҳдории занон пешбинӣ шуда буд. Ман миннатдор будам, ки танҳо мондам, зеро акнун метавонистам шими кӯтоҳи аз бағоҷам гирифташударо пӯшам. Агар ман то ҳол дар камераи калон мебудам, ин барои ҳамкамераҳои мусулмонам қобили қабул намебуд, зеро зонуҳои ман намоён буданд. Гармо он қадар тоқатфарсо буд, ки ҳатто бо шими кӯтоҳ ман худро хеле бад ҳис мекардам.

Рӯзи 21 май ман фаҳмидам, ки дувоздаҳ узви як гурӯҳи ҳимоятгарони ҳуқуқи башарро, ки ғайриқонунӣ эълон шуда буд, ба идораи полис оварданд. Яке аз онҳо, модари ширдеҳ бо кӯдакаш худи ҳамон рӯз озод карда шуд. Нӯҳ нафарро дар як камераи умумӣ ҷойгир карданд. Азбаски ҳуҷраи яккасаро, ки барои занони маҳбус муқаррар шуда буд, ман ишғол карда будам, ду зани дигарро дар яке аз ҳуҷраҳо нигоҳ медоштанд ва баъд ба қабулгоҳи шӯъбаи полис кӯчонданд. Занҳо дар як ҳуҷра бо зиндонбонҳо, ки одатан тамоми шабро бо тамошои телевизор мегузаронданд, мехобиданд.

Ин гурӯҳ аз ҷиҳати нажодӣ гуногун буда, аз намояндагони қабилаҳои гуногун иборат буд. Баъзе аз аъзоёни он аз қабилаи ҳукмфармои шайгияи Ал-Башир буданд, ҳарчанд на дар ҳама чиз бо президенти Судон розӣ буданд. Дар гурӯҳ зане аз Камерун буд, ки дар офис ҳамчун таҷрибаомӯз кор мекард. Тақрибан ҳамаи боқимондаҳо судониҳо буданд, шахсони соҳибфаҳм,

маълумотнок ва дорои таҷрибаи ғанӣ дар арсаи байналмилалӣ буданд. Роҳбари гурӯҳ бемории дил дошт ва дар камераи пур аз одам нафасгир мешуд, бинобар ин ба полис ришва дод, то ӯро ба камераи яккасаи ман гузаронанд. Вай бо забони англисӣ озодона гап мезад ва бо ӯ гуфтугӯ кардан ба ман маъқул буд. Ҳангоме ки адвокатҳо ба ӯ хӯроки иловагӣ — йогурт, бутерброд, халтачаҳои чой меоварданд, ӯ аз ҳамаи он чизҳо ба ман медод ва ман се ҳафта хӯроки хуб мехӯрдам. Як узви дигари ин гурӯҳ хабарнигоре буд, ки дар Додгоҳи байналмилалии ҷиноӣ (ДБҶ) кор мекард, ки албатта, кори хеле хатарнок буд. Ҳар касе, ки бо ДБҶ робита дорад, дар Судон хоини давлатӣ ҳисобида мешуд, зеро маҳз ДБҶ президент Баширро барои ҷиноятҳои ҳарбӣ ва ҷиноятҳои зидди инсоният ба таври расмӣ айбдор карда буд. Хабарнигор ба ман гуфт, ки ӯро ҳангоми боздид бо Халафуллоҳ Афифӣ пас аз ҳамла ба идораи ӯ аз сӯи нерӯҳои амниятии ҳукумати Судон ҳабс карданд. Ва ба ноутбуки узви сеюми гурӯҳи афсарони ХМИА маводи порнографии ҳомосексуалистиро бор карданд. Ҳамин тариқ, ҳукумат бар зидди тамоми гурӯҳ барои танқиди президент ал-Башир, назорат бар интихобот дар Судон ва роҳнамоӣ ба мардуми Судон дар мубориза барои ҳуқуқи овоздиҳӣ айбнома пеш бурд. Ҳангоме ки ман Библияро мехондам, ҳамкамераам Қуръонро мехонд. Мисли дигар маҳбусон дар «Нияба-Мендола», ӯ як мусулмони мӯътадил ва сулҳҷӯ буд, на ба монанди ҳамкамераҳои ман аз ДИИШ дар ҳабсхонаи ХМИА. Ҳангоме ки ӯ дар Қуръон порчаҳои ҷолиброро меёфт, ӯ аз ман мепурсид, ки Библия дар ин мавзӯъ чӣ мегӯяд. Ҳар рӯз ман дуо мегуфтам, ки Худованд дили ин мардро кушояд ва Худро ба ӯ ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсӣ, Худованд ва Худо нишон диҳад.

Ҳангоме ки яке аз афсарони ХМИА фаҳмид, ки мо бо ҳам ба англисӣ гуфтугӯ карда, рӯзҳои худро бо хушӣ мегузаронем, хашмгин шуд ва фармуд, ки ҳамкамераамро ба камераи дигар гузаронанд. Ман аз ин хеле нохуш шудам ва то охири тобистон дар камера танҳо будам.

* * *

12-уми июн боз корманди консулгарии Швейтсария ба боздиди ман ба шӯъбаи полиси «Нияба-Мендола» омад. Вай аз аҳли оилаам хабари дигаре овард. Ман фаҳмидам, ки ҳангоме онҳо номаи маро, ки рӯзи 19 май навишта будам, гирифтанд, онҳо «хеле рӯҳбаланд шуданд» ва «сатрҳои навиштаи туро хонда гиря карданд!» Аҳли оилаи ман ҳамаи оятҳои Китоби Муқаддасро, ки ман ишора карда будам, пайдо карданд ва хонданд — «суханҳои ҳақиқатан таъсирбахш, ки ба вазъияте, ки ту дар он ҳастӣ, мувофиқат мекунанд». Яке аз он оятҳо аз Инҷили Луқо 18:7 буд: «Магар Худо ба доди интихобшудагони Худ, ки рӯзу шаб ба даргоҳи Ӯ фарёд мекунанд, намерасад? Оё ба доди онҳо дер мерасад?»

Онҳо аз фаҳмидани он, ки ман ниҳоят Китоби Муқаддас дорам, хеле хурсанд шуданд; онҳо онро «мӯъҷизаи аз осмон фиристодашуда» меномиданд ва Худоро барои ҳамаи одамоне, ки қисми сафари Китоби Муқаддас ба назди ман буданд, шукр мегуфтанд. Ҳар рӯз ман Худоро шукр мегуфтам, ки ба ман суханони ҳаётбахши Навиштаро медод — суханонеро, ки дар давоми асрҳо бисёр мардону занони барои номи Масеҳ азобкашандаро тасаллӣ медоданд.

Аз ин нома ман фаҳмидам, ки аҳли хонаводаам барои ман на танҳо дар калисо, балки махсусан дар соати ҳашт ҳангоми парастиши хонагӣ дуо мегуфтанд. Рӯзи якшанбе, 29 май, шубони калисои мо мавъизае кард, ки барои аҳли оилаи ман аҳамияти махсус дошт. Он саҳар онҳо «наздикии Худоро ҳис мекарданд» ва онҳо хеле шод буданд, ки Ӯ ба онҳо суханони Луқо 18:1-ро ёдрас намуд: «Исо ба шогирдон масале дар бораи он гуфт, ки кас бояд ҳамеша дуо гӯяд ва дилсард нашавад...». Ин суханонро хонда, ман низ наздикии Худоро эҳсос мекардам. Онҳо ба ман дар бораи қудрати дуо ёдрас намуданд ва новобаста ба он, ки фарзандони Худо дар

кучо ҳастанд — дар камера ё дар парастишгоҳ, ҳар яки мо метавонем далерона ба тахти файз наздик оем, то дар он ҷо Падари меҳрубонро пайдо кунем, ки тамоми диққати Худро ба мо равона мекунад.

«Мо туро хеле пазмон шудаем, — гуфта мешуд дар нома — ва хеле иштиёқманди дидор бо ту ҳастем. Мо хеле мехоҳем, ки ту ҳарчи зудтар бо мо бошӣ. Ҳама ба ту салом мерасонанд, дар бораи ту фикр мекунанд ва доимо дар ҳаққи ту дуо мегуянд». Ванда навишта буд, ки барои ман хеле хавотир шуда буд ва ҳатто метарсид, аммо баъди хондани номаи ман аз осоиштагии Худо пур шуд ва дилаш ором гирифт.

Ман хурсанд будам, ки оилаам ҳама чизҳоеро, ки ба рӯйхати чизҳои зарурӣ дохил карда будам, ҷамъ овардаанд ва ҳарчи зудтар ба ман мефиристанд. Ман номаро гузоштам ва сарамро хорида, дар бораи ҷумлаи охирини занам фикр кардам: «Мо хеле мехоҳем боз дар хона бо ҳам бошем». Вай ҳамчунин ба ояти бамавриди Китоби Муқаддас дар бораи муносибати Масеҳ ба ранҷу азоб дар боғи Ҷатсамонӣ ишора кард, ки дар Марқӯс 14:36 навишта шудааст: «Аббо, Падар! Ҳама чиз ба Ту мумкин аст; ин косаро аз Ман гузарон. Лекин на хости Ман, балки хости Ту шавад».

Дӯсти азиз ва ёрдамчии ман Кит дар охири мактуб қайди худро илова карда буд. Ман суханони ӯро хонда, хеле хурсанд шудам: «Ва агар як узв дардманд шавад, ҳамаи узвҳо бо он ҳамдард мешаванд; ва агар як узв сазовори таҳсин гардад, бо он ҳамаи узвҳо хурсанд мешаванд» (1 Қӯринтиён 12:26). Худованд ба воситаи Кит маро хеле рӯҳбаланд карда, ба ман ёдрас намуд, ки дигарон дар азоби ман шарикӣ мекунанд.

Ман аз бадани умумиҷаҳонии имондорон, бадани Исои Масеҳ ҷудо набудам. Не, ман узви ин бадан, намояндаи он дар Судон будам. Ва ҳатто дар чунин шароитҳои душвор дили маро шодӣ фаро гирифт, зеро ҳангоми дар ин ҳабсхона азоб кашиданам дигар масеҳиён барои ман дуо мегуфтанд.

Бо шодии беандоза ман боз ба мактуби онҳо ҷавоб навиштам.

*«Азизонам!*

*Номаи шуморо, ки имрӯз гирифтам, маро рӯҳбаланд кард! Ташаккур барои ҳама суханҳо ва оятҳои рӯҳбаландкунанда. Ман дар се ҳафта хондани Китоби Муқаддасро тамом кардам ва бори дуюм хондани онро сар кардам, аз ҳамин сабаб ҳоло дар Навишта, махсусан дар Забур хурсандии зиёд (Забур 61:6), қувват (Забур 85:16), умед (Забур 61:6) ва тасаллӣ (Забур 93:19) меёбам! Дили ман ба Худованд барои тамоми меҳрубониҳо нисбати ман ва аҳли оиламон пур аз шукргузорӣ аст. Бо ашкҳои миннатдорӣ ман бисёр вақт порчаеро аз Китоби Забур 102:1-6 мехонам ва қариб тамоми таронаи 102-ро аз ёд кардам. Боварӣ дорам, ки ин таронаҳо барои шумо низ рӯҳбаландкунанда мебошанд.*

*Дар ҳақиқат, вазъияти ҳозираро бо ҷалоли оянда, ки дар мо ошкор хоҳад шуд, муқоиса кардан ғайриимкон аст (Румиён 8:18). Ман барои ҳамаи шумо дуо гуфтанро давом медиҳам, алалхусус дар Рӯҳ, зеро ки Ӯ мувофиқи хости Худо барои мо бо нолаҳои баённошуданӣ шафоат мекунад (Румиён 8:26–28). Ҳамчунин мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи нақшаи Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз барои некӣ хизмат мекунад!...»*

Ман таваққуф кардам ва дар бораи он фикр кардам, ки чӣ гуна метавонам бо забони рамзикунондашуда (то ки полис онро

нафаҳмад) ба онҳо дар бораи имкониятҳое нақл кунам, ки Худованд ба ман дод, то хушхабарро ба ҳамкамераҳоям мавъиза кунам. Дар бораи ояте аз масал дар бораи коранда фикр кардам: «Миқдоре дар хоки нағз афтод».

> *«...Дар давоми се ҳафтаи охир ман боз оятро аз Эфесусиён 6:15 иҷро мекардам. Ман дуо мекунам, ки ин ба зудӣ рӯй диҳад... (Ниг. Матто 13:23)».*

* * *

Боздидҳои корманди консулгарии Швейтсария ва ҷаноби Слама дар шӯъбаи полис дар давоми тамоми тобистон давом доштанд ва ба шарофати онҳо ман метавонистам гирифтан ва фиристодани номаҳоро ба занам, духтарам ва писарам идома диҳам. Корманди консулгарӣ ҳамчунин бастаеро аз оилаи ман расонд, ки пур аз ҳама чизҳои бароям даркорӣ буд. Ман ҳамеша аз он дар ҳайрат будам, ки Худо ба ман чӣ гуна ғамхорӣ мекунад.

Дар давоми якуним моҳи оянда Вава мактаби тиббиро хатм карда, духтур шуд ва писарам Петр дараҷаи бакалаврро гирифт. Ман аз он ғамгин будам, ки дар ҷашнҳои онҳо иштирок накардаам, аммо чун медонистам, ки Худованд бо маҳбусии ман мақсаде дорад, ман низ ба нақшаи Ӯ дар бораи ҳаёти аҳли оилаам боварӣ доштам. Худо гаштаву баргашта садоқати Худро исбот мекард ва ман медонистам, ки Ӯ моро тарк намекунад.

Донишгоҳи тиббиро хатм кардани Вава рӯзе буд, ки ман се сол пеш дар хоби даҳшатноке, ки ҳабси маро пешгӯӣ мекард, дида будам. Акнун ин хоб амалӣ шуд. Дар аввал ман дари ҳабсхонаи ХМИА-ро дидам ва акнун ҳақиқатан дар ҷашни хатми ӯ ҳозир набудам. Ман ҳамчунин писарамро хеле пазмон шуда будам...

Ҳангоми яке аз боздидҳои худ ҷаноби Слама як бастаи дигареро аз аҳли хонаводаам овард ва дар он китоби сурудҳо буд. Ман ин китоби гаронбаҳоро дида, шод шудам! *«Китоби Муқаддас ва акнун китоби сурудҳо — чӣ гуна баракатҳо!»*

Ман чун одат ба ҳуҷҷат имзо гузоштам, ки ҳамаи ин чизҳоро дар ҳузури як корманди консулгарӣ гирифтам ва ӯ хеле ғамгин шуд, ки прокурор иҷозат надод онҳоро бо худ ба камера барам. Ман бо дасти холӣ ва хеле рӯҳафтода шуда ба ҷои худ баргаштам.

Дертар худи ҳамон рӯз яке аз курсантҳои академияи полис ба ман хабар дод, ки сарпрокурор маро ба назди худ даъват мекунад. Ҳангоме ки ман ворид шудам, дидам, ки ӯ чизҳоеро аз бастае, ки аҳли оилаам ба ман фиристода буданд, аз назар мегузаронад.

— Ин чи аст? — китоби сурудро ҷунбонда пурсид ӯ.

— Ин маҷмӯаи сурудҳост.

— Ту суруд хонда метавонӣ?

— Албатта, метавонам, — ҷавоб додам ман.

— Пас ба ман сурудеро бихон! — фармуд ӯ.

Ман қарор додам, ки аз ин фурсат барои мавъиза кардани Инҷил ҳам ба прокурор ва ҳам ба курсанти академияи полис ба таври максималӣ истифода барам, бинобар ин қарор кардам суруди олидараҷаеро хонам, ки Рӯҳулқудс шаби аввали маҳбусиям дар камераи яккаса ба ман ёдрас карда буд: “Туро ҷалол бод»-и Гендел. Ман се бандро хондам, прокурор ва курсант гӯш мекарданд.

Ман сурудро ба охир расондам, аммо ин қадар зуд таслим шудан намехостам, бинобар ин гуфтам: «Иҷозат диҳед акнун ба шумо гӯям, ки ин суруд дар бораи чӣ аст» —ва ба ин ду мард фаҳмондани Инҷилро сар кардам ва шукрона намудам, ки имкони дигаре пайдо кардам, то ба мусулмонон дар бораи ҳақиқат оид ба Исои Масеҳ шаҳодат диҳам.

Ман тамоми роҳ ба сӯи камера табассум мекардам. Ман худро ҳамон гуна ҳис мекардам, ки эҳтимол исроилиён баъди ба Бобил ба асирӣ бурда шуданашон ҳис мекарданд: «Дар он ҷо асиркунандагони мо аз мо суханони сурудро талаб мекарданд, ва зулмкунандагони мо — шодмониро: «Барои мо аз сурудҳои Сион бихонед» (Китоби Забур 136:3). Ман медонистам, ки то даме ки Худованд ба ман имконияти суруд хонданро медиҳад, ман ин корро мекунам.

Рӯзи 18 июл, пас аз боздиди корманди консулгарии Швейтсария ва ҳамкори нави ӯ, ман ба аҳли оилаам номаи дигар навишта, онҳоро даъват кардам, ки сарфи назар аз озмоишҳои мо дар имон устувор бошанд ва дар хотир дошта бошанд, ки мо беҳуда азоб намекашем, зеро Худо мақсади бузурге дорад, ки Ӯ онро ба воситаи дарди мо ба даст меоварад. Ман ба онҳо гуфтам, ки аҳволам хуб аст ва ҳамеша аз ҳузури Худо хурсандам, зеро вақти худро дар ҳабсхона барои омӯзиши Каломи Худо сарф мекунам. Аз 1-уми май инҷониб ман Аҳди Қадимро се бор ва Аҳди Ҷадидро бори панҷум хондам. Ва ҳар дафъа Худованд ба ман чизи наверо ошкор мекард!

Ман сарчашмаи адонашавандаи осоиш, шодмонӣ, қувват ва умедро дар ҳамду сано ва шукргузорӣ ба Худоро ёфтам, ҳатто барои ҳама душвориҳо, зеро дар ҳама вазъиятҳо, чунон ки Китоби Муқаддас таълим медиҳад, мо бояд ба Ӯ шукр гӯем (1 Тасолуникиён 5:18). Ман ба аҳли оилаам ёдрас намудам, ки Худовандро интизор буда, мо бояд дар имон устувор бошем ва дили далер дошта бошем (Забур 30:25), зеро мо боварӣ дорем, ки дастони пурмуҳаббати Ӯ моро мустаҳкам нигоҳ медоранд ва муҳофизат мекунанд (Забур 138:5).

Худо ҳама чизро зери назорат нигоҳ медорад, на мо. Худованд барои иҷрои иродаи пурасрор ва соҳибихтиёронаи Худ роҳҳои Худро дорад. Ва ҳатто, ҳангоме ки мо онҳоро дидан ё дарк карда наметавонем, дилҳоямон бояд Ӯро дар ҳама ҳолат ҷалол диҳанд, Ӯро барои дахолаташ ҳамду сано гӯянд (Забур 108:30–31).

Донистан аҷиб буд, ки ҳангоме ман дар камера нишаста интизор будам, Худо фаъолона кор мекард ва доимо дар ҳаракат буд. Ӯ дили одамони соҳибқудрати Судонро ба ҳар тарафе ки хоҳад, моил карда метавонист (Масалҳо 21:1). Ҳангоме ки мо ба душвориҳо тоб меоварем, Худо ба мо самимона ёрӣ мерасонад, моро муҳофизат мекунад ва тасаллӣ медиҳад, то ки мо дигаронро, ки ба ин гуна вазъият дучор мешаванд, тасаллӣ дода тавонем (2 Қӯринтиён 1:3–7).

Дар номаи худ ман аҳли оилаамро ташвиқ кардам ба ёд оваранд, ки ин азоби сабуки мо, ки кӯтоҳмуддат аст, ҷалоли абадиро барои мо ба фаровонии беандоза ба вуҷуд меоварад (2 Қӯринтиён 4:17–18).

«Шумо хамеша дар дилу андешаи ман ҳастед, — навиштам дар охири мактуб. — Ман ҳамеша дуо мекунам ва Худоро барои шумо шукр мегӯям ва интизори он лаҳзае ҳастам, ки ба зудӣ шуморо дар хона бинам ва бо шумо бошам!»

* * *

Бо вуҷуди он, ки ман маҳбусии якка аз омӯзиши шахсии Китоби Муқаддас ва имконияти сурудани сурудҳои масеҳии аҷоиб ва пурмазмун ҳаловат мебурдам, гоҳо дар дил ва шуурам лаҳзаҳои ғамгинӣ ва раҳм ба худ ҷой мегирифтанд. Агарчи ман бо эълон кардани он, ки Худованд осоиш ва шодии ман аст, бар онҳо ғолиб шуданро омӯхта будам, ин эҳсосот маро гоҳо ташвиш медоданд. Як нисфирӯзӣ, ҳангоме ки раҳм ба худ фикрҳои маро фаро гирифта буд, ногоҳ руъёе, ки дар девори камераам пайдо шуд, фикрҳоямро қатъ кард. Ман чеҳраи се дӯсти эритреягиамро дидам: Ҳайле Найзгӣ, доктор Кифлу Гебремескел ва Кидане Уэлдоу. Ҳамаи онҳо роҳбарони калисоҳои масеҳӣ буданд, ки ман чанд сол пеш ҳангоми сафар ба Эритрея вохӯрда будам. Онҳо то ҳол барои шаҳодати масеҳӣ ва фаъолияти калисоӣ зиндонӣ буданд. Эҳтимол, онҳо рӯзҳои бешуморро

дар контейнерҳои боркашонӣ мегузаронданд, ки дар онҳо рӯзона ҳаво ба таври тоқатфарсо гарм ва шабона сард буд. Онҳо дувоздаҳ сол инҷониб дар ҳабс азоб мекашиданд.

Тасвир дар девор ҳамон тавре ки пайдо шуда буд, зуд нопадид шуд, аммо паёми Худованд ба ман равшан боқӣ монд:

«Чаро ту шикоят мекунӣ? Чаро ба худат раҳм мекунӣ? Ту фақат каме бештар аз шаш моҳ дар ҳабсхона ҳастӣ — аммо онҳо чӣ? Бародарони ту аз Эритрея ҳозир чӣ аҳвол доранд?»

Аз ҳамон рӯз инҷониб ман ин се маҳбуси имонро ба дуоҳои боҷидду ҷаҳди худ дохил намуда, аз Худованд хоҳиш мекардам, ки дар азобҳояшон бо онҳо бошад. Дар давоми тамоми маҳбусиям Худованд ба ман дигар мардону занони масеҳии зиндониро низ аз Хитой, Кореяи Шимолӣ ва Осиёи Марказӣ ёдрас менамуд. Ҳангоме ки ман барои абри бузурги шоҳидон, ин имондорони ҷасур, дуо мегуфтам салиби шахсии ман, ки ҳар рӯз онро бардошта мебурдам, торафт сабуктар мешуд.

* * *

Дере нагузашта ҷаноби Слама боз ба боздиди ман омад, ин дафъа ӯ барои хайрухуш кардан омад. Ин охирин сафари ӯ ба Судон буд, пеш аз он, ки ба ҷои кори нав дар Австралия равад. Мо дар бинои прокуратураи асосӣ вохӯрдем. Дар байни вохӯрӣ прокурор аз кабинет баромад. Ҷаноби Слама зуд бархест. Вай аз кисааш телефони мобилиро бароварда ба дастам гузошт.

«Инак телефони ман, — пичиррос зад ӯ. — Бо аҳли оилаатон гуфтугӯ кунед». Ман саросемавор рақам чинданро сар кардам. Дар давоми сӣ сония ман овози духтарамро мешунидам. Баъд дарҳол гуфтугӯро қатъ намудам ва баъди чанд сония прокурор баргашт. Ногаҳон ин вазъияти ғайриоддӣ ба ман фаҳмо шуд: прокурор дидаву дониста ба ман имкон дод, ки занги телефонӣ кунам. Ин як лаҳзаи зебои файз дар миёни тамоми даҳшатҳое буд, ки ман аз сар мегузарондам.

* * *

Рӯзи даҳуми ҳар моҳ ман моҳи нави маҳбусиямро қайд мекардам ва аз худ мепурсидам, ки кай парвандаи ман ба додгоҳ равона карда мешавад? «*Худовандо, ман то кай дар ин ҷо хоҳам буд?*»

Боре ҳангоми дар хоб буданам Худованд ба саволам ҷавоб дод. Дар охирҳои моҳи гармои июл ман боз хоб дидам, ки дар паҳлӯи шахсе дар роҳи дарозе, ки ба теппаи ростхамида мебаромад, қадам мезадам. Ин мард корманди консулгарӣ буд, ки нав таъйин шуда буд. Интизор мерафт, ки ӯ дар аввалҳои моҳи сентябр ҷаноби Сламаро иваз мекунад. Ман аз ӯ пурсидам, ки оё забони арабиро медонад.

«*Худоё, оё дар ҳақиқат ба ман як корманди консулгариро мефиристӣ, ки забони арабиро медонад ва хубтар мефаҳмад, ки дар ҷаласаҳои додгоҳӣ чиҳо рӯй медиҳанд?*» Хоб давом дошт. Ба сари мо барф боридан гирифт. «*Чаро барф? Худоё, наход Ту ҳақиқатан ба ман мегӯӣ, ки ба ҷои дар моҳи июл, август ё сентябр озод шудан, ман танҳо дар моҳи январ ё феврал озод мешавам?*»

Ман тамоми тобистонро дар ҳабсхона гузарондам. Танҳо як ҳоҷатхона кор мекард, душ ҳам кор намекард, аз ҳамин сабаб мо барои шустушӯй кардан оби кранро бар худ мерехтем. Вале баъди борон об лойолуд шуда буд. Мо онро ба сатил рехта, мунтазири такшин шудани оби лойқа мешудем ва баъд оби тозашударо бо эҳтиёт ба зарфи дигар мерехтем. Раванд душвор, вале зарур буд ва то ҳол аз об касе бемор нашуд.

Аммо рӯзе ман қарор додам сатилеро, ки дар назди ҳоҷатхона истода, ифлос шуда буд, тоза кунам. Мутаассифона, дар дасти рости ман, ки сатилро бо он мешустам, нишонаҳои сироят пайдо шуданд. Дере нагузашта сироят дар тамоми бадан паҳн шуд. Он тамоми пӯстро фаро гирифта, боиси илтиҳоби фолликулаҳои мӯйҳои дастону пойҳоям гардид. Тамоми баданам сахт

хориш мекард. Ман Айюбро ба ёд овардам, ки аз кафи пойҳояш то сараш захмҳои нафратовар пӯшида шуда буданд ва ӯ дар хокистар нишаста, худро бо сафолпора мехорид (Айюб 2:7–8).

Рӯзи 3-юми август Вазорати адлия тафтиши идораи полиси «Нияба-Мендола»-ро сар кард. Созмони ҳимояткунандаи ҳуқуқ ба воситаи адвокати худ аз шароити ғайриинсонии нигоҳдорӣ шикоят карда буд ва акнун як прокурори баландмартаба омада буд, то ки ҳама чизро худаш тафтиш кунад.

Дар бино барои аз назар гузарондани шароити нигоҳдории маҳбусон гаштугузор карда, ӯ бозистод ва аз паси панҷараи дар ба камераи ман нигарист.

— Ҳамааш хуб аст? — пурсид ӯ.

Ниҳоят! Ман имконият доштам, ки оид ба парвандаи худ гуфтугӯ кунам.

— Умуман, — гуфтам ман, — дар ин ҷо на ҳама чиз хуб аст. — Ман чор моҳ инҷониб дар ин ҷо ҳастам ва ҳанӯз мунтазири мурофиа мебошам.

Прокурор гӯш кард ва баъд чизе нагуфта рафт. Пагоҳӣ дар ҳуҷраи ман зиндонбон пайдо шуд.

— Чизҳоятро ҷамъ карда, берун баро, — фармуд ӯ. — Туро ба ҳабсхонаи дигар мегузаронанд.

Ман ҳайрон шудам, ки прокурор ба ман мусоидат кардааст. Ман зуд либосҳо, лавозимоти ҳоҷатхона, Китоби Муқаддас, китоби сурудҳо ва айнакамро ҷамъ карда, аз камераи яккаса баромадам.

Пас аз якчанд дақиқа шубон Ҳасан ва дигарон ба ман ҳамроҳ шуданд ва мо якҷоя аз шӯъбаи полис берун шудем. Дар он лаҳза дигар муҳим набуд, ки моро ба куҷо мебаранд. Дар ҳар ҳолат, дар он ҷо бешубҳа аз шӯъбаи полиси «Нияба-Мендола» беҳтар хоҳад буд.




# 19

Рӯзи 4 август ҳар чор нафари мо — шубон Ҳасан, шубон Кува, Мунъим ва маро ба бинои додгоҳи Хартум бурданд ва дар камераи ҳабсхона ҷойгир карданд.

Дере нагузашта прокурори генералии Судон аз номи мо дар ҷаласаи додгоҳ, ки дар он шароити бади нигоҳдории маҳбусон дар идораи полиси «Нияба-Мендола» баррасӣ мешуд, сухан ронд. Ҳама прокурорҳои Судон ба ин прокурор итоат мекарданд, аз ҷумла онҳое, ки парвандаҳои аз ҳабсхонаи ХМИА интиқолшударо баррасӣ мекарданд.

Дигар маҳбусон ба ман гуфтанд, ки ба ӯ прокурорҳои бо ХМИА робитадошта маъқул нестанд, зеро онҳо ҳама корро ҳамон тавр мекарданд, ки муфаттишони ХМИА мехостанд. Пас аз се соат бо қарори додгоҳ моро ба ҳабсхонаи мардонаи Умдурмон, ба ҳабсхонае, ки режимаш сабуктар ва сатҳи амнияташ пасттар аст, гузаронданд.

Ба он ҷо расида, фаҳмидем, ки ҳабсхона ба ду қисм ҷудо карда шудааст. Дар секторе, ки «Колумбия» ном дошт, тақрибан ҳазор қочоқбарони маводи мухаддир, майзадагон ва дуздонро ҷойгир карда буданд, ки маҷбур буданд дар берун дар ангарҳои калони бешифт хобанд. Вақте ки борон меборид, чангу ғубор ба лой мубаддал шуда, ин ангарҳо ва тамоми одамони дар онҳо бударо зери об мегузошт.

Сектори хурдтар, VIP-сектор, тақрибан сесад маҳбусро дар бар мегирифт, ки бисёрии онҳо ҳангоми қаллобии молиявӣ, аз қабили навиштани чекҳое, ки накдӣ карда намешуданд,

дастгир шудаанд. Ин маҳбусон имтиёзҳои махсусро истифода мебурданд. Ба онҳо иҷозат дода мешуд, ки дар катҳои металлӣ ва матрасҳо хобанд ва барои истироҳат дар берун ба ҷои сатилҳои чаппашуда ба онҳо курсиҳои пластикӣ дода шуда буданд.

Ҳамаи чор нафари моро дар ин сектори хурдтар ҷойгир карданд. Дигар маҳбусон дарҳол ба мо гуфтанд, ки дар ҳама ҷо ҷосусони мусулмон ҳастанд. Мо худамон ҳаминро тахмин мекардем, зеро дигар маҳбусон тамоми рӯз ба мо бо шубҳа менигаристанд ва ҳар як ҳаракати моро мушоҳида мекарданд.

Саломатии мо бад мешуд. Илова ба он, ки пӯсти бадани мо аз таъсири офтоби сӯзон дар ангарҳо дар ҳавои кушод сӯхта, ҳубобчаҳо пайдо карда буд, шубон Ҳасан аз захми рӯдаи дувоздаҳангушта ранҷ мекашид ва шубон Кува аз бемории вараҷа, ки ба қарибӣ аз сар гузаронда буд, барқарор мешуд.

Ман дар бораи собуни карболӣ барои муолиҷаи сирояти пӯст орзу мекардам, зеро пас аз шустани сатили бо наҷосат олудашуда дар идораи полис сироят ёфта будам, аммо афсӯс, ки дар ин ҳабсхонаи нав собуни карболӣ набуд.

Ба мо ҳамаи доруҳоямонро доданд. Посбонҳо гӯё парвое надоштанд, ки чаро ба мо ин қадар доруҳо даркоранд. Чангу хок, лой, арақи бадан ва умуман бад будани гигиена ба ҳамаи мо зарар расонд, ва офтоби август тоқатнопазир буд.

Як гурӯҳи ҷавонон аз калисои шубон Ҳасан барои чор нафари мо курсиҳои пластикӣ оварданд ва Ҳасан тавонист ба ман як кати филизӣ, ки 250 фунти судонӣ (тақрибан 40 доллар) буд, пайдо кунад. Бояд катро бо матрас меоварданд, вале ман ба зудӣ фаҳмидам, ки маро фиреб додаанд. Аммо бе матрас ҳам бар сими оҳании ноҳаткунанда назар ба замини ифлос бароҳаттар мехобидам. Калламушҳо дар байни маҳбусони хобида давида, дар сӯмкаҳои мо ягон нишонаи хӯрокро меҷустанд.

Пас аз ду рӯз гурӯҳи ҷавонони калисои шубон Ҳасан барои ҳамкорони ман боз се кати оҳанӣ ва чор матрас оварданд. Ниҳоят, ҳамаи мо метавонистем дар катҳои «бароҳат» хоб кунем! Шабона ман ва бародарони судониям катҳоямонро ба берун мебаровардем, то ки дар ҳавои кушод, дур аз баракҳои танг хоб равем.

Сесад фут дуртар аз мо як калисои хурде буд, ки ба мо ва дигар бародарони судонӣ иҷозат дода шуда буд, ки ба он рафтуомад кунем. Ин аввалин калисое буд, ки ман дар давоми ин моҳҳо ворид шудам. Ба ман ҳатто иҷозат дода шуд, ки дар он мавъиза кунам.

* * *

Рӯзи шанбе, 6-уми август, ман аллакай ду рӯзро дар ҳабсхонаи мардонаи Умдурмон гузаронда, мушоҳида мекардам, ки маҳбусони дигар барои муошират бо оилаҳои худ телефонҳои мобилиро истифода мебаранд. Ҳамкорони маҳбуси судонии ман низ телефонҳои мобилии қочоқӣ хариданд ва ман пули боқимондаи судониро барои занг задан истифода бурдам. Азбаски фарзандонам рақамҳои телефонҳои мобилии худро зуд-зуд иваз мекарданд, ман ягона рақамеро, ки дар ёд доштам, чиндам. Ба ғайр аз як занги телефонӣ якуним ҳафта пас аз ҳабс шуданам ва занги сисониягӣ аз телефони ҷаноби Слама ҳангоми берун рафтани прокурор, бори охир ман бо Ванда ҳашт моҳ пеш гуфтугӯ карда будам, ҳангоме ки ба вай ба воситаи скайп аз меҳмонхонаи «Парадис» пеш аз рафтан ба фурудгоҳи Хартум занг зада будам. Шунидани овози вай ва донистани он, ки аҳволи вай хуб аст, барои ман тӯҳфаи олидараҷа аз ҷониби Худо мебуд.

Ман рақамро чиндам ва садои зангро шунидам. Дар ҷумҳурии Чехия шоми шанбе буд ва Ванда бо писарамон гуфтугӯ

мекард. Ногоҳ дар экрани телефони мобилияш рақами аҷибе пайдо шуд. Вай дарҳол рамзи Судонро шинохт.

«Ин кӣ буда метавонад? — хавотир шуд вай.

— Хадамоти амнияти Судон?» Ванда нобоварона ба занг ҷавоб дод:

— Алло?

— Ин манам, Петр! — гуфтам ман ва овозам ларзид.

Дили Ванда сахт тапидан гирифт, ба назар чунин метофт, ки он аз сандуқи синааш берун меояд.

— Туро озод карданд? — бо овози пур аз умед пурсид вай.

— Не, ман дар ҳабсхонаи Умдурмон ҳастам ва ман тавонистам пинҳонӣ телефони мобилии дӯстамро истифода барам.

Ман намедонистам, ки пулам барои чанд дақиқаи гуфтугӯи телефонӣ кифоя мекунад, бинобар ин кӯшиш мекардам дар бораи оилаам ҳарчи бештар маълумот пайдо кунам, дар ҳоле ки Ванда дар бораи ман маълумот ба даст овардани буд. Ман ба зудӣ ба ӯ дар бораи вазъияти худ ва дар бораи он гап задам, ки Худо мақсаде дорад, ки Ӯ онро ба воситаи маҳбусии ман ба даст овардани аст.

Ман суханони ӯро гӯш мекардам, муҳаббатро дар овозаш мешунидам, сабукии гуфтугӯямонро эҳсос менамудам ва худро чун дар вақти сафарҳои муқаррарӣ ба Африқо ҳис мекардам. Ман худро чунон ҳис мекардам, ки гӯё ҳеҷ чиз тағйир наёфтааст, гӯё ман ба зудӣ ба хона бармегардам ва ӯро дар баромадгоҳи шӯъбаи боғчаи фурудгоҳ пешвоз мегирам.

Қарзи барои алоқаи телефонӣ гирифтаам ба ман бист дақиқаи олидараҷа дод. Дар охири гуфтугӯ Ванда бо дили нохоҳам телефонро гузошт. Дар чеҳраи ӯ табассуми хурсандӣ гул кард. Пас аз гуфтугӯи телефонии мо вай тамоми шаб хоб нарафт, хобаш набурд. Дил ва майнаи вай аз адреналин, шодӣ ва миннатдории бузург пур буд, ки Худованд дар ин давраи бениҳоят душвори ғаму андӯҳ ба ҳар дуи мо содиқ монд.

* * *

Рӯзи 8-уми август, пас аз чор рӯзи ба ин ҳабсхона омаданамон, зиндонбон ба мо наздик омад.

— Бо чизҳои худ ба берун бароед, — фармуд ӯ. Ҳар чор нафари мо катҳои филизӣ ва курсиҳои пластикии худро гузошта, аз паси ӯ ба назди мошини чорвокашонӣ рафтем.

Маълум шуд, ки он моро ба ҳабсхонаи ҳамсояи «Кобер», ҳабсхонаи низомаш шадид, ки бо шиканҷаҳо маъруф аст, мебаранд. Дар маҳалли таъйиншуда моро хабари аҷоиб интизор буд.

Азбаски сардори ҳабсхонаи «Кобер» медонист, ки парвандаи мо ҳанӯз дар ҳоли баррасӣ аст, аз қабул кардани мо даст кашид ва ба мо хабар дод, ки танҳо пас аз анҷоми мурофиа иҷозати дар Кобер монданро хоҳем дошт.

Мо бо мошини чорвокашонии худ ба ҳабсхонаи мардонаи Умдурмон баргаштем ва дар он ҷо моро хандаҳои афсарони ХМИА пешвоз гирифтанд. Аз ваҷоҳати онҳо ман медонистам, ки онҳо роҳеро меёбанд, то моро барои беҳуда сарф шудани вақташон ҷазо диҳанд.

* * *

Пас аз се рӯз, рӯзи панҷшанбеи 11-уми август, зиндонбон боз назди мо омада, фармуд: «Чизҳоятонро гирифта, берун бароед». Ин дафъа мо боварии комил доштем, ки ин маконро абадан тарк мекунем. Кормандони ХМИА ниҳоят қарор доданд, ки таҳдидҳои худро иҷро кунанд.

Моро ба мошини чорвокашонӣ бор карда, зиёда аз як соат ба самте бурданд. Ҳамкамераҳоям ба зудӣ фаҳмиданд, ки мо ба куҷо меравем — ба ҳабсхонаи Ал-Ҳудо, як маҷмааи азими ҳабсхона, ки хеле дур аз шаҳр воқеъ аст.

Дар ҳабсхонаҳое, ки пештар ман дар онҳо будам, асосан маҳбусони сиёсӣ ва касоне ҷой дода мешуданд, ки ҷиноятҳои

сабук содир кардаанд. Аммо дар Ал-Ҳудо касоне ҷойгир карда мешуданд, ки ҷиноятҳои вазнин содир кардаанд, аз ҷумла ғоратгарии муташаккил, қочоқи маводи мухаддир, рафтори бераҳмона ба кӯдакон, таҷовуз ба номус ва куштор. Ҳангоми бо иқтидори пурра кор кардан ҳабсхонаи Ал-Ҳудо то даҳ ҳазор маҳбусро дар бар гирифта метавонист.

Ман дар бораи он фикр мекардам, ки моро дар хонаи навамон дар миёни биёбони Судон чӣ интизор аст?




# 20

Рonанда моро ба масофаи якуним соат роҳ ба шимоли Хартум, пойтахт ва ба шимолу ғарб аз Умдурмон, ки бародаршаҳри он аст, ба дарунтари биёбон бурд. Ман аз мошини чорвокашонӣ ба берун нигоҳ карда, аз тарафи рост дидам, ки манзараи ҳамвори қаҳваранг тадриҷан ба се теппа — Гебел Аба Мера, Гебел Меҳиат ва Гебел Лейрик мегузарад. Мошини мо ба тарафи чап ба роҳи пурчанг гашт, ки ба сӯи дарвозаи калони сабзу сафед мебурд ва мо ба он ҷо даромада худро дар ҳабсхонаи ба таври ғамангез маъруф дидем.

Андозаи ҳабсхонаи Ал-Ҳудо, ки аз тамоми мавҷудоти зинда дур буд, хеле бузург буд. Маҷмаъа аз бисёр секторҳои калон иборат буд ва ҳар кадоми онҳо ба секторҳои фаръӣ ҷудо мешуд, ки дар ҳар кадоми онҳо чор камера ҷойгир буд. Ҳар як камера барои сад маҳбус пешбинӣ шуда буд. Вақте ки моро аз мошин берун карданд, ман ҳис кардам, ки ҳама чиз дар дарунам фишурда мешавад.

Ҳамаамонро дар як камераи серодам дар сектори 2 ҷойгир карданд ва мо дарҳол ба муҳити нави худ мутобиқ шуданро сар кардем. Фарш бо кошиҳои хокистарранг ва бежӣ пӯшонда шуда буд. Якчанд коргарон бо ранг кардани деворҳои дарунӣ машғул буданд.

Дар шӯъбаи полиси «Нияба Мендола» ман бисёр вақт аз худ мепурсидам, ки чаро Худо ба ман чунин имтиёзи бузург додааст, ки дар камераи яккаса ба ғайр аз хондани Китоби Муқаддас ҳеҷ кори дигар накунам?

Ҷавоб ба ин савол ва дарки он, ки ин ҳама як қисми нақшаи олидараҷаи Худост, ниҳоят пас аз се моҳ, дар рӯзе, ки ман аз остонаи Ал-Ҳудо дарун даромадам, пайдо шуд.

Гузаштан ба ин ҳабсхона ба ғаму андӯҳи ман ноумедии бештар илова намуд.

Ман на танҳо хилватнишиниро, ки камераи яккаса дар идораи полиси «Нияба Мендола» ба ман дода буд, аз даст додам, балки дертар он шаб фаҳмидам, ки камераи нав барои хондани Китоби Муқаддас хеле торик буд. Бо вуҷуди ин, ман ба зудӣ фаҳмидам, ки Худованд дар ин ҷо, дар биёбон бароям чизи аз ин ҳам ҳаяҷонбахштар тайёр кардааст.

Дар рӯзе, ки мо ба «Ал-Ҳудо» расидем, ду маҳбус бо табассуми дӯстона ва осоишта ба ҳуҷраи серодами мо даромаданд.

— Куҷоянд шубонҳое, ки имрӯз оварда шуданд? — пурсид яке аз онҳо. Ману дӯстонам оҳиста дастҳоямонро боло кардем ва мардон ба сӯи мо равона шуданд, то ба мо салом диҳанд. Суханоне, ки онҳо баъд гуфтанд, маро ба ҳайрат оварданд: онҳо омаданд, то моро ба калисои ҳабсхона даъват кунанд!

Ба калисои ҳабсхона? — нобоварона пурсидам ман.

— Оё дар ин ҷо калисои ҳабсхона ҳаст?

— Ҳа, ҳаст! — табассум кард яке аз мехмонон. Танҳо баъдтар ман ба таври ҳақиқӣ дарк намудам, ки ин хабар чӣ қадар хуб аст. Баръакси ҳабсхонаи ХМИА ва шӯъбаи полиси «Нияба Мендола», ки дар он ҷо ҳатто мусулмонон иҷозати ба масҷид рафтанро надоштанд, ин ҳабсхонаи азим на як, балки якчанд масҷид дошт, ки дар ҳар сектор яктоӣ буда, ҳар кадоме ба чаҳорсад маҳбус хизмат мерасонд. Ҳар як маҳбус имконияти ба масҷид рафтанро дошт. Панҷ вақт азон саршавии намозро хабар медод. Аммо дар ин ҷо, дар Ал-Ҳудо бисёр ғайримусулмонон, пеш аз ҳама масеҳиён аз Судони Ҷанубӣ ва низ анимистҳо буданд, ки динҳои анъанавии Африқоро пайравӣ мекунанд. Аз ҳамин сабаб маъмурони ҳабсхона барои маҳбусони ғайримусулмон калисо кушода буданд.

Калисои ҳабсхона замоне як камераи оддӣ дар ошёнаи дуюми сектори фаръии 5-уми маҷмааи ҳабсхона буд, ки сад нафар дар он ҷой дода мешуданд. Аммо пас аз он, ки катҳои оҳанинро каданд ва деворҳоро бо рангҳои кабуди латексӣ ранг карданд, дар парастишгоҳи нав қариб дусад маҳбус ва ҳатто аз ин ҳам зиёдтар ҷойгир шуда метавонистанд, агар ҳама рост истода бошанд. Дар деворҳо иконаҳо ва асарҳои санъати мазмунан динӣ буданд. Тасвири Масеҳи маслубшуда рост дар болои сари воиз буд. Аз пеш мизи дарози бо клеёнка пӯшонидашуда буд, ки ҳам вазифаи минбар, ҳам қурбонгоҳро иҷро мекард ва дар атрофи он дар курсиҳо ҳангоми парастиш маҳбусон менишастанд.

Чунон ки маълум шуд, мардоне, ки дар рӯзи аввали ворид шудан ба ҳабсхона моро ба калисо даъват карданд, пирони калисои ҳабсхона буданд. Ҳангоме ки мо ба Ал-Ҳудо расидем, онҳо ходимони калисоро барои вохӯрӣ ҷамъ карда буданд.

Нақораҳои анъанавии африқоӣ аз омадани мо мужда доданд ва пас аз якчанд дақиқа зиёда аз бист маҳбус ба истиқболи мо дар хизматгузории аввалини мо ҷамъ омаданд. Пирон ду шубони судонӣ ва маро ба пеш даъват карданд ва чунон ки дар Аъмол 13:15 гуфта шудааст, дарҳол пешниҳоде карданд, ки моро ба ҳайрат овард: «Эй бародарон, агар каломе аз Худованд дошта бошед, бигӯед».

Ҳамкорони судонии ман дар бораи имконияте, ки Худо ба ман барои омӯзиши Китоби Муқаддас дар давоми се моҳ, дар ҳабс, дар камераи яккаса дар идораи полиси «Нияба-Мендола» дода буд, медонистанд. Аз ҳамин сабаб ҳама ба ман ишора карданд. Ман Китоби Муқаддасро кушодам ва каломи Юҳанно 15:1–10-ро хондам. Ин порча дар бораи Исо, токи ҳақиқӣ ва Падари Ӯ, токпарвар буд.

«Худованд ба мо таълим дод, ки чӣ тавр моро, навдаҳоро буридан даркор аст, — сар кардам ман. — Гоҳо, ҳангоме ки Худованд ҳаёти моро пок мекунад, ин хеле дардовар буда метавонад». Сипас ман қиссаи Моника Дра аз Нигерияро нақл

кардам. Ҳангоме ман гуфтам, ки ифротгароёни ДИИШ дар ҳабсхонаи ХМИА ба ин ҳикоя чӣ гуна аксуламал нишон доданд, масеҳиёни ҳозирбуда аз ин қиссаи боварибахш хеле мутаассир шуданд ва ба гӯшҳои худ бовар накарданд.

Худованд ба ман имконият дод, ки дар ҳабсхонаи мардонаи Умдурмон мавъиза кунам, аммо ин танҳо як нишонаи пешакии он чизе буд, ки Ӯ дар Ал-Ҳудо барои ман тайёр карда буд. Ин биёбон, ин ҳабсхонаи биёбонӣ барои танам ва ҷонам воҳаи ҳаётбахш гардид.

Ду рӯзи пас аз омаданамон маро аз сектори 2 ба сектори 3, ки дар он ҷо ҷинояткорони хатарноктарин нигоҳ дошта мешуданд, гузарониданд. Инҳо Шуквон барин касон буданд, ки даҳ сол пеш барои куштани рафиқаш дар як занозанӣ ба ҳафтуним соли маҳбусӣ маҳкум шуда буд. Вай як шахси сахтгир, ҷангандаи табиӣ буд, ки тамоми баданашро пайҳои захмҳо пӯшонда буданд.

Аммо аллакай се сол инҷониб Шуквон пайрави Исои Масеҳ буд. Ӯ ба воситаи шаҳодати масеҳии ҳамкамераҳояш дар Ал-Ҳудо бо Худованд шинос шуд. Агарчи мӯҳлати маҳбусии ӯ барои куштори одам кайҳо ба охир расида буд, озод карда нашуд, то даме ки тамоми хароҷоти додгоҳии иборат аз 38 ҳазор фунти Судонро (6300 доллари ИМА бо қурби расмӣ, тақрибан 2 ҳазор доллари ИМА бо қурби асъори кӯчагӣ, ки ба беқурбшавӣ моил аст) пардохт кунад.

Шаби аввали ба ин ҳабсхона гузаштанам бародар Шуквон маро дар фарш хобида дид ва исрор кард, ки дар ҷойхоби ӯ бихобам. Шуквон дар фарш хобида, ба ман имкон дод, ки дар ҷойхоби ӯ хуб хоб кунам. Ин амали фидокоронаи ӯ яке аз далелҳои боварибахши имони ӯ буд, ки дар дили бо муҳаббати Исои Масеҳ мулоимшуда ва тағйирёфтаи ӯ сокин буд.

Дар Ал-Ҳудо маҳбусон маҷбур буданд моҳҳо ва ҳатто солҳо интизор шаванд, то пас аз озод шудани ҳамкамераашон ҷойгаҳи ӯро мерос гиранд, аз ҳамин сабаб амали фидокорона ва

беғаразонаи ӯ нонамоён монда наметавонист. Шуквон ҳамчунин шоҳиди бузурге барои мусулмонон буд. Пештар ӯро барои ҷангандаи пурқувваттарин буданаш эхтиром мекарданд, ҳоло бошад, барои ин амали меҳру муҳаббат ва фидокорӣ боз ҳам бештар эҳтиром мекарданд.

Аммо, бо вуҷуди ин амали бебаҳои Шуквон, хоби хуб барои раҳо шудани ман аз хавотиршавии доимӣ, ки шояд тамоми умрамро дар ҳабсхона гузаронам, ёрӣ намерасонд.




# 21

Ҳама чиз дар Ал-Ҳудо ифлос буд, ба ғайр аз калисо. Мо онро бениҳоят тоза нигоҳ медоштем ва ҳатто ба зиндонбонон пул медодем, то ки моҳе як маротиба онро дору карда, пашшаҳоро нобуд созанд. Оби равон буд, вале фишор он қадар паст буд, ки барои ба дохили бино об расондан насоси барқӣ лозим буд. Ҳангоме ки об ҷорӣ мешуд, мо ҳамеша аз фурсат истифода бурда, якчанд чалаки калонро аз он пур мекардем, то ки ҳангоме барқ якбора қатъ мешавад, мо оби нӯшиданӣ дошта бошем. Дар калисо будани оби равон ба ман имкон медод, ки чор кӯзаи пластикии дулитраамро пур кунам ва ман кӯшиш мекардам обро нарехта ба камера барам, то дар ҳаммом шустушӯй кунам. Ҳар саҳар соати 7:00, дарҳол пас аз тафтиши саҳарӣ, ман ба калисо мерафтам, то баданамро бо як сатил об шӯям. Ман ба зудӣ фаҳмидам, ки бояд ҳарчи зудтар, пеш аз омадани дигар маҳбусон ба он ҷо расам, то касе чизҳои маро надуздад.

Дар давоми ҳафта мо дар калисо панҷ парастиши калисоӣ баргузор мекардем, ки дар онҳо масеҳиён аз ҳамаи миллатҳо ва мазҳабҳо иштирок карда метавонистанд.

Рӯзҳои якшанбе як гурӯҳи эритреягиҳо барои парастиш меомаданд. Аз рӯи расму оинашон кафшҳояшонро кашида, симои Марямро, ки дар девор буд, се бор мебӯсиданд. Сипас онҳо бо тасвири Масеҳи маслубшуда дар девор низ ҳамин корро мекарданд. Иҷрои расму оинҳои анъанавиро мушоҳида карда, дилам аз дарду алам пур мешуд. Ман хеле мехостам, ки онҳо диққати

худро на ба иконаҳо ва расму оинҳои дар атрофи ҳикояти Исо сохташуда, балки ба Масеҳи зинда равона кунанд.

Боре ман дар асоси порчае аз Юҳанно 3:14–15 мавъиза мекардам, ки дар он Исои Масеҳ ба Ниқӯдимус мефаҳмонад, ки «чунон ки Мусо дар биёбон морро боло бардошт, Писари Одам низ боядончунон боло бурда шавад, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, ҳалок нашавад, балки ҳаёти абадӣ ёбад».

Ман ҳамчунин ҳикоятро аз Ададҳо 21 нақл кардам, ки чӣ тавр исроилиёнро ҳангоми оворагардӣ дар биёбон морҳо мегазиданд. Ба Мусо супориш дода шуд, ки мори биринҷиро бар сари хода гузошта бардорад ва ҳар моргазида ба он нигариста, шифо меёфт. «Мо низ ҳамин тавр, — гуфтам ман, — ҳангоме мефаҳмем, ки гуноҳкор ҳастем, бояд ба Исо, ки ба салиб бардошта шудааст, нигоҳ кунем, то ки наҷот ёбем. Ба Исои Масеҳ нигаристан ягона роҳи шифо ёфтан ва аз нав таваллуд шудан аст».

Пас аз он ман ояти 2 Подшоҳон 18:4-ро зикр кардам, ки Рӯҳулқудс ба ман ёдрас кард, ҳангоме аз ин бутпарастии масеҳӣ, ки дар таъзим ва бӯса кардани рамзҳои динӣ дар деворҳои калисо ифода меёфт, ғамгин шуда будам.

Матн дар бораи подшоҳи Яҳудо Ҳизқиё буд, ки баландиҳоро барҳам дод, сутунҳоро вайрон кард ва *ашераро* (сутун ё дарахте, ки онро парастиш мекарданд) бурид. Ӯ мори биринҷиро, ки Мусо сохта буд, пора-пора кард, зеро халқи Исроил ҳанӯз барои он қурбонӣ мекарданд (он *наҳуштон* номида мешуд). Ман ба маҳбусон фаҳмондам, ки чунон ки мори биринҷӣ бар хода, ки дар ибтидо барои наҷоти ҷони исроилиён муқаррар буд, объекти бутпарастӣ шудааст, мо низ сурати салибро бӯса карда, ба он таъзим мекунем, ба ҷои он, ки Худи Масеҳро парастиш намоем.

Пас аз мавъизаи ман дигаргуниҳои аҷибе ба амал омаданд: бисёре аз маҳбусони эритреягӣ назди ман омаданд ва ба ман ташаккур гуфтанд, ки Рӯҳулқудс чашмони онҳоро кушод ва

онҳо фаҳмиданд, ки бояд дар пеши тасвири Масеҳи маслубшуда саҷда накунанд, балки ба Масеҳ саҷда кунанд ва тамоми ҳаёти худро ба Ӯ бахшанд.

Бисёрии эритреягиҳо барои ғайриқонунӣ ба Судон ворид шудан ҳабс шуда буданд. Онҳо умед доштанд ба Либия раванд ва баъд — ба Аврупо. Барои ин ҷиноят ҷарима ба маблағи 4 ҳазор фунти судонӣ ё се моҳ аз озодӣ маҳрум шудан муқаррар карда шуда буд. Баъзеҳо зуд озод карда мешуданд, зеро хешовандонашон ҷаримапулиро пардохт менамуданд, баъзеи дигар маҷбур буданд мӯҳлати аз озодӣ маҳрум шуданро пурра адо кунанд.

Аз он вақте ки ман ба ин ҳабсхона омадам, Худованд ҳамеша вафодор буд. Ӯ ба ман иҷозат медод, ки ҳафтае як бор, гоҳо ҳатто ду бор дар парастишҳои калисоӣ мавъиза кунам. Ман медонистам, ки чанд нафар беимонон ба парастишҳои мо меоянд, аз ҳамин сабаб бисёрии мавъизаҳои ман башоратдиҳанда буданд, агарчи ҳар як мавъизаи сеюм ба касоне, ки ба Масеҳ имон доштанд, нигаронида шуда буд. Ба воситаи ин мавъизаҳо ман кӯшиш мекардам онҳоро ба таъқибот тайёр кунам.

Ман «Инҷили таъқибот»-ро мавъиза мекардам, — паёмро дар бораи он, ки мо ба Наҷотдиҳанда пайравӣ мекунем, ки худаш азоб кашида, дар ҳаёти мо низ ранҷу азобро роҳ медиҳад. Исои Масеҳ ба бераҳмии тасвирнопазир дучор шуда, дар салиб мурд, то ки масеҳиён аз ғуломии гуноҳ ва марг раҳо ёфта, то абад зиндагӣ кунанд. Ва мо, пайравони Ӯ, ҳамчунин дар ин ҷо дар рӯи замин азоб мекашем. Барои имони худ азоб кашида, мо дар азобҳои Масеҳ иштирок мекунем. Ман ба онҳо шаҳодатҳои масеҳиёни таъқибшударо, асосан Моника барин занон ва Данюма барин кӯдаконро нақл кардам ва кӯшиш намудам ҳама кори аз дастам меомадаро кунам, то маҳбусони масеҳиро дар Ал-Ҳудо ба таъқибот ва низ ба фаҳмидани таъқибот дар партави Навишта тайёр намоям.

Ман боварӣ дорам, ки маҳз ҳамин «Инҷили таъқибот» Инҷили ҳақиқии Исои Масеҳ аст.

* * *

Парастишҳо дар калисо ҳамеша як хел сар мешуданд: соати 9:00 саҳарӣ, панҷ маротиба дар як ҳафта, бо садои зангӯлаҳо. Пеш аз дуо ва мавъиза ҳамеша парастиши мусиқавӣ вуҷуд дошт. Маҳбусон сурудҳои анъанавии африқоиро ба забони арабӣ месароиданд ва ба ҷои гитара ё дигар асбобҳои ғарбӣ асбобҳои мусиқии африқоиро, аз қабили маракаса ва нақораҳои бонго истифода мебурданд. Онҳо ин нақораҳоро худашон ҳангоми иди қурбон месохтанд.

Дар доираи ин ид, ки васеъ ҷашн гирифта мешавад, ба ҳар як камераи ҳабсхона як қӯчқори қурбонӣ дода мешуд. Баъзе масеҳиён дар Ал-Ҳудо аз хӯрдани гӯшт даст мекашиданд, зеро боварӣ доштанд, ки Аҳди Ҷадид хӯрдани гӯшти ба бутҳо қурбонишударо манъ мекунад (1 Қӯринтиён 8). Ман қарор додам тавзеҳи Павлуси расулро қабул кунам, ки мо метавонем ҳар чизеро, ки дар бозори гӯшт фурӯхта мешавад, бе азоби виҷдон бихӯрем, зеро «замин ва ҳар он чи дар он аст, аз они Худованд аст» (1 Қӯринтиён 10:25-26). Аз ҳамин сабаб ин гӯшт барои ман тӯҳфаи Худованд буд ва ман аз ҳар грамм сафедаи хуштаъми он лаззат мебурдам.

Ҳар як қисми гӯсфанд барои ягон чизи фоиданок истифода мешуд. Якчанд маҳбусон пӯсти гӯсфандонро ба калисо оварданд, то нақораҳо созанд ва мо баъдтар онҳоро ҳангоми ибодат истифода мебурдем. Коркарди чарм раванди мураккаб буд.

Дар давоми се ҳафта онро дар гидроксиди натрий тар кардан лозим буд. Он бӯи даҳшатнок мебаровард, аммо тамоми чарбуҳо, гӯшт ва дигар боқимондаҳои бофтаҳоро ҳал мекард. Баъд аз ин маҳбусон пӯстро шуста, бурида ва дар офтоб хушк карда, сипас кашида дароз карда, ба асоси нақора мечаспониданд.

Сурудхонӣ дар калисо бо овози ороми гурӯҳи хурди масеҳиён, ки нақора менавохтанд, сар мешуд.

Дере нагузашта дигар маҳбусон инро шунида, ба сурудхонӣ ҳамроҳ мешуданд ва овози он торафт баландтар шуда, тадриҷан аз камера ба камера, аз сектор ба сектор паҳн мешуд, то даме ки масеҳиён дар тамоми ҳабсхона якҷоя Худоро ҳамду сано мехонданд ва ба калисо барои парастиш ҷамъ меомаданд.

Дар Ал-Худо парастиши масеҳӣ ҷавоб ба азони исломӣ буд.

* * *

Гоҳо ба назди мо коҳини католикӣ меомад, ки мессаро мегузаронд ва евхаристияро таълим медод. Ва гоҳо — коҳини православӣ, ки литургияи анъанавии масеҳиёни православии судониро мегузаронд. Ба назди мо ҳамчунин воизон аз калисоҳои харизматикӣ низ меомаданд. Ин одамон барои шифои мӯъҷизаосои маҳбусон дуо мегуфтанд, ҳатто девҳоро берун мекарданд, зеро девзада будан дар ин қисми Африқо падидаи маъмулӣ аст.

Ду шубони судонӣ, ки ҳамроҳи ман маҳбус буданд, ҳамчунин дар руйхати ходимони якдигарро ивазкунанда буданд. Пеш аз ҳабс шудан онҳо калисоҳоеро, ки ба конфессияи рӯҳан солими судонӣ тааллуқ доштанд, роҳбарӣ мекарданд ва мавъизаашон ҳамеша бар Китоби Муқаддас асос меёфт. Ман одатан рӯзҳои ҷумъа ва якшанбе ва ҳар рӯзе, ки маро барои мавъиза таъйин менамуданд, мавъиза мекардам. Новобаста ба аслу насаб ва анъанаи масеҳӣ, ки ҳар яки мо ба он тааллуқ доштем, ҳамаи мо мавъизаи худро ба унсурҳои асосии Инҷил, аҳамияти Китоби Муқаддас ва маънои аз нав таваллуд шудан равона мекардем.

Як рӯзи ҷумъа ман дар асоси Юҳанно 9 мавъиза мекардам ва дар бораи марде, ки нобино таваллуд шуда буд, сухан мегуфтам. Дар охири хизматгузорӣ ман ҳозиронро даъват кардам, ки дар назди омма ба даъвати Худо ҷавоб диҳанд ва ҳар касеро,

ки сафари имонро ҳамроҳи Исои Масеҳ сар кардан мехоҳад, даъват кардам, то ба пеш бароянд. Бо файзи Худо, дар он рӯз дувоздаҳ нафар қарор доданд, ки ҳаёти худро ба Масеҳ бахшанд. Ҳар ҳафта Худо моро бо он ҳайрон мекард, ки чӣ қадар ҳаётҳоро Ӯ тағйир медод.

Аммо на ҳама маҳбусоне, ки ба калисои мо меомаданд, масеҳӣ буданд. Мо ҳамчунин мардонеро аз Судони Ҷанубӣ пазирой мекардем, ки ҳайвонотро мепарастиданд ва ба намудҳои гуногуни динҳои анъанавии африқоӣ пайравӣ мекарданд. Дилам ба ҳоли онҳо месӯхт ва ман бо тамоми қувват кӯшиш мекардам, ки мавъизаҳоямро ба онҳо равона кунам, бо умеди он, ки Худо суханони маро истифода мебарад, то ки бевосита ба дилҳои онҳо сухан гӯяд.

Мақсади мавъизаҳои ман таҳқир ё танқид кардани аслу насаб ё урфу одати маҳбусон набуд; Ман мехостам онҳоро ба сӯи Исои Масеҳ роҳнамоӣ кунам, ки гуфтааст: «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе назди Падар омадан наметавонад, магар ин ки ба воситаи Ман» (Инҷили Юҳанно 14:6).

Пеш аз ва баъд аз ҳар мавъиза ман самимона дуо мекардам, ки Рӯҳулқудс ҳақиқатро ба ин одамон ошкор намояд ва онҳо донанд, ки новобаста ба он, ки онҳо чӣ коре кардаанд, Худо онҳоро дӯст медорад, онҳоро мебахшад ва мехоҳад бо онҳо муносибати шахсӣ дошта бошад. Ба шарофати кори Худо дар дилҳои онҳо, бисёре аз ин анимистҳо Хушхабарро қабул карданд ва Худовандро шинохтанд.

Акнун ман дигар ташвиш намекашидам, ки чанд муддат дар ҳабсхона мемонам. Ман мехостам то он даме, ки Худованд мехоҳад, дар он ҷо бошам, — на як рӯз зиёдтар, на як рӯз камтар.

* * *

Дар Умдурмон ба боздиди шубонони судонӣ ҳар рӯз се маротиба хешу табор ва аъзоёни калисо меомаданд. Аммо аз сабаби

дур будани Ал-Ҳудо ба боздиди ду дӯстам дар як ҳафта танҳо ду бор меҳмонон меомаданд. Ванда мехост ба дидорбинии ман ба ҳабсхона биёяд, аммо вазири корҳои хориҷии Чехия ӯро аз ин ният бозмедошт.

Ҳангоме ки созмон барои боздиди Ванда пул ҷамъ кард ва ҳукумати Чехия дар охир розӣ шуд, ман ба корманди консулгарии Чехия гуфтам, ки намехоҳам аъзоёни оилаам ба Судон биёянд. Ману писарам як ном доштем ва ман аз он чи дар ин сафар бо онҳо рӯй дода метавонад, метарсидам.

* * *

Ман зуд фаҳмидам, ки бадрафтортарин одамон дар ин ҳабсхона на маҳбусон, балки кормандони он буданд. Барои таъмири ҳабсхона маблағи калон ҷудо карда мешуд, вале маъмурият маблағро аз худ намуда, байни худ тақсим мекард. Зиндонбонон мунтазам маводи мухаддир истифода мебурданд ва аз маҳбусон пул меситонданд.

Ҳамкамераҳои нав ба ман гуфтанд, ки дар ҳабсхона на камтар аз ду маротиба дар як ҳафта барқ қатъ мешавад. Дар ин вақт вентиляторҳои шифт аз кор мемонданд, чароғҳо хомӯш мешуданд, таҷҳизоти ошхона аз кор мемонд. Маҳбусон маъмурияти ҳабсхонаро дар он айбдор мекарданд, ки барқро дидаву дониста барои ба даст овардани даромад қатъ мекунанд.

«Ҳар як камера барои ҳалли ин проблема бояд 100 фунт ҷамъ кунад», — талаб мекарданд зиндонбонон. Ҳангоме ки маҳбусон ба талаби онҳо гузашт карда пул медоданд, қувваи барқ барқарор мешуд.

Соати 17:00 посбонон маҳбусонро ном ба ном тафтиш карда, баъд дарҳои камераро маҳкам мекарданд. «Вақте ки камераҳо маҳкам карда мешаванд, — боре ба ман пичиррос зада гуфт як ҳамкамераам, — мо озод мешавем». Дар шоми аввалини

худ дар сектори 2 ман фаҳмидам, ки он чӣ маъно дорад. Ҳангоме ки дарҳо қуфл карда шуданд, ман дидам, ки маҳбусон телефонҳои мобилии худро аз ҷойҳои ниҳонӣ бароварда, занг заданро сар карданд.

Вақте ки қувваи барқро хомӯш мекарданд, дар байни маҳбусон дар камераҳои беҳад серодами мо шиддатнокӣ зиёд мешуд ва бисёриҳо барои нафаси тоза гирифтан ба калисо мешитофтанд. Калисо ҷои ором буд ва ман дар он ҷо вақтро бо омӯзиши Китоби Муқаддас мегузарондам, маҳбусони дигарро рӯҳбаланд мекардам ва бо онҳое, ки имон овардаанд ё мехостанд худро ба пайравии Масеҳ бахшанд, сӯҳбатҳои тӯлонӣ мекардам. Дар ин ҳабсхона одамон ташнаи Худо буданд ва калисо барои сӯҳбатҳои рӯҳонӣ ҷои беҳтарин буд.




# 22

Баъди зиёда аз ҳашт моҳи маҳбусӣ, ниҳоят рӯзи якшанбе, 21-уми августи соли 2016 рӯзи мурофиа фаро расид. Шубон Ҳасан, шубон Кува, Мунъим ва ман — ҳамаи мо айбдоршавандаҳо будем.

Саҳарии барвақт мо дар калисо бо сатил шустушӯй кардем ва баъд барои мурофиа либосҳоямонро пӯшидан гирифтем. Ду шубон дар тан шими сиёҳ, куртаҳои сиёҳ бо колоратаҳо — гиребонҳои клерикалӣ доштанд. Ман бошам, шими ҷинс, футболкаи хокистарранг ва шиппак пӯшидам. Мӯй ва риши ман акнун дарозу нуқраранг буданд ва дар рӯзи мурофиаи аввалини мо ман худро тамоман номураттаб ҳис мекардам.

Посбонҳои махсус — полиси додгоҳӣ моро аз Ал-Ҳудо ба бинои ҳабсхонаи маркази Хартум бурд. Дар рафти сафар, ки дар бордони мошини чорвокашонӣ қариб ду соат давом мекард, завлонаҳоро аз дастонамон кушода гирифтанд ва мо дар курсиҳои дарози металлӣ, ки дар ҳар тарафи бордони мошини боркаш насб карда шуда буданд, менишастем.

Ҳангоме ки мо ба бинои ҳабсхона расидем, боз ба дастонамон завлона карданд ва моро дар як камераи муваққатӣ барои интизор шудан ҷойгир карданд. Даҳҳо маҳбусон ба камераи хурди интизорӣ махкам шуда буданд.

Фарш ифлос буд ва ҷои нишаст набуд, аз ҳамин сабаб мо соатҳо дар ҳавлии ҳамсоя, ки бо симхор иҳота шуда буд, гаштугузор мекардем. Ҳангоми сайру гашт дар ҳавои кушод дар фазои

танг, ман садои сурудро, ки аз берун аз бинои додгоҳи ҳамсоя меомад, шунидам.

Дере нагузашта ману бародаронам фаҳмидем, ки ин чӣ гуна суруд аст ва дар ҳайрат мондем. Садҳо масеҳиёни қабилаи шубон Кува, ки дар кӯҳистони Нуба зиндагӣ мекунанд, бо автобусҳо ба Хартум омада буданд, то ки моро дастгирӣ кунанд. Аммо қувваҳои таъйиноти махсуси судонӣ бо истифодаи сипар, калтак ва гази ашковар роҳ надоданд, ки онҳо ба бинои додгоҳ дароянд. Бинобар ин онҳо дар берун истода, дар бораи Довуд ва Ҷолёт бо овози баланд суруд мехонданд. Дар ҳавлии пӯшидаи маркази Хартум интизори муҳокимаи аввалин буда, мо мешунидем, ки Бадани Масеҳ барои мо суруди рӯҳбаландкунанда месарояд. Ман аз ҷасорати ин бародарону хоҳарон дар ҳайрат мондам, зеро онҳо бо пешниҳоди чунин дастгирии нотарсона на танҳо озодии шахсии худ, балки ҳаёти худро зери хатар мегузоштанд. Ман дар бораи он фикр кардам, ки чанд нафари онҳо боздошт мешаванд? Аз шунидани сурудҳои масеҳӣ, ки бо забони ба дилаш наздик суруда мешуданд, чашмони шубон Қува пур аз ашкҳо шуданд.

Қарибиҳои соати 13:00 моро ба толори додгоҳи маркази Хартум барои муҳокимаи аввалини парвандаамон даъват карданд. Посбонон, ки дар тан либоси низомии кабуд доштанд ва бо АК-47 мусаллаҳ буданд, моро аз камераи нигоҳдории муваққатӣ берун бурданд. Ман боварӣ доштам, ки мо чор нафар ба назари посбонон як дастаи рангоранг метофтем. Моро занҷирбанд карданд, то ки намуди ҷинояткорони хатарнокро дошта бошем. Маро бо шубон Ҳасан занҷирбанд карданд, шубон Куваро — бо Мунъим.

Аз саҳни ҳавлии дарунӣ ба сӯи бинои додгоҳ равона шуда, мо аз назди масеҳиёне, ки аз кӯҳистони Нуба омада буданд, гузаштем. Ману Ҳасан, ки ба ҳам занҷирбанд будем, дастонамонро ба ҳам боло бардоштем, то ба касоне, ки ба пешвози мо омада буданд, дастафшонӣ кунем ва масеҳиён кафкӯбӣ карданд.

Ман суханони онҳоро намефаҳмидам, вале ашкҳо дар чашмони Ҳасану Кува ба ман ҳамаи он чиро, ки фаҳмидан даркор буд, ба ман возеҳу равшан фаҳмонданд. Садои овозҳои онҳо моро аз камераи нигоҳдории муваққатӣ то бинои додгоҳ ҳамроҳӣ мекард. Ман бо тамоми қувват кӯшиш мекардам эҳсосоти худро зери назорат дошта бошам.

Дере нагузашта мо ба бинои додгоҳ ворид шудем. Ин як бинои фарсуда ва таъмирталаб буд, ки андоваи зардранги он аз деворҳо мерехт ва бӯи сахти мағор меомад. Касе тирезаҳои алюминиро, ки шишаҳои чиркину шикаста доштанд, боз кард ва шамол бӯи бад ва гармиро ақаллан каме тоқатпазир кард. Бо вуҷуди ҷараёнҳои сусти ҳавои тоза, ман ҳамоно арақшор будам.

Ба толор даромада, миқдори зиёди посбонони зиёдро мушоҳида кардам. Ба ғайр аз афсарони ХМИА, посбонони додгоҳ ва ҳабсхона, дар он ҷо одамони сар то по мусаллаҳ буданд, ки либоси махсус пӯшида буданд ва дар ихтиёри худ гази ашковар доштанд. Ба ғайр аз масеҳиёне, ки дар берун интизор буданд, дар дарун низ тарафдорони мо буданд. Ҳасан ва Кува ба ман пичиррос зада гуфтанд, ки дар байни онҳо аъзоёни калисоҳои маҳаллӣ ҳастанд. Ман ҳамчунин фаҳмидам, ки дигарон намояндагони махфии созмони ҳимояи ҳуқуқи башар буданд, ки барои пешбурди ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ислоҳоти демократӣ дар Судон таъсис дода шудаанд. Пештар ман дар байни ҳамкамераҳоям намояндагони ин созмонро дида будам.

Ман намояндагони сафорати ИМА ва консулгарии Швейтсария ва низ як корманди сафорати Чехия ва намояндаи Додгоҳи байналмилалии ҷиноиро дидам. Дар он ҷо мардону занони дигар буданд, ки бо либоси худ фарқ мекарданд. Маълум шуд, ки онҳо дипломатҳои кишварҳои дигари Аврупо ва намояндагони Иттиҳоди Аврупо будаанд. Ҳамаи онҳо курсиҳои холиро пур карда, ҳатто дар рӯи фарш нишаста буданд.

Се моҳ пеш Хадамоти миллии иктишоф ва амният ниҳоят парвандаи № 41/2016-ро боз кард, аммо танҳо дар моҳи август,

ҳангоме ки моро ба ҳабсхонаи Умдурмон ва сипас ба Ал-Ҳудо гузаронданд, парванда ба додгоҳ фиристода шуд. Аввалин мурофиаи додгоҳӣ аслан ба рӯзи якшанбеи гузашта таъйин шуда буд, вале ба зудӣ мавқуф гузошта шуд. Ба мо гуфтанд, ки ин аз он сабаб аст, ки барои аз ҳабсхона ба додгоҳ рафтану омадани мо борон монеъ шуд, аммо мо сабаби аслиро зуд фаҳмидем. Бо дидани ҳузури оммавии масеҳиён аз кӯҳҳои Нуба — мардон ва заноне, ки пас аз як сафари чандрӯза дар автобусҳои хеле нороҳат ба Хартум омада буданд, кормандони ХМИА шунидани аввалини парвандаи моро дар интизори ба хона бозгаштани имондорон аз Нуба ба таъхир андохтанд.

Бо вуҷуди ин, масеҳиён шубонҳои худро дастгирӣ накарда, рафтанӣ набуданд. Онҳо қарор доданд бимонанд ва мунтазири ҷаласаи додгоҳии мавқуф гузошташуда шаванд ва масеҳиёни маҳаллии Хартум онҳоро дар хонаҳои худ қабул карданд.

Ниҳоят, тақрибан соати 13:00 озмоиши мо сар шуд. Вазифаи довари раисикунандаро доктори илмҳои ҳуқуқ Усома Муҳаммад Абдуллоҳ иҷро мекард, ки дар тан либоси сиёҳ, дар болои суфа дар рӯ ба рӯи толори додгоҳ нишаста буд. Муфаттиш Абдурраҳмон Аҳмад Абдурраҳмон низ ҳузур дошт, ва чандин адвокатҳо — се адвокати расмӣ ва чордаҳ нафар адвокати ихтиёрӣ аз созмонҳои мухталифи ҳифзи ҳуқуқи башар — манфиати чор нафари моро ҳимоя мекарданд. Адвокатҳо чунон зиёд буданд, ки маъмурони додгоҳ маҷбур шуданд ба курсии адвокатҳо курсиҳо илова кунанд.

Адвокати шахсии ман, доктор Шумайна, аз ҷониби сафорати Чехия тавсия дода шуд, аммо ман гумон мекардам, ки ӯ ба ХМИА ҳусни таваҷҷуҳ дорад, бинобар ин ба ӯ бовар намекардам. Вай ҳаштоду чорсола буд, костюми гаронбаҳо дар бар дошт ва барои хизматҳояш маблағи ниҳоят баланд талаб мекард, эҳтимол, барои ришва додан ба мансабдорони системаи ҳуқуқии фасодзадаи Судон.

Чунин ба назар мерасид, ки прокурорҳо ӯро хеле эҳтиром менамоянд ва ба идораи полиси «Нияба-Мендола», ки ман бори

аввал бо ӯ вохӯрдам, таъсири зиёд дошт. Аммо вай ба мулоқоти пешбинишуда бо ман дар Ал-Ҳудо наомад, то ки ин парвандаро бевосита пеш аз мурофиаи аввалини додгоҳӣ муҳокима кунад, зеро вай сафарро хеле тӯлонӣ ҳисобид. Ин як зарбаи бузург ба эътиқоди ман ба ӯ ва ба рӯҳияи ман буд.

Муҳокимаи додгоҳӣ танҳо ба забони арабӣ мегузашт. Ба ғайр аз рӯзноманигорон ва миқдори ками ҳимоятгарони ҳуқуқи башар, қисми боқимондаи шахсони дар толори додгоҳ нишаста масеҳиёни ҷасур буданд, ки барои бо ҳузури худ дастгирӣ намудани мо омада буданд. Аъзоёни оилаҳои рафиқони маҳбуси судонии ман дар курсиҳои қисми пеши толори додгоҳ ҷамъ шуда буданд.

Ниҳоят, муҳокима сар шуд. Ҷаноби Абдурраҳмон эълон кард, ки рӯзи 18-уми декабр хадамоти миллии иктишоф ва амнияти Судон як гурӯҳ шубонҳои масеҳӣ ва роҳбарони дигарро боздошт карданд. Ҳамаи онҳо озод карда шуданд, ба истиснои чаҳор нафар, ки ҳозир дар ин ҷо ҳамчун айбдоршавандаҳо ҳозир ҳастанд. Онҳо барои иштирок дар конфронси масеҳӣ, ки моҳи октябри соли 2015 дар Аддис-Абеба баргузор шуда буд, боздошт шудаанд.

Ҷаноби Абдурраҳмон рӯйхати айбдоркуниҳоро аз рӯи моддаҳои 21, 50, 51, 53, 57, 64 ва 66-и Кодекси ҷиноии Судон аз соли 1991, моддаи 30-1-и Қонуни шаҳрвандӣ ва моддаи 23-и Низомнома «Дар бораи ҳамкории ихтиёрии башардӯстона» хонд. Айбномаҳо бар зидди ман васеъ буданд: содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, вайрон кардани сохти конститутсионӣ, ҷанг бар зидди давлат, ҷосусӣ бар зидди кишвар, ворид шудан ва суратгирии иншоот ва манёврҳои ҳарбӣ, барангехтани душманӣ нисбат ба мазҳабҳо ё байни мазҳабҳо, интишори маълумоти бардурӯғ, воридшавии ғайриқонунӣ ба Судон ва аз номи созмони хайрия бе иҷозатнома.

Ба гуфтаи муфаттиш, моро дар он айбдор карданд, ки ба муқобили Судон амалиёти иктишофӣ гузаронда, ба лашкари озодихоҳи халқии Судон, ки дар кӯҳҳои Нуба амал мекунад,

ёрии калон расондаем. Вай ба ҳозирон фаҳмонд, ки мо барои ҷамъоварии далелҳо барои тасдиқи айбдоркуниҳои гуногун бар зидди ҳукумати кишвар амал мекардем: ҳуҷҷатгузорӣ кардани амалҳои зӯроварӣ, аз ҷумла овора кардани мардуми осоишта, куштори ғайридодгоҳӣ, оташ задани деҳаҳо ва наслкушӣ; зулм ва шиканҷаи масеҳиён; вайрон кардани калисоҳо.

Ман ба тарҷумоне, ки ХМИА пешниҳод карда буд, боварӣ надоштам. Ӯ забони англисиро на он қадар хуб медонист. Ин ба ман он вақт маълум шуд, ки ӯ тарҷума кард, ки ман ба Судон ба ҷои "раводиди сайёҳӣ" бо "раводиди террористӣ" омадаам. Бародарони судонӣ, ки дар курсии паҳлӯям нишаста буданд, гумонҳои маро тасдиқ карданд: ӯ тамоман саҳеҳ тарҷума намекард. Онҳо хостанд эътироз кунанд, аммо довар онҳоро ба хомӯшӣ маҷбур кард.

Адвокатҳои мо айбномаҳои зидди моро рад карданд ва мурофиа то 29-уми август мавқуф гузошта шуд. Мо ба адвокатҳо аз болои тарҷумон шикоят кардем.

Пас аз он ману шубон Ҳасан, шубон Кува, Мунъим ва маро ҷуфт-ҷуфт завлона баста, аз толори додгоҳ берун карда, ба камераи интизорӣ дар бинои ҳабсхона бурданд.

Пас аз чанд соати дигар мо боз ба бордони мошини чорвокашонӣ баромада, боз ба ҳабсхона, ки дар миёнаи биёбон воқеъ буд, раҳсипор шудем.

Айбномаҳо бар зидди ман ҳайратангез буданд, аммо ман хавотир набудам. Ман шахсан бо Довари Олӣ шинос будам, ки мантияи сиёҳ намепӯшад.

* * *

Телефонҳои мобилиро, ки ба таври ғайриқонунӣ бо роҳҳои гуногун ба ҳабсхона оварда шуда буданд, дар он ҷо ҳамчунин ба таври ғайриқонунӣ харидан мумкин буд. Мунъим яке аз ин гуна телефонҳоро харид. Ӯ ба ман иҷозат дод, ки ҳар рӯз як

соат бо аҳли оилаам гуфтугӯ кунам. Ман симкорт харидам ва аз ҳамкамераҳоям хоҳиш кардам, ки онро пур кунанд.

Дар вақти мурофиаи навбатӣ ман як пакети полиэтиленӣ гирифтам, ки дар он ашёи ҳоҷатхона, хӯроквориҳо хушк буданд — ва муҳимтар аз ҳама: телефони мобилии содда бо рақамҳои муҳимтарини дар хотира нигоҳ дошташуда буд. Ҳеҷ кас дар бинои додгоҳ моро кофтуков намекард, зеро онҳо медонистанд, ки ҳангоме мо ба Ал-Ҳудо бармегардем, моро ҳамаҷониба кофтуков мекунанд. Ҳоло проблема дар он буд, ки чӣ тавр телефонро ба ҳабсхона ворид кунем.

Дар роҳ аз ҷаласаи аввалини додгоҳ дар маркази Хартум мо аз ҳамсафаронамон хоҳиш кардем, ки дар як нонвойхона истанд, то якчанд нони даврашакл харем, ки дар ду пакети полиэтиленӣ гузошта шуда буданд. Дар ивази як ришваи ночиз онҳо бо хушнудӣ дархостро иҷро карданд.

Ҳамкамераҳои ботаҷрибаам ба ман ёд доданд, ки чӣ гуна телефон ва пуркунандаи барқро дар пакети нон пинҳон кунам. Ҳамин тавр, посбонҳо пакетҳои нонро кофтуков карда, танҳо чор тарафи онҳоро ламс карда, миёнаи онро аз назар нагузаронданд. Нақша бо муваффақият кор кард. Нонро шикаста, телефони мобилиямро бароварда, интизори маҳкам карда шудани дарҳои камера шудам. Ниҳоят ман ба аҳли хонаводаам занг зада тавонистам. Муоширати мунтазам бо Ванда, Вава ва Петр то чӣ андоза ба ман маъқул буд! Ман ин вақтро истифода бурда, онҳоро бо ҳақиқатҳое, ки Худо ба воситаи Каломи Худ ба ман ошкор мекард, рӯҳбаланд менамудам.

Ҳар саҳар соати 6:00 дарҳои камера кушода мешуданд ва телефонҳои мобилии мо дар ҷои ниҳонӣ пинҳон карда мешуданд ва фаро расидани шомро интизор мешуданд. Дар аввал ман телефонамро бо худ гирифта мегаштам, аммо боре ҳангоме ки ногаҳон маро барои кофтуков боздоштанд ва посбон қочоқро ошкор кард, ӯ аз ман панҷоҳ фунти Судон ситонд, то онро ба ман баргардонад.

Аз он вақт ҳар саҳар пеш аз он, ки мо ба тафтиши ном ба номи саҳарӣ равем, телефонамро ба Шуквон медодам. Ӯ онро дар як қуттии чӯбин, ки дар зери ҷойхоби ман буд, нигоҳ медошт ва ман медонистам, ки он то бегоҳ дар он ҷо эмин мемонад.

Пас аз тафтиши ном ба номи саҳарӣ ба мо иҷозат дода мешуд, ки дар тамоми сектори маҷмааи ҳабсхона озодона гаштугузор кунем ва ман бештари вақти худро дар калисо мегузарондам.

* * *

Дар ҳабсхонаҳои пештара фиристодан ва гирифтани мактубҳо кори душвор ва вақтталаб буд. Ғайр аз ин, ҳамаи мактубҳо тафтиш карда мешуданд. Ин ба ман монеъ мешуд, ки ошкоро нависам. Ман бо забони англисӣ менавиштам. Дар аввал мактубҳоро кормандони полиси махфӣ тафтиш мекарданд ва баъд ба маъмурони консулгарӣ супурдани онҳо ҳангоми боздидҳо вақти зиёдеро талаб мекард.

Аммо акнун, дар Ал-Ҳудо, мо ба смартфонҳо дастрасӣ доштем. Ман зуд фаҳмидам, ки метавонам бо забони чехӣ нома навишта, ҳар як саҳифаро бо истифодаи камераи дарунсохтаи телефонам аксбардорӣ кунам ва тамоми номаро ба воситаи барномаи рамзгузоришудаи WhatsApp ба телефони мобилии духтарам фиристам.

Як ҳафта пас аз мурофиаи аввалини додгоҳӣ ва як рӯз пеш аз мурофиаи дуюм ман аввалин мактуби махфии худро ба оилаи худ ба забони чехӣ навиштам. Дар он ман давраи кӯтоҳи ранҷу азобҳои худ дар ҳабсхонаро бо ҳаёти абадӣ, ки маҳбусони Ал-Ҳудо бо пайравӣ ба Исои Масеҳ ба даст овардаанд, муқоиса кардам. Ман барои бародар Шуквон, ҳамкамераам, ки ӯро бо забони рамзӣ «фариштаи нигаҳбон» меномидам, Худоро шукр мегуфтам.

Шуквон бисёр вақт хӯрок мепухт ва ҳамин тавр менюи бадбахтонаи ҳабсхонаи моро беҳтар мекард. Ин ба ман имкон дод,

ки каме вазн гирам. Ман ба хонаводаам нақл кардам, ки чӣ тавр ӯ дар ҳузури дигар маҳбусони мусулмон аз ман хоҳиш мекард, ки барои хӯрок дуо гӯям ва ин ба ман имкон дод, ки дуоҳоямро дар шакли мавъизаҳои кӯтоҳ ба забони англисӣ барои касоне, ки онҳоро мефаҳмиданд, тартиб диҳам.

Бисёр вақт ман шоҳиди он будам, ки Шуквон Инҷилро аз Аҳди Ҷадид ба забони арабӣ мехонд ва зиндониёни мусулмон дар кунҷи камераи мо ҷамъ шуда, ба ӯ дар бораи ҳаққонӣ будани Хушхабар саволҳо медоданд. Чунон ки маълум шуд, Шуквон апологети самаранок буд ва ба ҳама эътирозҳои онҳо ҷавоби хуб медод.

Ҳар боре, ки ӯ ба мусулмонон Инҷилро мавъиза мекард, ман бо ҷидду ҷаҳд дар ҳаққи ӯ дуо мегуфтам.

Дар охири нома ман навиштам, ки ман маҳз то ҳамон муддате, ки Худованд маро дар ҳабсхона истифода бурданӣ аст, дар ин ҷо хоҳам буд. Ҳангоме ки ман навиштанро ба охир расондам, номаи ман ҳашт саҳифа буд. Хеле хуб буд, ки дар охир ман метавонистам дар пеши зану фарзандонам озодона арзи ҳол кунам!

Бартарии дуввуми доштани смартфонҳо дар Ал-Ҳудо ин буд, ки дар миёни биёбони Судон буда ва телефони Ҳасан ва интернети хеле сусти 2G-ро истифода бурда, мо дидем, ки овози одамон дар тамоми ҷаҳон барои эътироз аз вазъияти бади мо торафт баландтар мешавад. Созмони ҳифзи ҳуқуқи башар CitizenGo, ки маъракаи дастгирии таъқибшудагонро мегузаронад, ташаббуси имзои онлайн-муроҷиатнома барои озодии мо шуд. Дар атрофи телефони Ҳасан ҷамъ шуда, сайтро гаштаву баргашта навсозӣ мекардем ва бо ҳайрат менигаристем, ки шумораи имзоҳо торафт зиёд мешавад. Ҳар яки мо ҳамчунин ба ин муроҷиат имзо гузоштем ва ҳар саҳар шахси нав дар ҳабсхонаамон моро як сӯ мебурд, то гӯяд, ки ӯ низ имзо кардааст. Мо ҳар рӯз пешрафти муроҷиатномаро назорат мекардем ва ҳайрон будем, ки шумораи имзоҳо аллакай қариб ба ним миллион нафар расидааст.

Пас аз он касе ба мо гуфт, ки дар YouTube навори намоиши осоиштаро дар назди сафорати Судон дар пойтахти Испания Мадрид тамошо кардан мумкин аст. Агарчи аз боиси пайвастшавии сусти интернет мо видеоро бо фосилаҳои тӯлонӣ дида метавонистем, ман аз дидани плакатҳо ва шунидани он, ки одамон номи маро гирифта, нидоҳо мекарданд, бениҳоят мутаассир шудам ва илҳом гирифтам. Дар видеои бистдақиқагӣ, камера дар саросари издиҳом давр зада, аз плакат ба плакат, баннер ба баннер ҳаракат мекард ва ҳар яке барои Петр Яшек озодиро талаб мекард.

* * *

Пас аз як ҳафтаи муҳокимаи аввалини парвандаамон мо барои ҳозир шудан дар мурофиаи дуюм ба маркази Хартум раҳсипор шудем. Чун як ҳафта пеш, мо дар як ҳуҷраи хурду ифлос дуюним соат то соати 13:00 интизор будем. Дар камера бо мо даҳҳо кӯдаконе буданд, ки дар камбизоатӣ калон шуда, дузд шудаанд. Вақте ки оилаҳои шубонон ба мо хӯрок оварданд, мо аз хӯрокамон ба онҳо медодем. Кӯдаки хурдӣ ҳамагӣ нӯҳсола буд.

Ҳангоме ки мурофиа сар шуд, ман дидам, ки муфаттиш — шахсе, ки «ҷиноятҳо»-и моро тафтиш карда буд ва акнун айбдоркуниро роҳбарӣ мекард, дар толори додгоҳ проектор гузоштааст. Ӯ бо ёрии он намоиш додани суратҳоеро сар кард, ки ХМИА дар диски сахти ман ошкор карда буд: суратҳои калисоҳои масеҳии харобшуда дар шимоли кишвар ва низ суратҳое, ки дар минтақаи ҷанг дар кӯҳҳои Нуба гирифта шудаанд.

Ҳангоме ки ман дар экрани проектор суратҳоро мушоҳида мекардам, як ҷузъиёти нозук дар кунҷ диққати маро ба худ ҷалб кард: суратҳо ишораи рақамии санаро доштанд: 2011. Ман дар курсӣ худро рост карда, нафаси чуқур кашидам. Дар рагҳои ман адреналин ҷараён гирифт. *Ана, ниҳоят, далели он, ки*

*ман дар айбдоркуниҳое, ки зидди ман пеш бурда шудаанд, бегуноҳам!* Ман ба назди адвокатам хам шуда, пичиррос задам:

«Ин суратҳо аз ман нестанд. Ман соли 2011 дар Судон набудам!» Прокурор ба гуфтугӯи ман бо адвокат ба забони англисӣ эътироз кард ва довар розӣ шуд. Дар байни адвокатҳо ва довар баҳсҳои пуршиддат сар шуданд.

Аммо лаҳзае нагузашта барқ дар бино хомӯш шуд ва проектори муфаттиш аз кор монд. Бисёрии касоне, ки дар толор буданд, ханда карданд; қатъ шудани қувваи барқ барои мардуми Судон воқеияти ҳаррӯза буд ва танҳо сарватмандтаринҳо дар хонаҳояшон генератор доштанд.

Аз боиси қатъ гардидани қувваи барқ дар бино мурофиаи додгоҳӣ то 1 сентябр мавқуф гузошта шуд. Мо ҳамагӣ бист дақиқа дар толори додгоҳ будем, аммо ман дидам, ки хадамоти амнияти Судон кӯшиш мекунад аз ҳар як фурсат истифода бурда, муҳокимаи моро ба таъхир гузорад. Аммо акнун ин маро он қадар ба ташвиш намеовард, зеро ман бо як вазифаи нав рӯ ба рӯ шудам: пайдо кардани далелҳои он, ки дар соли 2011 ман дар Судон набудам.




# 23

Пас аз бозгаштан ба Ал-Ҳудо ман фавран ба Вава занг зада, аз ӯ хоҳиш кардам, ки ҳама ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи онро, ки ҳангоме ҳамкасбам дар кӯҳҳои Нуба суратҳои дар толори додгоҳ намоиш додашударо мегирифт, ман дар Прага будам. Ин барои исботи бегуноҳии ман лозим буд! Ман бо интизории ба қарибӣ сафед карда шудан ва озод шудан саргарм шудам.

Саҳарии 1-уми сентябр мо боз камераҳоро тарк намудем, то ки ба сафари дуру дароз ба Хартум равона шавем. Аз худуди ҳабсхона гузашта, шоҳиди манзараи даҳшатборе шудам.

— Ба тарафи ростат нигоҳ кун, — Ҳасану Куваро тела дода пичиррос задам ман. Дар саҳни ҳавлӣ мо маҳбусеро дидем, ки дар канализатсияи кушода, ки аз наҷосати одам пур буд, ғӯтонда шуда буд. Ман нисбат ба ӯ ҳамдардии амиқ эҳсос кардам ва барои ӯ аз Худо паноҳ хостам, дар ҳоле ки зиндонбонон бадани ӯро дар наҷосат мeғӯтонданд, то даме ки наҷосат то гарданаш расид.

Мо аз дигар маҳбусон медонистем, ки сабаби чунин ҷазо ягон қонуншикании вазнин аст, — эҳтимол задани ягон зиндонбон — ва он шахс камаш ним соат дар канализатсия нигоҳ дошта мешавад. Ин бадтарин ҷазоест, ки зиндонбонон истифода бурда метавонанд. Барои ҳуқуқвайронкуниҳои хурдтар маҳбусонро маҷбур мекарданд, ки дар лой ғел зананд, зеро медонистанд, ки аз боиси дастрасии маҳдуд ба оби равон онҳо онро пурра шуста наметавонанд.

Вале ҷазои сахттарин он чизе буд, ки мо ҳозиракак шоҳиди он будем ва мутаассифона, дар Ал-Ҳудо ин ҷазо кам воқеъ на-

мешуд. Ҳар боре, ки бӯи нафратовар, чун бӯи фермаи хукҳо, фазоро пур мекард, мо медонистем, ки сарпӯши канализатсияи ҳабсхона кушода аст ва захирагоҳ барои ҷазои як маҳбуси дигар тайёр аст. Дар давоми сӣ дақиқа маҳбусро дар канализатсия нигоҳ медоштанд ва наҷосати одамӣ китфашро пӯшида, ба гарданаш мерасид. Пас аз анҷом ёфтани таҳқир шахс имконияти хеле маҳдуди шустани баданашро дошт. Ҳайратовар набуд, ки дар Ал-Ҳудо бемории холера паҳн мешуд. Духтурони ҳабсхона бо мақсади пешгирии бемории сироятӣ ба маҳбусони солим седонагӣ ҳабҳои доксициклин дода, барғалат гумон мекарданд, ки онҳо антибиотикҳоро ҳамчун профилактика истифода бурда метавонанд. Ман ҳар рӯз дуо мекардам, ки Худо маро нигоҳ дорад. Дар тамоми ҳабсхона бемории сил низ паҳн мешуд ва гоҳ-гоҳ зиндонбонон барои аз миёни мо берун овардани ҷасадҳои мурдаҳо камераҳоро аз назар мегузаронданд.

* * *

Вақте ки мурофиаи сеюми маҳкамавӣ сар шуд, тарҷумон аз вазифааш дур карда шуд. Ин маро махсусан ба ташвиш наовард, агарчи акнун дар рафти мурофиа бе тарҷумаи расмӣ мондам.

Мурофиаҳои додгоҳӣ мурофиаҳои додгоҳии солҳои 50-умро дар Чехословакия ба хотир меоварданд, ки коммунистон айбдоршавандагонро унсурҳои аз ҷиҳати идеологӣ хатарнок ҳисобида, худсарона ба ҳабси якумра маҳкум мекарданд. Ба ҷои он, ки дар бораи мушкилоти ба сарам омада ташвиш кашам, ман қарор додам, ки Худовандро ҳамду сано хонам ва дуо гӯям. Зиёда аз ин, интизор мерафт, ки мурофиа пас аз якчанд ҳафтаи кӯтоҳ ба охир мерасад.

Мурофиаи сеюм, ҷаласаи дигари дилгиркунанда ва ноумедкунанда ба анҷом расид. Дар он айбдоркунанда далелҳои вохӯрии маро бо як шахси аз ислом ба масеҳият рӯ оварда, ки дар вақти ҳамла сахт захмӣ шуда буд, пешкаш кард ва дар давоми он адвокати ман исрор кард, ки барои тафтиши ҳаққонияти

маводҳои аз тарафи прокуратура пешниҳодшуда коршиносон ҷалб карда шаванд. Вақте ки ба Ал-Ҳудо баргаштам, ба аҳли оилаам мактуб навиштам.

> *«Ба назари шахси аврупоӣ, мурофиа хеле бесару сомон ба назар мерасад. Довар, адвокатҳо ва прокурорҳо ба ҳамдигар дод мезананд. Кормандони полиси махфӣ дар ҷаласаҳо иштирок мекунанд ва масъаларо ба самти зарурӣ равона мекунанд. Довар ҳамчунин узви полиси махфӣ маълум аст, аз ҳамин сабаб пешакӣ тахмин кардан мумкин аст, ки ҳукм ба эҳтимоли зиёд ҳамон гуна мешавад, ки айбдоркунандаҳо мехоҳанд.*
>
> *Ману се бародар, ки дар ҳамин парванда шомил ҳастанд, ором ҳастем. Мо медонем, ки ҳама чиз дар дасти Худованд аст ва маҳз Ӯ сухани охирин ва ҳалкунандаро хоҳад гуфт. Ман сарчашмаи рӯҳбаландӣ ва қувватро ба воситаи ба ёд овардани оятҳои Забур 108:30–31 пайдо мекунам.*
>
> *Ташаккури зиёд барои ҳамаи оятҳои Китоби Муқаддас, ки ҳамчун рӯҳбаландӣ ба ман фиристодаед. Ман дар онҳо тасдиқи олидараҷаи он чизеро, ки Худованд ҳар рӯз ба ман медиҳад, меёбам: вақт барои нав кардани қувват дар ҳузури Ӯ, вақт барои мавъизаи Инҷил, вақт барои худомӯзии рӯҳонӣ ва вақт барои рӯҳбаландӣ бо бародарони азиз дар Масеҳ.*
>
> *Аз тақрибан нӯҳ моҳе, ки дар ҳабсхона будам, чор моҳашро ман дар камераи яккаса гузаронидам. Панҷ моҳи аввал ман ба Китоби Муқаддас*

*дастрасӣ надоштам. Аммо Худованд ба воситаи Рӯҳулқудс оятҳоеро, ки пештар медонистам, ба ёдам оварда, бо ман сухан мегуфт ва Каломи Худро ба ман ёдрас мекард. Баъдтар ӯ ба ман фаҳмиши нав ва амиқтари он қисмҳои Китоби Муқаддасро дод, ки ман дар гузашта намефаҳмидам ва ё нодуруст мефаҳмидам.*

*Ба шумо барои дуоҳо ва суханони рӯҳбаландкунанда ташаккур мегӯям. Бигузор Худованд ҳамаи мову шуморо дар паноҳаш нигоҳ дорад. 1 Петрус 2:20–23».*

* * *

Ду ҳафта пештар, 15-уми август, Ванда ва фарзандон нома тартиб дода, барои ман бастаеро бо ашёи зарурӣ тайёра карда буданд, ки онро ба воситаи корманди нави консулгарии Чехия ҷаноби Афифӣ фиристоданӣ буданд.

«Ман аз ту хеле фахр мекунам, — навишта буд Ванда, — аз далерӣ ва сабру тоқати ту, ки ба вазъияти ҳозира тоб оварда метавонӣ. Ту барои ҳамаи мо намуна ва рӯҳбаландии бузург мебошӣ. Ҳамаи мактубҳои туро аз нав хонда, дар дил нигоҳ медорам!»

Ҳангоме ки ман бори аввал бо ҷаноби Афифӣ пас аз мурофиаи сеюм вохӯрдам, тавонистам ҳадяҳои онҳоро гирам, номаи навиштаи аҳли хонаводаамро хонам ва ҷавоб фиристам.

*«Азизонам!*

*Ташаккури зиёд барои пуле, ки ман ба воситаи консули ифтихорӣ ҷаноби Афифӣ гирифтам. Дар ивази ду «тӯҳфа»-и хурд ба кормандони ҳабсхо-*

*на, ба ман муяссар шуд, ки телефони мобилиро ба ҳабсхона ворид кунам. Дар ин ҷо, дар ҳабсхонаи Судон, дар ивази пул қариб ҳама чизро ба даст овардан мумкин аст.*

*Ман аз китоби Ричард Вурмбранд, «Агар деворҳои ҳабсхона гап зада метавонистанд» хурсандии бештарин ба даст овардам. Ман ин китобро тақрибан бист сол пеш хонда будам, аммо ҳоло, ки худам дар вазъияте чун вазъияти бародар Вурмбранд ҳастам, ин китоб бевосита ба дили ман муроҷиат мекунад! Бисёре аз ҳолатҳое, ки ман аз сар мегузаронам, эҳсосотеро ба вуҷуд меоваранд, ки ба эҳсосоти Ричард хеле монанд ҳастанд. Борҳо ин китоб ба ман чунон сахт таъсир мекард, ки ман мегиристам. Ман онро дар як рӯз хондам ва ҳоло бесаброна интизори он ҳастам, ки бори дигар хонам».*

Ман аз он ҳайрон будам, ки таҷрибаи маҳбусии ман, — эҳсосот ва фаҳмиши илоҳиётии ин қадар порчаҳои Навишта, — ба таҷрибаи Ричард Вурмбранд хеле монанд буданд, агарчи вазъиятҳои мо аз ҷиҳати вақт ва макон фарқ доштанд. Ман соли 2016 аз ҷониби режими тоталитарии Судон зиндонӣ шудам; ӯ бошад, даҳҳо сол пештар аз ҷониби режими тоталитарии Руминияи коммунистӣ зиндонӣ шуда буд.

Таъқиботро аз сар гузаронда, ман робитаи аҷиберо бо ӯ ҳис кардам. Моро ҳамон як риштаҳо, ҳамон як вазъиятҳо ва ҳамон як Масеҳ ба ҳам мепайвастанд. Агар Худо ягон вақт маро озод кунад, чунон ки Вурмбрандро озод кард, ман дуо мекардам, ки Ӯ ба ман далерӣ диҳад, то шаҳодати худро нависам, то дигарон муҳаббати Масеҳро донista тавонанд.




# 24

Замони дар ҳабсхонаи Ал-Ҳудо буданам аз ҷиҳати эҳсосотӣ ва рӯҳонӣ ибратомӯз буд. Аҳли оилаам ба ман як плеери MP3 бо сабти аудиоии Китоби Муқаддас ба забонҳои чехӣ ва англисӣ ва низ китоби дарсии забони фаронсавиро фиристоданд. Бевақтии шаб, ҳангоме ки офтоб кайҳо ғуруб карда буд ва барои хондан рӯшноӣ кофӣ набуд, ман Навиштаро гӯш мекардам ва низ сабтҳои аудиоиро барои омӯзондани забони англисӣ ва фаронсавӣ дар калисои Ал-Ҳудо истифода мебурдам.

Аммо агарчи ақлу рӯҳам ғизои рӯҳонӣ мегирифт, сафарҳои ҳарҳафтаина ба додгоҳи Хартум таъсири харобиовар доштанд. Дар Судон ҳанӯз гармои тоқатфарсо ҳукмфармо буд ва ба сафарҳои пурмашаққат дар бордони мошини чорвокашонӣ тоб овардан душвор буд. Ман аз сафарҳои саҳарии якшанбе ба додгоҳи Хартум метарсидагӣ шудам.

Рӯзи 5-уми сентябр мо боз ба мурофиаи навбатӣ омадем. Тарҷумони нав таъйин шуда буд, — муаллими кафедраи тарҷумаи донишгоҳи Хартум.

Дар давоми тамоми муҳокима ӯ ҷавобҳои маро ба саволҳо ҳангоми пурсиш нодуруст тарҷума менамуд ва таҳриф мекард.

Ҳасан ба сӯи ман хам шуда, пичиррос зад, ки маро дар он айбдор мекунанд, ки гӯё иқрор шудаам, ки намояндаи созмони амрикоӣ ҳастам, ки вазифаи он ёрӣ расондан ба ҷавони захмдор буд, — ҳол он ки ман ҳеҷ гоҳ ба ин иқрор намешудам. Ӯ ҳамчунин тарҷума кард, ки маро ба маблағгузории амалиётҳо барои сарнагун кардани ҳукумат айбдор мекунанд. То даме ки

муҳокима давом дошт, ман аксуламалҳои Ҳасан ва Қуваро ба воқеаҳои рӯйдода мушоҳида мекардам ва ноумедӣ ва изтироби онҳоро медидам ва ба шикваҳои маъюсонаашон гӯш медодам.

— Эътироз! — гаштаву баргашта такрор мекард адвокати ман, аммо довар бепарво буд.

Пас аз мурофиаи додгоҳӣ, ки қисми зиёди он ба донишҷӯи маҷрӯҳшудаи масеҳӣ робита дошт, кормандони сафорат дастҳои якдигарро фишурда, ба мо гуфтанд, ки онҳо фаҳмиданд, ки мурофиаи мо ба вазъияти сиёсӣ ва дин робита дорад. Онҳо ба мо барои сабру тоқатамон ташаккур баён карда, гуфтанд, ки аз рафтори мо дар давоми мурофиа ба ваҷд омадаанд.

Мо якчанд соати дигарро дар камера бо рӯҳбаландӣ аз суханони онҳо гузаронидем. Мо дар саҳни ҳавлӣ дар байни маҳбусони дигар, ки дар интизори вақти худ дилгир буданд, гаштугузор мекардем ва Худоро барои дастгирии масеҳиёни Нубия ва кормандони сафорат ҳамду сано хондем. Баъд моро ба Ал-Ҳудо баргардонданд.

* * *

Мурофиаҳо ҳар ҳафта давом мекарданд ва мо аз Ал-Ҳудо ба Хартум гаштаву баргашта сафар мекардем. Гоҳо, ҳангоме ки ҳаракат хеле суст буд ё шароити обу ҳаво хеле бад буд, сафар то се соат давом мекард. Бисёр вақт мо дар назди дигар биноҳои додгоҳҳо дар Хартум меистодем ва мошини чорвокашонии мо чунон аз маҳбусон пур мешуд, ки нафаскашӣ хеле душвор буд.

Рӯзи 26 сентябр мо боз ба додгоҳ ҳозир шудем, то суханони прокурорро оид ба парвандаи мо гӯш кунем. Вай ин айбномаро бо навори видеоӣ асоснок карданӣ буд, ки дар кӯҳҳои Нуба дар соли 2011 гирифта шуда буд. Ӯ дарҳол онро нишон дод ва ин маро хеле хурсанд кард.

Ман медонистам, ки ҳимоя далелҳои аз ҷониби аҳли оилаам пешкаш гардида дорад, ки исбот мекунанд, ки дар он вақт ман

ҳатто дар Судон набудам. Ва азбаски бисёрии парвандаҳо бар зидди ман дар навори видеоии дар кӯҳҳои Нуба гирифташуда асос ёфта буданд, ман фикр мекардам, ки дер ё зуд парванда бар зидди ман қатъ карда мешавад. Прокурор наворро нишон дод ва тарҷумон тарҷумаро пешниҳод кард.

— Ин видео дар диски берунии айбдоршавандаи рақами як ёфт шудааст, — гуфт прокурор ва ба ман ишора кард.

— Дар он айбдоршаванда ва се нафари дигар тасвир ёфтаанд. Он аз мошине гирифта шудааст, ки аз минтақаи ҷанг дар кӯҳҳои Нуба мегузарад.

Адвокат ба ман рӯ оварда, пичиррос зад:

— Петрус, онҳо даъво доранд, ки ту дар ин навор ҳузур дорӣ.

— Ин сафсата аст, — дар ҷавоб пичиррос задам ман, — зеро ман дар он вақт дар Чехия будам ва инро исбот кардан мумкин аст.

Вай барои эътироз кардан даст бардошт ва гуфтаи маро фаҳмонд ва баъд як даста коғазро аз рӯи миз бардошт ва дар пеши назари худ ҷунбонд.

— Инак далели он, ки ҷаноби Яшек дар вақти сабти ин видео дар Прага буд, — ӯ ба довар нусхаҳои суратҳисобҳои дар Прага пардохтшуда ва дигар ҳуҷҷатҳоро дод ва баъд хулосаи коршиносро пешниҳод кард, ки ин навор бо камераи ман гирифта нашудааст; Ман Canon Rebel XT3 доштам, аммо ишораи рақамӣ дар видео нишон дод, ки он бо камераи Canon Rebel XTi сабт шудааст.

Эътирози ӯ устувор ва раднопазир буд, аммо ба назар чунин метофт, ки довар тамоман ба он бовар накард. Вай ба ҳуҷҷатҳои сканшуда зуд назар андохта, ба як сӯ гузошт. Баъд ба забони арабӣ чизе гуфт ва адвокати ман дар ҷавоб танҳо бо норозигӣ китф дарҳам кашид. Ҳамин тавр, далелҳои раднашавандаи маро ба эътибор нагирифтанд.

Ман ба толори додгоҳ назар андохтам, — ҳеҷ кас эътирози адвокати маро ҳатто сабт накардааст. Далели раднопазире ки, ба фикри ман, озодии маро таъмин мекунад, ҳатто ба протоколи расмии мурофиа ворид намешавад!




# 25

17-уми октябр мо боз ба Хартум барои ҷаласаи ҳаштуми додгоҳӣ омадем. Аз он, ки мурофиа ду моҳ боз давом дорад, дилшикаста шуда будам. Аммо аз номаҳое, ки аҳли оилаам фиристода буданд ва аз зангҳои телефонии махфиям аз Ал-Ҳудо ман фаҳмидам, ки масеҳиён дар тамоми ҷаҳон барои ман дуо мегӯянд ва ин маро рӯҳбаланд мекард.

Силсилаи дуоҳои ҳаррӯза ва рӯзадориҳое, ки бародарону хоҳарони калисои ман дар Ҷумҳурии Чех барои ман пешкаш мекарданд, давом доштанд. Ман ҳамчунин медонистам, ки ҳангоми парастишҳое, ки дар идораи «Садои риёзаткашон» дар Иёлотҳои Муттаҳида баргузор мешаванд, ҳар саҳарии сешанбе ҳамкоронам низ барои ман дуо мекунанд.

Шубон Ҳасан ва шубон Кува ба ман хабар доданд, ки тамоми калисои судонӣ барои мо дуо мекунад. Ва ҳангоме ки ман барои мурофиаи навбатии худ ба маҳкамаи марказии Хартум мерафтам, дар бораи ҳамаи ин масеҳиён фикр мекардам.

Дар ҷаласа ҷаноби Абдурраҳмон, муфаттиш ва прокурор ба як шахс гуфт, ки прокуратура навори видеоии вохӯрии шабонаи маро бо донишҷӯи маҷрӯҳшуда дорад ва ман фаҳмидам, ки он бо истифодаи камераи биниши шабона гирифта шудааст. Вай ҳамчунин мегуфт, ки дар онҳо сабти аудиоии гуфтугӯи ману Мунъим дар бораи масеҳӣ шудани ин ҷавон мавҷуд аст.

Ман инро аз эҳтимол дур меҳисобидам, зеро ин вохӯриро хуб дар ёд доштам. Мо онро дар тарабхонаи пурғавғо гузарон-

дем, ки дар он ҷо аз айфони ман ягон садои фаҳмо гирифтан қариб ғайриимкон буд.

Қисми навбатии мурофиа, ки аз як силсила саволу ҷавобҳо байни гурӯҳи адвокатҳои мо ва ҷаноби Абдурраҳмон иборат буд, маро ба шавқ овард.

— Чаро бозпурсӣ кардани айбдоршавандаи рақами якро зарур ҳисобидед? — ба ман ишора карда пурсид адвокати ман.

— Зеро нахустин сафари ӯ ба Судон дар соли 2012 асоси қонунӣ надошт, илова ба ин ӯ ба минтақаҳои зиёде аз кӯҳҳои Нуба сафар карда, дар он ҷо бо шӯришиён вохӯрдааст. Дар ин сафар ӯ кӯшиш мекард далелҳоеро барои айбдор кардан дар зулму тааддӣ, шиканҷа ва исломикунонӣ ва арабикунонии маҷбурии мардуми Нуба ҷамъоварӣ кунад. Мувофиқи маводи тафтишот, — давом дод ҷаноби Абдурраҳмон, — ба ҷангиёни шӯришӣ ёрии моддӣ ва маънавӣ расонида, ҳамчунин дар бораи он чи дидааст, ба созмонҳои байналмилалӣ, хусусан ба офиси асосии айбдоршавандаи рақами як ҳисобот фиристодааст.

Ман медонистам, ки вай «Садои риёзаткашон»-ро дар назар дорад.

— Штаб-квартираи «Садои риёзаткашон» дар куҷост?

— Дар ИМА», — ҷавоб дод ӯ.

— Оё гузоришҳое, ки ба «Садои риёзаткашон» пешниҳод шуда буданд, таъсире доштанд?

— Ҳа, ин хабарҳо обрӯву эътибори Судонро дар арсаи байналмилалӣ аз ҷиҳатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ доғдор карданд!

Ин эътирофи самимӣ маро ба ҳайрат овард: ҳукумати Судон инкор намекунад, ки масеҳиёнро таъқиб мекунад, аммо ба паҳн кардани ин маълумот берун аз Судон қатъиян эътироз мекунад. Дар ҷавоб ба тавзеҳи прокурор ман сар ҷунбондам. Ба фикри айбдоркунандагони ман, масъала на дар он буд, ки онҳо масеҳиёнро таъқиб мекарданд, балки дар эҳтимолияти он буд, ки ин дар беруни кишвар маълум шуда, обрӯи онро мерезад!

Ин равиши тафтишот чанд муддат давом кард. Ҷаноби Абдурраҳмон дар бораи кирдорҳои гуногуни ғайриқонунии шубон Ҳасан, шубон Кува, Мунъим ва ман шаҳодат дод. Адвокатҳои мо баҳс мекарданд, эътироз мекарданд, аммо бенатиҷа. Ҳар дафъа довар тарафи айбдоркунандаро ҷонибдорӣ мекард.

Ман медонистам, ки ин мурофиаи додгоҳӣ сохтакорӣ аст ва айбномаҳои зидди ман сохта мебошанд. Тафтишотро ҳамон шахсе анҷом медод, ки акнун намояндаи ҷониби айбдоркунанда буд ва ҳеҷ як далели пешниҳодкардаи адвокати ман ба рафти муҳокима ва ба гунаҳкор ё бегуноҳ будани ман таъсире надошт.

Ва бадтарин чиз он буд, ки довар ошкоро тарафи айбдоркунандаро гирифт, — ҳангоми бозпурсиҳои мутақобил, вақте ки ҷониби айбдоркунанда ба саволҳои додашуда ҷавоби қобили қабул дода наметавонист, довар ба ҷои онҳо ҷавоб медод. Ин сенария ба ман хуб маълум буд: дар Чехословакияи коммунистӣ додгоҳҳо ҳамин тавр гузаронда мешуданд ва имконияти ба манфиати ман қарор баровардани додгоҳ хеле кам буд.

* * *

Ду рӯз пас ман боз ба аҳли хонаводаам нома навиштам.

*«Азизонам!*

*Салом ба ҳамаи шумо аз ҳабсхонаи Ал-Ҳудо. Ман аз ҳамаи шумо барои дуоҳои доимӣ, рӯзадорӣ ва дастгирии шумо, ҳамчунин барои мактубҳоятон, ки аз онҳо рӯҳбаландӣ ва хурсандии зиёд ба даст меоварам, самимона миннатдорам. Ташаккур барои он, ки ба ман ёрӣ мерасонед, барои дуоҳо ва дархостҳоятон оид ба файз*

*(2 Қӯринтиён 1:11). Ман боварӣ дорам, ки ба наздикӣ мо якҷоя Худоро ҳамду сано хоҳем гуфт.*

*Ман ҳамаи номаҳоеро, ки аз шумо гирифтаам, гаштаву баргашта мехонам ва аз онҳо, махсусан дар оятҳои Китоби Муқаддас, ки шумо барои ман навиштаед, рӯҳбаландии бузург пайдо мекунам. Ба шарофати дуоҳои шумо ман ламси аҷиби дасти Худоро эҳсос мекунам. Қуввате, ки ба воситаи дуоҳои шумо ба даст меоварам, ба ман ёрӣ мерасонад, ки барои имонам мубориза барам. Худо ҳатто дар нотавонии ман ба ман қувват мебахшад (2 Қӯринтиён 12:10) ва маҳз Ӯ ин муҳорибаро барои ман ба анҷом мерасонад (Забур 58:3).*

*Имрӯз суханони Павлус аз 2 Қӯринтиён 6:3 (ва махсусан ояти 10) ба ман махсусан сахт таъсир карданд. Он шодии аҷиберо, ки Худованд бо вуҷуди ин маҳбусии тӯлонӣ маро фаро гирифтааст, танҳо бо миннатдорӣ шарҳ дода метавонам.*

*Ҳар қадар бештар дар ҳабсхона бимонам, шодии ман ҳамон қадар зиёд мешавад ва ман ламсҳои нави дастони сӯрохшудаи Худовандро эҳсос мекунам. Мо ҳамаи инро танҳо бо қурбонии Исои Масеҳ, ки моро дӯст медорад, шарҳ дода метавонем. Ман ҳимоят ва дахолати бузурги дасти Худоро медонам ва ҳис мекунам, хусусан ҳангоми хатар».*

Дар нома ман ҳамчунин вазъияти аҷиберо, ки ба наздикӣ дар Ал-Ҳудо рӯй дода буд, тасвир кардам — охирин дахолати тасаввурнопазири Худованд дар ҳаёти ман.

Ду ҳафта пештар боз як маҳбуси хатарнокро ба камераи беҳад серодами мо гузаронданд (мо аллакай наваду панҷ нафар будем). Дар камера ҳамагӣ ҳафтоду панҷ кат буд. Ман аз бародар Шуквон фаҳмидам, ки маҳбуси нав як нашъаҷаллоб аст, ки дар айёми наврасӣ барои ҷиноятҳо маҳкум шуда буд ва ҳоло соли чордаҳуми бистсолаи маҳбусиро сипарӣ мекунад.

Ҳайратовар буд, ки марде дар кати ман дар паҳлӯям нишаст ва ба маҳбусон марихуана тақсим кардан гирифт. Вай бо худ телевизори калони замонавӣ ва DVD-плеер овард ва мехост гӯшаи ороми камераи моро ба манзили пурғавғои нашъамандон табдил диҳад, ки дар он маҳбусон сигор мекашанд ва наворҳои муборизаи боксро тамошо мекунанд.

Бародар Шуквон, «муҳофиз»-и ман, ба ғазаб омад ва рӯзи дигар кати сеошёнаамонро навад дараҷа тоб дод, то ки кунҷи камераро баста, ба тамошои навор омадани маҳбусонро пешгирӣ кунад. Нашъаҷаллоб ба ғазаб омада буд ва ба осонӣ таслим шудан намехост. Вай торафт бештар дӯстонашро ҷамъ мекард ва онҳо дар назди кати ман сигор мекашиданд. Ду маротиба ман кӯшиш кардам ба ин зиддият кунам ва бо рафтори онҳо бо забони шикастаи арабӣ норозигии шадиди худро баён кардам ва аз онҳо хоҳиш кардам, ки раванд. Ҳайратовар буд, ки маҳбусон ба дархости ман гӯш доданд ва дере нагузашта гӯшаро тарк карданд, то марихуанаро дар канори дигари камера дуд кунанд.

Мизоҷонро торафт бештар аз даст дода, нашъаҷаллоб қарор дод, ки аз ман қасос гирад.

Ба ҳама маълум аст, ки ҳар касе, ки дар ҳабсхона маводи нашъаовар мефурӯшад, бо кормандони ҳабсхона робитаи хуб дорад. Аз ҳамин сабаб рӯзи дигар, ҳангоме ки ман аз калисо ба камера бармегаштам, ногаҳон маро посбонон барои кофтуков боздоштанд ва дар рафти он яке аз онҳо камарбанди махфии маро дар либоси таг, ки дар он ҷо пул ва телефони мобилиро нигоҳ медоштам, ошкор кард. Вай телефони маро гирифт ва

таҳдид кард, ки агар фавран ба панҷоҳ фунти Судон (тақрибан 8 доллар) онро «бозхарид» накунам, онро барои худ мегирад.

Пас аз якчанд дақиқаи кашолкорӣ ниҳоят ман ба камера баргаштам. Ба назар чунин метофт, ки ҳама интизори бозгаштани ман буданд, махсусан нашъаҷаллоб, ки дастонашро болои сари синааш рӯиҳам гузошта, бо намуди зоҳирии худ маро тарсонданӣ мешуд. То охири рӯз ӯ гаштаву баргашта ба ман хурдагирӣ мекард ва бегоҳ телевизорро дар пеши пойҳоям гузошта бо садои баландтарин ба кор даровард, то ҳама дар камера бозии бокси занонаро тамошо ва гӯш кунанд.

Шаби дигар ӯ дар зери гӯшам то соати 2 мусиқӣ гӯш мекард. Ба таври мӯъҷизаосо Худованд ба ман ба қадри кофӣ файзу оромиши Худро ато кард, ки дар миёни ин ҳама ноором хоб равам. Мусиқии бардавоми шабона маҳбусони дигарро низ асабонӣ мекард. Онҳо низ аз нашъаҷаллоб хашмгин буданд, аммо касе ҷуръат намекард бо ӯ мухолифат кунад. Ман дидам, ки эҳтироми маҳбусон ба хашм ва баъд ба нафрат табдил меёбад, аммо худам нисбат ба ин мард чизи тамоман дигарро ҳис мекардам, — ба ӯ ҳамдардӣ мекардам. Худованд ба ман муҳаббати фавқулодаро нисбат ба озордиҳандаам бахшид, махсусан пас аз хондани Закарё 4:6, ояте, ки ба дили ман сухан гуфт: «...на бо қудрат ва на бо қувват, балки бо Рӯҳи Ман, мегӯяд Парвардигори лашкарҳо».

Ҳангоме ки ман дар бораи ин оят мулоҳиза мекардам ва дар бораи ин мард фикр мекардам, Рӯҳулқудс диламро гарм кард. Ман кӯшиш мекардам ӯро ҳамон гуна бинам, ки Масеҳ ӯро мебинад, — Масеҳ ба ӯ бо муҳаббат менигарад. Охир, вай чӣ гуна зиндагиро медонист? Аз айёми наврасӣ ӯ чордаҳ соли бардавом дар ҳамин ҳабсхона зиндагӣ кардааст. Пас аз ин ман қарор додам, ки дар ҳар коре, ки мекунам ва мегӯям, ба бераҳмии ӯ бо меҳрубонӣ ҷавоб диҳам.

Шаби дигар ба таври ҳайратовар ором гузашт. Мусиқии баланд, тарсонидан, таъқиб ва ё кофтукови ногаҳонии зин-

донбонон набуд. Аммо, он чи маро беш аз ҳама ҳайрон кард, рӯзе буд, ки аз калисо баргаштам ва кати нашъаҷаллобро холӣ ёфтам. Телевизор ва DVD плеер низ набуданд. Аз ҳамкамераҳо пурсида фаҳмидам, ки нашъаҷаллоб ба таври ғайричашмдошт ва нофаҳмо ба ҳабсхонаи дигари Судон гузаронда шудааст, ки дар масофаи тақрибан ҳазор километр аст.

Боварам намеомад ва ман шабро бо дуо дар ҳаққи ӯ гузарондам ва аз Худо хоҳиш кардам, ки ба ӯ марҳамат намояд. Аммо мудохилаи барқвори Худованд ба ин вазъият ба ман ёдрас намуд, ки ҳатто дар ин камера, дар иҳотаи ҷинояткорону қотилон, дуздону нашъаҷаллобон, Худо маро нигаҳбонӣ мекунад, маро ҳифз мекунад, дар амн нигоҳ медорад ва аз они Ӯ буданамро хотиррасон мекунад. Чунон ки дар Закарё 2:8 навишта шудааст: «...ҳар кӣ ба шумо даст расонад, ба мардумаки чашми Ӯ даст расонда бошад».




# 26

Дар давоми ду ҳафтаи оянда муҳокимаҳои додгоҳии мо мавқуф гузошта шуданд ва мо бесаброна интизори хабаре ё ақаллан ягон маълумоте будем. Рӯзи 3-юми ноябр мо ниҳоят ба Хартум баргаштем ва фаҳмидем, ки тарафи айбдоркунанда баёноти худро дар бораи парванда ба анҷом расонидааст. Вақти он расида буд, ки ҳимоятгарони мо амал кунанд. Адвокати ман аз бозпурсии мутақобили прокурор сар кард. Ҷасорати ӯ дар муқобили ҳукумат аҷиб буд. Ҳангоме ки ҳозир дар бораи ӯ фикр мекунам, дилам аз шукргузорӣ пур мешавад.

— Оё додани раводиди Судон ягон шартеро дар бар мегирад, ки ба як меҳмони ин кишвар имкон намедиҳад, то бо судониҳо вохӯрад? — савол дод ӯ.

— Дар байни Судон ва Чехия ягон ҷанг давом дорад?

— Не, — ҷавоб дод ҷаноби Абдурраҳмон.

— Мувофиқи маълумоти пешниҳодкардаи шумо, бисёрии суратҳои дар додгоҳ нишон додашуда соли 2011 дар кӯҳҳои Нуба гирифта шудаанд. Оё дар он вақт ҷаноби Яшек дар он ҷо буд?

Бо давом додани саволҳо адвокати ман далелҳои аудиоӣ, видеоӣ ва суратҳои пешниҳодкардаи айбдоркуниро беэътибор карда тавонист.

— Оё шумо муайянкунии овозро анҷом додед?

— Оё медонед, ки дар замони мо бо истифодаи технология овозҳоро сохтакорӣ кардан мумкин аст? Ва камерае, ки ҳамчун далели шайъӣ оварда шудааст, — оё, ин ҳамон камерае буд, ки барои наворбардорӣ истифода мешуд?

Ҷаноби Абдурраҳмон эътироф намуд, ки ман дар соли 2011 дар маҳалли наворбардорӣ ҳузур надоштам, аммо ӯ ҳамчунин аксҳоеро пайдо кардааст, ки ба соли 2012 тааллуқ доранд, ҳарчанд онҳо бо модели дигари камераи Canon гирифта шудаанд.

Адвокатҳои мо диққати худро ба конфронси Аддис-Абеба, суратҳои донишҷӯи маҷрӯҳшуда ва ёрии ба ӯ пешниҳодшуда равона карда, бозпурсии худро давом доданд.

Ҷаноби Абдурраҳмон қариб ба ҳар як далели тарафи ҳимояткунанда розӣ мешуд ва ман нури умедро дидам.

Ба прокуратура барои пешниҳоди парвандаи худ бар зидди мо се моҳ лозим шуд ва ба адвокатҳо, — ҳамагӣ се соат, то ки онро барҳам зананд.

* * *

Аммо умеди ман умри дароз надид. Дар моҳҳои ноябр ва декабр боз 7 мурофиаи ҳарҳафтаина баргузор шуданд ва ба ман маълум шуд, ки бо вуҷуди иштибоҳҳои зиёде дар пешниҳоди парванда аз ҷониби прокуратура, онҳо бар зидди ман далелҳои зиёде доранд. Онҳо даъво мекарданд, ки ман нисбат ба давлат муносибати душманона дорам ва ин ба амнияти миллӣ ва иҷтимоии кишвар таҳдид мекунад.

Ва «кори башардӯстонаи ғайриқонунӣ», ки гӯё ман анҷом додаам, на танҳо ба амнияти миллӣ таҳдид мекунад, балки ҳамчунин ба манфиатҳои ҷамъияти Судон зарар мерасонад.

Ҳукумати Судон кӯшиш мекард нишон диҳад, ки онҳо демократия доранд, аммо ман медонистам, ки новобаста ба он, ки ҳимоя чӣ гуна далел пешниҳод мекунад, маҳкама ҳама кори мехостаашро карда метавонад. Ва довар на дар асоси далелҳо, балки бо дастури ХМИА қарор қабул мекунад.

Баъди ҳар як мурофиаи маҳкамавӣ рӯзномаҳои тарафдори ҳукумат мақолаҳо чоп карда, моро ҳамчун бадтарин ҷинояткорон ва хатарноктарин душманони ҳукумати Судон нишон медоданд.

Агарчи дар кишварҳои тоталитарӣ ба масеҳиёни таъқибшаванда, ки ба чунин вазъиятҳо афтода буданд, хизмат расонда, ҳамин гуна амалияро дида будам, аммо аз беадолатии система ва нотавоние, ки ҳис мекардам, хеле рӯҳафтода шуда будам. Ман медонистам, ки маро гунаҳкор хоҳанд ҳисобид ва эҳтимол ба марг маҳкум карда хоҳам шуд.

Дар беҳтарин ҳолат ман метавонистам ду даҳсолаи ояндаи умрамро дар ҳабсхона гузаронам.

Шабона, ҳангоме ки телефонро бехатар истифода бурда метавонистам, ман ба аҳли оилаам занг задам, то онҳоро ба он чи рӯй дода метавонад, тайёр кунам. Шояд маро аз ҳабс озод кунанд, аммо ман ҳамчунин мефаҳмидам, ки шояд маро ба солҳои зиёдӣ маҳбусӣ, ҳабси якумрӣ ва ҳатто марг маҳкум кунанд ва ман мехостам, ки аҳли оилаам ба ин тайёр бошанд.

Масъулони консулгарӣ ва низ сафири Чехия дар Қоҳира, ки дар бисёре аз мурофиаҳои додгоҳӣ ҳузур доштанд, маро бовар кунонданд, ки баробари бароварда шудани ҳукм, барои озод кардани ман гуфтушунидҳоро сар мекунанд. Аммо раванди гуфтушунид чӣ қадар давом мекунад, — ҳафтаҳо, моҳҳо?

— Ман гумон мекунам, ки додгоҳ маро ба бист соли маҳбусӣ маҳкум мекунад, — гуфтам ман ба корманди консулгарии Чехия як рӯз пас аз анҷом ёфтани мурофиа.

— Не, не, — бовар кунонд ӯ маро.

— Дар ин гуна мавридҳо одатан ба муддате маҳкум мекунанд, ки ба муддати дар ҳабс будани айбдоршаванда баробар аст. Ман боварӣ дорам, ки шуморо озод мекунанд.

Ман хеле дуо мекардам, ки ӯ ҳақ бошад!




# 27

Ҳангоме ки маро дар Хартум дастгир карданд, ришамро ва мӯйҳоямро тарошида буданд. Ҳоло, пас аз ҳашт моҳ, мӯйҳоям дароз шуда, ба тахтапуштам мерасиданд ва аз манаҳам риш овезон шуда, то охири гарданам мерасид. Ин ҳақиқатан симои гӯшанишин буд ва ман ҳис мекардам, ки комилан ба намояндаи табиати ваҳшӣ монандам.

Барои пухтани хӯрок дар Ал-Ҳудо дар шароити набудани қувваи барқ ба мо лозим меомад, ки эҷодкорӣ кунем. Сӯхтани ангишт аз сабаби дуд, ки камераро пур мекард, ҳеҷ гоҳ беҳтарин роҳ набуд. Ҳатто, ҳангоме ки мо ангиштро дар назди дар бармеафрӯхтем, нафас гирифтан қариб ғайриимкон мешуд. Барои раҳоӣ аз бӯи бад касе пешниҳод кард, ки донаҳои сабзи қаҳваро дар оташ, дар тобаи гарм бирён кунанд, ки ҳангоми гарм кардан бӯи хуш мебароварданд.

Бо вуҷуди ин, ангишт ҳеҷ гоҳ ҳалли идеалӣ барои проблемаи хӯрокпазии мо набуд. Азбаски маҳбусон хеле ботадбир буданд, онҳо метавонистанд ҳама гуна ашёро ба ҳабсхона ворид кунанд, то ба маҳбусони дигар фурӯшанд, аз ҳамин сабаб дар Ал-Ҳудо қариб ҳама чизро харидан мумкин буд. Ҳамин тавр, ман ва ҳамкамераҳоям барои сохтани плитаҳои электрикии худ ноқилҳои резисторӣ «хариданд»: плитаҳои африқоӣ, чунон ки мо онҳоро меномидем.

Рӯзе, ҳангоме ки ман тасодуфан дар як вақт ба ду сими барқ даст расондам, маро зарбаи сахти барқ зад, аммо дар охир мо тавонистем ҷараёни баркро ба воситаи ноқилҳои резисторӣ

бевосита ба якчанд панҷараҳои мудаввари обутобёфта, ки барои гарм кардани хӯроки шом истифода мебурдем, гузаронем.

Ман ҳамеша хавотир будам, ки касе чизҳои маро гирифта метавонад. Дар ҳабсхонаҳои пештара кормандон ҳамеша ҷомадонамро дар анборҳо маҳкам мекарданд. Дар ин ҷо, дар Ал-Ҳудо дуздӣ маъмул буд. Ҳар як маҳбус худаш барои бехатарии моликияти шахсӣ масъул буд. Ман ин дарсро ҳамагӣ пас аз се рӯзи омаданам омӯхтам, ҳангоме пай бурдам, ки аз ҷомадонам чизҳо гум шуда истодаанд. Аввал дезодорант ва собун, баъд ғизо ва дору. Аз он вақт инҷониб ман ба ҳар ҷое, ки равам, борҳоямро бо худ мебурдам. Барои нигоҳ доштани ашёи арзишноктар, аз қабили телефони мобилӣ, кортҳои кредитӣ, ҳамён ва пул, ман онҳоро дар як қуттии махфӣ дар камарбанде нигоҳ медоштам, ки Ванда сохта буд ва ҳамеша дар миёнам мепӯшидам. Ман онро танҳо вақте мекашидам, ки дар ҳоҷатхонаи ҳабсхона шустушӯй мекардам.

Тақрибан як ҳафта пас аз расидан ба Ал-Ҳудо ман хато кардам, ки камарбандро дар либосовезак дар ҳаммом овехта мондам. Ман ҳамагӣ якчанд сония чашмонамро пӯшидам, то собуни рӯямро шӯям ва ҳангоме ки чашмонамро боз кушодам, дидам, ки ҳама чизҳои ман нестанд, — ҳама чизҳо! Касе ғоратро хеле хуб ба нақша гирифта буд ва дар кабинкаи ҳамсояи ҳоҷатхона интизор буд, то даме ки ман чашмонамро пӯшидам. Ин ҳодиса маро хеле рӯҳафтода, хафа ва хеле хашмгин кард.

Ман зуд телефони мобилиро ба орият гирифта, ба аҳли оилаам занг задам, то ба онҳо дастур диҳам, ки ба бонк занг зананд ва ҳама кортҳои кредитии маро маҳкам кунанд. Боиси ҳайрати ман буд, ки пас аз якчанд дақиқа бародар Шуквон бо кортҳои кредитии ман дар даст омад. Аз афташ, вай аз обрӯву нуфузи худ дар байни маҳбусон истифода бурда, дуздро ошкор намудааст ва телефон ва дигар чизҳои арзишноки маро баргардондааст. Аммо дар ҳамёнам дигар пул набуд. Рӯзе ман ба масъули калисоямон гуфтам, ки аз ҷомадонам доруро дуздидаанд.

— «Ҷомадонатро ин ҷо биёр, — гуфт ӯ.

— Чаро пештар ба ман нагуфтӣ?»

Ман аз пайи ӯ ба калисо рафтам ва ӯ фаҳмонд, ки дар он ҷо аз панҷ ҳоҷатхона танҳо дутоаш кор мекунад ва сетои дигараш маҳкам аст, бинобар ин ӯ ва пирони калисо онҳоро барои нигоҳдории ашёҳо истифода мебаранд. Ӯ ба ман гуфт, ки ман метавонам ҷомадонамро дар он ҷо гузорам ва маро бовар кунонд, ки он хуб маҳкам карда шудааст.

Моҳи декабр наздик омад. Ҳавои хунук барои истодан дар тафтиши ҳаррӯзаи ном ба ном, ки дар берун баргузор мешуд, нороҳаткунанда буд. Анбӯҳи зиёди маҳбусон, ки дар қатори панҷнафарӣ нишаста буданд, ғамгинона хомӯш буданд. Барои аксари мо саҳарӣ ғамангезтарин қисми рӯз дар ҳабсхона буд. Дар торикию хунукӣ ларзида, ҳама дар бораи ояндаи худ фикр мекарданд.

— «*Боз як рӯзи дигар дар паси панҷара!* — шикоят мекардем мо. — *Боз чӣ қадар рӯзҳоро дар ин ҷо мегузаронем?*»

Дар рӯ ба рӯи қатори мо се зарфи калони холии сафолин меистоданд, ки *дабанга* номида мешуданд. Ба онҳо нигоҳ карда, ман қарор додам, ки ин соатҳои саҳарии барвақтро бо манфиати бештарин истифода барам ва рӯзамро бо дуо сар кунам. Ман қарор додам, ки дабангаҳо ба ман дар марказонидани диққат ва пеши назар овардани аҳли оилаам ёрӣ мерасонанд. Дабангаи якум зани маро «ифода хоҳад кард», дуюмӣ — духтарамро ва сеюмӣ — писарамро ва ман барои ҳар яки онҳо алоҳида дуо мегӯям.

Пас аз он, ки барои аҳли оилаам дуо гуфтам, ман бо онҳо фикран гуфтугӯ кардам.

*«Дабанга Вандаи азизам, боз чӣ қадар соатҳои саҳариро ман бояд дар ин ҷо гузаронам? Кай бори дигар туро ба оғӯш гирифта метавонам?»*

Осмони софу беғубори саҳарӣ пур аз ситораҳои дурахшон буд. Ман ба боло нигоҳ кардам ва моҳ ва бурҷи Дубби акбарро дидам.

— «*Оё Ванда ҳоло ҳамон расмро мебинад?* — мепурсидам ман аз худ. — *Вай ҳоло чӣ карда истодааст?*»

Дар он лаҳзаҳои гаронбаҳо, ки ман ба ситорагон менигаристам, ман бо занам робитаи хосе ҳис мекардам. Якчанд моҳ пас, баъд аз озодшавӣ аз ҳабсхона, ҳангоме ки ман ниҳоят ба хона баргаштам, Ванда гуфт, ки вай низ дар соатҳои саҳарии барвақт, ҳангоме ки дар хунукӣ, дар истгоҳи автобус истода ба ситораҳо менигарист, ба воситаи дуо бо ман робита доштани худро ҳис мекард.

Пас аз ҳар як тафтиши ном ба номи саҳарӣ ман ба калисои ҳабсхона мешитофтам. Дилам шодӣ мекард, ҳангоме ба воситаи зинапоя ба калисо мерафтам ва мунтазири он чизе будам, ки Худовандам он рӯз барои ман тайёр кардааст. Пазмони аҳли хонавода будан ва хоҳиши зиёди дидор бо наздикон ба зудӣ дар хурсандие, ки Худованд диламро бо он пур мекард, ҳал мешуд.

Вақте ки ман ба маҳбусон хизмат намекардам, ман вақтро бо он сарф мекардам, ки ба Худо имкон медодам ба воситаи Каломи Худ ба ман хизмат кунад. Ман то ҳол Китоби Муқаддасро доштам, ки корманди шӯъбаи консулии сафорати Чехия дар Қоҳира ба ман оварда буд ва тарҷумаи «Хушхабар» низ мавҷуд буд, зеро намояндагони созмони ҷаҳонии «Prison Fellowship» ба боздиди мо меомаданд. Гоҳ-гоҳ ин шубонҳо ба мо меваю дигар хӯрокворӣ меоварданд, то вояи хӯроки ночизамонро пурра кунем. Боздиди онҳо малҳами рӯҳу шиками мо буд.

Хизмати мо дар ҳабсхона ҳамчунин самаранок буд. Як рӯз ман, шубон Ҳасан ва шубон Кува дар калисо нишаста будем. Ҳамин вақт мо дилпурии ногаҳонӣ ва пурқуввате эҳсос кардем, ки дар ин ҳабсхона будани мо ва ба маҳбусони тамоман ноумед, рӯҳафтода ва фаромӯшшуда башорат додани мо мақсади хоси Худост. Зеро ба ин восита ҳамаи ин гунаҳкорони гумшуда имконият пайдо карданд, ки Инҷилро шунаванд, ба воситаи хуни гаронбаҳои Исои Худованд бо Худо оштӣ шаванд ва абадиятро дар осмон гузаронанд.

Ва як сол ё шояд чанд сол, ки дар ин шароити дарднок гузаронда шудааст, дар муқоиса бо абадият дар осмонҳо барои шахсоне, ки ба воситаи хизмати мо имон овардаанд, чӣ гуна аст?

Фикру андешаҳои Ҳасану Кува махсусан ба маҳбусон дар камераи ба қатл маҳкумшудагон равона шуда буданд. Худо ба ҳар яки мо ёдрас кардааст, ки фикрҳо ва роҳҳои Худованд аз фикрҳо ва роҳҳои инсонии мо хеле болотаранд (Ишаъё 55:8–10) ва нақшаҳои Ӯ аз нақшаҳои мо бузургтаранд.

* * *

Ҳар қадар ман дар ин ҳабсхона худро аз ҷиҳати эҳсосотӣ хасташуда ҳис кунам, Худованд ба воситаи қудрати барқароркунандаи Каломи Худ, ҳузури шифобахши Рӯҳи Худ ва хизмате, ки ман дар ҳабсхонаи Ал-Ҳудо ба ҷо меовардам, ҳамон қадар маро боло мебурд. Ман ҳамчунин медонистам, ки калисои ман дар Чехия мунтазам барои ман дуо мегуфт ва рӯза медошт. Бародарону хоҳаронам маро фаромӯш накарда буданд, Худо маро фаромӯш накарда буд. Ман дар маркази ирода ва мақсади Худованд будам.

Дар рӯзҳои душвортарин Худо садоқати худро нишон дода, ба ман қувваи кофӣ медод, ки то саҳар зинда монам. Ӯ ба ман ояти 1 Петрус 3:15-ро ёдрас мекард ва ман кӯшиш мекардам онро ҳар рӯз ҳангоми гуфтугӯ бо маҳбусони мусулмон ва бо кормандони ҳабсхона амалӣ намоям: «Худованд Худоро дар дили худ муқаддас гардонед; ва ҳамеша тайёр бошед ба ҳар касе ки аз шумо дар бораи сабаби умедатон пурсад, бо ҳалимӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед». Худованд бо роҳҳои ғайричашмдошт ва пурасрор ба ман ҳар он чизеро, ки барои пеш рафтан ва мавъиза кардан лозим буд, медод. Гоҳо Ӯ ҳатто ба ман фикрҳои нав ва паёмҳои пурра медод, ки ман навишта, баъдтар дар калисо ба шунавандагон мерасондам.

Дар муддати тӯлонӣ ман ҳис мекардам, ки маро аз ҳамаи ин озмоишҳо гузаронда, Худо мақсади муайянеро пайгирӣ мекунад.

Вале фақат дар «Ал-Ҳудо» ин мақсад комилан равшан гардид. Ниҳоят ман тавонистам бинам, ки Худованд ҳар як қадами ҳаёти ман, ҳар марҳалаи маҳбусии маро чӣ гуна ташкил кардааст: аз ҳабс дар фурудгоҳ то бозпурсӣ ва маҳбусӣ дар камераи яккаса. Ӯ маро тайёр ва муҷаҳҳаз мекард, то ки дар ҳабсхонаи Ал-Ҳудо ба маҳбусон хизмат кунам.

Дар давоми панҷ моҳи аввали маҳбусӣ, ҳангоме ки ман Китоби Муқаддас надоштам, ҳаёти дуогӯиям хеле амиқтар шуд. Баъд, дар давоми се моҳи маҳбусӣ дар камераи яккаса бо Китоби Муқаддас ман имконият пайдо кардам Каломро амиқ омӯзам. Ман садҳо ёддоштҳо карда, ҳошияи ҳар як саҳифа ва саҳифаҳои холии пеши Китоби Муқаддасро бо сабтҳои хурд ва дақиқ пур мекардам. Бисёре аз ин ёддоштҳо мавъизаҳо шуданд. Ин омӯзиши махсус ва амиқи Китоби Муқаддас ба ман имкон дод, ки дар давоми шаш моҳи ояндаи хизматгузорӣ дар ҳабсхона, дар калисои Ал-Ҳудо мавъиза кунам. Худованд ба ман маводи кофӣ дод, то дар мавъизаам истифода барам ва агарчи ман одатан аҳён-аҳён ба забони англисӣ мавъиза мекардам, бовар доштам, ки Худо ба ман суханони дуруст медиҳад.

Ман қатъиян қарор дода будам, ки ҳар фурсатро барои мавъиза кардани Инҷил истифода барам.




# 28

Ман андаке бештар аз як солро дар ҳабс, дар Судон гузарондам ва агарчи қариб ҳар бегоҳ бо аҳли оилаам ба воситаи телефон гуфтугӯ карда метавонистам, ин ҳодисаро бо навиштани нома ба онҳо қайд кардам.

*«Азизонам!* — навиштам ман. — *Салом ба ҳамаи шумо ва орзуҳои беҳтарин барои фаровонии осоиштагии Худо дар ин замони омадани Худованд!»*

Ман ба онҳо барои дуоҳо, рӯзадорӣ ва мактубҳои рӯҳбаландкунандаашон, махсусан барои оятҳои Китоби Муқаддас, ки ба ман фиристодаанд, — ёдрасиҳои рӯҳонӣ дар бораи садоқати Худо, ки ҳамеша ба ман ҳаловати фавқулода мерасонанд, ташаккур гуфтам. Ман ба онҳо гуфтам, ки Худо ба дуоҳои онҳо ҷавоб дод ва Ӯ маро ва ҳамкамераҳоямро бо шодии бузург ва осудагии осмонӣ пур мекунад.

Аз нуқтаи назари одамӣ ин соли душвор бо ваҳшигариҳои бешумор, бадкирдориҳо, шиканҷаҳо ва бераҳмиҳои ғайриинсонӣ буд. Бо вуҷуди ин, Худованд шуури маро бо боварӣ ба нақшаи абадии Худ пур кард. Худо барои ман нақшае дошт ва ман онро бешубҳа медонистам. Дар солгарди маҳбусиям ман боварӣ доштам, ки ҳар дақиқа, ҳар соате, ки дар ҳама ҳабсхонаҳои минтақаҳои гуногуни Судон сарф мешуд, арзишманд аст. Худо ҳамаи инро пешбинӣ намуд ва онро барои Подшоҳии худ истифода бурд.

Ман дастамро аз коғаз бардоштам ва фикр кардам, ки Худованд дар ин дувоздаҳ моҳи маҳбусиям чӣ гуна маро пок карда-

аст ва ташаккул додааст. Аз бисёр ҷиҳатҳо ман худро монанди Юсуф дар Аҳди Қадим ҳис мекардам, ки дар Миср бардурӯғ айбдор ва зиндонӣ шуда буд. Пойҳояш аз ишкелҳо озурда шуда буданд. Зиндонбонон ба гардани ӯ занҷирҳои оҳанин баста буданд. Аммо ҳақ ба ҷониби нависандаи таронаҳои Забур буд: «Сухани Парвардигор ӯро покиза кард» (Китоби Забур 104:19).

Ман ҳар рӯз аз Худо қувват дархост мекардам, то ин озмоишҳоро паси сар кунам, ба ранҷу азобҳо тоб оварам ва ба бори гароне, ки Худо бар дӯши ман гузоштааст, сазовор буданамро исбот кунам. Ман ҳайрон будам, ки Худо қарор додааст *маро* истифода барад, то нақшаи аҷиби наҷоти Худро расонад ва кори наҷотдиҳии Худро дар ин ҳабсхонаҳо иҷро кунад, — кореро, ки Ӯ пеш аз офариниши ҷаҳон ба нақша гирифтааст ва тайёр кардааст.

Агарчи шароити зиндагии ман торафт бадтар мешуд ва ҳар як ҳабсхонаи нав озмоишҳо ва нохушиҳои нав меовард, Худо ба ман тасвирҳои хурди нақшаи генералии Худ ва иродаи Пешбиникардаашро нишон медод. Ва дар ториктарин лаҳзаҳо Исо Нур ва Ҳаёти ман буд.

Ҳангоме ки рӯзи 10 декабри соли 2015 ва чӣ гуна дар фурудгоҳ ҳабс шуданам, тақрибан чор моҳ дар ҳабсхонаи ХМИА маҳбус буданам ва баъд ба шӯъбаи полиси «Нияба Мендола» интиқол ёфтанамро ба ёд меовардам, дилам аз ҳисси миннатдорӣ пур шуд. Дар давоми чор моҳи даҳшатноки аввал, ҳангоме ки аз аҳли хонаводаам танҳо маълумоти порча-порча мегирифтам, ман борҳо аз Худованд мепурсидам: «*Боз чӣ қадар ин ҳабсхонаро таҳаммул карданам лозим меояд, то он даме, ки аҳли оилаамро дубора бинам?*»

Дар он рӯз, 10-уми апрел, ки аллакай чор моҳи тӯлонии маҳбусӣ гузашта буд, Худо ба саволи ман ҷавоб надод; Ӯ рӯзи дигарро интизор буд, ки он вақт дувоздаҳ муҳоҷири эритреягиро, ки дар сарҳади Либия боздошт шуда буданд, маҷбуран ба камераи серодами мо даровarданд. Он бегоҳ овози Наҷот-

диҳанда баланд ва равшан садо дод: «Бирав ва ба онҳо Инҷилро мавъиза кун!»

*«Аз ҳамин сабаб ман ба онҳо шаҳодат додам»*, — давом додам ман дар номаи худ. Ман ба онҳо гуфтам, ки агарчи дар оилаи масеҳӣ ба воя расидаам, дар ҳаёти ман замоне фаро расид, ки лозим омад қарори муҳимтарини ҳаётамро қабул кунам: на танҳо ба дили худ Исои Масеҳро даъват кунам, балки аз Ӯ хоҳиш кунам, ки тамоми ҳаёти маро зери назорат гирад. Ин одамон гурезаҳо буданд, ки мехостанд аз Эритреяи тоталитарии посткоммунистӣ, ки дар он ҷо президент ақаллиятҳои диниро таъқиб мекард, гурезанд. Ман ба онҳо гуфтам, ки ман низ дар соли 1988 ҳангоми кушода шудани сарҳадҳо аз Чехословакияи коммунистӣ гурехтанӣ шудам, аммо дар ниҳоят натавонистам тарк кунам, зеро фаҳмидам, ки хости Худо барои ҳаёти ман дар ин нест.

Ман ба онҳо дар бораи кӯшишҳои минбаъдаи худ барои гурехтан аз коммунизм нақл кардам ва онҳоро бовар кунондам, ки ҳангоме одам ҳаёти худро ба ихтиёри Худованд месупорад, Ӯ дар ҳаққи вай ғамхорӣ мекунад ва ояндаи беҳтаринро фароҳам меоварад.

Мо тамоми шаб сӯҳбат кардем ва қариб бо ашки чашмонам ман дӯстони нави эритреягиямро даъват кардам, ки дастонашонро дароз карда, дастҳои сӯрохшудаи Масеҳ — дастҳоеро, ки ба ҳама дар ҷаҳон дароз карда шудаанд, ламс кунанд. Ин дастҳо аз они Касест, ки ҳаёти Худро барои мо дод, мурд, то зиндагӣ карда тавонем ва аз марг ба ҳаёт бардошта шуд.

Ҳамаи эритреягиҳо, ки дар камера буданд, бо диққат гӯш карданд ва ба даъвати Рӯҳулқудс, ки ба дилҳояшон нигаронида шуда буд, ҷавоб доданд. Онҳо чанде пеш аз он, ки саҳарӣ ба ҳабсхонаи дигар гузаронда шаванд, дуои тавбаро такрор карданд. Ҳангоме ман ниҳоят қабул кардам, ки ин ҳабсхона хости Худо барои ҳаётам аст, ман аз ҳар фурсат истифода бурда, Хушхабарро ба ҳамкамераҳоям ва ба бисёр дигарон мерасондам.

Дар нома ман ҳодисаи дигареро тавсиф кардам, ки ба он чи ҳамагӣ як ҳафта пеш руй дод, монанд буд. Саҳарӣ ман дар калисо нишаста будам. Ҳамин вақт як ҷавони судонӣ ворид шуд ва хеле кӯшиш намуд бо ман гуфтугӯ кунад. Ман дарҳол хондани Китоби Забурро як сӯ гузошта, дар бораи муносибати ӯ бо Худо пурсидам. Ҷавоби ӯро шунида ман ҳис кардам, ки Худованд маро водор мекунад, ки ба ин ҷавон Инҷилро нақл кунам ва ӯро даъват намоям, ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул кунад.

Номи ӯ Иброҳим буд ва дар тӯли якчанд дақиқа ӯ қарор дод, ки ба ҳамноми машҳури худ пайравӣ карда, ҳаёти худро ба ихтиёри Худо супорад.

Ҳангоме ки он рӯз боз хондани Китоби Муқаддасро сар кардам ва ин санаро дар он навиштам, ман фаҳмидам, ки ин солгарди маҳбусиям аст! Худованд он қадар бузург ва меҳрубон буд, ки ба ман иҷозат дод дар солгарди маҳбусиям боз як маҳбуси дигарро назди Масеҳ оварам!

Қариб ҳар рӯз Худованд ба ман касеро мефиристод, ки ба калисо меомад ва ман овози ороми Рӯҳулқудсро мешунидам, ки маро роҳнамоӣ мекард ва маро ҳидоят менамуд ва суханони даркориро медод.

Мақсадҳои Худованд бузурганд ва ман миннатдорам, ки Ӯ «ҳамеша ба мо дар Масеҳ пирӯзӣ мебахшад ва накҳати дониши Худро ба воситаи мо дар ҳар ҷо паҳн мекунад» (2 Қӯринтиён 2:14). Дар охири нома ман як дуои хайрро барои аҳли оилаам илова кардам: *«Худованд шуморо баракат диҳад ва ҳамаатонро нигоҳ дорад. Бо муҳаббат, Петр»*.




# 29

Арафаи Мавлуди Исо буд, дуюмин Мавлуди Исо, ки ман дар ҳабсхонаҳои Судон маҳбус будам. Ман мушоҳида мекардам, ки маҳбусон торафт бештар ба калисои мо меоянд, агарчи дар он аллакай зиёда аз дусад нафар ҳузур доштанд. Мо маҷбур шудем курсиҳо ва харакҳо биёрем, то ки ҳамаро ҷойгир кунем.

Маъмурони ҳабсхона ба мо иҷозат доданд баландгӯякҳоеро, ки масеҳиёни Судон ҳангоми сурудхонӣ истифода мебаранд, барои истифода гирем ва садои баланди онҳо ҳатто мусулмононро ҷалб кард ва онҳо қарор доданд Мавлуди Исоро бо мо ҷашн гиранд. Хизматгузорӣ хеле эҳсосотӣ буд. Чанде пеш аз мавъиза ман тавонистам аз яке аз ҳоҷатхонаҳои амалкунанда дар калисо ба аҳли оилаам занг занам ва бо онҳо кӯтоҳ гуфтугӯ кунам. Ман саросемавор ба онҳо гуфтам, ки вақти кам дорам, зеро пас аз якчанд дақиқа бояд мавъиза мекардам.

Мо тамоми шабро дар калисо гузаронда, дуо гуфтем ва барои рӯзи дигар тайёрӣ дидем ва саҳарӣ коҳини католикӣ назди мо омад.

Маъмурият бори аввал дар таърихи ҳабсхонаи Ал-Ҳудо барои дар калисои мо ҳузур доштани сад маҳбуси ба марг маҳкумшуда иҷозат дод. Инҳо касоне буданд, ки ба қатл маҳкум шуда буданд — ва дар камераи ба марг маҳкумшудагон нигоҳ дошта мешуданд. Ҳар рӯзи якшанбе шубон Ҳасан ва Кува бо касоне, ки ба қатл маҳкум шуда буданд, боздид намуда, ба

онҳо мавъиза мекарданд. Ман низ мехостам ба онҳо ҳамроҳ шавам, аммо азбаски шаҳрванди хориҷӣ будам, ба ман ин имконият дода нашуд.

Дар Мавлуди Исо ман тавонистам бори аввал бо маҳбусони масеҳӣ аз камераи ба қатл маҳкумшудагон вохӯрам. Бо чашмони ашкбор мо ҳамдигарро ба оғӯш гирифтем. Ин одамонро марг дар пеш буд ва ҳангоме ки ман бародаронамро ба оғӯш гирифтам, ман фикр мекардам, ки эҳтимол пеш аз он, ки боз як имконияти дар ин ҷо, дар ин замин бо онҳо вохӯрдан пайдо намоем, онҳо кушта мешаванд.

Аммо акнун мо боварӣ дорем, ки ба зудӣ дар осмон ҳамдигарро мебинем.

* * *

Охири моҳи декабр ман дар додгоҳ ҳозир шудам. Бозпурсиро прокурор гузаронд ва ман дилпурона ҷавоб медодам.

— Шумо кай ба Судон омадед? — пурсид ӯ.

— Ман соли 2012 дар Судони Ҷанубӣ будам, аммо ба Судон нарафта будам ва ҳеҷ гоҳ бо ягон нафар аз низомиён вонахӯрда будам.

— Соли 2015 ба Судон чӣ тавр омадед?

— Ман бо раводиди сайёҳӣ ворид шудам.

— Дар «Садои риёзаткашон» кор мекунед?

— Ман барои «Садои риёзаткашон» кори шартномавӣ мекунам, — шарҳ додам ман, — аммо корманди ин созмон нестам, зеро шаҳрванди ИМА нестам.

— Чаро шумо дар конфронс дар Аддис-Абеба иштирок кардед?

— Ман дар конфронс аз он сабаб иштирок кардам, ки барои осоиштагӣ дар Судон дуо гӯям.

Пас аз саволҳои иловагӣ дар бораи корам, сафарҳои ман ба Судон ва ёрие, ки ба як донишҷӯи масеҳии осебдида расонидам, ман сухононамро бо изҳороти далерона ба анҷом расонидам.

— Дар кишвари мӯътадил, ҳангоме ки касе аз хориҷа барои ёрӣ ба шаҳрвандаш маблағ меоварад, давлат ёриро бо миннатдорӣ қабул мекунад. Ман ба Судон барои машғул шудан ба ҷосусӣ наомадаам; Ман омадам, ки ба як мӯҳтоҷ ёрӣ расонам. Судон бояд барои ин миннатдор бошад!

Ман медонистам, ки шаҳодати ман дуруст аст, аммо ҳамчунин мефаҳмидам, ки ин кофӣ нест.

* * *

Рӯзи якшанбе, 29-уми январ, ман хеле пештар аз субҳ бедор шудам ва барои сафар ба Хартум тайёрӣ дидам. Мурофиаи мо аз бисту як ҷаласа иборат буда, қариб шаш моҳ давом кард. Дар тамоми ин муддат расонаҳои тарафдори ҳукумати Судон дар бораи ҳабси ман мақолаҳои таблиғотӣ паҳн мекарданд. Ман интизор будам, ки маҳбусии ман тахминан се моҳ давом мекунад — як расмияти оддӣ. Аммо, моҳи январи соли 2017 буд ва ман беш аз дувоздаҳ моҳ дар ҳабсхона будам.

Чунин ба назар мерасид, ки ниҳоят, озмоиши ман ба назар мерасад. Ақаллан сафарҳои тӯлонии тоқатфарсо дар паси мошини чорвокашон аз ҳабсхона дар зери офтоби сӯзон дар чангу ғубор аз Ал-Ҳудо то бинои додгоҳи Хартум нахоҳанд буд.

Ман ашёҳоямро ба ҷомадонам ҷамъ карда, бори охир ба мошини чорвокашонӣ савор шудам. Дар ҳабсхона бародар Мунъим мунтазам рӯзнома мехонд. Бисёрии ҷаласаҳои мурофиаи додгоҳии мо рӯзи якшанбе баргузор мешуданд ва рӯзҳои душанбеву сешанбе маъмулан дар рӯзномаҳо дар бораи парвандаи мо мақолаҳо чоп мешуданд. Мунъим онҳоро хонда, баъд ба ман тарҷума мекард. Дар мақолаҳо аксар вақт суратҳои аз диски сахти ман гирифташуда буданд, — «далел»-и ҷосус будани ман.

Чун дидам, ки рӯзномаҳои зери назорати ҳукумат дар бораи парвандаи мо мақолаҳои таблиғотӣ чоп мекунанд, ман фаҳмидам, ки бо гузашти рӯзҳо умеди он, ки моро ба ҳамон муддате

маҳкум мекунанд, ки аллакай дар ҳабс гузаронда будем, суст мешавад: ҳукумати Судон вақти зиёдро сарф карда буд, то ки моро ҳамчун ҷинояткорону ҷосусони хатарнок нишон диҳад. Барои он муҳим аст, ки парвандаи моро истифода барад, то ба ҷаҳониён нишон диҳад, ки системаи ҳукмронӣ ва қонунҳои исломӣ, ки фаъолиятҳои масеҳиро саркӯб мекунанд, хуб ва бамаврид мебошанд.

Ман медонистам, ки ҳабс ва зиндонӣ шудани ман хусусияти сиёсӣ дорад ва тайёр будам бо оянда рӯ ба рӯ шавам, новобаста ба он, ки маро чӣ интизор аст, ҳатто агар он моҳҳои зиёд ва ҳатто солҳои маҳбусиро дар бар мегирифта бошад. Ман медонистам, ки Худо маро истифода мебарад ва боварӣ доштам, ки Ӯ ин корро давом медиҳад, хоҳ дар ҳабсхонаи судонӣ, хоҳ дар хона дар назди аҳли оилаам.

Ман ҳар бегоҳ бо телефони мобилӣ пинҳонӣ бо аҳли оилаам гуфтугӯ мекардам ва онҳоро тайёр мекардам, ки гунаҳкор ҳисобида мешавам. «Ҳайрон нашавед, — гуфтам ман ба онҳо, — агар маро ба муддати 15-20 сол аз озодӣ маҳрум кунанд». Ман намехостам, ки ҳукми «айбдорӣ», ки нисбати ман бароварда мешавад, онҳоро ҳайрон кунад. Ман аз онҳо даъват менамудам, ки ноумед нашаванд ва ба онҳо ёдрас мекардам, ки ҳукумати Чехия дар робита ба парвандаи ман бо ҳукуматдорони Судон гуфтушунидҳо мекунад. Ва ҳангоме ки ҳукм бароварда мешавад ва мо аз он бохабар мешавем, — ман онҳоро рӯҳбаланд карданӣ шудам, — он гоҳ мо аниқ медонем, ки чӣ чиз зери хатар аст ва он гоҳ гуфтушунидҳо қувваи нав пайдо мекунанд!

Дар яке аз ҷаласаҳои пештараи додгоҳӣ 2 январи соли 2017 довар муайян кард, ки ҳангоми ба Хартум омаданам шубон Кува дар он ҷо набудааст ва танҳо мошини худро ба шубон Ҳасан барои истифода додааст. Хамин тариқ, парвандаи шубон Кува бинобар набудани таркиби ҷиноят баста шуд. Аз шубон Кува шод шудам ва дуо мекардам, ки ҳар яки мо чунин хушхабарро бигирад.

Аммо ман ва Ҳасану Мунъим ҳанӯз мунтазири эълони ҳукм будем. Ва инак он рӯзи муҳим, ки дер боз интизораш будем, фаро расид. Мо хомӯшона ба сӯи бинои додгоҳ равон шудем. Ҳар яки мо фикр мекардему дуо мегуфтем, мушоҳида мекардему интизор будем. Ман аз худ мепурсидам, ки Ванда ҳоло дар хона чӣ кор мекунад ва дуо мекардам, ки хабаре, ки имрӯз ба мо расонда мешавад, ӯро ҳайрон накунад. Мо вориди толори додгоҳ шудем ва дидем, ки он пур аз фаъолон, рӯзноманигорон, намояндагони сафоратҳо ва аҳли ҷамъият аст. Довар даромад ва ҳама аз ҷой бархостанд.

Овози довар ҳангоми хондани ҳукм аз ҳуҷҷати пешакӣ тайёршуда равшан ва қатъӣ садо медод. Шубон Ҳасан ва Мунъим аз рӯи чор айбнома гунаҳкор дониста шуда, ба муддати дувоздаҳ сол аз озодӣ маҳрум карда шуданд. Духтари навраси шубон Ҳасан гирякунон ба фарш афтод.

Ман интизори ҳукм будам, вале азбаски муҳокима фақат ба забони арабӣ бурда мешуд, ман комилан ба тарҷумаи шубон Ҳасан вобаста будам. Ман дар курсӣ нишаста, нафаси чуқур кашида, кӯшиш мекардам асабҳоямро ором кунам, аммо ҳис кардам, ки дилам аз сандуқи синаам ҷаста баромаданӣ мешавад. Диққати худро ба довар равона карда, интизор шудам, ки ӯ хондани ҳукмро сар кунад. Ҳангоме ки ӯ ниҳоят сар кард, Ҳасан ба сӯи ман хам шуд, то ки суханони ӯро ба забони англисӣ тарҷума кунад. Вақте ки ӯ тарҷума мекард, ӯ дар овози худ ҳайрати сахтро пинҳон карда натавонист. «Довар туро аз рӯи ҳамаи ҳашт айбнома гунаҳкор донист ва туро ба ҳабси якумрӣ маҳкум кард, ки ҷазои ҳадди аксар аст, — ба истиснои ҳукми қатл!»

Дар ин ҳукм ҳамчунин пардохти ҷарима ба маблағи 100 ҳазор фунти Судон (қариб 17 ҳазор доллари амрикоӣ) ва мусодираи тамоми таҷҳизоти ман — камера ва линзаҳои Canon, ноутбук, iPhone, камераи видеоӣ ва дискҳои сахти беруна буд, — ҳамааш акнун моликияти ҳукумати Судон шуд.

Ман комилан дилпур будам, ки ҷони ман дар дасти Худованд аст, бинобар ин пас аз эълони ҳукм ором будам ва худро *сабук* ҳис кардам. Ҳарчанд ба натиҷаи беҳтар умед доштам ва дуо мекардам, аммо вақте ки ҳукумати Судон маро ба ҳабси якумрӣ маҳкум кард (ки дар Судон ба бист соли ҳабсхона баробар буд), тамоман ҳайрон нашудам. Ва озмоиш, озмоиши бардавом бо номаълумӣ ниҳоят ба охир расид.

Сахтии ҷазо бемаънӣ будани ин мурофиаи динӣ-сиёсиро нишон дод, ки зидди ман ва ҳамсафон ва бародарони маҳбусони азизи судониям нигаронида шуда буд. Агар ҳукумат барои шаш моҳ ё як сол ҳукми оқилонатар таъйин мекард, шояд бисёриҳо гумон мекарданд, ки айбномаҳо қонунӣ буданд ва ман воқеан дар ягон амали ҷиноӣ дар Судон шарик будам. Ҳабси якумрӣ барои шахсе, ки ба кишвар ёрии башардӯстона овардааст, ба таври возеҳ нишон дод, ки тамоми ин раванд як фарси бемаънӣ буд. Дар хусуси молу мулкам бошад, ман аз талафоти моддӣ умуман хавотир набудам. Ман метавонистам компютер ё камераи нав харам. «Парвардигор дод, ва Парвардигор гирифт. Номи Парвардигор муборак бод!» (Китоби Айюб 1:21). Ман ҳамчунин аз ҳабси якумрӣ нигарон набудам. Охир, ҳаёти ман дигар аз они ман набуд, он аз они Исои Масеҳ буд! Ӯ барои он музди хеле гарон пардохт намуд.




# 30

Ману шубон Ҳасан, Мунъим дигар дар интизории ҷаласаи навбатии маҳкамавии Хартум зиндагӣ намекардем. Мо акнун айбдоршавандагон набудем. Мо акнун ҷинояткор будем ва аз ҳамин сабаб моро ба ҳабсхонаи дигар гузаронданд.

Аз сабаби набудани далелҳои қатъӣ бар зидди онҳо, Ҳасан ва Мунъим ба озод шуданашон он қадар боварӣ доштанд, ки онҳо аллакай тамоми либос ва ашёи шахсии худро ба дигар маҳбусони Ал-Ҳудо тақсим карда буданд. Мо шаби дигарро баъди эълони ҳукм дар ҳабсхонаи мобайнӣ дар Умдурмон, дар ҳавои кушод дар қафаси пур аз даҳҳо мардони аз сардӣ ларзон гузаронидем.

Чунон ки бояд мебуд, ҳангоми қабули ҷинояткороне, ки ба мӯҳлатҳои давомноки маҳбусӣ маҳкум шудаанд, мо расмиятҳои мураккаби қабул ва ба маҳалли таъйиноти ниҳоӣ фиристоданро аз сар гузарондем, ки дар байни чизҳои дигар, даҳҳо маротиба гирифтани пайҳои ангуштонро дар бар мегирифт.

Пас аз шаби хеле хунук дар ҳавои кушод, пагоҳӣ моро мувофиқи ҳамон тартиби одатӣ ба мошини чорвокашонӣ бор карданд. Аммо ин дафъа мо намедонистем, ки моро ба куҷо мебаранд. Чун номуайянӣ ба изтироб табдил ёфтан гирифт, ман ба худ ёдрас намудам, ки Худованд вазъиятро ҳанӯз ҳам дар дасти Худ нигоҳ медорад.

Мошини чорвокашонӣ оҳиста-оҳиста бо роҳҳои пурчанги шаҳри Хартум ба сӯи фурудгоҳ ҳаракат кард ва ниҳоят ба ҳабсхонаи умумии шимолии Хартум, ки бо номи ҳабсхонаи «Кобер»

маъруф аст, расид. Ҳангоме ки мо ба маҷмааи азими ҳабсхона расидем, ман омезиши аҷиби ташвишҳо ва осоишро ҳис кардам.

Ман медонистам, ки Худо бо ман аст, аммо намедонистам, ки дар ин истгоҳи охирини системаи ҳабсхонаҳои Судон моро чӣ интизор аст.

Бинои асосии маҷмааи зиндонро дар соли 1905 як марди британиёӣ бо номи Купер сохта буд, аммо дар талаффузи арабӣ K-U-P-E-R ба K-O-B-E-R табдил ёфт. Ба назари ман чунин менамуд, ки дарҳои панҷарадор дар ду ошёнаи бинои асосии ҳабсхонаи «Кобер» чунон метофтанд, ки гӯё онҳоро рост аз майдончаи ба навор гирифтани филми амрикоӣ оварда бошанд.

Мо аз расмиятҳои қабул гузаштем ва баъд моро ба қисмҳои гуногуни ҳабсхона бурданд. MP3-плеери маро гирифтанд ва агарчи иҷозат доданд, ки симкортамро нигоҳ дорам, маҷбур будам телефони мобилиямро супорам. Ман метарсидам, ки Китоби Муқаддасамро мусодира мекунанд, аммо ба ман иҷозат доданд, ки онро бо худ нигоҳ дорам. Ману Ҳасан дар қисмҳои гуногуни ҳабсхона будем. Ин қисмҳо дар ҳолати нисбатан хуб буданд. Аз дидани он, ки ҳоҷатхонаву душҳо дар ҳолати корӣ ҳастанд, шод шудам.

Аммо кори Мунъим омад накард. Ӯро дар кӯҳнатарин қисми ҳабсхона, дар биное ҷой доданд, ки худи Купер сохта буд. Он ифлос буд ва оби равон ва ҳоҷатхона дар ҳолати корӣ надошт. Мунъим аз Дарфур буд ва дарфуриён аз боиси ҷанги шаҳрвандӣ тақрибан хоинони кишвар ба ҳисоб меравад. Илова ба ин, пӯсти хеле сиёҳаш ӯро ҳадафи нажодпарастӣ дар байни арабҳои мусулмони Судон қарор дод.

Солҳои охир дар ҳабсхонаи Кобер «хонаҳои-ҳабашҳо», — боздоштгоҳҳои махфӣ бунёд карда шуда буданд, ки дар онҳо маҳбусони сиёсӣ шиканҷаи ҷисмонӣ ва равонӣ карда мешуданд. Гоҳо онҳоро ба қатл мерасониданд. Маҳбусони ба қатл маҳкумшударо низ аз Ал-Ҳудо ҳангоми фаро расидани санаи қатл ба ин ҷо меоварданд. Ҳасан ва Мунъим аз маҳбусони ба қатл маҳкумшудаи Ал-Ҳудо дар бораи қатл ба воситаи ба дор

кашидан дар ҳабсхонаи Кобер огаҳӣ доштанд, аммо мо худамон ҳеҷ гоҳ инро надида будем.

* * *

Дар ҳабсхонаи «Кобер» ду ошхона буд: якум барои маҳбусон хӯрок тайёр мекард ва дуюмӣ — барои маҳбусони ҳабсхонаи ҳамсояи ХМИА. Азбаски хӯроки мо дар ҳамин ҷой тайёр карда мешуд, нони ҳамворе, ки мо ҳар рӯз мегирифтем, гоҳо навпухта ва гарм буд. Ҳатто ба ғайр аз нон, хӯрок дар «Кобер» нисбат ба ҳабсхонаи Ал-Ҳудо, ки дар он ҷо ҳатто маҳбусони судонӣ бе коркард дар танӯрҳои дар даруни ҳабсхона моҳирона сохтаашон чизе намехӯрданд, хеле беҳтар буд. Аммо ҳатто дар «Кобер» маҳбусон хӯрокро бо гармӣ коркард мекарданд.

Чун дар Ал-Ҳудо, маҳбусони пулдори Кобер иҷозат доштанд баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла гандум ва гоҳо ҳатто гӯшт харанд. Ман ва Шубон Ҳасан медонистем, ки баъзе ҳамкамераҳои мусулмони мо аз Ал-Ҳудо, ки барои қаллобӣ ҳабс шуда буданд, ба минтақаи шароиташ бадтарини ҳабсхонаи Кобер гузаронда шудаанд. Якчанд рӯз пас аз он, ки ман ва Ҳасану Мунъим ба маҳалли таъйиншуда расидем, дар майдони ҳабсхона бо онҳо вохӯрдем. Онҳо бо оғӯши кушода ва табассуми васеъ дар чеҳраҳояшон сӯи мо шитофтанд. Ман дарҳол фаҳмидам, ки онҳо то чӣ андоза дӯстии моро қадр мекунанд ва боз ба Худованд шукр гуфтам, ки маро ҳамин гуна истифода бурдааст.

* * *

Сардор ва ҷонишини ӯ барои шунидани шикояти маҳбусон бисёр вақт дар ҳабсхона гардиш мекарданд.

— «Дар Ал-Ҳудо ба ман иҷозат дода буданд, ки MP3-плеери худро истифода барам, — гуфтам ман. — Чаро ман онро дар ин ҷо истифода бурда наметавонам?»

Ба ман гуфтанд, ки метавонам, аммо бояд дар ин бора аз зиндонбонон хоҳиш кунам. Аммо бо вуҷуди хоҳиш карданам, он ба ман дода нашуд.

Ҳатто бе MP3-плеер дар ҳабсхонаи «Кобер» ман таълими забони англисиро давом додам. Бо истифодаи Инҷили Юҳанно ман ба маҳбусони мусулмон забони англисиро таълим медодам ва дуо мекардам, ки паёми Инҷил ба дилҳои онҳо роҳ ёбад. Баръакси калисои Ал-Ҳудо, акнун ман танҳо имкониятҳои хеле кам барои мавъиза кардан доштам.

Азбаски ман медонистам, ки мусулмонон низ ба калисо меоянд, ман ҳамеша кӯшиш мекардам, ки мавъизаҳои худро башоратӣ гардонам. Бо вуҷуди ин, мавъизаҳои бешуморе, ки ман дар вақти омӯзиши Китоби Муқаддас дар «Нияба Мендола» навишта будам, то ҳол истифоданашуда монда буданд ва ман барои аз даст додани имкониятҳои мунтазами мавъиза хеле афсӯс мехӯрдам.




# 31

Оҳиста-оҳиста ман ба шароити нигоҳдорӣ дар ҳабсхонаи Кобер мутобиқ шуданро ёд гирифтам. Рӯзона ман метавонистам бо шубон Ҳасан вохӯрам, аммо баъди тафтиши ном ба номи бегоҳӣ моро дар камераҳои гуногуни ҳабсхона маҳкам мекарданд.

Дар қисми ба истилоҳ VIP ман бо маъмурони маҳкумшудаи давлатӣ, полис ва кормандони амниятӣ ҷойгир шуда будам, ки аз майдонҳои ҷанг дар Дарфур ё Яман, ки президент Башир онҳоро ба он ҷо барои ҷанг барои Арабистони Саудӣ фиристода буд, гурехта буданд. Дар бахши VIP ҳатто як полковники хадамоти амнияти Судон буд, ки аз иҷрои яке аз фармонҳо саркашӣ карда буд.

Ин одамон бо ман меҳрубон буданд ва аз хӯроке, ки хешовандонашон ба «Кобер» меоварданд, ба ман медоданд. Яке аз онҳо ҳатто камераи алоҳида бо кондитсионер ва телевизори моҳворaӣ дошт. Ҳангоме ки ин мард аз дарди мафосил азоб мекашид, ман ба ӯ доруи ибупрофен додам. Ӯ миннатдор буд, ки ниҳоят сабук шуд. Пас аз фаҳмидани он, ки ман бо оилаам робита карда наметавонам, зеро телефон надоштам, ӯ пешниҳод кард, ки ҳар вақте ки хоҳам, ба камерааш биёям ва бо телефони ӯ ба аҳли хонаводаам занг занам. *«Шояд ин дом бошад?»* Ман ҳайрон шудам. Дар аввал ман пешниҳоди ӯро рад кардам, вале баъди якчанд рӯз аз фикрам гашта, ба ҳамсарам занг задам.

Ҳабсхона ба фурудгоҳ хеле наздик буд ва аз тирезаи камера ман медидам, ки ҳавопаймоҳо аз хатти парвози наздиктарин парвоз мекунанд. Онҳо чунон наздик буданд, ки ман медидам, ки шассии онҳо ҳангоми парвоз бардошта мешуд, ва шабона,

ҳангоме ки ман бо Ванда гуфтугӯ мекардам, ҳатто вай ғурриши гӯшкаркунандаи ҳавопаймоҳои азими боркаши Русияро мешунид. Аҳли хонаводаам дар бораи ҳукми нисбати ман бароварда-шуда аз як корманди шӯъбаи консулии сафорати Чехия дар Қоҳира огоҳ шуданд, аммо агарчи хеле ноумед шуданд, онҳо ба ин натиҷа тайёр буданд. Онҳо умедвор буданд, ки гуфтушунидҳои дипломатӣ барои озод кардани ман муваффақ хоҳанд буд, аммо намедонистанд, ки ҳафтаҳо, моҳҳо ва ҳатто солҳо тӯл мекашанд. Онҳо рӯза гирифтан ва дуо гуфтанро давом медоданд.

Сарбозони ХМИА, ки дар ҳабсхонаи Кобер зиндонӣ буданд, каме ба забони англисӣ гап зада метавонистанд ва мехостанд, ки ман ба онҳо беҳтар гап заданро ёд диҳам, аз ҳамин сабаб ман Китоби Муқаддасро дар даст дошта, Инҷили Юҳанноро ҳамчун китоби дарсӣ истифода бурдам. Миқдори зиёди сарбозон ба ҳабсхона меомаданду мерафтанд, бисёре аз онҳо розӣ мешуданд, ки ба майдони ҷанг баргарданд ва ҳамон замон озод карда мешуданд.

Хушбахтона, дӯсти нави ман аз камераи кондитсионердор ҷосуси ХМИА набуд, агарчи ман дар давоми маҳбусии худ бо бисёре аз чунин одамон дучор шуда будам.

Дар он рӯзе, ки ҳукми мо бароварда шуд, моро ба ҳабсхонаи муваққатии Умдурмон гузаронданд. Ҳангоми интизорӣ барои гирифтани пайи ангуштон дар навбат истода, ман як марди сафедпӯстеро, ки аз ман каме калонсолтар буд, дидам ва бо ӯ ба забони англисӣ салом додам.

«Шумо аз куҷоед? — пурсидам ман. Аввал ӯ ангушташро ба лабонаш бурд, гӯё маро огоҳ мекард, ки хомӯш бошам. Баъд бо тарзи талаффузи русӣ ҷавоб дод: «Ноу инглиш». Он гоҳ ман боз ҳамон саволро ба забони русӣ гуфтам ва ӯ ҷавоб дод. Ӯ ба ман гуфт, ки вай инженер-механик аст, ки аз тарафи ширкате фирефта шудааст. Он ширкат ваъда додааст, ки ба ӯ дар Судон «кори хуб» пешкаш мекунад. Дар охир намояндагони ширкат ғайб заданд ва ҳама чизе, ки ба ӯ боқӣ гузоштанд, музди пардохтнашудаи меҳмонхона буд.

Ин вохӯрӣ аҷиб буд ва ман аз дидани он ки ӯ бо ман, Ҳасан ва Мунъим ба «Кобер» меравад, он қадар ҳайрон нашудам. Ҳарчанд ӯ мегуфт, ки забони англисиро намедонад, аммо ҳамеша дар атрофи ҳар сеи мо чарх мезад ва мехост гуфтугӯҳои моро гӯш кунад. Ман аз ҳузури ӯ нороҳат мешудам, вале қарор додам, ки Инҷилро бо забони русӣ ба ӯ баён намоям. Вай дарҳол изҳор намуд, ки масеҳии православии рус аст!

Рӯзе, ҳангоме ки ӯ боз дар гирду атрофи мо буд, як маҳбуси мисрӣ ӯро ҳамчун пилоти рус, ки сарбозони хадамоти амниятро аз Хартум ба Дарфур мекашонд, шинохт. Ҳарчанд ин мисрӣ фақат андаке ба забони англисӣ ҳарф мезад, ӯ бо нидоҳои «Анатолий... пилот... бехатарӣ...» ва бо ишора ба китфҳояш, ки маъмулан дар он ҷо пагонҳои афсарӣ мебошанд, он русро хеле тарсонд. Пилоти рус якбора ғайб зад ва хеле вақт гузашт, то даме ки мо ӯро бори дигар дидем.

Ба бародар Мунъим танҳо баъзан иҷозат медоданд, ки ба қисми ҳабсхонаи мо биёяд. Рӯзона ман одатан дар соя нишаста, Китоби Муқаддас мехондам.

Азбаски ба ман иҷозат намедоданд, ки ба калисои ҳабсхона зуд-зуд равам, ман қарор додам, ки ба маҳбусон аз кишварҳои фаронсазабони африқоӣ хушхабарро ба забони фаронсавӣ мавъиза кунам.

Як футболбози ҷавони мусулмон аз Гвинея шунидани мавъизаҳои кӯтоҳи маро ба забони фаронсавӣ хеле дӯст медошт ва мо дӯстони наздик шудем. Ҳар рӯз ман дуо мекардам, ки Худо Худро ба дӯсти ҷавони мусулмонам ҳамчун Худованд, Наҷотдиҳанда ва Худо ошкор намояд.

* * *

Ҳар рӯз дар «Кобер» Худо ба ман ёдрас мекард, ки вақти ман ва умуман тамоми ҳаёти ман дар дасти Ӯст. Ва маҳз Ӯ ҳама чизро зери назорат нигоҳ медорад. Як саҳарӣ, ҳангоме

ки чун ҳарвақта дар зери дарахте дар ҳавлӣ нишаста, китоби Забурро — қисми дӯстдоштаи Навиштаро мехондам, ба таронаи 125 омадам:

«Чун Парвардигор асирони Сионро баргардонд, мисли хоббинандагон будем. Он гоҳ даҳони мо аз ханда пур шуд, ва забони мо аз тараннум; он гоҳ дар миёни халқҳо мегуфтанд: «Парвардигор чизҳои бузурге барои онҳо ба амал овард!» Парвардигор бо мо корҳои бузурге кард; мо шод гаштем» (Забур 125:1–3).

Ногаҳон ду зиндонбон, гӯё аз замин баромада бошанд, бо як хабари ҳайратангез дар назди ман пайдо шуданд. Ҳеҷ чизе аз он чи онҳо гуфта метавонистанд, маро бештар ба ҳайрат оварда наметавонист ва ман бо тамоми қувват кӯшиш кардам он чиро, ки шунидам, фаҳмам.

— Петр, — гуфтанд онҳо, — имрӯз ту аз ҳабсхона озод мешавӣ! Маро эҳсосоте фаро гирифт, ки дар таронаи Забур 125 тасвир шудааст.

«*Оё ин дар ҳақиқат рӯй дода истодааст?* — ман ба гӯшҳоям бовар намекардам. — *Оё ин хоб нест?*» Пештар маро борҳо фиреб дода буданд ва бовар кардан душвор буд, ки ин ҳақиқатан рӯй дода истодааст. Аммо хабар воқеӣ буд. Чашмонам пур аз ашкҳо шуданд ва ман дар бораи Ванда фикр кардам: Ниҳоят!

Хабари озод шудани ман дар байни маҳбусони сектори мо чун оташ паҳн шуд. Чун ҳамеша, хабари озод шудани яке аз маҳбусон ба ҳама шодӣ ва табъи идона меовард. Ҳама пинҳонӣ умед доштанд: «Шояд дафъаи оянда ин хабарро ба ман гӯянд!» Бародаронам нидоҳои хурсандона карда, маро сахт ба оғӯш гирифтанд. Дере нагузашта ман дидам, ки Ҳасан ва Мунъим сӯи ман мешитобанд. Онҳо ҳам хурсанд буданд: охир, агар ман озод мешуда бошам, албатта, онҳо низ ба зудӣ озод мешуданд.

Аз рӯи одате, ки дар миёни маҳбусони озодшаванда маъмул буд, ман либосҳоямро ба касоне, ки дар ҳабсхона мемонданд, додам. Мардон бо майли том чизу чораи камшумори маро тақ-

сим карда гирифтанд. Ман рафти бесару сомони тақсимкуниро бо диққат назорат мекардам, то боварӣ ҳосил намоям, ки доруҳои маро Ҳасан ва Мунъим мегиранд. Аммо зиндонбонҳо омаданд ва ба ман лозим омад, ки равам. Дар дастам танҳо як ҷомадони хурди нимхолӣ дошта, ман аз пайи онҳо рафтам. Ду афсари ХМИА дар қабулгоҳ интизор буданд.

— «Шумо аз ҷониби президенти Судон афв карда шудед», — эълон карданд онҳо. — Акнун шумо одами озодед.

Ман ба силоҳҳои зери куртаҳояшон нигоҳ кардам. Агарчи ҳабсхонаро тарк мекардам, ман хуб медонистам, ки то ҳол дар Судон зери назорати мутлақи режими тоталитарӣ ҳастам, ки ҳар корро карда метавонад. Эҳсосоти ман аз ҳисси хавотиршавӣ фақат андаке бештар буданд ва ман дар ҳолати омодабоши баланд будам.

Президент Башир тақрибан сӣ сол инҷониб ҳокимиятро дар даст дошт ва ман медонистам, ки ин «озодӣ»-и нав пайдошуда ҳанӯз маънои онро надорад, ки ман ҳақиқатан озод ҳастам.

Ба ман чизҳои арзишнокам, аз ҷумла MP3-плеер ва телефони мобилиамро баргардонданд. Симкорти ман ҳанӯз дар кисаи махфӣ дар камарбанде, ки дар либоси тагам гузаронда шуда буд, бо эҳтиёт пинҳон карда шуда буд.

— Бо мо биёед.




# 32

Ман бо изтироб мушоҳида мекардам, ки афсарон ҷомадонамро ба паси мошини сафед гузоштанд. Баъд маро ба сартарошхона бурданд ва дар он ҷо исрор карданд, ки ришамро тарошанд. Сартарош маро водор намуд, ки ба китфаки курсӣ такя карда шинам ва ба рӯям ниқоби муоликавии оромкунанда молид. Ҳамаи ин як кӯшиши бемаънӣ барои ба вуҷуд овардани таассуроте буд, ки ҳукуматдорони Судон дар ҳабсхона ба ман хуб ғамхорӣ мекарданд. Вай ин амалияро се бор такрор кард. Бадани ман аллакай аз нишастан дар ҳолати нороҳаткунанда дард мекард. Вай аз силсилаи муолиҷаҳои рӯй қаноатманд шуда, шитобон берун баромад, то як массажёри хурди сайёреро биёрад, ки метавонист шиддати гардану китфонамро рафъ кунад.

— «Шумо бояд худро бароҳат ҳис кунед», — гуфтанд афсарон, ҳангоме ки мо ниҳоят аз сартарошхона баромадем. Албатта, гуфтани ин суханон аз иҷро кардани онҳо осонтар буд. Ман то ҳол дар ҳузури ҳамон афсарони ХМИА будам, ки маро бозпурсӣ карда, ба ҳабсхона андохта буданд ва худи ҳузури онҳо маро ба бадтарин хотираҳои понздаҳ моҳи охир бозгардонд. Муҳимтар аз ҳама, ман дар зери куртаҳои онҳо силоҳро медидам.

— Акнун мо шуморо ба сауна мебарем.

Ман шавқи ба сауна рафтан надоштам (он ба афсарон имкон медод, ки сумкаҳоямро кофтуков кунанд ва телефони мобилиямро гиранд), аммо «озодӣ»-и нав пайдокардаам аз ман талаб

мекард, ки муқовимат накунам. Ман намехостам мушкилоти нав эҷод кунам, бинобар ин ман аз пайи онҳо рафтам. Мо ба саунаи хусусӣ расидем ва ман ба ҳуҷраи либоскашӣ даромадам.

Ман либосҳоямро бароварда, бо эҳтиёт ба сумкаам гузоштам ва телефони мобилиямро баровардам. Пас аз чанд дақиқа онҳо кофтуковро сар мекунанд. Ман телефони мобилиямро бо худ ба сауна бурда наметавонистам, аммо ҳамчунин наметавонистам роҳ диҳам, ки симкортамро гиранд, зеро дар чипи хурдакак тамоми маълумот дар бораи зангҳои телефон ва паёмҳои ман аз ҳабсхона мавҷуд буд. Бинобар ин ман зуд онро аз ҷайби махфии либоси тагам бароварда, ба даҳони худ андохтам ва бехатар дар паси лунҷам пинҳон кардам.

Ман даҳ дақиқаи пуризтиробро дар саунаи гарм гузарондам, пеш аз он ки исрор намоям, ки вақти рафтан расидааст. Афсарон маро ба як ошхонаи тезтайёри маҳаллӣ бурданд ва дар он ҷо ҳиссаи калони линги бирёншудаи мурғ, картошкаи фрӣ, салат ва «Спрайт» фармоиш доданд ва мушоҳида мекарданд, ки чӣ гуна ман кӯшиш мекунам хӯрокро хӯрам. Меъдаи ман хеле озурда шуда буд ва пас аз як соли хӯроки бад, андозааш хеле хурдтар шуда буд. Илова ба ин, ман дар зери нигоҳи доимии назораткунандагон буда, худро хеле нороҳат ҳис мекардам. Мо аз тарабхона баромада, ба мағозаи либоси зебо рафтем.

— Мехоҳед одеколон харед? Костюм? Ба шумо курта ва галстук лозим аст.

Яке аз мардон дар пеши чашми ман як дастаи калони пулро ҷунбонд. «*Ба ҳеҷ ваҷҳ*, — фикр кардам ман. — *Ман дар Африқо ҳастам. Ман бо костюм ба роҳ намебароям*». Ман фаҳмидам, ки ба ҳамроҳонам фармон додаанд чунин кунанд, ки намуди зоҳирии ман то ҳадди имкон беҳтар бошад.

Охир, агар маро дар тан костюми зебо, ки чун як соҳибкори аз меҳмонхонаи боҳашамат мебаромада метобам, ҷаҳон чӣ гуна шикоят карда метавонад, ки бо ман бадрафторӣ кардаанд?

Ман бо тамоми қувва кӯшиш мекардам посбононро ба хашм наоварам ва дар айни ҳол бо онҳо ҳамкорӣ накунам ва дар тамоми ин сирк иштирок надошта бошам.

— Ман либоси хуб дорам, — гуфтам ман.

— Не, не, либосатон ба қадри кофӣ хуб нест. — Ба назар чунин метофт, ки онҳо аз ман беҳтар медонанд.

— Ман шими ҷинс дорам, — гуфтам ман ва ба онҳо либосҳои тозаро аз ҷомадонам нишон додам.

Бо вуҷуди он, ки ба афсарон дастури ҷиддӣ дода шуда буд, ки намуди зоҳирии маро хуб гардонанд, онҳо бо дили нохоҳам розӣ шуданд, ки барои иваз кардани банди пластикии кандашуда, ки шимамро дошта меистод, ба ман тасма харанд. Баъд мо ба мағозаи хӯроквори рафтем. Ба ман фармуданд, ки барои се-чор наҳорӣ ба қадри кофӣ хӯрок харам, бинобар ин ман қаҳва, чой, нон, тухм, меваю шоколадҳо гирифтам.

Маро боз ба мошин савор карданд ва дере нагузашта мо ба хонае расидем, ки гӯё бинои истиқоматӣ буд. Девори азими бетонӣ, ки бо симхор печонда шуда буд, ин иншоотро иҳота мекард ва ҳангоме ки аз мошин фуромадем, сагҳои олмонӣ аз паси девор таҳдидомез аккос мезаданд. Кормандони ХМИА маро ба дарун бурданд ва гуфтанд, ки то рӯзи душанбе чаҳор шаб дар ин ҷо хоҳам буд. Онҳо беҳтарин футболкаамро (маҳз ҳамонеро, ки барои сафар ба хона нигоҳ медоштам) ба хушкашӯӣ бурданд ва ваъда доданд, ки ҳарчи зудтар онро бармегардонанд.

Симкорти ман то ҳол дар даҳонам пинҳон буд.

* * *

Афсарон рафтанд ва ман ниҳоят дар хобгоҳи манзил танҳо мондам. Ман медонистам, ки дар манзил микрофонҳо барои гӯш кардан ниҳон карда шудаанд, аммо ман ба ҳар ҳол қарор додам ба Ванда занг занам. Ман зуд манзилҳо аз назар гузарондам ва қарор додам, ки ҷои аз ҳама хилват ҳаммом аст, бинобар

ин ба унитаз наздик рафта, симкортро аз даҳонам бароварда, ба куртаам пок карда, дубора ба телефони мобилиям гузоштам ва зуд рақами занамро чиндам. Дар хона дар Чехия Ванда ба занги ман ҷавоб дод. Ман зуд ва пичирросзанон гап мезадам.

— Чӣ гап шудааст?! — хавотир шуда, пурсид Ванда.

— Имрӯз саҳарӣ маро аз ҳабсхонаи «Кобер» озод карданд ва акнун ман дар ҷои бароям номаълуме ҳастам», — пичиррос задам ман.

— Ин ба манзили махфии хадамоти амнияти Судон монанд аст.

— Ба ман гуфтанд, ки муддате дар ин ҷо хоҳам буд. Дар замони коммунизм чунин квартираҳо ва ё хонаҳоро коркунони ҳукумати Чехословакия низ истифода мебурданд; дар он ҷо одамро пинҳон кардан, ба таври пинҳонӣ бо манбаъ вохӯрдан, бозпурсӣ кардани маҳбус ва ҳатто бо маъшуқа вохӯрӣ барпо кардан мумкин буд.

Ванда аз ин занги пурасрор парешонҳол шуд ва хавотир шуд, ки ман дар хатар ҳастам. Вай дар Чехословакияи коммунистӣ ба воя расида, дар бораи маҳбусони сиёсӣ, ки танҳо барои он аз ҳабсхона «озод» мешуданд, ки дар охир ҷасади мурдаашон ёфт шавад, воқеаҳои зиёдеро медонист. Ҳукумат маҳз ҳамин гуна аз оқибатҳои номатлуб халос мешуд ва ҳоло Ванда метарсид, ки ҳукумати Судон низ мехоҳад аз ман халос шавад.

Мо гуфтугӯро ба охир расондем ва пас аз гузоштани гӯшаки телефон Ванда аз ӯҳдаи ҳиссиёти ба ҳам мухолифи хурсандӣ ва изтироб баромаданӣ шуда, дуо гуфтанро сар кард.




# 33

Ман се шабро дар манзили ХМИА дар интизорӣ гузарондам. Ман тамоми рӯз дар болои кат дароз кашида, дар MP3-плеери худ Навиштаро гӯш мекардам ва фикр мекардам, ки минбаъд чӣ мешавад.

Манзил хурд буд ва дар ягона хонаи хоб як кати калон буд, ки бӯи тоза дошт. Ман болои кӯрпа дароз кашидам. Дар манзил дар як рӯз ҳамагӣ якчанд дақиқа об пайдо мешуд, бинобар ин ман сатилро дар ҳаммоми ифлос дар зери крани кушода гузоштам ва мунтазири ҷорӣ шудани об шудам. Ҳангоме ки сатил пур шуд, ман як шишаи пластикиро барои шустушӯй истифода бурдам ва баъд баданамро бо дастмолҳо хушк кардам. Нисфи шаб садои оби равонро шунида, аз бистар ҷаста мехестам, то обро аз унитаз сар диҳам.

Шабона кормандони амният ҳар ним соат маро тафтиш мекарданд, то боварӣ ҳосил кунанд, ки ман нагурехтаам.

— Оё мехоҳед бароятон май харем? — пешниҳод карданд онҳо.

— Ё занҳоро биёрем?

Ман ҳам нӯшокиҳои спиртӣ, ҳам фоҳишаҳоро қатъиян рад кардам, аммо ба зудӣ фаҳмидам, ки дар хона меҳмонони дигар низ ҳастанд. Мушҳо аз фарш рост ба болои кати ман меҷаҳиданд. Гоҳо онҳо ё ба болои ман ё болои болинам, рост болои сари навтарошидаам мефаромаданд. Ман аз бистар хеста, чароғро фурӯзон кардам. Мушҳо дарҳол ғайб заданд. Саҳарии рӯзи дигар, ҳангоме тафтиш кардам, ки онҳо чӣ гуна ба хона

даромаданд, фаҳмидам, ки онҳо аз лӯлаи канализатсия, ки дар ҳаммом аст, берун мебароянд.

Байни омадани хояндаҳо ва посбонон чандон хоб намекардам, аммо рӯзона ба ман муяссар мешуд, ки каме дам гирам. Ба посбонон фармуда шуда буд, ки ба ман хуб ғизо диҳанд, бинобар ин мо ду маротиба ба хӯрокхӯрӣ мебаромадем. Дар вақти боқимонда он чизеро, ки онҳо аз мағозаи хӯрокворӣ харида буданд, мехӯрдам. Плитаи газро истифода бурда, обро барои чой меҷӯшондам ва тухм мепухтам ва рӯзи душанберо интизор мешудам.

* * *

Соати 15:30-и рӯзи якшанбеи 26-уми феврал, як рӯз пеш аз он, ки ман бояд аз ин манзил берун шавам, кормандони амният омада, ба ман гуфтанд:

— Касе мехоҳад бо шумо гуфтугӯ кунад, тайёр бошед.

Ман чизҳоямро баста нигоҳ медоштам, ки мабодо ҳар вақт рафтан лозим шавад, аз ҳамин сабаб ҷомадонамро гирифта, сӯи дар равон шудам. *«Ниҳоят!»*

— Не, не, ором шавед, — гуфт яке аз одамон. — Касе мехоҳад бо шумо ба воситаи телефон гуфтугӯ кунад.

Ман бағоҷро гузоштам ва ӯ ба ман телефони мобилиямро дод. Аз шунидани овози сафири Чехия дар телефон бениҳоят ҳайрон шудам.

— Ҷаноби Яшек, — гуфт ӯ, — шумо ҳоло дар куҷоед? Мо барои гирифтани шумо омадем. Мо шуморо дар фурудгоҳ интизорем.

Ман чунон шод шудам, ки базӯр гап зада метавонистам.

— Хеле хуб! — хитоб кардам ман, аммо намедонистам, ки дар куҷо ҳастам ва чӣ тавр ба фурудгоҳ равам.

— Ҳавопаймо соати 17:00 парвоз мекунад, — гуфт сафир. Аммо ман медонистам, ки аз фурудгоҳ дур ҳастам ва шубҳа

доштам, ки барои расидан ба он ҷо вақт дорам. Парвоз дар муддати камтар аз якуним соат ба нақша гирифта шуда буд ва ман то ҳол дар ихтиёри афсарони ХМИА будам.

Ман телефонро гузоштам. Кормандони амният рафтанд ва ман интизор шудам. Ман дар манзил танҳо будам. Ман нишастам ва ҳар дақиқа ба соатам менигаристам. Ҳар як дақиқа чун абадият метофт. Ниҳоят, пас аз чор, онҳо баргаштанд, аммо то он вақт ман боварӣ доштам, ки сари вақт ба ҳавопаймо намерасам. Мо ба мошин савор шуда, ба фурудгоҳи Хартум равон шудем.

Ман шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият надоштам. Ман аз худ мепурсидам, ки судониҳо, ки маро ҳамроҳӣ мекунанд, ақаллан як шиносномаи маро доранд (ман бо ду шиноснома ба Хартум омада будам). Лаҳзае оид ба компютер, камера ва дигар чизҳоям фикр кардам. Агар рост бошад, ки ман пурра афв шудаам, ин баробар ба он аст, ки ман ҳеҷ гоҳ ҷиноят накардаам. Ин маънои онро дорад, ки ҷазо дар шакли мусодираи ашёи ман низ бекор карда шудааст... ақаллан ба таври назариявӣ. Бо вуҷуди ин, ман намехостам бо ин савол ҳамроҳонамро ранҷонам. (Маро афв карданд ё не, дигар ин объектҳоро надидам. Шояд ҳоло яке аз масъулони ХМИА бо камераи ман наворҳои аҷибе мегирад!

Ман ҳамчунин понздаҳ моҳ пеш аз меҳмонхона ба фурудгоҳ раҳсипор шуданамро ба ёд овардам ва дуо кардам, ки ин сафар ин тавр анҷом наёбад.

* * *

Ниҳоят мо ба фурудгоҳ расидем. Ҳамроҳони ман дар тан либоси шаҳрвандӣ пӯшида буданд ва айнакҳои офтобӣ доштанд ва ман зуд фаҳмидам, ки онҳо мехоҳанд худро ҳамчун кормандони фурудгоҳ вонамуд кунанд. Онҳо ҳуҷҷатҳои худро нишон дода, вориди минтақаи амнияти фурудгоҳ шуданд. Маро аз мошин фуроварданд ва мо ба минтақаи VIP равон шудем, ки дар он

ҷо афсарони хадамоти иктишофи Чехия интизори ман буданд, ки яке аз онҳо як сол пеш бо ду духтур аз хадамоти иктишофи Чехия ба Клуби миллии ХМИА омада буд.

Ду афсари ХМИА дар тамоми толор аз паси ман рафтанд. Ман яке аз онҳоро шинохтам: ӯ аз ҳабсхонаи ХМИА буд, — шахсе, ки дарҳол пас аз ҳабс сурати маро гирифта буд.

Духтурон тайёр шуда омада буданд: ҳар он чи онҳо бо худ оварда буданд, ба беморхонаи саҳрой монанд буд. Онҳо муоинаи пурраи ҷисмонӣ гузаронданд, маро ба электрокардиограф пайваст карданд, сатҳи оксигени хунамро чен карданд ва ба ман нӯшокиҳои махсуси регидратсиявӣ бо электролитҳо пешниҳод карданд.

Онҳо аз як корманди шӯъбаи консулии сафорати Чехия фаҳмиданд, ки рафтори ман ба қадри кофӣ мувофиқ аст ва аз афти кор, аз ҷиҳати рӯҳӣ зарар надидаам. Бо вуҷуди ин, онҳо аз эҳтимолияти беобшавии организм хавотир буданд.

Ду корманди ХМИА бо ҳайрат ба ман нигаристанд. Ман боварӣ доштам, ки ба назари онҳо, чунин таваҷҷӯҳи духтурони хадамоти иктишофи Чехия танҳо исбот мекард, ки ман ҷосус будам.

Баъди муоинаи тиббӣ интизор шудем. Ман фаҳмидам, ки ба зудӣ вазири корҳои хориҷии Чехия меояд ва мо бо ҳавопаймои ӯ ба Прага бармегардем. «Ман бояд ба ҳоҷатхона равам», — фақат гуфта тавонистам ман.

Дар ҳоҷатхона ман телефони мобилиямро бароварда, оромона ба Ванда занг задам. Се рӯз пеш, баъд аз занги ман ӯ ба тарсу ҳарос афтода буд ва акнун аз шунидани овози ман сабукии зиёдеро эҳсос намуд.

Ванда дар вебсайти расмии худ ҷадвали сафари вазири хориҷаро пайгирӣ мекард ва медонист, ки ӯ рӯзи 26-ум барои сафари якрӯза ба Судон рафтааст. Агар сафар мувофиқи нақша гузарад, вай интизор буд, ки ман дар давоми якчанд соат ба хона бармегардам.

«Ман дар фурудгоҳ ҳастам, — гуфтам ман бесаброна, — ва чунин ба назар мерасад, ки мо ба зудӣ меравем. Мо интизори вазир ва дастаи ӯ ҳастем».

Ман ба зудӣ фаҳмидам, ки занги телефони ман як қарори хатарнок аст. Вақте ба мо хабар доданд, ки вазири корҳои хориҷӣ аллакай дар даромадгоҳ қарор дорад, мо аз толори интизорӣ берун шудем. Кормандони амниятии Судон моро то ҳавопаймо гусел карданд. Он ҳавопаймои азиме буд, ки ба давлати Чехия тааллуқ дошт ва барои боздидҳои расмии аъзоёни ҳукумат пешбинӣ шуда буд. Мо ба ҳавопаймо савор шудем ва ман иҷозат пурсидам, ки ба занам занг занам.

— Беҳтараш ин корро накунед. Лутфан! — эътироз кард корманди хадамоти иктишофии чех. — Шумо бе ин ҳам аллакай хатои калон кардед, ки аз ҳоҷатхона ба занатон занг задед.

Гуфтушунидҳои ноустувор барои озод кардани ман як рӯз пеш ба охир расида буданд ва афсарон мефаҳмиданд, ки то парвози мо ҳама чиз рӯй дода метавонад.

Ман ба курсии нарми чармини ҳавопаймо такя кардам ва дарк намудам, ки якчанд дақиқа пештар метавонистам бо дастони худ озодиямро барбод диҳам. Баъди чилу панҷ дақиқа вазири корҳои хориҷӣ бо дастаи ҳамроҳикунанда омад. Ман то андозае хавотир будам, ки ӯ бо ман чӣ гуна муносибат мекунад. Ман аз аҳли оилаам шунида будам, ки сафир боре ошкоро гуфта буд, ки хатари ҳуҷҷатгузории вайрон кардани ҳуқуқи масеҳиёни таъқибшаванда дар Судонро ба ӯҳда гирифта, ман бояд мушкилотро интизор мешудам. Ман фикр мекардам, ки вай дар назар дорад, ки ин айби худам аст, зеро ман қарор додам ба чунин кишвари хатарноке мисли Судон равам.

Вазир Любомир Заоралек ба ҳавопаймо даромада, ба ман табассум кард ва гуфт:

— Ҷаноби Яшек, ба ҳавопаймои қувваҳои ҳарбии ҳавоии Чехия хуш омадед! Пеш аз ҳама ман мехоҳам аз номи дӯсто-

нам, аз калисои «Бародарон дар Масеҳ» дар шаҳри Мост салом расонам, ки онҳо дар бораи фаъолияти башардӯстонаи шумо ба ман бисёр чизҳоро нақл карданд. Ман дар ҳақиқат он чизеро, ки шумо мекунед, қадр мекунам.

Ях тамоман об шуд ва ман дасташро фишурдам. Пас аз ин котиби матбуотии ӯ ва дигар кормандон худро муаррифӣ карданд. Парвози мо ба Прага каме бештар аз шаш соат давом кард. Вазир Заоралек аз курсии бизнес-класси худ ба назди ман нишаст. Тақрибан ду соат ӯ аз ман дар бораи вақти даҳшатноке, ки дар ҳабсхона гузарондам, муфассал пурсид. Ӯ хомӯшона сухани маро гӯш кард ва баъд ба чашмонам нигариста суханоне гуфт, ки фаҳмиши амиқи он чиро, ки ман аз сар гузаронида будам, ифода мекарданд. Ин суханон он чиро, ки ман ба ҳақ будани он умед доштам, ҷамъбаст менамуданд:

— Ман ба шумо гӯш медиҳам ва боварӣ дорам, ки шумо маҳз аз расул Павлус намунаи ибрат мегиред.




# 34

Шоми 26 феврал телефони Ванда боз занг зад. Дар канори дигари хатти алоқа корманди консулгарии Чехия Ярослав Вейрич буд. Вай хабари олидараҷаро расонд: «Петр дар ҳавопаймо аст». Ванда гиря кард ва фарзандонро сахт ба оғӯш гирифт. Онҳо якҷоя ба Худованд шукр гуфтанд ва шитобон хушхабарро ба масеҳиён, ки чордаҳ моҳи дароз барои ман дуо мекарданд ва рӯза мегирифтанд, расонданд.

Аҳли оилаи ман медонистанд, ки ҳавопаймое, ки ман дар он будам, дар фурудгоҳи ҳарбии Прага фуруд меояд ва маро дар он ҷо дида наметавонанд. Бинобар ин онҳо рост ба госпитали харбӣ рафтанд ва бесаброна дар он ҷо интизор шуданд.

Ҳангоме ки ман пас аз чанд соат аз трап (зинапоя барои ҳавопаймо) фаромадам, издиҳоми рӯзноманигорон барои нишасти матбуотӣ ҷамъ омада буданд. Дар баҳри микрофонҳо ман имкон доштам, ки ба вазири корҳои хориҷӣ барои кори шиддатнок ва мунтазамаш дар гуфтушунид баҳри озод кардани ман изҳори миннатдорӣ намоям.

— Ман мефаҳмам, — давом додам ман, — дар кишваре, ки президенти онро Додгоҳи байналмилалии ҷиноӣ ҳамчун ҷинояткор эътироф кардааст, ин чӣ қадар душвор буд.

Ман ҳамчунин ба калисои худ дар Кладно ва шубонамон Даниил Калета миннатдории амиқ баён кардам. Ман ба намояндагони «Садои риёзаткашон» (ИМА) барои дастгирии беандозаашон, барои адвокатам ва махсусан барои ёрӣ ба аҳли оилаам дар ин замони барои ҳамаи мо душвор ташаккур гуф-

там. Ниҳоят, ман ба садҳо ҳазор масеҳиён, ки барои ман дуо мекарданд ва ба касоне, ки ба дархости онлайни CitizenGo (созмоне, ки барои ҳуқуқи шахсони таъқибшуда дар саросари ҷаҳон мубориза мебарад) имзо гузоштанд, ташаккур гуфтам.

Ҳангоме ки ман аз шоҳроҳи мумфарши Прага барои муоинаи тиббӣ ба беморхонаи ҳарбӣ мерафтам, дилу ақли ман ҳанӯз дар Судон буд. Чанде пас аз нисфишабӣ, ман аз мошини ёрии таъҷилӣ берун шудам ва аҳли оилаам аз мошинашон ҷаста баромада, сӯи ман шитофтанд. Бори аввал дар давоми зиёда аз як сол ман онҳоро ба оғӯши худ фишурда, ба Худованд шукр гуфтам, ки мо як қисми оилаи боз ҳам калонтари Ӯ ҳастем, он оилае, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон зиндагӣ мекунад. Ман Худоро шукр гуфтам, ки ҳатто ҳабсхонаи Судон моро аз ҳамдигар ҷудо карда наметавонад.

# ЭПИЛОГ

Ба Прага баргашта, ман бори дигар дар иҳотаи аҳли оилаи худ ва оилаи калисоии худ будам. Онҳо ҳангоми дар Судон буданам дар ҳаққи ман ин қадар самимона дуо мегуфтанд ва ман фикр мекардам, ки чӣ гуна Худо маро дар давоми чордаҳуним моҳи ҳабсхона тағйир додааст. Ман аз Худованд хеле миннатдор будам, ки барои номи Наҷотдиҳандаи худ шармсориро аз сар гузарондам. Ман аз номи оилаам ба Ӯ ташаккур гуфтам, ки маҳбусии ман замоне рӯй дод, ки фарзандонамон аллакай ба воя расида буданд ва метавонистанд Вандаро, ки ба фикри ман, аз ҳама бисёртар азоб мекашид, дастгирӣ кунанд. Аммо худи ман мехостам, ки Худо дар давраи пештари ҳаётам ба ин роҳ медод, зеро медонам, ки он вақт ман боқимондаи ҳаётамро тамоман дигар хел ба сар мебурдам.

Худо бисёр вақт азобҳоро дар ҳаёти мо роҳ медиҳад, то ки ба мо пурсабриро ёд диҳад, пурра ба Ӯ умед бастан ва такя карданро ёд диҳад. Нависандаи таронаҳои Забур навиштааст: «Ба Парвардигор умедворам, ҷонам умедвор аст; ва ба каломи Ӯ умед бастаам» (Китоби Забур 129:5). Ба Парвардигор умед бастан калиди ҳаёти масеҳӣ аст. Ва ин калид тамоми фароизи масеҳиро, аз қабили дуо, рӯза, хизмат ба дигарон мекушояд ва моро аз «масеҳияти ҳамин лаҳза», — аз чунон муносибате, ки ман дар давоми қисми аввали маҳбусиям мекардам, раҳо менамояд.

Моҳи марти соли 2016, ҳангоме гумон мекардам, ки ба зудӣ озод мешавам, ман аз он ноумед шудам, ки Худо маро дар ҳаб-

схона нигоҳ дошт. Ман мехостам ба хона равам ва бо оилаам бошам. Ман мехостам ба калисои худ дар Чехия рафта, чун пештара бо бародарону хоҳаронам парастишҳо намоям. Аммо баъди ба охир расидани маҳбусӣ ман вазъиятро ба таври дигар дидам. Худованд барои ман чизи беҳтаре тайёр карда буд. Ӯ маро бо як сабаби ба Ӯ маълум, аммо бо сабаби хеле муҳим дар Судон нигоҳ дошт. Вай маро тайёр кард, ки дар ҳабсхонаи Умдурмон, ҳабсхонаи Ал-Ҳудо, ҳабсхонаи «Кобер» башорат диҳам ва муҳаббати Масеҳро ба муфаттишон ва адвокатҳои худ ҳангоми мурофиаҳо нишон диҳам. Худо ҳамеша вақтро беҳтар аз мо ба нақша мегирад. Ҳангоме ки ман дар бораи худ андеша намуданро бас кардам, худро бадбахт эҳсос намуданро бас кардам, танҳо ҳамон вақт дида тавонистам, ки гӯё аз пораҳои муаммо (пазл) тасвири пурра ба вуҷуд омад.

Он муддати вақт, ки ман дар ҳабсхонаҳои Судон гузарондам, имконияти олидараҷа барои эълон кардани Масеҳ буд, ҳатто ҳангоме ки ман дарди шахсии худро доштам. Ман фаҳмидам, ки Худо гоҳо ба мо иҷозат медиҳад «дар водии сояи марг роҳ равем», (Китоби Забур 22:4) то ки на ба қувваи худ, балки ба қувваи Ӯ такя карданро ёд гирем. Танҳо дар водӣ, дар соя, дар торикӣ буда, мо дурахши Масеҳро равшантар мебинем. Мо ҳар қадар бештар нотавон, ноумед ва беҳимоя бошем, овози Чӯпонро, ки чӯбдаст, асо ва ибрати шахсиаш моро ба пеш мебаранд, ҳамон қадар беҳтар мешунавем.

Чандин бор, ҳангоме ки маро аз ҳабсхона ба ҳабсхона мегузаронданд, махсусан ҳангоме ки саломатиам дар ҳабсхонаи ХМИА бад шуд, ман ноумедӣ ҳис мекардам ва барои дуо гуфтан суханони дуруст намеёфтам. Гоҳо, ҳангоме ки маро ҳамкамераҳоям аз ДИИШ латукӯб мекарданд, ман фақат нола мекардам. Аммо дар он лаҳзаҳои даҳшатбор Рӯҳулқудс бо ман нола мекард ва барои ман шафоат менамуд (Румиён 8:26).

Пас аз чаҳор моҳи ҳабс шуданам, ҳангоме Худо ба ман имконият дод, ки ба дувоздаҳ нафар эритреягиҳо башорат диҳам,

тафаккури ман тамоман дигар шуд. То он вақт ман танҳо дар бораи озод шудан ва баргаштан ба хона фикр мекардам. Аммо ҳангоме ки ман дар бораи муҳаббати Масеҳ шаҳодат доданро сар кардам ва дидам, ки маҳбусон итоаткорона ба даъвати Худо ҷавоб медиҳанд, ногаҳон фикре ба сарам омад: «*Чор моҳ дар ҳабсхона дар муқоиса бо абадият дар осмонҳо чист?*»

Дар он лаҳза тамоми муносибати ман дигар шуд. Ман камтар дар бораи вазъияти ҳозираи худ ва бештар дар бораи касоне, ки ба Масеҳ эҳтиёҷ доранд, фикр мекардагӣ шудам. Худо ба ман нишон дод, ки ба ҳаёт аз нуқтаи назари олӣ, аз нуқтаи назари абадият нигаристан муҳим аст.

Маҳбусӣ дар Судон маро аз ҳар вақти дигари дар Чехия зиндагӣ карданам бештар барои Китоби Муқаддас шукргузор гардонд. Ҳангоме ки мо Каломи Худоро мехонем, худи Рӯҳулқудс бо мо сухан мегӯяд. Ман инро махсусан ҳамон вақт ҳис кардам, ки корманди шӯъбаи консулии сафорати Ҷумҳурии Чехия ба ман Китоби Муқаддасро дод. Ҳангоме ки онро ба камераам овардам ва аз сар то ба охир хондам, ман чунон ташнаи Каломи Худо шудам, ки пештар ҳеҷ гоҳ чунин ташнагиро эҳсос накарда будам. Он гоҳ ҳузури Масеҳ дар камераи ман бевосита, тавоно ва воқеӣ гардид.

Ҳар қадар Каломи Худоро бештар хонам, ҳамон қадар бештар ташнаи шинохтани Худо мешудам. Дар охир ман беҳтар фаҳмидам, ки Павлус чиро дар назар дошт, ҳангоме ки навишт: «Зеро уқубати сабуки мо, ки кӯтоҳмуддат аст, ҷалоли абадиро барои мо ба андоза бениҳоят бузург ба вуҷуд меоварад, ҳангоме ки мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён нигоҳ мекунем: зеро ки он чи намоён аст, муваққатист, аммо он чи нонамоён аст, абадист» (2 Қӯринтиён 4:17–18).

Ниҳоят ман фаҳмидам, ки нависандаи таронаҳои Забур чиро ҳис мекард, ҳангоме ки мегуфт: «Валекин Парвардигор қалъаи ман аст; Худои ман кӯҳпораи паноҳгоҳи ман аст...» (Китоби Забур 93:22). Дар ин давраи хониши амиқ ва пуршид-

дати Китоби Муқаддас ман аз он чи мавъиза карда метавонистам, бештар мавъизаҳо тайёр кардам. Ва ҳатто то имрӯз ман ҳамаи онҳоро истифода набурдаам.

Дар 2 Тимотиюс 2:9 гуфта мешавад: «...каломи Худо ба занҷирҳо банд нест», — ҳатто ҳамон вақте ки халқи Худо занҷирбанд бошад. Навишта зинда ва фаъол аст ва ҳангоме ки дар ҳабсхона буда, таъсири онро ҳис кардам, ман он чиро, ки ба даст овардам, бо худ нигоҳ дошта наметавонистам. Худованд маро барангехт, ки башоратро ба ҳамкамераҳоям — масеҳиёни расмӣ, анимистҳо ва ҳатто мусулмонон мавъиза кунам. Худованд ба ман имтиёз дод, ки на танҳо дар ҳабсхонаҳои гуногун Хушхабарро мавъиза кунам, балки муҳаббати Масеҳро ба маҳбусон нишон диҳам, ки бисёре аз онҳо танҳо аз он сабаб душманони Инҷил буданд, ки пештар онро нашунида буданд. Бо марҳамати Худованд ман дар дили онҳо тухми Хушхабарро корида тавонистам ва дуо мегӯям, ки дигарон онҳоро об диҳанд ва Худованд онҳоро сабзонад. Дар ҳабсхона ман дар ҳақиқат дӯст доштани душманонамро омӯхтам. Ман то ҳол барои маҳбусон аз ДИИШ дуо мегӯям ва дар бораи он, ки масеҳиёни маҳбус дар Судон имкони мавъиза кардани Инҷилро пайдо кунанд. Ҳангоми ҷавонӣ ман ҳамеша фикр мекардам, ки чӣ гуна шубон шудан мумкин аст.

Боре ба занам гуфтам: «Шубон будан кори хеле масъулиятнок аст. Кас чӣ гуна метавонад ҳар рӯзи якшанбе мавъиза тайёр кунад ва ҳар дафъа чизи навро гуфта, суханон ва фикрҳои такрориро нагӯяд? Ман ҳеҷ гоҳ шубон шуда наметавонам». Аммо дар ҳабсхона буда ва ҳар рӯз бо Худованд вақт гузаронда, ман фаҳмидам, ки кори шубонӣ барои шахсе, ки бо Худованд робитаи наздик дорад, ҳолати табиист. Рӯҳулқудс ба ман таълим дод, ки ба овози Ӯ гӯш диҳам.

Пеш аз ҳама, вақти дар ҳабсхона гузарондаам маро бештар ба аҳамияти дуогӯӣ бовар кунонд. Гоҳо одамон бепарвоёна мегӯянд: «Ман барои ту дуо мекунам». Ман ҳам замоне чунин

мегуфтам. Аммо оё ман дар ҳақиқат дуо мегуфтам? Ба чӣ зудӣ? Чанд муддат? Дар яке аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Анатолий ном дӯсте дорам, ки ҳар саҳар ҳангоми аз хоб бедор шуданаш барои ман дуо мегӯяд.

Дарҳол пас аз он, ки ман дар Судон ҳабс шудам, занам дар бораи ман маълумоти хеле маҳдуд дошт. Аввалин касе, ки аҳли хонаводаам ба ӯ занг заданд, шубони мо буд. Ва дарҳол як занҷираи дуогӯён ташаккул ёфт ва тақрибан пас аз се ҳафта як занҷираи рӯзадорӣ сар шуд. Ҳар рӯз камаш як нафар ва гоҳо се нафар рӯза гирифта бароям дуо мегуфтанд.

Дар шароити муқаррарӣ аҳли оилаи ман ҳафтае як маротиба ба омӯзиши Китоби Муқаддас мерафт. Аммо ҳангоме ки ман дар Судон будам, занам камаш дар ду гурӯҳ ва гоҳо ҳатто дар се гурӯҳи гуногун иштирок мекард. Як бегоҳ пире, ки яке аз гурӯҳҳои омӯзиши Китоби Муқаддасро роҳбарӣ мекард, Каломи Худоро пӯшида гуфт, ки Рӯҳулқудс ӯро водор мекунад, то муҳокимаи порчаи Навиштаро бас кунад ва ба ҷои он зону зада, барои ман ва барои вазъияте, ки ман дар камера, дар он ҳастам, дуо гӯяд. Тамоми гурӯҳ зону зада, пирӯзии Худовандро дар камераи ҳабсхонаи ман эълон кардан гирифтанд. Ҳозирон дуогӯиро ба охир расонда, ба хонаҳояшон рафтанд.

Пас аз якчанд моҳ, баъди озод шуданам, ман дар хонаамон дар ҳуҷраи қабули меҳмонон нишаста будам. Тақвими оилаамонро бо занам аз назар гузаронда, ман як кашфи аҷибе кардам. Ба якдигар дар бораи ҳар рӯзи бо Худованд гузарондаамон дар давоми маҳбусии ман нақл намуда, мо фаҳмидем, ки ҳангоме гурӯҳи омӯзишии Китоби Муқаддас барои ман дуо мегуфт, ман дар назди ҳамкамераҳоям аз ДИИШ зону зада будам ва онҳо маро бозпурсӣ карда, бо чӯбдасти ҷорӯб маро мезаданд.

Дар он вақте ки ман шояд бештар аз ҳар лаҳзаи ҳаёти худ ба дуо эҳтиёҷ доштам, худи Худованд лашкари дуогӯёнро ба вуҷуд овард, то бо ман ва барои ман биҷангад. Худованд бузург аст, ва Рӯҳулқудс «барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат

мекунад» (Румиён 8:27). Худовандро барои ин тасдиқи олидарача ҳамду сано бод! Он чи дар ҳабсхона аз сар гузарондам, ба ман таълим дод, ки хизмати шафоатро барои дигар масеҳиён дар саросари ҷаҳон боз ҳам бештар қадр кунам.

Чунон ки Ҳорун ва Ҳур ҳангоми ҷанг дастҳои Мусоро боло бардошта меистоданд, мо низ бояд касонеро дастгирӣ кунем, ки мубориза мебаранд ва азоб мекашанд, касонеро, ки ҳоло, имрӯз, дар худи ҳамин лаҳза барои имоне, ки ба Исои Масеҳ доранд, таъқиб мешаванд. Баъди озод шудан ман соатҳои зиёд дар ҳаққи шубон Ҳасан ва Мунъим дуо мегуфтам. Дар охир ҳар дуи онҳо озод карда шуданд, аммо дили ман барои бародароне, ки то ҳол барои имонашон дар ҳабсхонаҳои Судон маҳбусанд, дард мекунад. Ман аз бисёре аз онҳо ба воситаи почтаи электронӣ ва шабакаҳои гуногуни паёмнависии матнӣ паёмҳо мегирам. Халқи Худо *бояд* одамони дуогӯй бошанд!

Худо Подшоҳии Худро на он тавре ки мо интизорем, пеш мебарад. Худованд барои расондани паёми Худ, ки ҳаётро тағйир медиҳад, зарфҳои заиф ва дилшикастаро истифода мебарад. Агар Худо ман барин шахсро барои паҳн кардани Хушхабар истифода бурда тавониста бошад, Ӯ албатта шумо барин шахсро истифода бурда метавонад.

Агар сухан шахсан дар бораи ман равад, ман дуо мегӯям, ки шаҳодатам бародарону хоҳарони маро дар Масеҳ дар саросари ҷаҳон, ки таъқиб карда мешаванд ё шояд дар оянда дучори таъқибот мешаванд, илҳом бахшад. Аз ман бисёр вақт мепурсанд, ки оё худро риёзаткаш мешуморам? Не, ман риёзаткаш нестам, вале борҳо бо риёзаткашон рӯ ба рӯ шудаам — бо қаҳрамонони имон ба монанди Моника, Данюма ва масеҳиёни бешумор, ки дар ҳабсхонаҳои Судон бо онҳо шинос шудаам.

Павлус ба калисои Филиппӣ мурочиат карда, навишта буд: «Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ азоб ҳам кашед» (Нома ба Филиппиён 1:29). Ман ин оятро дар тарҷумаҳои гуногун меомӯхтам.

Дар яке аз тарҷумаҳо махсусан қайд шудааст, ки «ба шумо имтиёзе дода шудааст, ки на танҳо ба Масеҳ имон дошта бошед, балки ҳамчунин барои Ӯ азоб кашед».

Дар замони коммунизм боре ману бародарам ба Британияи Кабир рафтем, ки он вақт ба он ҷой танҳо бо мошин ба воситаи паром аз Ла-Манш гузашта рафтан мумкин буд.

Мо ба калисое дар шимоли Лондон омадем ва дар омӯзиши Китоби Муқаддас иштирок кардем. Дар он вақт гурӯҳ дар бораи таъқибот ва азобҳо гуфтугӯ мекард ва ҳамин вақт маълум шуд, ки мо се нафар аз Чехословакияи коммунистӣ ҳастем. Аъзоёни гурӯҳ аз мо пурсиданд, ки мо ба таъқибот чӣ гуна муносибат мекунем. Дар он замон дар байни ин гурӯҳи хурд, шояд, моро экспертҳо оид ба таъқибот ҳисобидан мумкин буд. Ҷавоберо, ки хоҳарам Яна бе ягон дудилагӣ дода буд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам: «Ман бовар дорам, ки барои Худованд азоб кашидан шарафи бузург аст». Шубон дарҳол ӯро фаҳмид, вале дигар ҳозирон парешон ба назар мерасиданд. Таъқиб шудан чӣ шарафе дорад? Ман шахсан *шарафи* таъқиботро аз сар гузаронидаам ва дар ҳақиқат аз он миннатдорам, ки имконият доштам ақаллан ба андозаи ночиз ба ранҷу азоби Исои Масеҳ шарик шавам.

Инҷили Исои Масеҳ Инҷили таъқибот аст. Дар Юҳанно 15:18–21 Худи Худованд Исо шогирдони Худро ба таъқибот тайёр кардааст:

> «Агар ҷаҳон аз шумо нафрат дошта бошад, донед, ки пеш аз шумо аз Ман нафрат доштааст. Агар шумо аз ҷаҳон мебудед, ҷаҳон аз они худро дӯст медошт. Лекин шумо аз ҷаҳон нестед, балки Ман шуморо аз ҷаҳон интихоб кардаам. Аз ин сабаб ҷаҳон аз шумо нафрат дорад. Каломеро, ки ба шумо гуфтам, дар хотир нигоҳ доред: «Ғулом бузургтар аз хоҷаи худ нест». Агар Маро таъқиб карданд, шуморо низ таъқиб мекунанд; агар каломи Маро риоя

карданд, каломи шуморо низ риоя мекунанд. Лекин ҳамаи инро барои номи Ман ба шумо мекунанд, чунки Фиристандаи Маро намешиносанд».

Дар Луқо 21:12–16 Худованд тафсилоти таъқиботи ояндаро ба мо ошкор мекунад:

> «Аммо пеш аз ҳамаи ин ба шумо дастдарозӣ мекунанд ва шуморо таъқиб намуда, ба куништҳо ва зиндонҳо месупоранд ва ба хотири номи Ман назди подшоҳону ҳокимон мебаранд. Ва ин ба шумо имконияте барои шаҳодат мешавад. Пас, дар дили худ аҳд кунед, ки пешакӣ андеша накунед, чӣ ҷавоб бояд диҳед. Зеро Ман ба шумо сухан ва ҳикмате медиҳам, ки ҳамаи душманони шумо натавонанд зиддияте ба он нишон диҳанд ва ба муқобили он чизе гӯянд. Ҳатто падару модарон, хешовандон, дӯстон ва бародарон шуморо таслим мекунанд; ва баъзеи шумо кушта мешаванд...»

Ҳа, баъзеи мо, масеҳиён, кушта мешаванд. Павлус инро бо суханон аз Аҳди Қадим дар Номаи худ ба Румиён 8:35–39 ба мо ёдрас мекунад:

> «Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё мусибат, ё тангӣ, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер? Чунон ки навишта шудааст: «Ба хотири Ту мо ҳар рӯз кушта мешавем ва мисли гӯсфандони куштанӣ ба шумор меравем». Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Оне, ки моро дӯст доштааст, пурра ғолиб меоем. Зеро ман дилпурам, ки на марг, на ҳаёт, на фариштаҳо, на сарвариҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на

> пастӣ, на ҳар гуна офаридаи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Масеҳ Исо аст, ҷудо карда наметавонад».

Дар бораи он, ки ҳамасола дар Нигерияи Шимолӣ миқдори зиёди масеҳиён кушта мешаванд, фикр карда, ман бовар дорам, ки мо масеҳиён «гӯсфандони барои забҳ таъйиншуда ҳисобида мешавем». Аммо, аз нуқтаи назари абадият, аз ин мубориза мо беш аз ғолибон мебароем!

Ман ин суханонро хеле пеш аз он, ки дар минбари ҳуҷраҳои дуоии ҳабсхонаҳои Судон ҷой гирифтам, навишта будам ва акнун бо ин суханон бисёр масеҳиёнро дар саросари ҷаҳон рӯҳбаланд мекардам. Ман онҳоро ҳамчунин бо суханони Павлус аз 2 Тимотиюс 3:12 ба таъқибот тайёр мекардам: «Бале, ҳамаи онҳое ки мехоҳанд бо худотарсӣ дар Масеҳ Исо зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор мешаванд».

Ман фаъолона дигаронро ташвиқ мекардам, ки ба таъқибот тайёр шаванд, пас, оё ҳайратовар аст, ки худам низ гирифтори таъқибот шудам?

Худованд ба ман *имтиёз* додааст, ки барои номи Ӯ азоб кашам ва ман шодам, ки Ӯ маро сазовори ин даъват ёфтааст.

# ХОТИМА

## Сухан дар борам азобҳо

Эҳтимол, дар Судон бераҳмона таъқиб шудани масеҳиёнро шунида, шумо дар бораи маънои азобҳо фикр мекунед. Умедворам, шумо розӣ мешавед, ки таъқибот на танҳо «асбоби интизомнок кардан» аст, ки ба масеҳиёни «ширгарм» барои даст кашидан аз ҷисми худ ёрӣ мерасонад ё «катализатор» барои паҳншавии Инҷил.

Аҳди Ҷадид ба мо нуқтаи назари тамоман дигарро дар бораи таъқибот пешниҳод мекунад: “... балки модоме ки шумо дар уқубатҳои Масеҳ иштирок доред, шодӣ кунед, то ки дар вақти зоҳир шудани ҷалоли Ӯ низ ба ваҷд оед ва хурсандӣ кунед” (1 Петрус 4:13). Бале, шумо дуруст хондед: дар азобҳо иштирок дошта, мо бояд *шодӣ кунем*! Ба намунаи расулон, ки аз ҷониби яҳудиён латукӯб шуда буданд, рӯ овindependent: «Расулон аз шӯрои пирон баромада хурсанд шуданд, ки ба хотири исми Исо сазовори беҳурматӣ гардидаанд» (Аъмол 5:41). Бале, расулон барои Парвардигорашон азоб кашиданро *шараф* меҳисобиданд.

Дар Филиппиён 1:29 Павлуси расул азоб кашиданро имтиёзе мешуморад, ки масеҳиён сазовори он шудаанд: «...зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ азоб ҳам кашед». Ман чунин меҳисобам, ки азобҳо, хусусан ҳангоме ки бо марги риёзаткашона анҷом меёбанд, яке аз шарафҳои барҷаста ва имтиёзи бузург барои масеҳиён аст. Дар он «маросими хатмкунандагӣ» бисьёр мушоҳидакунандагон буданд, на танҳо тамошобинони серталаби саҳнаҳои Рум ва ё аъзоёни бадхашми дастаҳои ҷазодиҳии коммандос. (Дар омади гап, баъзеи онҳо вафодории масеҳиёни қатлшударо дида,

имон оварданд ва масеҳиёни бахшидашуда гардиданд.) Риёзаткашони масеҳӣ на танҳо ба ҷаҳони намоён, балки махсусан ба олами рӯҳонӣ шаҳодати имон ва итоаткорӣ мебошанд. «Зеро гумон мекунам, ки Худо мо, расулонро монанди касони охири саф, ки ба марг маҳкум шудаанд, намоён кардааст. Мо барои ҷаҳон, ҳам барои фариштаҳо ва ҳам барои одамон, тамошогоҳе [юн. θέατρον, театр, тамошогоҳ] шудаем» (1 Қӯринтиён 4:9). Ҳа, маҳз, тамошогоҳ! Албатта, масеҳиён бояд ҳамеша тайёр бошанд, ки дар саҳнаи ҳаёт пайдо шаванд ё — агар чунин гуфтан мумкин бошад — дар саҳна ҳамчун тамошогоҳи ҳамагон шаванд.

Ман медонам, ки Парвардигор аз хизматгоронаш ифтихор дорад, — Ӯ онҳоро таҳсину офарин мегӯяд ва аз онҳо мефахрад. «Оё ба бандаи Ман Айюб диққат додӣ? Монанди ӯ марди беайб, росткор ва худотарсе ки аз бадӣ дур мешавад, бар замин нест», — мегӯяд Парвардигор ба шайтон. На шайтон бо захрханд ба объекте, ки барои васвасаҳояш интихоб кардааст, ишора мекунад. Маҳз Паравардигор бо хизматгори Худ фахр мекунад. Маҳз Ӯ хизматгори Худро таҳсину офарин мегӯяд ва аз вай мефахрад, зеро медонад, ки Айюб ҳатто дар душвортарин озмоишҳо ба Ӯ вафодор мемонад. «Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то тоб оварда тавонед» (1 Қӯринтиён 10:13).

Ҳа, риёзаткаши масеҳӣ актёри «зинда»-и давраи худ аст, ки режиссёри он Худи Худованд мебошад ва тамошобинони қатори аввал — шайтон бо хизматгоронаш. Худо ҳам ба ҷаҳони намоён, ҳам ба ҷаҳони рӯҳонӣ вафодории хизматгоронашро намоиш медиҳад, ки Лусифер мағрур шуда, онро аз даст дода буд.

Худованд на барои ҳар яки мо нақши риёзаткашро интихоб менамояд. Бо вуҷуди ин мо Бадани ягона дар Масеҳ ҳастем. «Ва агар як узв дардманд шавад, ҳамаи узвҳо бо он ҳамдард мешаванд; ва агар як узв сазовори таҳсин гардад, бо он ҳамаи узвҳо хурсанд мешаванд» (Номаи 1-ум ба Қӯринтиён 12:26).

# СУХАНОНИ ХОТИМАВӢ

Азбаски мо узвҳои як бадан ҳастем, аҳамият додани мо комилан табиист, ки узвҳои бадани мо — бародарону хоҳаронамон дар Масеҳ дар куҷо ва чӣ гуна азоб мекашанд. «Бандиёнро ба ёд дошта бошед, чунон ки гӯё шумо низ бо онҳо бандӣ бошед; ҳамчунин ситамкашонро дар хотир дошта бошед, чунон ки гӯё худатон низ ҷисман азоб мекашед» (Нома ба Ибриён 13:3). Калимаи «ҷисм»-ро дар ин контекст на танҳо ҳамчун бадани ҷисмонӣ, балки ҳамчунин Бадани рӯҳонӣ, — Калисо фаҳмидан мумкин аст. Барои бародарону хоҳарони таъқибшавандаамон бепарво намонда, — новобаста ба он, ки онҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд, — мо эълон менамоем, ки азобҳои онҳо ба дилҳои мо таъсир мерасонанд ва мо узвҳои ҳамон як Бадан ҳастем, ки Сари он — Худованд Исои Масеҳ аст.

«... дар зиндон будам, ба дидани Ман омадед», — мегӯяд Худи Худованд дар Инҷили Матто 25:36. Рафтан ба хабаргирии бисёре аз ҳабсхонаҳои кишварҳои тоталитарӣ қариб ғайриимкон аст. Бо вуҷуди ин мо метавонем ба касе, ки барои имон зиндонӣ шудааст, нома нависем, бар зидди муносибати бераҳмона номаи эътирозӣ ба ҳукумати кишвари ӯ нависем. Бисёр воситаҳои намоиш додани он ҳастанд, ки мо аъзоёни як Бадани азобкашанда ҳастем ва Худованд мехоҳад, ки мо маҳз ҳамин гуна рафтор намоем.

# ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ

Дар соли 2002 Петр Яшек ба сафи «Садои риёзаткашон» ҳамроҳ шуд, то ки аз номи калисои озод ба масеҳиёни таъқибшаванда дар кишварҳое, ки душмани Инҷил ҳастанд ва онро маҳдуд мекунанд, ёрӣ расонад ва дастгирӣ кунад. Бо таҷрибаи чандинсола дар соҳаи тиб, Петр хизматгузории «Садои риёзаткашон»-ро дар минтақаи Африқо роҳбарӣ мекард. Вақте ки Петр барои вохӯрӣ бо имондорони таъқибшаванда сафар мекард, онҳоро бо шаҳодати худ дар бораи он рӯҳбаланд мекард, ки ӯ дар оилаи шубоне ба воя расидааст, ки аз ҷониби ҳукумати коммунистии Чехословакия таъқиб карда мешуд.

Петр дар моҳи декабри соли 2015 бо масеҳиён дар Судон як силсила вохӯриҳо кард, то фаҳмад, ки чӣ тавр «Садои риёзаткашон» ба онҳо ба таври пурсамар хизмат карда метавонад. Ҳангоми бозгашт ба ватан ӯ дар фурудгоҳи Хартум дар Судон ҳабс шуд ва ҳаёти ӯ ба таври куллӣ дигаргун гардид. Ба ҷои он, ки хизматро ба имондорони ҳабсшуда ва оилаҳои онҳо давом диҳад, худи Петр зиндонӣ шуд.

Бародар Петр дар ҳабсхона вақтҳои рӯҳафтодагиро аз сар гузаронд, аммо ба таври махсус боварӣ ҳосил намуд, ки садоқати Худо ҳақиқӣ ва воқеӣ аст. Ӯ маҳбусии худро барои он истифода бурд, то дар Масеҳ қавитар шавад, дар бораи имони худ ба маҳбусони дигар шаҳодат диҳад ва имондоронеро, ки бо ӯ маҳбусанд, рӯҳбаланд намояд. Ҳангоми маҳбусии 445-рӯзаи бародар Петр «Садои риёзаткашон» ва масеҳиён дар саросари ҷаҳон оилаи ӯро бо дуо ва дигар воситаҳо дастгирӣ менамуд.

Пас аз ҳабсхона озод шуда, ба Чехия ба назди занаш Ванда ва ду фарзанди калонсолаш баргашт.

Петр ҳамчун ҳамоҳангсози байналмилалии «Садои риёзаткашон» хизматашро давом медиҳад ва ба кишварҳои гуногун сафар карда, дар бораи замони дар ҳабсхона буданаш шаҳодат медиҳад ва имондоронро ташвиқ мекунад, ки ба бародарону хоҳарони таъқибшавандаи мо дар имон дуо гӯянд ва хизмат намоянд.

# ОИД БА «САДОИ РИЁЗАТКАШОН»

«Садои риёзаткашон» созмони ғайритиҷоратии миссионерии масеҳии байнимазҳабӣ мебошад, ки бо хизмат ба оилаи таъқибшавандаи мо дар саросари ҷаҳон ба воситаи расонидани ёрии амалӣ ва рӯҳонӣ ва ҷалб намудани аъзоёни Бадани Масеҳ дар ҷаҳони озод ба муоширавт ва дуо гуфтан дар ҳаққи имондорони таъқибшаванда машғул аст. «Садои риёзаткашон» соли 1967 аз ҷониби Шубон Ричард Вурмбранд, ки барои имонаш ба Масеҳ дар Руминияи коммунистӣ чаҳордаҳ соли умрашро дар ҳабсхона гузаронда буд, таъсис ёфтааст.

Ҳамсараш Сабина се солро дар лагерҳои меҳнатӣ гузарондааст. Дар соли 1965 Ричард ва оилаи ӯ аз Руминия харида шуданд ва як шабакаи умумиҷаҳонии миссияҳоеро таъсис доданд, ки ба масеҳиёни таъқибшаванда хизмат мекунанд.

Ба вебсайтҳои мо ворид шуда ва барои гирифтани бюллетени ройгони семоҳаи мо «Садои риёзаткашон» ва номаҳои электронии мо дар бораи пайравони Масеҳ, ки барои шаҳодати масеҳӣ зиндонӣ шудаанд, обуна шуда, шумо аз имони бепоёни бародарону хоҳарони таъқибшавандаи мо илҳом меёбед ва мефаҳмед, ки чӣ гуна ба онҳо хизмат карда метавонед.




Харитаи Судон бо ишораи минтақаҳои низоъ.



Падарам, шубон ва ман, ҳангоме ки ҳамагӣ 2-сола будам. Падару модари маро полиси махфии Чехословакияи коммунистӣ аз сабаби хизматашон дар калисои пинҳонӣ, ки аз ҷониби ҳукумат тасдиқ нашуда буд, зуд-зуд назорат ва бозпурсӣ мекарданд.



Ман 15-сола будам, ҳангоме ки нусхаи китоби Ричард Вурмбранд «*Дар пинҳонкорӣ бо Худо*»-ро ба забони олмонӣ гирифтам. Падарам баъд аз он ки аз бозпурсии полиси махфӣ ба хона баргашт, онро ба ман дод. Он рӯз волидонамро дар як вақт дар ҷойҳои гуногун боздошт карданд. Ҳангоме ки ман аз мактаб омадам, онҳо дар хона набуданд ва ман хавотир будам, ки ба онҳо чӣ шудааст. Падарам ба хона баргашта, тарси маро дид ва ин китобро ба ман дароз кард: «Хон. Он туро дар имонат тақвият медиҳад».



Падар ва ман; аввалин рухсатии ман дар давоми хизмати ҳарбии ҳатмӣ дар Чехословакияи коммунистӣ. Дар давоми моҳи аввали хизмат ман имконияти хубе доштам, ки ба ҳамхизматҳоям имони масеҳии худро эътироф намоям. Дар синфи чорум ман аз эътироф кардани он, ки падарам шубон аст, шарм медоштам, бинобар ин ман баъдтар аз Худованд хоҳиш кардам, ки ба ман имконият диҳад, то дар бораи имони худ ба Масеҳ дар назди омма шаҳодат диҳам. Ин имконият ҳангоми хизмати ҳарбӣ, ки дар байни хизматчиёни ҳарбӣ ташаккул додани ҷаҳонбинии атеистиро дар бар мегирифт, ба миён омад. Як рӯз афсар пурсид: «Оё касе дар ин ҷо ҳанӯз ҳам ба Худо имон дорад?» Дар он лаҳза ман ҳис кардам, ки Рӯҳулқудс бо ман гап мезанад: «Петр, ҳоло фурсати туст, ки Масеҳро дар назди омма эътироф намоӣ». Дар байни 300 нафар аскарон фақат ман дастамро боло кардам. Аз он вақт инҷониб ман ҳамеша кӯшиш мекардам, ки ба дигарон дар бораи Худо шаҳодат диҳам.



Дар Судон дар замони ҳукмронии президенти пештара Умар Ҳасан ал-Башир, ки дар соли 1989 дар натиҷаи табаддулоти ҳарбӣ ба сари ҳокимият омад ва дар саросари кишвар ҳукмронии шакли қатъии шариати исломиро ҷорӣ кард, масеҳиён таъқиб мешуданд. Моҳи марти соли 2009 Додгоҳи байналмилалии ҷиноӣ, ки дар Гаага ҷойгир аст, ҳукми боздошти ӯро баровард, ки аввалин бор барои раҳбари амалкунандаи давлат буд — бо айбномаи ҷиноятҳои ҳарбӣ ва ҷиноятҳои зидди инсоният, аз ҷумла, қатли ом, депортатсия, шиканҷаҳо ва таҷовуз ба номус. Башир то 11 апрели соли 2019 раҳбарии Судонро давом медод. Баъд аз чанд моҳи эътирозҳо, ӯ аз ҷониби артиши Судон аз мақоми президент сарнагун карда шуд.



Моҳи декабри соли 2002 ман бори дуюм ба Судон рафтам. Дар давоми ин сафар ману ҳамкорам ба масеҳиёни таъқибшаванда дар минтақаи шимолии Нили Боло, ки дар он вақт тақрибан се километр дуртар аз хати фронт ҷойгир буд, ёрии амалӣ мерасондем. Ман масеҳиёни Судонро ба воситаи мавъиза аз тарҷумаи чехии Китоби Муқаддас, ки дар 7-солагиам гирифта будам, рӯҳбаланд менамудам. Ин Китоби Муқаддас дар охири солҳои 60-ум ба Чехословакияи коммунистӣ пинҳонӣ ворид карда шуда буд. Ман, ки дар замони таъқиботи коммунистӣ чунин ёрӣ ва рӯҳбаландӣ гирифта будам, бо камоли хурсандӣ бародарону хоҳарони таъқибшавандаи худро дар Судон рӯҳбаланд намуда, эҳтиёҷоти онҳоро таъмин мекардам.



Ман бори аввал бо Аида Скрипникова дар Санкт-Петербурги Русия моҳи декабри соли 2002 шинос шудам. Дар солҳои 1960-ум Аида барои фаъолиятҳои масеҳии худ дар Иттиҳоди Шӯравӣ чор солро дар ҳабсхона гузаронд. Саргузашти аҷоиби Аида дар китоби *«Дилҳои афрӯхта»*, ки онро нашриёти «Садои риёзаткашон» нашр кардааст, нақл карда мешавад.



Ҳангоме ки дар минтақаи Африқо, дар Нигерияи Шимолӣ ҳамчун директори минтақавии Садои риёзаткашон хизмат мекардам, ба хабаргирии Вэнг ном бача рафтам. Вақте ки Вэнг ҳамагӣ се ҳафтаина буд, ба деҳаи ӯ ифротгароёни исломӣ ҳамла карданд. Онҳо хонаи оилаи ӯро оташ заданд ва модаргашро, вақте ки мехост ӯро дар оғӯш гирифта, гурезад, куштанд. Ванг ба оташ афтод ва пойҳояш чунон сӯхтанд, ки минбаъд муътадил инкишоф наёфтанд. Дар он сафар ман аз номи «Садои риёзаткашон» ба Вэнг протези нав додам, ки ба ӯ мисли кӯдакони ҳамсолаш роҳ рафтан ва давидан ёрӣ расонд. Ҳамагӣ се ҳафта пас аз гирифтани ин сурат, ман ба Судон сафар кардам ва дар он ҷо ҳабс шудам.



Ман ин ёддоштҳоро пинҳонӣ ҳангоми омӯзиши Китоби Муқаддас дар ҳабсхона менавиштам, хусусан ҳангоме ки ман се моҳ дар идораи полиси «Нияба-Мендола» дар камераи яккаса будам. Дар давоми ин вақт ман он чизро аз сар гузарондам, ки омӯзиши шахсии Китоби Муқаддас бо Рӯҳулқудс меномам. Ҳар рӯз ман аз соати 8:00 то 17:00 дар назди тирезаи камераам меистодам, аз ҳамин сабаб тамоми Китоби Муқаддасро, аз китоби Ҳастӣ то китоби Ваҳй, дар давоми се ҳафта хондам (дар давоми панҷ моҳи аввали маҳбусӣ ба ман иҷозат намедоданд, ки Китоби Муқаддас дошта бошам).



Ин сурат (*аз чап ба рост: ман, шубон Ҳасан, шубон Кува ва бародар Мунъим*) дар калисои зиндони Ал-Ҳудо гирифта шудааст. 29-уми январ шубон Ҳасан ва бародар Мунъимро ба муддати 12 сол аз озодӣ маҳрум карданд ва маро ба ҳабси якумрӣ маҳкум карданд. 2-юми январ шубон Куваро аз он сабаб сафед карданд, ки ҳангоми сафари ман ҳатто дар Хартум набуд. Ӯ барои кори миссионерӣ дар байни мусулмонони кишвари худ ҳабс шуда буд.



Ин аввалин қадаҳ барои чой аст, ки ман дар ҳабсхона гирифтам. Ҳангоме ки онро ба ман доданд, он хеле чиркин буд. Барои хуб тоза кардани он об надоштам, аз ҳамин сабаб онро бо реги биёбон, ки зиндони Ал-Ҳуда дар он ҷойгир буд, тоза кардам. Азбаски ришу мӯйи ман хеле дароз шуда буд, ба ман шона лозим шуд, ки онро корманди шӯъбаи консулии сафорати Чехия овард. Китоби Муқаддас ба забони чехӣ, ки ман дар зиндон мехондам, дар таронаи 103 кушода шудааст, яке аз якчанд қисмҳои Навишта, ки ман аз ёд кардам, зеро намедонистам, ки чанд муддат ба ман иҷозати истифодаи Китоби Муқаддас дода мешавад.



Шубон Ҳасан (*аз рост*), як пири дигари калисои зиндон (*аз чап*) ва ман дар ҳабсхонаи Ал-Ҳудо. Ҳангоме ки ману шубон Ҳасан, шубон Кува ба ин зиндон омадем, дар рӯзи аввал моро ба калисо даъват карданд. Бо омадани мо ва пайдо шудани се воизи дигар, пирон қарор доданд, ки шумораи хизматгузориҳоро дар калисои ҳабсхона аз ду дафъа дар як ҳафта ба панҷ дафъа расонанд. Дар вақтҳои холӣ ман ба маҳбусон забонҳои фаронсавӣ ва англисиро таълим медодам.



Дар арафаи Мавлуди Исо ман дар калисои ҳабсхонаи Ал-Ҳудо ба зиёда аз 200 маҳбус мавъиза кардам. Дар рӯзи Мавлуди Исо маъмурияти зиндон ба тақрибан 100 маҳбус аз камераи ба қатл маҳкумшудагон иҷозат дод, ки дар маросим иштирок кунанд. Маҳбусон гуруснагии зиёди рӯҳониро эҳсос мекарданд. Ҳангоме ки ман бори аввал ба калисои зиндони Ал-Ҳудо омадам, дар он ҷо ҳамагӣ 20-25 нафар буданд. Пас аз тақрибан панҷ моҳ аллакай зиёда аз 200 нафар дар хизматгузорӣ иштирок намуданд. Ҳангоми Мавлуди Исо ба як коҳини католикӣ аз Италия иҷозат дода шуд, ки дар калисои ҳабсхона мавъиза кунад. Пеш аз он, ки ӯ мавъизаро ба забони арабӣ сар кунад, ӯ ба забони англисӣ гуфт, ки ҳеҷ гоҳ, ҳатто дар Рум, ба ин қадар шунавандагони сершумор мавъиза накарда буд.



Аввалин сурат бо аҳли оилаам, ки пас аз озод шуданам, дар хона гирифта шудааст. Ҳангоме ки бо вазири корҳои хориҷӣ бо ҳавопаймои қувваҳои ҳарбии ҳавоии Чехия ба ватан баргаштам, ба ман хабар доданд, ки бояд ду-се ҳафта дар беморхонаи маркази ҳарбии Прага дар карантин монам. Аммо бо марҳамати Худо ҳама ташхисҳои тиббӣ хуб буданд ва пас аз ду рӯзи дар бемористон буданам ба ман иҷозат доданд, ки ба хона равам.



Ман ва занам Ванда ҳангоми сайру гашти аввалини худ дар маркази таърихии Прага пас аз озод шуданам.



Ман ва Ванда дар калисои худ дар шаҳри Кладнои Чехия пас аз озод шуданам. Аъзоёни оилаи калисоии мо дар телефонҳои мобилии худ ёдраскуние гузошта буданд, ки ҳар рӯз соати 20:00 барои ман дуо гӯянд. Тасодуфан ин вақте буд, ки ман дар ҳабсхона ба хоб мерафтам. Дуоҳои гарму ҷӯшон ва мунтазами онҳо ба ман имкон медоданд, ки ҳар шаб ором бихобам.



Ҳангоми наворбардории барномаи таълимии гурӯҳи хурд дар асоси китоб дар бораи *Ричард Вурмбранд*, моҳи марти соли 2018 ман дар ҳабсхонаи «Ҷилава»-и Руминия, ки замоне Ричард барои имонаш дар он ҷо зиндонӣ шуда буд, дар камераи яккаса истода будам. Агарчи дар берун ҳаво нисбатан гарм буд, дар зиндон ҳаво хеле сард буд. Дар он ҷо истода, ман боз ҳам равшантар фаҳмидам, ки танҳо ҳимоя ва мадади Худованд ба Ричард ёрӣ расонданд, то дар ин шароити сахти маҳбусӣ, камғизоӣ, беморӣ, лату кӯб ва шиканҷа наҷот ёфта, зинда монад.



11 майи соли 2017 дӯстонам шубон Ҳасан (*аз рост*) ва бародар Мунъим (*аз чап*) аз ҳабсхонаи судонӣ озод шуданд. Ҳукуматдорон Ҳасанро огоҳӣ доданд, ки фаъолияти ӯ зери назорат хоҳад буд. Азбаски онҳо медонистанд, ки ин боиси стресси бештари аҳли оилаи ӯ ва таваҷҷӯҳи номатлуб ба калисо мегардад, ӯ ва оилааш Судонро тарк карданд. Бародар Мунъим низ аз паси онҳо рафт. Ҳоло ҳар дуи онҳо дар шаҳраки хурде дар деҳоти шарқи Иёлоти Муттаҳида зиндагӣ мекунанд ва ман ҳангоми сафар ба Иёлоти Муттаҳида бо онҳо вохӯрдам.



Аз замони озод шуданам аз ҳабсхона ман дар ҷаҳон сафар карда, дар бораи марҳамати Худо ба ман ва садоқати Ӯ дар замони дар ҳабсхона буданам шаҳодат дода, ба ҳамаи касоне, ки барои ман ва оилаам дуо мегуфтанд, изҳори миннатдорӣ менамоям. Дар ин сурат ман дар конфронси «Садои риёзаткашон» дар Талса, Оклаҳома бо шубон Ҳасан ва барандаи барномаи радиои «Садои риёзаткашон» Тодд Неттлтон шаҳодат медиҳам.




# МУНДАРИҶА

Судон дар замони исломикунонии маҷбурӣ . . . . . . . . . 5
Муқаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7
Боби 1. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 9
Боби 2. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 14
Боби 3. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 19
Боби 4. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 25
Боби 5. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 29
Боби 6. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 33
Боби 7. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 37
Боби 8. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 41
Боби 9. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 45
Боби 10 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 55
Боби 11 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 64
Боби 12 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 67
Боби 13 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 79
Боби 14 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 85
Боби 15 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 92
Боби 16 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 101

Боби 17 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 110
Боби 18 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 127
Боби 19 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 139
Боби 20 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 145
Боби 21 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 150
Боби 22 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 158
Боби 23 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169
Боби 24 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 174
Боби 25 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 177
Боби 26 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 184
Боби 27 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 187
Боби 28 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 193
Боби 29 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 197
Боби 30 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 203
Боби 31 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 207
Боби 32 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 212
Боби 33 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 216
Боби 34 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 222
Эпилог . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 224
Хотима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 233
Суханони хотимавӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 235
Дар бораи муаллиф . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 236
Оид ба «Садои Риёзаткашон» . . . . . . . . . . . . . . 238

*Ҳозирон ногоҳ хомӯш шуданд ва баъд бо эҳсосотнокии беандоза «Аллоҳу акбар!» гӯён фарёд задан гирифтанд. Ман беандоза ҳайрон шуда будам ва оҳи чуқур кашидам. Чашмонам калон кушода шуданд. Дар давоми якчанд дақиқа маҳбусон муваффақияти амали террористӣ дар Фаронсаро ҷашн мегирифтанд. Пештар ман ба воситаи телевизор чунин тантанаҳоро дида будам, аммо шахсан аз сар гузарондани чунин воқеа барои ман моту мабҳуткунанда буд.*

*Дар он лаҳзаҳои даҳшатнок ман фаҳмидам, ки маҳбусоне, ки ҳамроҳашон зиндонӣ шудаам, ифротгароёни исломӣ мебошанд. Дар рӯзҳои наздик ман боз бештар фаҳмидам: ҳамсоягони ман аъзоёни пайравони исломи қатъӣ мебошанд.*

* * *

10-уми декабри соли 2015 Петр Яшек ба фурудгоҳи пойтахти Судон шаҳри Хартум омад, то ки ба ватан, ба ҷумҳурии Чехия баргардад. Ӯро дар он ҷо кормандони хадамоти бехатарӣ дастгир карданд, то ки оид ба мақсади ҳақиқии дар кишвар будан ва фаъолият намудани ӯ пурсуков кунанд. Агар онҳо инро фаҳманд, масеҳиёни таъқибшаванда, ки ӯ бо онҳо вохӯрда буд, ба хатар гирифтор мешаванд. Пас аз боздошт, ҳангоми пурсуковҳои тӯлонӣ, Петр фаҳмид, ки вақтҳои наздик ба назди оилааш барнамегардад.

Ба ҷои ин Петрро дар ҷиноятҳои сершумори махсусан вазнин айбдор карданд ва ӯ зиндонӣ карда шуд, — фақат аз он сабаб, ки ба масеҳиёни аз ҷониби ҳукумати Судон таъқибшаванда ёрӣ пешкаш намуд. Ӯ ба ҳабси якумрӣ маҳкум карда шуд ва маҷбур буд дар як камера бо пайравони исломи қатъӣ бошад, Петр шаҳодати худро дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ тавр ҳангоми маҳбусӣ Худо ба ӯ қувват, мардонагӣ ва мақсади нав дод.



Петр Яшек дар оилаи шубони аз ҷониби ҳукумати Чехословакия таъқибшаванда ба воя расида буд. Аз ҳамин сабаб ӯ хуб тайёр шуда буд, то дар соли 2002 ба хизматрасонии ташкилоти «Садои риёзаткашон» шарик шавад, ки аз номи калисо дар ҷаҳони озод ба масеҳиёни таъқибшаванда дар кишварҳои ба Инҷил душман ёрӣ ва дастгирӣ пешниҳод менамуд. Акнун Петр Яшек хизматро ҳамчун ҳамоҳангсози байналмилалӣ давом дода истодааст ва ба кишварҳои гуногун сафар карда, дар бораи маҳбусии худ дар Судон шаҳодат медиҳад ва имондоронро таҳрик медиҳад, ки барои бародарон ва хоҳарони таъқибшавандаи ҳамимони мо дуо гӯянд ва ба онҳо хизмат намоянд.

***petrjasek.com***

ISBN: 978-1684510092

9 781684 510092

TJ